**Садрӣ Саъдиев, Абдусалом Самадов**

# АДАБИЁТ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 6-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон ба нашр тавсия намудааст*

*Нашри сеюм*

ТОШКАНД
САРТАҲРИРИЯТИ ШИРКАТИ САҲҲОМИИ
ТАБЪУ НАШРИ «SHARQ»
2013

УЎК:821.222.8(075)
КБК.81.2ТОҶ.922.
С—12

Муҳаррирони масъул:

доктори илмҳои филология, профессор
**Ҳасан ҚУДРАТУЛЛОЕВ**

номзади илмҳои филология, дотсент
**Юнус АЗИМОВ**

Муқарризон:

омўзгори мактаби миёнаи таълими умумии рақами
33-юми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд
**Машҳура ҚОБИЛОВА**

омўзгори мактаби миёнаи таълими умумии рақами
16-уми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд
**Фарида АХМЕДОВА**

омўзгори мактаби миёнаи таълими умумии рақами
20-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд
**Дилноза МИРЗОЕВА**

омўзгори мактаби миёнаи таълими умумии рақами
25-уми шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд
**Шоиста ИСОМЕТОВА**

С—12 **Саъдиев Садрӣ, Самадов Абдусалом.**
Адабиёт: Китоби дарсӣ барои донишомўзони синфи 6-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ /Садрӣ Саъдиев, Абдусалом Самадов. Муҳаррирони масъул Ҳ. Қудратуллоев, Ю. Азимов — Т.: СШСТН «Sharq», 2013 — 240 с.

**УЎК:821.222.8(075)**
**КБК.81.2ТОҶ.922.**

**ISBN 978-9943-00-984-4**

© Сартаҳририяти ШСТН «Sharq», 2005, 2009, 2013.

## КИТОБ — ХАЗИНАИ МАЪНАВИЯТ

Дар адабиёти бадеӣ ҳаёт ва хислатҳои гуногуни одамон ба воситаи образҳои бадеӣ инъикос меёбанд. Адабиёти бадеӣ манбаи дониш аст. Он яке аз муҳимтарин воситаҳои тарбияи инсон мебошад. Аз ин рӯ, онро омӯхтан ва донистан аҳамияти бузург дорад.

Беҳтарин асарҳои бадеӣ доираи ҷаҳонбинии хонандаро васеъ ва завқи эстетикиашро баланд мекунанд, дилу дидаашро равшан ва эҳсосашро нозуктар месозанд. Бузургони илму адабиёти тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Низомӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон илму дониш, китобу китобхониро ҳамеша ситоиш намуда, ҷавононро ба дӯст доштани китоб талқин кардаанд:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад...
Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтор-ш кирдор беҳтар бувад.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.

*Низомии Ганҷавӣ*

А.М.Горкий оқилона гуфтааст: «Китобро дӯст доред. Вай сарчашмаи дониш аст. Фақат дониш ҳимоятгари мост, танҳо вай метавонад моро одамони маънан муқтадир, дилсоф, боақлу тамизе гардонад, ки қодир ҳастем инсонро самимона дӯст дорем, меҳнати

ӯро ҳурмат кунем ва аз маҳсули аҷоиби заҳмати бузурги мунтазами ӯ сидқан ҳаловат барем». Ин нависандаи бузург пас аз меҳнати пурмашаққати рӯзона шабҳои дарозро дар назди шӯълаи чароғ бо китобхонӣ рӯз мекард.

Китоби нағз дар шароитҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият ҳамеша ҳамдаму ҳамнафас ва маслиҳатгари хирадманди инсон аст. Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон бисёр ҷанговарон дар борхалтаи худ романи Н.Островский «Пӯлод чӣ тавр обутоб меёбад»-ро доштанд ва қаҳрамони ин китоб Павел Корчагин ба онҳо қувваю ҷасорат мебахшид. Дар ин муборизаҳои шадид бар зидди фашизм китоби Саъдии Шерозӣ ҳамроҳи доимии шоири ҷанговар Ҳабиб Юсуфӣ будаасту девони Камоли Хуҷандӣ ҳамдаму ҳамнафаси нависанда Ҳаким Карим будааст.

Китоб бузургтарин мӯъҷизае аз кулли мӯъҷизоти олам аст, ки инсоният дар роҳи бахту тавоноии худ офаридааст. Китоби асил аҳамият ва қимати олии худро дар маҷрои бисёр давру замонҳо гум намекунад ва омили қавии инкишофи илму санъати ҷаҳонӣ мегардад, ангезандаи пешрафти бузурги маданиву техникии ҷамъият қарор меёбад. Вай аз насл ба насл, аз аср ба аср гузашта абадӣ мемонад ва дилрабоии аввалинашро заррае ҳам аз даст намедиҳад. Зеро китоб манбаи хирад аст. Хирад бошад, як навъ меъёрест, ки инсонро аз ҳар гуна бадӣ нигоҳ медорад ва роҳи ростро нишон медиҳад. Дар ин бора Фирдавсии бузург чунин посух додааст:

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос.

* * *

Хирад чашми ҷон аст чун бингарӣ,
Ту бечашм шодон ҷаҳон наспарӣ.

Нахустофариниш хирадро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они сипос.

* * *

Касе, к-аш хирад бошад омӯзгор,
Нигаҳ дорадаш гардиши рӯзгор.

Донишомӯзони азиз! Аз ин рӯ, китобро дӯст доред. Вай раҳнамои ҳаёти шумост, дӯстона ёрӣ медиҳад, ки шумо бо андеша ва ҳиссиёт ба ҳодисаҳои рангини зиндагӣ сарфаҳм равед, эҳтироми инсон ва худро омӯзед, ақлу дилро бо ҳисси муҳаббат ба олам ва ба одам бол бубахшед.

Китобро эҳтиёт кунед, ки он сарчашмаи дониш аст. Танҳо дониш наҷотбахши шумо мегардад, танҳо вай қодир аст, ки шуморо одами донишманд, баркамол, поквиҷдон ва бохирад гардонад.

Оре, китоб ёри бовафо, манбаи дониш, маслиҳатгари хирадманд, устоди ғамхор ва гавҳари бебаҳо аст. Он инсонро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намуда, барои инсони комил шудан ёрӣ медиҳад:

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Бувад бемузду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде...
Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дур.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Аз ин рӯ, дӯст доштани китоб, эҳтиёт кардани он, фаҳмидан, аз хулосаҳои он дар ҳаёт оқилона истифода бурдан вазифаи муқаддаси ҳар як донишомӯз аст. Зеро адабиёти бадеӣ оинаи ҳаёт асту он доираи дониши моро васеътар менамояд, ба мо оламу одамро шинос мекунад.

Донишомӯзони гиромӣ! Имсол китоби нави адабиёт

барои Шумо чун соли гузашта ба мақсади ғанӣ гардонидани дониш, омӯхтану фаҳмидани ҳаёт, рӯзгор, донистани некию бадӣ, тарбияи завқи эстетикӣ раҳнамо мешавад. Умедворем, ки дониши шуморо доир ба меҳнатдӯстӣ, ватанхоҳӣ, одаму одамгарӣ, олиҳимматӣ, саховатмандӣ, дӯстию меҳрубонӣ, адолатхоҳӣ ва дигар хислатҳои беҳтарини инсонӣ боз ҳам зиёдтар карда, дар тарбияи завқи зебоишиносии шумо мададгор мешавад.

Аз ин рӯ, чанд намуна оиди мавзӯи китоб ва китобдӯстӣ мисолҳо меорем:

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест!
Ҳар лаҳза зи ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Муфидтарин ихтирои башар китоб аст.

* * *

Вақте ки китоби хуб ба даст овардед, дигар чӣ ғусса доред.

* * *

Бузургтарин сухани бузургонро аз китоб бишнавед.

**Савол ва супоришот:**

1. Шумо дар синфҳои I–V кадом китобҳоро хондаед?
2. Рӯйихати китобҳои бадеии хондагиатонро тартиб диҳед.
3. Кадом китоби хондагиатон ба шумо бештар маъқул аст? Дар бораи мазмуни ин китоб нақл кунед.
4. Дар бораи аҳамияти китоб ва дӯст доштани он нақл кунед.
5. Ҳикматҳоро оиди китоб аз ёд кунед.

## ДӮСТОН ТОҶИ САР...

Дӯстиро олитарин эҳсосу хиради башар меноманд. Ин ҳисси олӣ ва наҷиби инсонӣ ҳамеша дар ҳар асру замон тозаю ҷавон аст. Зеро қувваи тавоно ва файзу баракати дӯстию бародарӣ бар хусумату низоъ, ҷангу ҷидолҳо, қатлу кушторҳо ғолиб омада, сулҳу амонӣ, зиндагии осоиштаю бофароғатро барқарор мекунад. Файласуфи Юнони қадим Демокрит дар боби дӯстӣ фикрҳои ҷолиби диққатро гуфтааст: «Касе, ки дӯсти ҷонӣ надорад, зиндагии вай суде надорад»; «Касе, ки дӯстонаш аз ӯ ба зудӣ рӯй мегардонанд, пас ӯ хулқу хӯи бад доштааст». Ҳазор сол пеш аз ин шоири тоҷик Абӯшакури Балхӣ гуфта буд:

Ҳама чиз пирӣ пазирад бидон,
Магар дӯстӣ, к-он бимонад ҷавон.

Дар ҳақиқат, зиндагии инсониро бе дӯст тасаввур намудан душвор аст. Рӯзгор танҳо бо дӯст завқбахш ва гуворост. Азбаски одам ба дӯст ниёз дорад ва ҳеҷ гули мақсуд бе мадади дӯстон чида намешавад, зуҳур омадани дӯстӣ амри табиӣ ва ногузир аст. Ягон фарди ҷамъият бе дӯст ва бидуни тааллуқ ба дигарон зиндагӣ карда наметавонад. Пиру ҷавон ба дӯстон эҳтиёҷ доранд. Каси бедӯст аз лаззати зиндагӣ маҳрум буда, ба орзуҳояш намерасад ва умри худро бе мақсад ба охир мерасонад.

Модоме ки бе дӯст зиндагонӣ мушкил ва хуш намебошад, пас чӣ бояд кард? Оё ҳар касро дӯст интихоб намудан равост? Албатта, ин тавр намебошад. Дар интихоби дӯст ва садоқатмандӣ ба ӯ низ зиракӣ, нук-

тасанҷӣ, ҳушёрӣ зарур аст. Дар панду ҳикматҳои халқӣ ва адабӣ боисрор дар бораи дӯстони муносибро интихоб намудан, дӯсту душманро фарқ кардан маслиҳат дода мешавад. Ба гуфти Ҳусайн Воизи Кошифӣ «агарчи бе дӯст набояд, аммо ҳар кас низ дӯстиро нашояд». Инчунин дар гуфтори ҳикматомези гузаштагонамон таъкид мешавад, ки кас бояд дӯсти хулқу атвор ва одобу рафтораш ба хеш мувофиқро интихоб кунад, то аз ӯҳдаи дӯстӣ ва иззату эҳтироми он баромада тавонад. Барои дӯстони вафодору содиқ ва мувофиқро аз рафиқони нонию забонӣ фарқ намудан онҳоро санҷидан, имтиҳон кардан лозим аст. Бо одамони ноозмуда дӯстӣ намудан нашояд. Бо шахсони зираку бохирад ва оқилу доно дӯстӣ бояд кард. Одамони ҷоҳилу нодон сазовори дӯстӣ намебошанд. Дӯстон бояд дар ақлу дониш, хулқу атвор ба якдигар мувофиқ бошанд. Дӯстонро оинаи якдигар мешуморанд. Дар ин оинаи дӯстӣ на фақат ҳусни ахлоқ ва некиҳои дӯстон, балки камбудию иллатҳои онҳо низ аён аст. Аз ин рӯ, дӯсти ҳақиқӣ он аст, ки аз камбудиҳои дӯсташ чашм напӯшад, онҳоро рӯирост бигӯяд, то бинои дӯстӣ мустаҳкам гардад. Дӯстӣ боз ба шарте пойдор мегардад, ки дӯстон дар муносибат ба якдигар садоқатманд бошанд, ба аҳди дӯстии худ содиқу вафодор монанд.

Дар бораи дӯст ва душман халқ зарбулмасал ва мақолҳои бисёр эҷод кардааст, ки ҳамаашон ҳамчун панду ҳикмат ва насиҳату маслиҳат барои тарбияи одами неку пок ва солиму комил равона карда шудаанд. Дар ин панду ҳикматҳои халқӣ таҷрибаю мушоҳидаҳои зиндагӣ ҷамъбаст шуда, андешаҳои фалсафии халқ инъикос ёфтаанд.

## ДӮСТ ВА ДУШМАН

«Дӯст гирёнда гап мезанад, душман хандонда».

* * *

«Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ».

* * *

«Аз дўст як ишора, аз мо ба сар давидан».

* * *

«Дўстон оинаи якдигаранд».

* * *

«Ҳазор дўст кам, як душман бисёр».

* * *

«Бо дўстон мурувват, бо душманон мадоро[1]»

* * *

«Дўстон тоҷи сар, душманон зери по».

* * *

«Хонаи дўстон бирўбу дари душманон макўб».

* * *

«Ҳар чӣ аз дўст мерасад, накўст».

* * *

«Душмани доно беҳ аз дўсти нодон».

* * *

«Дўсти ҷонӣ бош, на дўстӣ нонӣ».

* * *

«Гапи дўст талх мешавад».

Панду ҳикматҳое, ки аз ҷониби Пайғамбари ислом Муҳаммад Алайҳиссалом нақл шудаанду ба унвони «Ҳадис» машҳуранд, дар ҳаёт баъди фармудаҳои Қуръони Маҷид мартабаи мўътабарро соҳибанд. Дар байни ин панду андарзҳо ғояҳои башардўстӣ ва хирадпарварӣ мавқеи ҷудогонаро ишғол мекунанд. Чунончӣ дар як ҳадиси Пайғамбар чунин гуфта шудааст: «Мўъминон дар дўстӣ ва тараҳҳум бар якдигар чун аъзои пайкаранд (бадананд): вақте яке ранҷур шавад, дигарон ҳам дар бехобиву таби он ширкат (ҳамроҳӣ) мекунанд». Ин андарзи Пайғамбар одамон-

[1] *Мадоро* — муросо кардан

ро асрҳост, ки ба иттифоқу иттиҳод, ғамхору мӯниси ҳамдигар шудан даъват мекунад.

Беҳтарин офаридаҳои маънавии суханварони адабиёти гузаштаамон бар дастури Қуръон ва фармудаҳои Пайғамбар асос ёфтаанд. Қитъаи машҳури Саъдӣ «Бани одам аъзои якдигаранд...», ки беҳтарин намунаи шеъри инсонпарварист, назми ҳадиси болоӣ мебошад. Умуман, шоирони бузурги гузаштаамон ба инсон панду насиҳат намуданро кори саҳл намедонистанд, дар ин кор ба гуфтори ҳазрати Муҳаммади Пайғамбар такя менамуданд. Ин аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ чунин менависад:

Агар дил нахоҳӣ ки бошад нажанд,[1]
Нахоҳӣ ки доим бувӣ мустаманд.[2]
Ба гуфтори пайғамбарат роҳ ҷӯй,
Дил аз тирагиҳо бад-ин об шӯй.

Ин ҷо таъкид кардан ба маврид аст, ки кори нақл ва истифодаи ҳадис бисёр нозук буда, масъулияти бузургеро тақозо дорад. Зеро бо гузашти вақт ба ҳадисҳои Пайғамбар иловаҳо роҳ ёфта, шумораи аслии онҳо аз андоза зиёд шудаанд ва олимони бузурге чун Исмоили Бухорӣ ба сара кардани ҳадисҳои саҳеҳ (ростин) аз носаҳеҳ (бофта) махсус машғул шудаанд. Аз ин рӯ, ҳамватани бузургвори мо дар олами ислом ба номи Саҳеҳи Бухорӣ низ машҳуранд.

Муҳаммад ибни Исмоил дар шаҳри Бухорои Шариф таваллуд ёфта, дар ин ҷо таҳсили ибтидоӣ ва миёнаро гирифтааст. Баъд баҳри такмили дониш ва зиёрати Маккаи Мукаррама омодаи сафар мешавад. Дар шаҳрҳои Макка, Мадина, Бағдод, Басра, Куфа, Шом, Марв, Нишопур, Балх ва ғайра шуда, аз донишмандони маъруфи ҳадисшинос дониши худро такмил медиҳад ва чӣ тавре худаш навиштааст: «Сад ҳазор ҳадиси саҳеҳ ва дусад ҳазор ғайрисаҳеҳро аз бар намудааст». Ин ҳадисҳо дар асари чаҳорҷилдаи ӯ

[1] *Нажанд* — ғамгин, паст, хорузор

[2] *Мустаманд* — бечора, бенаво, зери даст

«Ҷомеъ-ус-саҳеҳ» гирд оварда шудаанд. Ин асар хазинаи бузурги тафаккури инсонӣ буда, дар тамаддуни умумиҷаҳонӣ ҳиссаи босазое гузоштааст.

Ба туфайли истиқлоли ҷумҳурӣ мо ба кашф ва идроки ин нобиғаи олами тафаккури ҷаҳонӣ муяссар ва мушарраф гардидем. Бо ташаббуси Раисҷумҳури Ўзбекистон Ислом Каримов ба муносибати ҷашни 1225 — солагӣ ва баҳри абадӣ гардонидани хотираи Имом Бухорӣ дар мавзеи Хартанги ноҳияи Пайариқи вилояти Самарқанд, ки оромгоҳи Ҳазрати Имом дар он ҷост, маҷмўи ёдгории боҳашам бунёд гардидааст.

Ҳадисҳои Пайғамбар Алайҳиссалом, ки ба мавзўи ахлоқ ва камолоти маънавии инсон бахшида шудаанд, барои тарбияи насли наврас, баҳри худшиносӣ ва мардумшиносӣ, муайян намудани мақоми худ дар ҷомеа, бузургдошти ҳаёти осоишта, бо касбу ҳунар машғул будан ва ғайра аҳамияти калон доранд. Таваҷҷўҳ фармоед ба ин ҳадисҳо, ки дар боби дўстӣ ва рафоқат гуфта шудаанд:

«Дўстӣ бо мардум нисори ақл аст».

* * *

«Беҳтарин иҳсон[1] ба падар ин аст, ки пас аз марги ў бо дўстонаш муҳаббат кунӣ».

* * *

«Беҳтарин рафиқ он аст, ки ба кори хайр роҳбарият кунад».

* * *

«Рафиқи инсон далели хиради ўст».

* * *

«Ихлос дар дўстӣ аз хушпаймонист».

* * *

«Давоми хушӣ ба дидори дўстон аст».

* * *

«Дидори дўст ҷилои чашм аст».

---

[1] *Иҳсон* — кори хайр, тўҳфа

* * *

«Рафиқи некӯ се нишона дорад: молашро пеш аз моли ту сарф кунад, обрӯяшро сипари обрӯят қарор диҳад, ҷонашро фидои ҷонат кунад, илова асроратро фош накунад».

* * *

«Се чиз рафоқату дӯстиро холису беолоиш кунад: айби рафиқро ба вай гуфтан, пушти сар обрӯяшро ҳифз кардан[1], кӯмак ба ҳангоми сахтӣ».

* * *

«Дӯстонат се касанд: рафиқ, рафиқи рафиқат ва душмани душманат. Душманат низ се нафаранд: душманат, душмани дӯстат ва дӯсти душманат».

* * *

Ҳамин тавр, ғояи дӯстӣ абадӣ ва ҷовидон аст. Он ба инсонияти пешқадам барои вусъати иттифоқу иттиҳод, гуворотар гаштани хушиҳои зиндагӣ мадад мерасонад.

**Савол ва супоришот:**

1. Қувваи дӯстӣ дар чист? Барои чӣ ҳама дӯстиро ихтиёр мекунад? Дар ин бора нақл намоед.
2. Бо кӣ дӯст шудан беҳтар аст? Дар интихоби дӯст ба кадом сифатҳои он бояд эътибор дод?
3. Барои чӣ дӯстонро оинаи якдигар ҳисоб мекунанд?
4. Панду ҳикматҳои халқиро оиди дӯстӣ шарҳу эзоҳ диҳед ва онҳоро аз ёд кунед.
5. Дар бораи панду ҳикматҳои Пайғамбари ислом Муҳаммад Алайҳиссалом дар бораи дӯстӣ нақл кунед.
6. Исмоили Бухорӣ кист? Дар бораи ӯ маълумот диҳед.
7. Маънии ҳадисҳои Пайғамбарро шарҳ диҳед ва онҳоро аз ёд кунед.

[1] *Ҳифз кардан* — муҳофизат намудан

# ОИНИ ДӮСТӢ ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС



Унсурулмаолии Кайковус ибни Искандар ибни Қобус ибни Вушмагир дар ибтидои асри Х1 дар ноҳияи Кӯҳистони Эрони шимолӣ таваллуд шуда, то охирҳои ин аср умр ба сар бурдааст. Баъзе маълумотҳоро оиди зиндагӣ ва эҷодиёти ӯ аз «Қобуснома» («Насиҳатнома») ёфтан мумкин аст. Аз рӯи ин маълумотҳо метавон гуфт, ки ӯ аз хурдсолӣ таълиму тарбияи хуб гирифта, аз илмҳои замонааш баҳраманд шуда будааст. Падараш ба тарбияи ӯ диққату ғамхории махсус зоҳир намуда, барои таълиму омӯхтани ҳар гуна касбу ҳунарҳо барояш мураббиёну устодонро сафарбар кардааст.

Кайковус ба ғайр аз илм ва ҳунаромӯзӣ сайру саёҳатро низ дӯст медоштааст. Дар натиҷаи сайру саёҳатҳо ӯ таҷрибаи зиёди зиндагӣ пайдо намудааст. Ин таҷрибаи бои ҳаётӣ ба ӯ имкон додааст, ки асари машҳури худ «Қобуснома»-ро эҷод кунад. Нависанда ин асарро бо мақсади тарбияи фарзанди худ Гелоншоҳ навиштааст.

**«Қобуснома»**-и Унсурулмаолии Кайковус 900 сол муқаддам эҷод шуда бошад ҳам, то имрӯз арзиши худро аз даст надодааст. Он 44 бобро дар бар гирифта, саросар аз панду андарзҳои оқилона ва ҳикоёту саргузаштҳои ибратбахш иборат аст. Ин панду андарзҳо ва ҳикояҳои судбахш ба масъалаҳои гуногуни ахлоқу одоб, расму оин, маишату рӯзгордорӣ, оилаву хонадорӣ, таҳсилу таълим, омӯзиши касбу ҳунар ва дигар масъалаҳои зиндагии инсон бахшида шудааст. Муаллиф дар онҳо ҷоҳилӣ, фиреб, худписандӣ, бадгӯӣ, кинаву

бахилӣ, зулму ситам барин хислатҳои бади инсониро маҳкум намуда, дӯстию накӯкорӣ, ростию ҷавонмардӣ, саховатмандию хоксорӣ, беозорию меҳрубонӣ ва дигар фазилатҳои ҳамидаи инсониро ситоиш ва талқин мекунад.

## АНДАР ОИНИ ДӮСТ ГИРИФТАН

*(Аз «Қобуснома»)*

Бидон, эй писар, ки мардум то зинда бошанд, ногузир бошанд аз дӯстон, ки мард агар бе бародар бошад беҳ, ки бе дӯст. Аз он ки ҳакимеро гуфтанд, ки дӯст беҳтар ё бародар. Гуфт:

— Бародар низ, дӯст беҳ.

**Байт**

Бародар бародар бувад, дӯст беҳ,
Чу душман бувад, берагу пӯст беҳ.

Пас агар андеша кунӣ аз кори дӯстон — нисор доштан ва ҳадя фиристодан ва мардумӣ кардан. Азеро, ки ҳар кӣ аз дӯстон наяндешад, дӯстон низ аз вай наяндешанд. Пас мардум ҳамеша бе дӯст буванд ва эдун гӯянд, ки дӯст дастбоздорандаи хеш бувад ва одат кун ҳар вақте дӯсте нав гирифтан. Азеро, ки бо дӯстони бисёр айбҳои мардум пӯшида шавад ва ҳунарҳо густурда гардад.

Валекин чун дӯсти нав гирӣ, пушт бар дӯсти куҳан макун. Дӯсти нав ҳаметалабу дӯсти куҳанро бар ҷой ҳамедор то ҳамеша бисёрдӯст бошӣ, ки гуфтаанд: «Дӯсти нек ганҷи бузург аст».

Дигар андеша кун аз мардумон, ки бо ту ба роҳи дӯстӣ раванд ва нимдӯст бошанд. Ва бо эшон некӯиву созгорӣ кун ва ба ҳар неку баде бо эшон муттафиқ бош то чун аз ту мардумӣ ёбанд, дӯсти якдили ту гарданд, ки Искандарро пурсиданд, ки ин чандин мулк ба чӣ хислат ба даст овардӣ.

Гуфт:

— Ба даст овардани душманон ба талаттуф[1] ва ҷамъ кардани дўстон ба тааҳҳуд.[2]

Ва он гоҳ андеша кун аз дўстони дўстон, ки дўстони дўстон ҳам аз ҷумлаи дўстон бошанд ва битарс аз дўсте, ки душмани туро дўст дорад, ки бошад, ки дўстии ў аз дўстии ту бештар бошад. Пас бок надорад ба бад кардан бо ту аз қабили душмани ту. Бипарҳез аз дўсте, ки дўсти туро душман дорад. Ва дўсте, ки бе баҳонаеву бе ҳуҷҷате ба гила шавад, дигар ба дўстии ў тамаъ мадор.

Ва андар ҷаҳон беайб кас машинос. Аммо ту ҳунарманд бош, ки ҳунарманд беайб бувад. Ва дўсти беҳунар мадор, ки аз дўсти беҳунар фалоҳ[3] наёяд. Ва дўстони қадаҳро аз ҷумлаи дўстон машумор, ки эшон дўсти қадаҳ бошанд на дўст. Ва бинигар миёни дўстони неку бад ва бо ҳар ду гурўҳ дўстӣ кун. Бо некон ба дил дўстӣ куну бо бадон ба забон дўстӣ кун то дўстии ҳар ду гурўҳ туро ҳосил бувад, ки на ҳама ҳоҷате ба некон афтад. Вақте бошад, ки ба дўстии бадон низ ҳоҷат афтад. Ва агарчи раҳ бурдани ту наздики бадон ба наздики некон туро костӣ физояд, чунон ки раҳ бурдани ту ба некон наздики бадон обрўй афзояд ва ту тариқи некон нигаҳ дор, ки худ дўстии ҳар ду қавм туро ҳосил ояд.

Аммо бо бехирадон ҳаргиз дўстӣ макун, ки дўсти бехирад бо дўст аз бадӣ он кунад, ки сад душмани одил накунанд ба душманӣ. Ва дўстӣ бо мардуми ҳунариву некаҳд кун то ту низ бад-он ҳунарҳо маъруф ва сутуда бошӣ, ки он дўстони ту бад-он маъруфу сутуда бошанд. Ва танҳо нишастан аз ҳамнишини бад авлотар. Чунон ки маро гуфта омад дар ин ду байт:

---

[1] *Талаттуф* — меҳрубонӣ
[2] *Тааҳҳуд* — аҳду паймон
[3] *Фалоҳ* — некӣ

### Шеър

Эй дил, рафтӣ чунон ки дар саҳро дад
На андӯҳи ман хӯрдиву на андӯҳи х(вад).
Ҳамҷолиси бад будиву ту рафта беҳӣ,
Танҳоӣ беҳ маро зи ҳамҷолиси бад.

Ва ҳаққи дӯстону мардумон наздики худ зоеъ макун то сазовори маломат нагардӣ, ки гуфтаанд: «Ду гурӯҳ мардум сазовори маломатанд. Яке зоеъкунандаи ҳаққи дӯстон, дигар ношиносандаи кирдори нек».

Бидон, ки мардумонро ба ду чиз битавон донист, ки дӯстиро шоянд ё на! Яке он ки дӯсти ӯро тангдастӣ расад, чизе аз вай дареғ надорад ба ҳасби тоқати хеш ва ба вақти тангӣ аз вай барнагардад, то он вақт ки ба дӯсти ӯ аз ин ҷаҳон берун шавад. Ӯ фарзандони он дӯсти худро ва хешонро талаб кунад ва ба ҷои эшон некӣ кунад ва ҳар вақт ки ба зиёрати он дӯст равад, ҳасрате бихӯрад, ҳарчанд ки он на ӯ бувад.

## ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки Суқротро мебурданд то бикушанд. Вайро илҳоқ[1] карданд, ки бутпараст шав. Гуфт: — Маозаллаҳ,[2] ки ҷуз сонеъро парастам.

Бибурдандаш то бикушанд. Қавме шогирдони ӯ бо ӯ бирафтанд ва зорӣ мекарданд, чунон ки расм рафтааст. Пас ӯро пурсиданд:

— Эй ҳаким, акнун чун дил бар куштан ниҳодӣ, бигӯ то туро куҷо дафн кунем?

Суқрот табассум карду гуфт:

— Агар чунон ки маро боз ёбед, ҳар куҷо хоҳед дафн кунед. Яъне ки он на ман бошам, ки қолаби ман бошад.

* * *

Ва бо мардумон дӯстӣ миёна дор ва бар дӯстон бо умед дил мабанд, ки ман дӯсти бисёр дорам. Дӯсти хоси худ бош ва аз пасу пеши худ нигар ва бар эътимоди

---

[1] *Илҳоқ* — талаби боисрор

[2] *Маозаллаҳ* — худо нигаҳ дорад

дӯстон аз худ ғофил мабош, чӣ агар ҳазор дӯст бувад, туро аз ту дӯсттар касе набувад. Дӯстро бо фарохиву тангӣ озмой, ба фарохӣ ба ҳурмат ва ба тангӣ ба суд. Ва дӯсте, ки душмани туро душман надонад, вайро ҷуз ошно махон, чӣ он кас ошно бувад, на дӯст.

Ва бо дӯстон дар вақти гила чунон бош, ки дар вақти хушнудӣ. Ва бар ин ҷумла дӯст онро дон, ки туро дӯст дорад. Ва дӯстро ба дӯстии чизе маёмӯз, ки агар вақте душман шавад, туро зиён дорад ва пушаймонӣ суд накунад. Ва агар дарвеш бошӣ, дӯсти тавонгар маталаб, ки дарвешро кас дӯст надорад, хосса, тавонгарон. Дӯст ба дараҷаи хеш гузин ва агар тавонгар бошӣ ва дӯсти тавонгар дорӣ, раво бошад.

Аммо дар дӯстӣ мардумонро дил устувор дор то корҳои ту устувор бувад. Ва агар дӯсте на ба бихрадӣ дил аз ту бардорад, ба бозовардани ӯ машғул мабош, ки наарзад. Ва аз дӯсти томеъ дур бош, ки дӯстии вай бо ту ба тамаъ бошад на ба ҳақиқат. Ва бо мардуми ҳақуд[1] ҳаргиз дӯстӣ макун, ки мардуми ҳақуд дӯстиро нашоянд, аз он ки ҳиқд ҳаргиз аз дили ҳақуд берун наравад ва чун ҳамеша озурдаву кинавар бошад, дӯстии ту дар дили вай маҳкам набошад ва бар вай эътимод набувад. Чун ҳоли дӯст гирифтан бидонистӣ, огоҳ бош аз кору аз ҳоли душман, андеша кун дар ин маънӣ.

**Савол ва супоришот:**

1. Кайковус кай ва дар куҷо таваллуд ёфтааст?
2. Дар бораи давраи кӯдакӣ ва илму ҳунаромӯзии ӯ маълумот диҳед.
3. «Қобуснома» ба кадом масъалаҳои зиндагӣ бахшида шудааст?
4. Кайковус чаро дӯсти некро ганҷи бузург мешуморад?
5. Кайковус бо дӯстони дӯстон чӣ тавр муносибат намуданро маслиҳат медиҳад?
6. Нависанда бо кӣ дӯстӣ намуданро тавсия мекунад?
7. Кайковус бо кадом одамон дӯстӣ намуданро маслиҳат намедиҳад?
8. Аз рӯи боби мазкур дар бораи дӯстӣ мулоҳизаҳоятонро хаттӣ баён намоед.

---

[1] *Ҳақуд* — кинадор



## ИФОДА ЁФТАНИ НЕКӢ ВА БАДӢ ДАР АСАРИ «ХАЙР ВА ШАР»-И

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

*Малик ул-мулуки фазлам ба фазилати маонӣ,*
*Замину замон гирифта ба мисоли осмонӣ.*

Абу Муҳаммад Илёс ибни Юсуф ибни Закӣ Муайяд Низомӣ, ки бунёдгузори мактаби хамсанависист, соли 1148 дар шаҳри Ганҷаи Озарбойҷон таваллуд ёфтааст. Аз достонҳои шоир маълум аст, ки ӯ қариб аз ҳамаи илмҳои замонаш огоҳ будааст. Забонҳои арабӣ, форсӣ ва дигарҳоро хуб დониста, бо илмҳои фалсафа, ҷуғрофия, нуҷум, қисман риёзиёт, кимиё, тиб низ хуб шинос будааст. Ӯ мақсади ҳамаи илмҳоро дар беҳтар намудани ҳаёти инсон медонист.

Низомӣ ҳанӯз дар ҷавонӣ ба шеърнависӣ шурӯъ мекунад. Асарҳои аввалини ӯ муваффақияти калон пайдо карда буданд. Низомӣ агарчи ба мартабаи шоири дарборӣ расида бошад ҳам, аммо ӯ ба дарбори ҳукмронон майл надошт. Аз ин рӯ, дар шаҳри ҷоноҷони худ Ганҷа умр ба сар бурда, соли 1210 вафот кардааст. Мақбараи ӯ ҳам дар ҳамин ҷост.

Низомӣ шоири инсондӯст аст. Ӯ ба воситаи сухани баланд ва дилрабои худ барои дар зиндагӣ барқарор ва устувор шудани адолату инсоф, баробарию бародарӣ тамоми умр мубориза бурдааст. Аз мероси адабии шоир «Хамса», ки достонҳои «Махзан-ул-асрор», «Хусрав ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пай-

кар» ва «Искандарнома»-ро дар бар мегирад, то давраи мо пурра омада расидааст. Низомӣ ғайр аз «Хамса» девони ашъор низ доштааст, ки аз ин қисмати ашъори ӯ фақат чанд қасида, ғазал ва рубоӣ боқӣ мондааст.

Муҳаббати беҳудуди ин шоири бузург ба инсон дар ҳикояти **«Хайр ва Шар»** низ хеле равшан ифода гардидааст. Ин ҳикоят аз «Ҳафт пайкар» ном достони Низомӣ гирифта шудааст. Дар он дар бораи дӯстӣ ва рафоқат сухан меравад. Қаҳрамони достон подшоҳи Эрон — Баҳром дар ҳафт қасре, ки дар ҳар як қаср маликаи мамлакате зиндагӣ мекунад, меҳмон шуда, аз ҳар малика ҳикояте мешунавад. Ҳикояти «Хайр ва Шар»-ро дар қасри шашум ӯ аз маликаи Чин (Хитой) мешунавад. Шоир дар мисоли Шар рафиқи бадрафторро мазаммат намуда, андешаҳои ҷолиби диққати хешро оиди дӯсти ҳақиқӣ пеш меронад.

Низомӣ бо асарҳои ҷовидонии худ барои пешрафти адабиёти классикии тоҷику форс хидматҳои бузург кардааст. Ӯ зиёда аз 800 сол пеш аз ин вафот карда бошад ҳам, ба воситаи асарҳои безаволаш дар тамоми ин давраи дуру дароз дар хотири халқ мебошад.

## ХАЙР ВА ШАР

*(Аз «Ҳафт пайкар»)*

Бонуи Чин зи чеҳра чин бикшод
В-аз рутаб[1] ҷӯи ангубин[2] бикшод.
Гуфт: «Вақте зи шаҳри худ ду ҷавон
Сӯи шаҳри дигар шуданд равон.
Ҳар яке дар ҷуволгӯшаи худ
Карда асбоби роҳ тӯшаи худ.

---

[1] *Рутаб* — хурмо, вале дар ин маврид сухан аз лаби маликаи Чин (Хитой) аст

[2] *Ангубин* — асал, аммо дар ин ҷо маҷозан ба маънои сухани ширин омадааст

Номи ин Хайру[1] номи он Шар[2] буд.
Феъли ҳар як ба ном дархур[3] буд.
Чун буриданд рӯзаке ду-се роҳ,
Тӯшаеро, ки доштанд нигоҳ,
Хайр мехӯрду Шар нигаҳ медошт,
Ин ғала медуруд[4], он мекошт.
То расиданд ҳар ду дӯшодӯш[5],
Дар биёбоне аз бухор[6] ба ҷӯш.
Кӯрае чун танӯри оташ гарм,
К-оҳан аз вай чу мум гаштӣ нарм!
Гармсерию хушксории бум[7]
Карда боди шамолро[8] чу самум[9].
Хайр фориғ[10], ки об дар роҳ аст,
Бехабар, к-об нест, он чоҳ аст.
Шар хабар дошт, к-он замини хароб
Дурие дораду надорад об.
Машке аз об карда пинҳон пур,
Дар харита[11] нигоҳ дошт чу дур.
Дар биёбони гарму роҳи дароз
Ҳар ду метохтанд бо такутоз.
Чун ба гармӣ шуданд рӯзе ҳафт,
Оби Шар монду оби Хайр бирафт.

Шар, ки он обро зи Хайр нуҳуфт[12],
Бо вай аз хайру шар ҳадис[13] нагуфт.
Хайр чун дид: ӯ зи гавҳари[14] бад,

---

[1] *Хайр* — нек, нағз, некӣ, нағзӣ
[2] *Шар* — бад, ганда, бадӣ, гандагӣ
[3] *Дархур* — мувофиқ, лоиқ
[4] *Медуруд* — дарав мекард
[5] *Дӯшодӯш* — дӯш ба дӯш, паҳлӯ ба паҳлӯ
[6] *Бухор* — буғ, ин ҷо ба маънии гармо
[7] *Бум* — замин, сарзамин
[8] *Боди шамол* — боди тарафи шимол, ки салқин аст
[9] *Самум* — боди гарми бемориовар
[10] *Фориғ* — хотирҷамъ
[11] *Харита* — дар ин ҷо ба маънои халта
[12] *Нуҳуфт* — пинҳон кард
[13] *Ҳадис* — сухан, гап
[14] *Гавҳар* — маҷозан: гавҳари бад — тинати бад; дили бадхоҳ

Дорад обе дар обгинаи[1] худ,
Вақт-вақт он рафиқ пинҳонӣ
Мехӯрад чун раҳиқи райҳонӣ[2]
Гарчи дар тоби ташнагӣ месӯхт,
Лаб ба дандон зи лоба[3] бармедӯхт.
Ташна дар оби ӯ назар мекард,
Обидандоне[4] аз ҷигар мехӯрд.
То ба ҳадде, ки хушк шуд ҷигараш.
Бозмонд аз кушодагӣ назараш[5]...
Дошт бо худ ду лаъли оташранг,
Обдоранда в-обашон бар санг.
Ҳолӣ[6] он лаъли обдор[7] кушод,
Пеши он санги обдор[8] ниҳод.
Гуфт: «Мурдам зи ташнагӣ, дарёб!
Оташамро бикуш ба қатраи об!
Шарбате об аз он зулоли чу нӯш[9]
Ё ба миннат бибахш ё бифурӯш!
Ин ду гавҳар[10] дар оби хеш андоз,
Гавҳарамро ба оби худ бинвоз!»
Шар, ки хашми худой бод бар ӯ,
Номи худро варақ кушод бар ӯ!
Гуфт: «Аз санг чашмае матарош,[11]
Фориғам[12] з-ин фиреб, фориғ бош!»

---

[1] *Обгина* — шиша

[2] *Раҳиқи райҳонӣ* — маи хушбӯй

[3] *Лоба* — зорӣ, шикоят; лаб ба дандон зи лоба бармедӯхт — лаб ба дандон аз ҷигар хӯрдан — киноя аз хуни ҷигар хӯрдан, сахт азоб кишидан

[4] *Обидандон* — номи як ҳалвое, ки ҳозир ҳам тайёр мекунанд; обидандон аз ҷигар хӯрдан — киноя аз хуни ҷигар хӯрдан, сахт азоб кашидан

[5] *Бозмонд аз кушодагӣ назараш* — чашмаш сиёҳ рафт, пеши чашмаш торик шуд, чизеро намедид

[6] *Ҳолӣ* — зуд, даррав, ҳамон замон

[7] *Лаъли обдор* — лаъли тоза, пурҷило, дурахшон

[8] *Санги обдор* — киноя аз Шари бераҳм ва сангдил

[9] *Нӯш* — асал; зулоли чу нӯш — оби чун асал ширин

[10] *Гавҳар* — ин ҷо маҷозан; ҷон, ҷону тан

[11] *Аз санг чашма тарошидан* — аз паи коре шудан, ки иҷрои он душвор ё номумкин аст

[12] *Фориғ* — озод; фориғам аз фиреб — аз фиреб дурам; фиреб намехӯрам

Медиҳӣ гавҳарам ба вайронӣ,
То ба ободбум бистонӣ[1]?
Чӣ ҳарифам, ки ин фиреб хӯрам?
Ман зи деводамӣ[2] фиребтарам!
Нагузорам, ки оби ман бихӯрӣ!
Чун ба шаҳр оӣ, оби ман бибарӣ[3]!
Он гуҳар[4] чун ситонам аз ту ба ноз,
К-аз манаш оқибат ситонӣ боз?
Гавҳаре боядам, ки натвонӣ,
К-аз манаш ҳеҷ гуна бистонӣ!
Гуфт Хайр:
　　«Он чӣ гавҳар аст? Бигӯй,
То супорам ба дасти гавҳарҷӯй!»
Гуфт Шар:
　　«Он ду гавҳари басар[5] аст,
К- ин аз он, он аз ин азизтар аст!
Чашмҳоро ба ман фурӯш ба об,
Варна з-ин обхӯрд[6] рӯй битоб!»
Хайр гуфт: «Аз худо надорӣ шарм,
К-оби сардам диҳӣ ба оташи гарм?
Чашма гӯям, ки хушгувор[7] бувад.
Чашм кандан, бигӯ, чӣ кор бувад?
Чу ман аз чашми худ шавам дарвеш[8],
Чашма гар сад шавад, чӣ суд аз пеш?
Лаъл бистону он чӣ дорам чиз,
Бидиҳам хат ба он чӣ дорам низ[9].
Чашм бигзор бар ман, эй сарамард,

---

[1] *Ситондан* — бо зӯрӣ гирифтан, кашида гирифтан

[2] *Деводамӣ* — одами бадқасд, нияташ вайрон, девмонанд

[3] *Об* — ин ҷо ба маънии иззат, обрӯ, оби ман бибарӣ — маро беобрӯ кунӣ

[4] *Гуҳар* — гавҳар

[5] *Басар* — чашм

[6] *Обхӯрд* — обхӯрӣ

[7] *Хушгувор* — хуштаъм, бамазза

[8] *Дарвеш шудан* — камбағал шудан; аз чашм дарвеш шавам — аз чашм маҳрум гардам, бе чашм монам

[9] *Маънои мисраъ:* забонхат медиҳам, ки ҳамаи молу мулкам низ аз они туст

Сермеҳрӣ макун ба оби сард!»
Гуфт, Шар: «Ин сухан фасона[1] бувад,
Ташнаро з-ин басе баҳона бувад!
Чашм бояд, гуҳар надорад суд[2],
К-ин гуҳар беш аз ин тавонад буд!»
Хайр дар кори хеш хира бимонд[3],
Оби чашме бар оби чашм фишонд.
Дид, к-аз ташнагӣ бихоҳад мурд,
Ҷон аз ин ҷойгаҳ нахоҳад бурд[4].
Дили гармаш ба оби сард фирефт,
Ташнае кай зи оби сард шигифт[5]!
Гуфт:
«Бархезу теғу дашна[6] биёр,
Шарбати об сӯи ташна биёр!
Дидаи оташини ман баркаш,
Оташи ман бикуш ба оби хуш!»
Занн[7] чунон бурд, к-аз чунон таслим
Ёбад уммедворӣ аз сари бим[8].
Шар, ки он дид, дашна бозкушод,
Пеши он хоки ташна рафт чу бод,
Дар чароҳи ду чашми ӯ зад теғ,
Н-омадаш куштани чароғ дареғ!
Наргисашро[9] ба теғ гулгун[10] кард,
Гавҳарашро зи тоҷ берун кард!

---

[1] *Фасона* — афсона; гапи дурӯғ

[2] *Суд* — фоида

[3] *Хира мондан* — ҳайрон мондан, оҷизу нотавон шудан

[4] *Ҷон бурдан* — халос шудан, саломат мондан; маънои мисраъ: аз ин ҷо халос шуда наметавонад

[5] *Шигифт* — сабр кард, худдорӣ кард

[6] *Дашна* — ханҷар

[7] *Занн* — гумон; занн бурдан-гумон бурдан, гумон кардан

[8] *Маънои байт:* гумон кард, баъди ин гуна сар фуруд овардани ӯ Шар аз он нияти даҳшатангезаш метарсад ва он гоҳ умеди об доданаш пайдо мешавад

[9] *Наргис* — номи як навъ гули хурду нозук; ин ҷо маҷозан: чашм

[10] *Гулгун* — гулранг, сурх; гулгун кардан — сурх кардан; маҷозан: хуншор кардан.

Чашми ташна чу карда буд табоҳ,
Об надода, кард ҳиммати роҳ[1].
Ҷомаю рахту[2] гавҳараш бардошт,
Марди бедидаро тиҳӣ[3] бигзошт.
Хайр чун рафта дид Шар зи бараш,
Нашуд огоҳие зи хайру шараш.
Бар сари хуну хок меғалтид,
Беҳ, ки чашмаш набуд, ки худро дид!
Ҳоли хун гар ба чашми худ дидӣ,
Мурдӣ аз ҳам, чунон битарсидӣ!..

Ба ғайр аз ин Низоми Ганҷавӣ шеъреро дар насиҳати фарзандаш Муҳаммад эҷод кардааст, ки беҳтарин абёти пандунасиҳатӣ дар адабиёти форс – тоҷик мебошад:

Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.
В – акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,
Чун сарв ба авҷ сар кашидӣ.
Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз...
Чун шер ба худ сипаҳшикан бош,
Фарзанди хисоли хештан бош!..
Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
К-он донишро тамом донӣ.

### Савол ва супоришот:

1. Чаро номи ин ҳикоят «Хайр ва Шар» гузошта шудааст? Маънои аслии ин номҳоро ба хотир биёред.
2. Хислатҳои неки Хайр аз кадом кор ва суханҳои ӯ маълум аст?
3. Сифатҳои бади Шарро номбар кунед.
4. Мазмуни достонро то ин ҷо даҳанакӣ нақл намоед.

---

[1] *Кард ҳиммати роҳ* — ба роҳаш рафтан гирифт
[2] *Рахт* — чиз, пӯшок
[3] *Тиҳӣ* — луч, бараҳна

# ҲИКМАТҲОИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ



## ДАР БОРАИ ДӮСТӢ

*Эй гули хушбӯй, агар сад қарн боз ояд баҳор,*
*Мисли ман дигар набинӣ булбули хушгӯйро.*

Ин мисраъҳо ба шоири ширинкалом Саъдии Шерозӣ мансубанд, ки аз табъи латифу назми дилкаши ӯ ишораест. Саъдии Шерозӣ соли 1184 дар шаҳри Шероз (Эрони ҷанубӣ) ба дунё омадааст. Давраи кӯдакӣ ва мактабхонии ӯ дар ҳамин шаҳр мегузарад. Вай дар хурдсолӣ аз падар ятим мемонад ва ба ӯ амакҳояш тарбия медиҳанд. Саъдӣ дар хурдсолӣ илмдӯст, кунҷков, зирак ва хушзеҳн будааст. Дар ин бора ӯ дар ҳикоятҳои худ нақл намудааст. Ӯ баъди тамом намудани мактаби ибтидоӣ ба шаҳри Бағдод рафта, дар машҳуртарин мадрасаи ин шаҳр, ки Низомия ном дошт, таҳсили илму маърифат менамояд. Дар ин бора худи шоир чунин навиштааст:

Маро дар Низомия идрор буд,
Шабу рӯз талқину такрор буд.

Аммо аз илми мадраса дида, зиндагии одамони оддӣ ва ҳаёти кишварҳои гуногун бештар диққати ӯро ба худ ҷалб менамуданд. Аз ин рӯ, мадрасаро тамом накарда, дар дили ӯ хоҳиши сайру саёҳат намудан ва бо чашми худ дидани урфу одат, маданият ва ҳаёти халқҳои гуногун пайдо мешавад. Ӯ бо ҳамин

орзуҳо ба сафари дуру дароз мебарояд. Саъдии Шерозӣ дар давоми сафари 20 солаи худ борҳо дар Арабистон шуда, Африқои Шимолӣ, Фаластину Сурия, тамоми Эрон, Афғонистону Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ ва дигар мамлакатҳоро давр мезанад.

Дар ин солҳо, ки ба замони истилои муғул рост меомад, сафар кардан ниҳоят душвор буд. Ӯ гоҳ пиёда ва гоҳ савора аз байни биёбонҳои сӯзони беобу бегиёҳ ва роҳҳои пурхатари кӯҳсор мегузашт. Ташнаву гурусна шаҳр ба шаҳру деҳа ба деҳа қадам мезад. Ӯро мардум имрӯз дар як деҳа бинад, пагоҳ дар деҳаи дигар вомехӯрд. Имсол дар ин мамлакат мегашт, аммо соли дигар дар кишвари ҳамсоя пайдо мешуд. Марди беқароре буд, ки гӯё дар як ҷо нишаста наметавонист. Сахтиҳо, азобу машаққатҳои сафарро мардонавор тоб меовард. Донишманди ҷаҳонгард вақте ба шаҳре мерасид, зуд худро миёни мардум мегирифт. Гоҳ дар чорраҳае, баъзан дар пеши масҷид ва гоҳо дар сари бозор одами бисёреро дар атрофи худ ҷамъ намуда, пеши ҳозирон ваъз[1] мегуфт. Ӯ воизи[2] оташинсухане буд, ки овози баланд, вале фораму гӯшнавоз дошт. Суханонаш зебою пурмазнун буданд. Ӯ ба одамон аз хусуси некию бадӣ сухан мекард. Мардумро ба дӯстию рафоқат даъват менамуд. Маслиҳату насиҳат мекард, ки якдигарро озор надиҳанд, бо ҳам меҳрубон бошанд. Ӯ насиҳату тавсияҳои худро бобати некию бадӣ, садоқату хиёнат, ростию пастӣ, поктинатию бадрафторӣ бо шеърҳои пурҳикмат, ҳикоятҳои аҷибу ибратангез зеб медод. Ин буд, ки суханони вай мардумро чун оҳанрабо ба худ кашида, онро ба ҳаяҷон меовард. Ба ростию росткорӣ, некӯкорию некандешӣ ҳидоят менамуд.

Сафарҳои тӯлонӣ Саъдиро донишманд, ҷаҳонбинии ӯро хеле васеъ карданд. Таҷрибаи рӯзгор ва илму донише, ки ӯ аз халқҳои гуногун ва кишварҳои бисё-

---

[1] *Ваъз* — суханронӣ, панду насиҳат ба як гурӯҳ мардум

[2] *Воиз* — ваъзгӯӣ

ре ҷамъ карда буд, дар асарҳои вай тасвир шудаанд. Фикру ақидаҳои тараққипарвари ин нависандаи бузург дар асарҳои пурҳикмати ӯ «Бӯстон» ва «Гулистон» баёни худро ёфтаанд.

Саъдӣ суханвари бузурги инсондӯст аст. Дар шеъри **«Бани одам аъзои якдигаранд...»** ақидаи инсондӯстии ӯ бо ақидаи иҷтимоӣ, адолатхоҳӣ ва халқпарварии вай пайваста зуҳур ёфтааст. Ба ақидаи ӯ ҳамаи одамон аз ҷавҳари ягона офарида шудаанд. Саъдӣ инсонро ба аъзои ягона монанд мекунад ва аз дарди яке ба дард омадани ҳамаро исбот намуда, одамони аз андӯҳ ва азобу машаққати дигарон бехабару бепарворо одам ҳисоб намекунад. Дар тасаввури ӯ касони бадтинат, муфтхӯр, золим, танпарвару меҳнатгурез, номард одамони дар офариниш бадхоҳ мебошанд. Ӯ хислати неки одамиро дар дӯстию бародарӣ, рафоқату ҳамдилӣ, меҳрубонию садоқатмандӣ дидааст:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ!

? **Савол ва супоришот:**

1. Дар бораи айёми кӯдакии Саъдӣ маълумот диҳед.
2. Чаро Саъдӣ сафар намуданро ихтиёр кардааст?
3. Нависандаи ҷаҳонгард бо суханҳои пурҳикматаш мардумро ба чӣ даъват кардааст?
4. Саъдӣ бо кадом роҳ илму дониш ва таҷрибаи зиндагиро омӯхтааст?
5. Дар шеъри «Бани одам аъзои якдигаранд...» барои чӣ Саъдӣ офариниши одамро аз як ҷавҳар медонад?
6. Чаро Саъдӣ одамони аз ғаму андӯҳ ва азобу машаққати якдигар бехабару бепарворо одам ҳисоб намекунад?
7. Шеъри «Бани одам аъзои якдигаранд...»-ро маънидод намуда, онро аз ёд кунед.

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият!

* * *

Қаноат тавонгар кунад мардро,
Хабар деҳ ҳариси ҷаҳонгардро!
Мапарвар тан ар марди рою ҳушӣ,
Ки ӯро чу мепарварӣ мекушӣ.
Хирадманд мардум ҳунар парваранд,
Ки танпарварон аз ҳунар лоғаранд!..

* * *

Дӯст машмор, он ки дар неъмат занад
Лофи ёриву бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳоливу дармондагӣ.

* * *

Падар, ки ҷони азизаш ба лаб расид, чӣ гуфт?
Яке насиҳати ман гӯш дор, ҷони падар:
Ба дӯст, гарчи азиз аст, рози дил макшой,
Ки дӯст низ бигӯяд ба дӯстони дигар?

**Савол ва супоришот:**

1. Мазмуни шеърҳои болоиро нақл кунед.
2. Вобаста ба ин шеърҳо мазмуни байт ва зарбулмасалҳои зеринро шарҳ диҳед:
   - Ҳамнишине, к-ӯ латифу комил аст
   Роҳати рӯҳ асту ороми дил аст.
   - Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.
   - Ҳар кӣ бо расво нишинад, оқибат расво шавад.
   - Аз хубон – шарофат, аз бадон – касофат.
   - Ҳамнишинам беҳ бувад, то ман аз ӯ беҳтар шавам.
   - Ҳамроҳи касе бош, ки ҳамроҳи ту бошад.
   - Харбуза аз харбуза ранг гирад, ҳамсоя аз ҳамсоя панд.
3. Шеърҳоро аз ёд кунед.
4. Қитъаҳоро маънидод карда, мазмунашро ба дафтаратон нависед.

# ПАНДҲОИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Ду кас ранҷи беҳуда бурданд ва саъйи бефоида карданд: Яке он ки мол андӯхту нахӯрд ва дигар он ки омӯхту амал накард.

Илм чандон ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест нодонӣ.
На муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Чорпое, ки бар ӯ китобе чанд!
Он тиҳимағзро чи илму хабар,
Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар?

* * *

Раҳм овардан ба бадон ситам аст бар некон ва авф кардан аз золимон ҷабр аст бар мазлумон.

* * *

Ҳар ки бо душманон сулҳ мекунад, сари озори дӯстон дорад.
Бишӯй, эй хирадманд, аз он дӯст даст,
Ки бо душманонат бувад ҳамнишаст.

* * *

Сухан дар миёни ду душман чунон гӯй, ки агар дӯст шаванд шармзада набошӣ!

Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст.
Кунанд ину он хуш дигар бора дил,
Вай андар миён – кӯрбахту хиҷил.
Миёни ду тан оташ афрӯхтан,
На ақл аст худ дар миён сӯхтан!

* * *

Ҳар кӣ илм хонду амал накард, ба он монад, ки гов ронду тухм наафшонд!

**Савол ва супоришот:**

1. Пандҳои болоӣ ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?
2. Пандҳоро маънидод карда, оиди он фикратонро баён кунед.
3. Пандҳоро аз ёд кунед.

# ТАВСИФИ ДӮСТӢ ДАР ДОСТОНИ

## «МАТЛАЪ-УЛ-АНВОР»-И

## АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ



Яминуддин Абулҳасан Хусрави Деҳлавӣ яке аз бузургтарин шоирони форсизабони Ҳиндустон мебошад. Ӯ соли 1253 дар Патёлӣ ном мавзеи Ҳиндустони шимолӣ таваллуд ёфтааст. Падари вай Амир Сайфуддин Муҳаммад аз шаҳри Кеш (Шаҳрисабзи ҳозира) буда, ҳангоми истилои муғул ба Ҳиндустон ҳиҷрат кардааст. Вай аз давраи кӯдакӣ ба омӯзиши илму фан машғул гардида, дар шоирӣ низ зуд ном мебарорад.

Амир Хусрави Деҳлавӣ аз худ панҷ девони ашъори лирикӣ, ки ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва тарҷеъбандҳои ӯро дар бар мегиранд, як девони алоҳидаи ғазалиёт, достонҳои «Қирон-ус-саъдайн», «Мифтоҳ-ул-футӯҳ», «Хамса» — иборат аз 18 ҳазор байт ва достонҳои «Матлаъ-ул-анвор», «Ширин ва Хусрав», «Маҷнун ва Лайлӣ», «Оинаи Искандарӣ» ва «Ҳашт биҳишт», «Дувалронӣ ва Хизрхон», «Нӯҳ сипеҳр», «Туғлуқнома», асари насрии «Хазоин-ул-футӯҳ» ва дигарҳоро боқӣ гузоштааст.

Амир Хусрави Деҳлавӣ соли 1325 аз олам даргузаштааст.

Достони **«Матлаъ-ул-анвор»**-и шоир соли 1299 навишта шуда, дорои 3310 байт мебошад. Достон аз муқаддимаву хотима ва бист мақола (боб) иборат аст ва оид ба фазилати ишқ, иттифоқ ва дӯстӣ, адолату саховат, илму одоб, ҳаё, нигоҳ доштани ғазаб, роздорӣ, ғанимат будани айёми ҷавонӣ барин масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ баҳс мекунад. Мақолаи нӯҳум дар боби рафоқат ва дӯстӣ буда, шоир оиди интихоби дӯст, сифатҳои рафиқи нек, садоқат ва вафодорӣ дар

дӯстӣ фикру андешаҳои ҷолиби диққатро пеш рондааст.

Амир Хусрав дӯстиеро ҳақиқӣ мешуморад ва арзиш медиҳад, ки он умрбод ва абадӣ бошад. Ӯ дӯстиеро, ки муваққатисту умри дароз надорад, беҳудаву беарзиш ҳисоб карда, барои тасдиқи бадеии ин нукта чанде мисолҳои ҳаётиро меорад.

Дӯстӣ бо касе, ки қоидаву қонуни дӯстӣ ё ба қавли шоир адаби онро намедонад ва ҳаққи «сӯҳбати ёрон»-ро намешиносад, ҳақиқӣ ва пойдор буда наметавонад. Нодону беақл («бемағз»), бадхӯву бадхулқ, сифлаву нокас, дурӯяву мунофиқ, нисбати ёрон бевафо, оне ки дар пешат аз ту шоду вале пас аз ту ёде надорад, лоиқи дӯстӣ нестанд. Дӯстии ҳақиқию самимӣ танҳо аз муносибату муомила ва сӯҳбату ҳамнишинӣ бо одамони асил ва шиносандаи «ҳаққи сӯҳбати ёрон», вафодору якрӯ, некхӯву нексиришт ба вуҷуд меояд. Аммо дар ҳаёт шинохтани чунин дӯсти ҳақиқӣ ва фарқ кардани ӯ аз дӯсти қалбакӣ хеле душвор аст. Ин душворӣ аз ҳамин ҳам аён аст, ки каси сазовори дӯстӣ ва умуман инсони асил аз саломаш шинохта намешавад. Ягона маҳаки шинохтани дӯсти ҳақиқӣ пеш омадани сахтию душворӣ дар зиндагӣ аст. Маҳз дар ҳамин гуна мавридҳо каси аҳл аз ноаҳл, дӯсти ҳақиқӣ аз дӯсти сохта шинохта ва фарқ карда мешавад. Дӯсти ҳақиқӣ он аст, ки чи дар шодию хушиҳо ва чи дар лаҳзаҳои ғаму кулфати ту шарику ҳамдам аст. Чунин дӯст на дар гуфтор, балки дар кору амал бо ту ёр аст, ранҷи туро мекашад, на ин ки аз дӯстии ту ғаразҳое дорад, яъне барои худ манфиат меҷӯяд. Одами дун (нокас) бошад, ба сари дастархонат нишаста ва аз нонат шикам сер карда барои андак манфиати худ ҳатто тайёр аст ба ҷонат қасд кунад. Зеро нокас (сифла) ва ҳасудхӯр роҳати дигаронро намехоҳанд, ба осоиш ва ком расидани дигарон онҳоро нороҳат мекунанд. Бинобар ин онҳо доимо ба фитнаҷӯӣ ва бадгӯиву бадкорӣ бар зидди ту ҳастанд.

Барои мустаҳкам ва пойдор мондани дӯстӣ бояд худи одами ҷӯёи дӯст низ соҳиби фазилатҳои баланди инсонию ахлоқӣ бошад. Каси дӯстгир баробари соҳиб будан ба фазилатҳои ахлоқии некхӯӣ, вафодорию садоқат, шинохтани ҳаққи сӯҳбати дӯстон бояд боз як қатор дигар хислатҳои нек дошта бошад. Яке аз ин хислатҳо оқилию хирадмандист.

Бинобар талқини Амир Хусрав, дар нишасту сӯҳбатҳои дӯстон бояд онҳоро аз донишу маърифати худ баҳравар гардонад, то онон низ ба туфайли ин нишастҳо ба камолоти маънавӣ расанду хирадманд шаванд. Дар ин маврид шоир аҳли сӯҳбатро ба парҳез аз худнамоӣ, вазнинӣ наовардан ба ҳамнишинон ва танг накардани онҳо даъват менамояд ва барои таъкиди ин маънӣ образҳои шеърии муносибе меорад: дар сӯҳбат на чун оҳангар, ки аз дуду шарори оташгоҳ ба ҳама озор мерасад, балки мисли аттор бояд буд, ки бо хушбӯиҳои худ димоғу ҷомаи одамони гирду пешаш муаттар месозад.

Умуман барои варзидани тариқи дӯстӣ одамияти баланд лозим аст. Ба ақидаи шоир одаме (мардум), ки одамӣ (мардумӣ) надорад, дев аст. Ҳамин одамият боиси устувору пойдор мондани дӯстӣ мегардад. Ҳамин одамият аст, ки касе агар бо гардиши фалак аз миёни дӯстону наздиконаш ба мартабаю пояи баланде расад, ӯро намегузоранд, ки аз дӯстону қаринони деринаи худ рӯй гардонад, ба такаббур дода шуда ҳамсӯҳбатони содиқашро фаромӯш кунад. Ба ҳар ҳол шоир ба «поябаландон» дур будан аз чунин хислатҳои нораворо талқин намудааст. Ба назари ӯ касе, ки мартаба ёфтааст, на танҳо ёрони дерини худро фаромӯш накунад, балки бештар ба ҳамсӯҳбатии одамони дарвешу бенаво майл кунад, камоли одамият хоҳад буд.

Аммо афсӯс ки дар зиндагӣ одамоне ёфт мешаванд, ки ба ҷоҳу сарват, мансабу боигарӣ расида, такаббур пайдо мекунанд ва ба ин иллат аз дӯстону ҳамнишинони деринаи худ дурӣ меҷӯянд, онҳоро фаромӯш мекунанд. Амир Хусрав ба ҳаёти шахсии худ

муроҷиат намуда, ҳамин гуна бевафоии баъзе наздикони пешинаашро нисбати худаш бо дарду алам ёдовар шудааст.

Матни мухтасари он мақолаи «Матлаъ-ул-анвор»-и Амир Хусрав ин аст:

## ГУФТОР ДАР ФАЗИЛАТИ АДАБ

Дӯстие бояд аз он гуна ҷуст,
К-он абадуддаҳр[1] бимонад дуруст.
Ҳамдамие, к-аш на дароз аст умед,
Ҳамчу хизоб[2] аст ба мӯи сапед...
Ҳар кӣ ҳақи сӯҳбати ёрон шинохт,
Умр ҷуз андар раҳи эшон набохт.
Дӯст магӯ он, ки зи ҳампӯстӣ
Бознадонад адаби дӯстӣ.
Писта бувад ёри вафодори нағз,
К-ӯ бувад оганда[3] лаболаб зи мағз.
Он, кӣ чу хурмост, рафиқаш махон,
К-ӯст бурун мағзу дарун устухон.
Бо кеҳу меҳ[4] сӯҳбат аз ин сон гузин[5],
К-аз ту хирадманд бувад ҳамнишин.
Чанд чу оташгаҳи оҳангарон,
Дуду шароре диҳӣ аз ҳар карон.
Бош чу аттор, ки паҳлӯи ӯ,
Ҷома муаттар шавад аз бӯи ӯ.
Одамӣ аз хӯи накӯ х(в)-аш бувад,[6]
Хас ҳама ҷо дархӯри оташ бувад...
То туӣ, аз рӯи ту бошанд шод,
Чун ту шудӣ, беш наёранд ёд...
Ҳар кӣ саломе кунадат, ёр нест,
Ҳар садаферо дури шаҳвор нест.
Чун натавон ёфт дар ин рӯзгор

---

[1] *Абадуддаҳр* – ҳамеша, ҷовидон
[2] *Хизоб* – ранги сиёҳ
[3] *Оганда* – пур
[4] *Кеҳу меҳ* – хурду калон, ҳама, ҳамаи одамон
[5] *Гузин* – интихоб намудан
[6] *Х(в)аш бувад* – хуш бувад


2 — Адабиёт, синфи 6 (тоҷ).

Ёр, ки ӯро битавон гуфт ёр...
Сифла[1] зи душман батар, ар шуд
К-ӯ набувад бо дили худ рост низ...
Ёри каҷандеша бувад каҷнишон,
Хоҳ ту бар чашм чу абрӯ нишон...
Гар шумарӣ дӯст, касеро шумор,
К-ӯ бувад андар ғаму шодит ёр.
Дӯст, ки дар шодиву ғам нест дӯст,
З-ӯ чӣ шавӣ шод, ки худ ғам ҳам ӯст.
Ёр чу дар кор набошад, ғам аст,
Кор, ки беёр барояд, кам аст.
Ёри ғаразҷӯй фаровон бувад,
Он, ки кашад бори ту, ёр он бувад.
Иззати боз аст зи баҳри шикор,
В-ар на ҳама мурғ бувад тӯъмахор...
Дил, ки ба пайванд накӯшад, бидӯз,
Ёр, ки дилсӯз набошад, бисӯз.
Хотири бесӯз бувад пурхарош,
Мардуми пурсӯз бувад меҳрпош.
Ёр чунон бош, ки номат баранд,
Бӯи саломат ба саломат баранд.

Тарки ҷафо кун, ки чу ширин бувад,
Номи ту дебочаи таҳсин бувад.
Майли касе кун, ки сафое дар ӯст,
Не гули рангин, ки намое дар ӯст.
Оина беҳ, ки зи оҳан кунанд,
Зар нашавад гарчи, ки равшан кунанд.
Майли ту ҳарсӯ, ки ба пайванд тохт,
Одамӣ аз дев бибояд шинохт.
Дун, ки шикам сер зи нонат кунанд,
Баҳри ҷаве қасд ба ҷонат кунанд.
Тухми такаббур мафишон синаро,
Пушт мадеҳ сӯҳбати деринаро,
Майл ба ҳамсӯҳбати дарвеш кун,
Аз дигарон пурсиши ӯ беш кун.

[1] *Сифла* – ноодам, нокас, он ки хислатҳои инсонӣ надорад

В-он ки бувад нақши муродаш ба даст,
Пурсиши он худ бикунад ҳар ки ҳаст.
Чашм бар ӯ неҳ, ки муродеш нест,
В-аз ҳама сӯ чашми кушодеш нест,
Он, ки алайкум набигӯяд тамом
Беҳ ки саломаш накунам в-ас-салом.
Кӯҳ, ки санг аст, сухан кам кунад,
Гар ту саломаш кунӣ, ӯ ҳам кунад.
Он, кӣ нагӯяд ба саломат ҷавоб,
Санг беҳ аз вай ба тариқи савоб...
Ҳар кӣ ба тангӣ кунад аз ту гурез,
Ту ба фарохиш[1] равон кун, ки хез!
Майли касе кун, ки вафоят кунад,
Ҷон сипари тири балоят кунад.
Баҳри чунин дӯст, ки ҷонӣ бувад,
Дӯстии ҷон зи гаронӣ бувад...
Ёр тавон ёфт ба гетӣ[2] басе,
Лек вафодор наёбӣ касе.
Сӯҳбати ӯ кун, ки ба сидқу сафост,
Домани ӯ гир, ки з-аҳли вафост.

Ҳафт сол муқаддам 750-солагии зодрӯзи Амир Хусрави Деҳлавӣ бо тантана ҷашн гирифта шуд. Эҷодиёти ӯ аз ҷониби хонандагони сершумор бо шавқу ҳаваси зиёд мутолиа карда мешавад.

**Савол ва супоришот:**

1. Дар бораи зиндагинома ва мероси эҷодии Амир Хусрави Деҳлавӣ маълумот диҳед?
2. Достони «Матлаъ-ул-анвор» дар бораи кадом масъалаҳо баҳс мекунад?
3. Шоир дар боби интихоби дӯст чӣ маслиҳат медиҳад?
4. Барои чӣ шоир «Ёри каҷандеша бувад каҷнишон» мегӯяд? Ин фикри шоирро шарҳ диҳед?
5. Шоир бо кадом одамон дӯстӣ намуданро маслиҳат медиҳад?
6. Байтҳои дилнишини достонро аз ёд кунед.

---

[1] *Ба фароҳиш равон кардан* – ба эътибор нагирифтан, аз баҳраш баромадан

[2] *Гетӣ* – олам, дунё



# ТАЪРИФИ ДЎСТӢ АЗ НАЗАРИ

# ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ

Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ соли 1321 дар шаҳри Шерози Эрон ба дунё омадааст. Номи шоир Шамсиддин Муҳаммад ва Ҳофиз тахаллуси ў мебошад. Сабаби «Ҳофиз» тахаллус гирифтани шоир он аст, ки ў Қуръони Каримро аз ёд медонист ва онро хуб тиловат менамуд. Падари вай Муҳаммад аслан аз шаҳри Исфаҳон буда, бо корҳои ҳунармандӣ ва савдо ба Шероз омада, дар он ҷо доимӣ истиқомат карданро ихтиёр карда, дар ин шаҳр оила ташкил медиҳад ва дар дўкони баззозӣ кор мекунад. Падари Ҳофиз зуд вафот мекунад. Савдогари доро набудани падари Ҳофизро аз он ҳам фаҳмидан мумкин аст, ки оилаи ў баъд аз тақсими мероси нокироӣ зуд парешон мегардад. Шамсиддин Муҳаммади хурдсол бо модараш мемонад ва маҷбур мегардад, ки дар ҳаёт мустақилона ба худ роҳ кушояд. Ў дар нонвойхонае шогирд истода, бо нон ва хамиртурушфурўшӣ машғул мешавад. Азбаски Қуръонро аз ёд медонист, қуръонхонӣ яке аз манбаъҳои даромади ў мегардад. Ҳамзамонони шоир нақл кардаанд, ки Ҳофизи ҷавон бозёфти худро ба се қисм тақсим мекардааст: барои зиндагонии худ ва модараш; барои хароҷоти мактаб; барои хайру саховат ба бечораю бенавоён.

Ин нақл гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳофиз аз ҷавонӣ меҳнатдўст ва ғамхору меҳрубони модар буда, бо меҳнати шахсӣ ва азобу кулфатҳои зиндагӣ таҳсили илм

намудааст, шахси раҳмдил, боинсоф ва дасткушод будааст. Ӯ соли 1390 вафот кардааст.

Ҳофиз аз айёми ҷавонӣ то дами марг ғазалҳои дилнишин гуфтааст. Дар шеърҳояш дар бораи дӯстию бародарӣ хеле суханҳои қимматбаҳо гуфта шудаанд. Қадри дӯст ва дӯстӣ алалхусус дар он ҷамъияте равшан аён мегардад, ки дар он нобаробарӣ, адоват, иғво ва тӯҳмат ҳукмрон бошад. Ҳофиз ин хислати ғайриинсонии замони худро маҳкум карда, мартабаи бузурги дӯст ва дӯстиро ба он муқобил гузоштааст:

Боғи биҳишту сояи тӯбию қасри ҳур,
Ба хоки кӯи дӯст баробар намекунам.

Ғазали **«Дарахти дӯстӣ биншон...»** яке аз ғазалҳои машҳуртарини Ҳофиз мебошад. Бахусус байтҳои якум, сеюм ва панҷуми ин ғазал вирди забони мардуми соҳибзавқ гаштаанд. Зеро дар онҳо мазмунҳои олии ҳакимона дар шакли зебои ҳайратангез ифода ёфтаанду онҳо олитарин хислатҳои инсониро, аз қабили дӯстиву рафоқат, ғанимат донистани сӯҳбати ёрону бародарон, ғанимат шуморидани лаҳзаҳои гуворои умр тарғибу талқин намудаанд.

Шоир дӯстиро ба дарахти пурсамаре монанд мекунад, ки ҳосили он одамро ба орзуҳои нек ҳидоят менамояд. Аз ин рӯ, шоир инсонро дар зиндагӣ ба қадри дӯстию бародарӣ расидан даъват мекунад. Дӯстӣ одамонро ба муттаҳидӣ, якдилӣ водор намуда, ба онҳо фитрату нерӯи азим мебахшад, онҳоро ба иҷрои корҳои нек раҳнамун месозад. Шоир дар муқобили ин андешаҳо таклиф мекунад, ки ниҳоли душманиро аз буну бехаш бояд канд. Ба нашъунамои ин ниҳоли ранҷовар набояд роҳ дод! Зеро он азобу шиканҷаовар аст. Душманиро ҳам дар ибтидои ба вуҷуд омаданаш барҳам додан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Шабҳое, ки дар сӯҳбати дӯстону ёрон мегузаранд, басо пурқиматанд. Онҳоро ғанимат донистан зарур аст. Зеро онҳо даргузар буда, абадӣ намебошанд. Баъди

зиндагии мо ҳам гардун басе гардиш мекунад, шабҳо ва рӯзҳо якдигарро иваз мекунанд. Хулоса, ҳар як шабу рӯз нотакрор аст. Онҳо лаҳзаҳои пурқимати умри мо мебошанд. Пас онҳоро ғанимат донистан, ба қадри онҳо расидан зарур аст. Шоир чунин мегӯяд: Эй дил, ту ҷавониро ҷустуҷӯ кун, ҷавониро хоҳон бошу аз паи хушиҳои он шав! Ин айёми нотакрори умрро ғанимат шумор. Зеро дар ин дунёи гузарон ҳар сол тағйироти куллӣ дида мешавад. Яъне як насл меравад у ба ҷояш насли дигар меояд. Ба ин маънӣ, дар гулшани муаттар насрин агар сад гул шукуфта бор орад, боз ҳазорҳо булбулро ба гулшан ҳам даъват месозад. Шоир ин маъниро бо кинояҳои дилкаш ба қалам гирифтааст.

Дар ғазали дигари Ҳофизи Шерозӣ **«Ёрӣ андар кас намебинем»** шикоятҳои ӯ дар бораи дар замони зиндагиаш паст шудани арзиши ахлоқи ҳамида, канда шудани торҳои меҳру муҳаббат, осеб дидани қалъаи дӯстию рафоқати байни инсонҳо тасвир шудааст. Бунёди ин шеър ба саволҳо асос ёфтааст. Шоир ба воситаи онҳо нуқсонҳои рӯзгори замонашро ошкор мекунад. Махсусан шоир дар байтҳои якум, сеюм ва панҷум аз кам шудани дӯстию рафоқати байни инсонҳо чуқур ба андеша рафтааст. Ӯ мегӯяд, ки ёриву дӯстӣ дар касе намонд. Ба дӯстону ёрон чӣ шуд, ки онҳо иттифоқ нестанд?! Аз кай дӯстӣ ба охир расид, дӯстонро чӣ ҳодиса пеш омад, ки онҳо чунин бемеҳру мурувват гардиданд. Имрӯз касе гуфта наметавонад, ки фалон дӯст намунаи ибрати дӯстиву рафоқат аст, босадоқатмандии худ нисбати дӯсташ вафодор мебошад. Чӣ шуд, ки на ҳақшинос сухани ҳақ мегӯяду на аз ёрону садоқатманд хабаре ҳаст? Дар гузашта ин тавр набуд-ку?! Дар шаҳрҳои ин диёр одамоне зиндагӣ мекарданд, ки бо ҳам дӯстони меҳрубон буданд. Афсӯски ҳоло дар ин мамлакат на шахси меҳрубоне мондааст у на подшоҳи меҳрпарвар.

Ғазалиёти хушоҳанг, хонданбоб ва пурҳикмати Ҳофизи Шерозӣ аҳамияти калони тарбиявӣ доранд.

Онҳо асрҳо боз дар ғанӣ гардонидани маънавиёти мардум хидмат карда меоянд.

## ДАРАХТИ ДӮСТӢ БИНШОН...

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.
Чу меҳмони хароботӣ[1], ба иззат бош бо риндон[2],
Ки дарди сар кашӣ, ҷоно, гарат мастӣ хумор орад.
Шаби сӯҳбат ғанимат дон, ки баъд аз рӯзгори мо
Басе гардиш кунад гардун[3], басе лайлу наҳор[4] орад.
Имо防ридори[5] Лайлиро, ки маҳди[6] моҳ дар ҳукм аст,
Худоро, дар дил андозаш, ки бар Маҷнун гузор орад.
Баҳори умр хоҳ, э дил, вагарна ин чаман ҳар сол
Чу насрин[7] сад гул орад бору чун булбул ҳазор орад.
Худоро, чун дили решам қароре баст бо зулфат,
Бифармо лаъли нӯшинро, ки зудаш бо қарор орад.
Дар ин боғ аз худо хоҳад дар ин пиронасар Ҳофиз,
Нишинад бар лаби ҷӯеву сарве дар канор орад.

## ЁРӢ АНДАР КАС НАМЕБИНЕМ...

Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?
Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро  чӣ шуд?
Оби ҳайвон[8] тирагун шуд, Хизри фаррухпай куҷост?
Хун чакид аз шохи гул, абри баҳоронро  чӣ шуд?
Кас намегӯяд, ки ёре дошт ҳаққи дӯстӣ,
Ҳақшиносонро  чӣ ҳол афтод, ёронро чӣ шуд?
Лаъле[9] аз кони мурувват барнаёмад, солҳост,

---

[1] *Харобот* — майкада, майхона
[2] *Ринд* — аҳли харобот, шахси озодфикр, бебок, бепарво нисбат ба аҳли шариат
[3] *Гардун* — дунё, олам
[4] *Лайлу наҳор* — шабу рӯз
[5] *Имоpидор* — барандаи тахти равон, каҷова
[6] *Маҳд* — гаҳвора, тахт, маснад
[7] *Насрин* — гули сафеди хушбӯй
[8] *Оби ҳайвон* — оби ҳаёт, оби зиндагӣ
[9] *Лаъл* — санги қиматбаҳои сурхи дурахшон

Тобиши хуршеду саъйи боду боронро чӣ шуд?
Шаҳриёрон буду хоки меҳрубонон ин диёр,
Меҳрубонӣ кай сар омад, шаҳриёронро[1] чӣ шуд?
Гӯи тавфиқу кароmат дар миён афгандаанд,
Кас ба майдон дарнамеояд, саворонро чӣ шуд?
Сад ҳазорон гул шукуфту бонги[2] мурғе барнахост,
Андалебонро[3] чӣ пеш омад, ҳазоронро чӣ шуд?
Зӯҳра созе хуш намесозад, магар удаш бисӯхт?
Кас надорад завқи мастӣ, майгусоронро чӣ шуд?
Ҳофиз, асрори илоҳӣ кас намедонад, хамӯш!
Аз кӣ мепурсӣ, ки даври рӯзгоронро чӣ шуд?

## САБО, АГАР ГУЗАРЕ АФТАДАТ...

Сабо, агар гузаре афтадат, ба кишвари дӯст,
Биёр нафҳае аз гесӯи муанбари дӯст.
Ба ҷони ӯ, ки ба шукрона ҷон барафшонам,
Агар ба сӯи ман орӣ паёме аз бари дӯст.
В-агар чунон, ки дар он ҳазратат набошад бор,
Барои дида биёвар ғуборе аз дари дӯст.
Мани гадову таманнои васли ӯ? Ҳайҳот!
Магар ба хоб бубинам хаёли манзари дӯст!
Дили санавбариям ҳамчу бед ларзон аст,
Зи ҳасрати қаду болои чун санавбари дӯст.
Агарчи дӯст ба чизе намехарад моро,
Ба оламе нафурӯшем мӯе аз сари дӯст.
Чӣ бошад, ар шавад аз банди ғам дилаш озод,
Чу ҳаст Ҳофизи мискин ғулому чокари дӯст.

## РУБОӢ

Эй дӯст, дил аз ҷафои душман даркаш,
Бо рӯи накӯ шароби равшан даркаш!
Бо аҳли ҳунар гӯй гиребон бикшо,
В — аз ноаҳлон тамом доман даркаш!

---

[1] *Шаҳриёр* — подшоҳ
[2] *Бонг* — фарёд, овоз, садо
[3] *Андалеб* — булбул

**Савол ва супоришот:**

1. Ҳофизи Шерозӣ дар бачагӣ ва ҷавонӣ бо чӣ кор машғул шуда будааст?
2. Ҳофизи ҷавон даромади меҳнатиашро ба кадом корҳо сарф менамуд?
3. Шоир дар ғазали «Дарахти дӯстӣ биншон...» дар бораи дӯстӣ ва бародарӣ чӣ мегӯяд?
4. Шоир дӯстиро дар байтҳои ҷудогонаи ғазали «Ёрӣ андар кас намебинем....» чӣ гуна маънидод мекунад?

## Назарияи адабиёт

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КИНОЯ

***Киноя калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш сухани пӯшида мебошад.*** Дар илми адабиётшиносӣ он санъате мебошад, ки гӯянда як маъниро тамоман ба маънии дигар, ки мантиқан ва ташбеҳан бо ҳам наздиканд, ифода мекунад. Киноя дар эҷодиёти классикон ва адибони ҳозираи тоҷик бисёр мушоҳида мешавад. Масалан дар ғазали «Дарахти дӯстӣ биншон...»-и Ҳофизи Шерозӣ баҳори умр киноя аз ҷавонӣ; чаман — киноя аз рӯзгор, дунё; насрину гулу булбул — киноя аз инсонҳо; лаъли нӯшин — киноя аз лаби ширин; сарв — киноя аз духтари зебо мебошад.

**Савол ва супоришот:**

1. Киноя чист? Кинояҳоеро, ки дар ғазали «Ёрӣ андар кас намебинем..» ифода ёфтаанд шарҳ диҳед.
2. Беҳтарин мисраъҳои ғазалҳои Ҳофизро ба дафтаратон навишта гиред ва аз ёд кунед.



# МИРЗО ТУРСУНЗОДА

## ВАССОФИ ДЎСТӢ

*Дўстиро ҷустуҷў дорем мо,*
*Аз амонӣ гуфтугў дорем мо.*

Ин байт ба қалами маҳбубтарин ва машҳуртарин шоири халқи тоҷик Мирзо Турсунзода мансуб мебошад. Дар Тоҷикистон касе нест, ки эҷодиёти ўро надонад ва шеърҳояшро аз ёд нахонад. Шеъру достонҳои ў, ки хеле пурмазмун ва ҳаяҷонбахш мебошанд, ақлу хирад ва табъи баланди халқро ифода мекунанд. Бисёр байтҳои шоир ба зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳои халқӣ табдил ёфтаанд:

Хонаи мо он қадар ҳам дур нест,
Гарчи дар чашми шумо манзур нест.

* * *

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.

* * *

Ошён гар мегузорӣ, дар дили инсон гузор
Аз раҳи меҳру вафову аҳди бепоён гузор.

Мирзо Турсунзода соли 1911 дар деҳаи Қаратоғи водии Ҳисор, дар оилаи усто Турсуни дуредгар ба дунё омадааст. Давраи кўдакӣ ва наврасии ў бо ма-

шаққатҳои зиёд гузаштааст. Аммо донишомӯзӣ, мутолиаи китоб аз машғулиятҳои дӯстдоштаи ӯ буданд. Минбаъд ӯ бештар ба шеъру адабиёт шавқу ҳавас пайдо мекунад ва дар ин соҳа истеъдодаш медурахшад. Таърих, ҳаёт ва табиати фусункори Тоҷикистон, шодӣ ва меҳнати мардумони он, фикр ва орзуву омоли халқи ин кишвар дар эҷодиёти ӯ ҷилвагар шудаанд. Ба ин тариқ, шеърҳояш торафт болатофат ва шавқангезтар гардиданд. Ӯ яке аз бузургтарин шоирони замонаш мегардад.

Мирзо Турсунзода инсони соҳибдил, марди бузург ва хирадманд буд. Ӯ ҳам дар шоирӣ, ҳам дар вазифаҳои давлатию ҷамъиятӣ ба мартабаҳои баланд расида буд. Аз соли 1946 то поёни умраш сарвари Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Ӯ лауреати мукофотҳои давлатию байналхалқӣ, академики Академияи Фанҳои Тоҷикистон буд. Мирзо Турсунзода арбоби бузурги ҷамъиятии дар миқёси ҷаҳон шинохташудае буд. Ӯ яке аз ташаббускорони таъсиси ташкилоти якдилии кишварҳои Осиё ва Африқо ба шумор мерафт.

Офаридаҳои Мирзо Турсунзода чун дурдонаҳои гаронбаҳо ба ганҷинаи маданияти маънавии халқи тоҷик ва тамоми башарияти тараққипарвар дохил шудаанд. Ин адиби маъруф бо фаъолияти пурсамари эҷодӣ ва афкори адабию эстетикии худ дар ҷараёни инкишофи адабиёти тоҷик нақши пурҷилое гузошт. Ӯ ҳамчун шахси заковатманд, дорои маърифати баланд, донандаи мероси фаровони адабии халқи худ нисбат ба зиндагӣ ва эҷоди бадеӣ назари ниҳоят васеъ дошт.

Мирзо Турсунзода соли 1977 аз олам чашм пӯшидааст.

Мирзо Турсунзода интернатсионалист(байналмилал)-и комиле буд, ки ӯро худи ҳаёт, тарзи зиндагӣ ва идроки амиқи қувваю иқтидори дӯстии халқҳо ба ин дараҷа расонидааст. Аз ин рӯ, аз эҷодиёти ӯ асарҳо дар бораи халқҳои ӯзбек, рус, украин, қазоқ ва дигар-

ҳо, бузургдошти дӯстӣ ва бародарии тамоми миллатҳо, тасвири ҳаёти мамлакатҳои Шарқи хориҷӣ равшан ба назар мерасанд.

Шеъри **«Дӯстонро гум макун»** беҳтарин офаридаи бадеии шоир дар мавзӯи дӯстию бародарӣ мебошад. Дар он шоир одамонро ба эҳтиёт намудани дӯстӣ даъват карда, дар ҷаҳон бе дӯст зиндагонӣ карданро корест маҳол мешуморад. Дар баробари ин дар масъалаи фарқ карда тавонистани дӯсти ҷонӣ аз дӯсти номеҳрубон маслиҳати хирадмандона медиҳад.

## ДӮСТОНРО ГУМ МАКУН

То тавонӣ дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.

Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкун касонро гум макун.

Дӯстро аз дӯст, ҷонам фарқ кун,
Дӯсти пайванди ҷонро гум макун.

Чашмаи илҳоми мо халқасту бас,
Халқи машҳури ҷаҳонро гум макун.

Зиннати боғ аз гули хандон бувад,
Мисли гул хандонлабонро гум макун.

Дӯст ояд, гарм дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун.

Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,
Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.

### Савол ва супоришот:

1. Барои чӣ Мирзо Турсунзодаро шоири маҳбуб ва машҳури халқи тоҷик ҳисоб мекунанд?
2. Дар бораи эҷодиёт ва хислатҳои инсонии шоир маълумот диҳед?
3. Дар шеъри «Дӯстонро гум макун» шоир гум накардани кадом дӯстонро талқин мекунад?
4. Шеърро аз ёд кунед.

## Назарияи адабиёт

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ШЕЪР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

***Шеър калимаи арабӣ буда, бо калимаҳои шуур, шоир ҳамреша мебошад. Маънои луғавии он дарёфтан, донистан ва маърифати чизҳои нафис аст.*** Дар адабиёт суханеро, ки вазну қофия ва маънои борик дорад, шеър мегӯянд. Офарандаи шеърро шоир меноманд. Шоир фикрҳои дақиқ ва маъниҳои тозаро оид ба ҳаёти инсонӣ бо ҳиссу ҳаяҷон ва латофату назокати суханварӣ дар шеър ифода менамояд. Барои завқи бадеӣ бахшидани шеър онро бо тавсиф, ташбеҳ, маҷоз, муболиға ва дигар воситаҳои тасвиру санъатҳои адабӣ зеб медиҳанд.

Шеър аз сухани оддӣ, ки бо наср ифода меёбад, фарқ мекунад. Шоир дар шеър ба таносуби муайяни садоҳо эътибор медиҳад. Оҳанги таъсирбахши шеър ба туфайли таркиби пораҳои мустақили ибораҳо дар мисраъ ба даст меояд. Мувофиқи вазну зарбҳои овозӣ ва мавзунӣ шакли сухани дилкашу оҳангдорро мегирад. Дар бораи шеър Абӯалӣ ибни Сино чунин гуфтааст: «Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз ақволи (қавли-гуфтори санҷидаи) мавзун ва мутасовӣ (мутасовӣ — бо ҳам баробар) сохта шудааст...». Аз ин рӯ, шеър аз азал зодаи эҳсосу эҳтирос буда, асоси онро образнокӣ ташкил медиҳад. Ба туфайли образнокӣ шеър пурмазмун гардида, нафосату фасоҳат пайдо мекунад, ба хонанда лаззат ва таъсири эмотсионалӣ (эҳсосӣ) мебахшад.

Навиштани шеъри пурмазмуну хушоҳанг ва образҳояш рангоранг кори осон нест. Санъаткорони сухан дар ҷараёни офаридани шеъри асил мавҷудияти азобу машаққатҳои зиёдро борҳо таъкид кардаанд. Зеро шеъри воло аз танӯри сӯзони дилу ҷони эҷодкораш берун мешавад. Ин сӯзу гудози эҷодиро Мирзо Турсунзода дар шеъри «Шоиро!» бо эҳтироси баланд ин тавр ба тасвир гирифтааст:

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар!

Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,
Аз шарора тоза гулхан офарад.

Пурҳарорат гар намешуд офтоб,
Зиндагӣ мегашт аз сармо хароб,

Бе ҳарорат санг буду дил набуд,
Дилкушою пурсафо манзил набуд.

Бе ҳарорат не дамидан буд расм,
Не шукуфтан, не расидан буд расм.

Бе ҳарорат дар лабонат ханда нест,
Хандаи чун машъали тобанда нест.

Шоиро, аз сӯхтан ҳаргиз манол,
Сӯхтанро дӯст медорад висол.

То насӯзӣ, сохтан мушкил бувад,
Дил ба ҷонон бохтан мушкил бувад.

Шеър ҳам бояд занад фаввораe,
Аз танӯри дил чу оташпораe.

Сар занад аз дил, ба дил коре кунад,
Нармтар сангин дили ёре кунад.

Ёр донад, ки чӣ бошад сӯхтан,
Дар вафодорӣ сабақ омӯхтан.

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас, макун аз оташи сӯзон ҳазар!

# ҶОНИБЕК ҚУВНОҚ



## «АГАР ЁРОНИ ТУ БЕШАНД...»

Шоири соҳибистеъдод, мутарҷим, публисисти бомаҳорат, Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷонибек Қувноқ 10-уми ноябри соли 1941 дар деҳаи Пораштu ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах дар оилаи колхозчӣ ба дунё омад. Мактаби миёнаро дар деҳаи Синтоби ноҳияи Нурато соли 1958 хатм карда, соли 1959 ба факултети таъриху филологияи Институти педагогии шаҳри Ленинобод дохил шуда, онро бо дипломи имтиёзнок хатм кард. Баъди хатми институт дар мактаби миёнаи ба номи Фирдавсии деҳаи Шинги ноҳияи Панҷакент дар муддати чор моҳ муаллимӣ кард, баъд ба хидмати ҳарбӣ даъват шуд. Баъди адои хидмати ҳарбӣ дар деҳаи Фориш, дар мактаби миёнаи ба номи Рӯдакӣ шаш моҳ муаллимӣ кард, аз соли 1966 дар идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ҳамчун ходими адабӣ, аз соли 1970 мудири шӯъбаи адабиёт ва санъат дар адои вазифа буд. Ашъори Ҷонибек аз соли 1964 дар матбуоти Ӯзбекистон ва Тоҷикистон чоп мешавад. Аввалин китоби шеърҳои ӯ соли 1973 бо номи «Қарз» чоп гардида, сипас маҷмӯаҳои ашъори ӯ «Арзи дил», «Ифтихор» ва «Розҳо» нашр гардидаанд. Соли 1998 маҷмӯаи мукаммали шеърҳои ӯ бо унвони «Саховат» аз тарафи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.

Ҷонибек соли 1980 ба аъзогии Иттифоқи Нависандагони Ӯзбекистон қабул шудааст.

Ҷонибек ба забони ӯзбекӣ низ шеърҳо дорад. Бо

номи «Юрак тўлқинлари» («Мавҷҳои дил») шеърҳои ўзбекии ў аз чоп баромадааст. Тарҷумаи чанд достони Алишери Навоӣ, дигар асарҳои адибони мумтозу муосири ўзбек низ ба қалами ў тааллуқ дорад.

Ҷонибек шоири ширингуфтор, тарҷимони бомаҳорат буда, аз ўзбекӣ ба тоҷикӣ ва аз тоҷикӣ ба ўзбекӣ намунаҳои назму насри адибони тоҷику ўзбекро тарҷима кардааст.

Ҷонибек Қувноқ моҳи ноябри соли 1990 аз олам чашм пўшидааст.

Дар хусуси ашъори Ҷонибек дар саҳифаҳои матбуот як қатор мақолаҳо нашр гардидаанд. Аз ҷумла дар мақолаҳои Асадулло Саъдуллоев «Тарҷумони дилҳо», А.Қамаров «Қарзи фарзанд» ва ғайра оиди ашъори Ҷонибек афкори ҷолиби диққат баён шудаанд.

Ҷонибек Қувноқ шоири лирик мебошад. Вай ҳамеша ҳаёти худро барои озодию ободии кишвар сарф карда, эҷодиёташро барои ғанӣ гардонидани хазинаи адабиёти сермиллати мо ва барои мустаҳкамшавии дўстии байни халқҳо равона кардааст.

Тасвир ва муҳокимаи лирикӣ қариб дар ҳамаи шеърҳои Ҷонибек дида мешавад ва ин яке аз хусусиятҳои барҷастаи назми ў мебошад. Лирикаи Ҷонибек аз ҷиҳати шаклу мундариҷа, мавзўъ ва услубу забон гуногунранг аст.

Одаму одамгарӣ, мардиву мардонагӣ, меҳри Ватан ва ватандўстӣ, дўстиву бародархоҳӣ, инчунин васфи табиат дар маркази лирикаи Ҷонибек меистад. Ин маънӣ дар шеърҳои «Одами бо меҳр зинда», «Самарқандам», «Муҳаббати замин», «Он агар бошад суруд ояд ба ёд» ва ғайра возеҳу равшан ба назар мерасад.

Аз ҷумла шоир мегўяд:

Одамон, одамшиносӣ мушкили ҳар мушкиласт,
Ҳар киро аз ҳар куҷою хел-хел обу гил аст.
Дил даруни синаю дар дил ҷаҳони розҳо,
Одамон, одамшиносӣ, бегумон, кори дил аст.

Тасвири табиат ҳам як ҳиссаи лирикаи шоир мебошад.

Дар «Дӯстӣ дорад чунин» образи деҳқон тасвир ёфта, ба ин восита қисман намуди баҳор нишон дода мешавад, ки ҳаёту меҳнати озодона ва шодонаи одамони мост. Чунончи:

Мезанад деҳқон ба саҳро хаймаро,
Дуд мехезад зи оташдони ӯ.
Бӯи ин дуд ин қадар ҳам форам аст,
Нест мисли он гулеро асту бӯ.

Гуногунии тасвир, усул ва санъати бадеӣ асоси офариниши лавҳаҳои рангоранг ва воситаи ифодаи фикру ҳисси шоир шудааст. Дар ин бобат шеъри «Манзара»-ро мисол овардан мумкин:

Сурх шуд пироҳани сарқуллаҳо,
Шамъи қалби лолаю гул дар гирифт.
Сурх шуд якбора домони само,
Гӯиё акс аз рухи духтар гирифт.

Шоир манзараи табиатро тасвир карда лавҳаҳои рангину шукуфони онро пеши назар оварда, зебоии Ватани худро тараннум менамояд, завқи табиатдӯстии хонандаро бедор ва парвариш мекунад.

Ватандӯстӣ ҳам яке аз мавзӯъҳои марказии лирикаи Ҷонибек ба шумор меравад. Маҷмӯаи аввалини шоир, ки «Қарз» ном дорад, бо шеъри «Навсафар» оғоз ёфта, қаҳрамони лирикиаш бо номи «Ватан» шеър мегӯяд:

Навсафар ҳамтан агар дар роҳи шеър,
Шеър сар кардам, Ватан бо номи ту.

Ватан аввалин манбаи илҳоми шоири ватандӯст мебошад.

Ватан мисли модар аст, ки фарзандони худро модарвор парвариш мекунад. Дар шеъри «Ман Ватан дорам» гуфтааст, ки бе Ватан ҳаёти худро гуворо тасвир

карда наметавонад, ӯ Ватан дорад, барои он дунёи дигар ҳеҷ гоҳ ба вай даркор намешавад. Як каф хоки Ватанро ба ганҷ баробар карда, ҳеҷ гоҳ аз дигар ҷой он хокро ёфтан мумкин нест, касе, ки тарки Ватан кард, ӯ дил надорад, гӯён бо маҳорат тасвир кардааст.

Ман Ватан дорам, дигар дунё ба ман даркор нест,
Хоки он ганҷест, ки дар ҳеҷ як бозор нест.
Дил надорад дар вуҷуд ҳар ки Ватанро тарк кард,
Барги хушкафтад зи шох ин корро инкор нест.

Дӯстӣ аз замони қадим ин ҷониб барои мардум басо азизу мӯътабар будааст ва он ҳаргиз пирӣ надоштааст.

Дар шеъри «Агар ёрони ту бешанд...» садоқати дӯстӣ бо маҳорати баланди шоирӣ тасвир ёфтааст.

Суруд аз дӯстӣ хонем доим,
Сухан аз дӯстӣ ронем доим.
Надорад охире дар мулки моён,
Суруди дӯстии мо азизон.

Суханони дар бораи дӯстӣ навиштаи шоири мумтози тоҷик Лоиқро ба хотир орем: «Дар Ӯзбекистон тоҷикону ӯзбекон бародарвор паҳлӯи ҳам зиндагӣ мекунанд, зери як осмон аз нурҳои офтоб баҳра мебаранд. Дар Тоҷикистон низ тоҷикону ӯзбекон аз як чашма об, аз як дастархон нон мехӯранд. Дар баъзе хонаводаҳо якбора ҳам забони тоҷикиро мешунавед, ҳам лафзи ӯзбекиро. Дар як тӯй гоҳҳо домод тоҷик асту арӯс ӯзбек, ё баръакс. Агар дар маъракае тоҷик косагул бошад, ӯзбек таббоҳ аст».

Дар ҳақиқат дӯстии халқҳо яке аз мавзӯъҳои асосии эҷодиёти Ҷонибекро ташкил мекунад, ки дӯстӣ ин чашмаи хушкнашавандаи байни миллатҳо ба шумор меравад:

Агар ёрони ту бешанд, қадрат кам намегардад,
Чу мижгон пос медоранд, чашмат нам намегардад,
Сари ту бо саробон пеши бесар хам намегардад,
Миёни ғамгусорон бар ғамат ғам зам намегардад,
Сарои олишон ҳам бе сутун маҳкам намегардад.

Валекин дўстро пайдо намудан кори осон нест,
Шиносад чашми дил онро ҳама як рўю яксон нест,
Барои дўстӣ ҳарфи хушу ҳамҷоми мизон нест,
Баҳои дўстӣ бо ҷони ширин аст, арзон нест,
Ба ҷуз аз шарбати ҷону дил он хуррам намегардад.

Шоир гуфтааст, ки дўстро то пайдо намудан, инсон бисёр азобу уқубат мекашад, баҳои дўстӣ бисёр қиммат мебошад, ки онро ҳатто ба ҷони ширини инсон баробар кардан мумкин аст.

Дар шеъри «Зинда бод!» шоир мегўяд, ки ҳалолаш бод, касе ки боғи дўстиро обод мекунад, баъд аз он меваҳои ширини зиндагӣ мерўёнад, чунки дўстӣ шиори одамдўстон мебошад:

Ҳар ки боғи дўстиро кард бонӣ зинда бод!
Рўяд аз он меваҳои зиндагонӣ, зинда бод!
Дўстӣ бошад, шиори ҷумла одамдўстон,
Ҳар кӣ дорад дар дил аз он гар нишоне зинда бод!
Душмани мурдоби кулли тўҳмату фисқу фасод,
Дўстӣ роҳи равони меҳрубонӣ зинда бод!
Аз ду дил як дил агар бунёд созад дустӣ,
Сар фуруд оварда гўям: ҷовидонӣ, зинда бод!

Дар шеъри «Бисанҷ», Ҷонибек ба дил муроҷиаткунон мегўяд, ки ҳангоми дўсти нав пайдо кардан бояд ўро ҳаматарафа санҷиданаш лозим. Бояд он дўсти вафодор дар рўзҳои ночорӣ аз ту дур набошад, росткор, ростгуфтор бошад. Ту бояд дўстро ҳаматарафа санҷ, ки дўстӣ — ин боигарии ҳаёт аст:

Дӯсти нав ёбӣ, эй дил, дар вафодорӣ бисанҷ,
Дар дами фирӯзию дар рӯзи ночорӣ бисанҷ.
Дӯсти як рӯза бо як кӯза май пайдо шавад,
Зиндагӣ як рӯзи мастӣ нест, садборӣ бисанҷ.
Мағз аз чӯбдона ҷустан ғояи бемағзӣ аст,
Дӯсти н-ояд зи нокас, кас бупиндорӣ бисанҷ.
Рӯи ҳар боди хушомад пар мазан ҳушёр бош,
Дӯстро дар росткорӣ, ростгуфторӣ бисанҷ.
Нест ранҷе дӯстранҷӣ, дӯстӣ — ганҷи ҳаёт,
Ганҷи умри хеш бо чашми заридорӣ бисанҷ.

Дар ашъори эҷодкардаи Ҷонибек ба монанди шеърҳои «Кори дил аст», «Дӯстони ростон», «Дунё шавем!», «Одамӣ бо меҳр зинда», «Дӯстӣ дорад чунин», «Ҳамеша бо ҳам», «Шодоб нест», «Набинад офате ҳаргиз» ва ғайраҳо масъалаҳои дӯстӣ хеле мустаҳкам ва самимона акси худро ёфтаанд.

Мухаммаси тазмини Ҷонибек ба шеъри М.Турсунзода **«Дӯстонро гум макун»** низ хеле ҷолиби диққат баромадааст:

Тир агар бошӣ, камонро гум макун,
Хати парвози нишонро гум макун,
Осмону остонро гум макун,
«То тавони дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун».

Ҳар куҷо, ки маҷмаи обу гил аст,
Киштаро авҷу барори ҳосил аст,
Рӯд ҳам поянда бо ду соҳил аст,
«Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосон кун касонро гум макун»...

Аз гуфтаҳои болоӣ чунин бармеояд, ки Ҷонибек Қувноқ ҳамчун адиб, мутарҷим ва публисисти соҳибистеъдод дар рушду камоли адабиёти муосир хидмати босазое кардааст. Аз ин рӯ омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти ӯ барои насли наврас аз аҳамият холӣ набуда, барои

ҳамчун инсони комил ба воя расидани онҳо, дар рӯҳи ватандӯстӣ, пос доштани неъматҳои Ӯзбекистони соҳибистиқлол ба онҳо кӯмак мерасонад.

**Савол ва супоришот:**

1. Доир ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир маълумот диҳед?
2. Шеърҳои дар боло зикрёфтаро таҳлил ва аз ёд кунед.

## Назарияи адабиёт

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАЗМИН ВА МУХАММАС

***Тазмин калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш пазирондан, касеро дар паноҳи худ гирифтан аст.*** Маънии истилоҳии тазмин он аст, ки шоир ягон байт ё мисраи шоири дигарро гирифта, дар пайравии мазмуну шакл (вазну қофия)-и он шеъри дигаре эҷод мекунад.

***Мухаммас бошад, як навъи мусаммат мебошад. Маънии луғавии он* — ба ришта ҷавоҳир кашидан** аст. Мусаммат шеърест, ки аз бандҳои ҷудогона иборат буда, мисраи охири бандҳо то поёни шеър ҳамқофия меоянд. Мухаммас ҳамчун як навъи мусаммат чунин шеърест, ки аз бандҳои панҷмисрагӣ иборат буда, қофиябандии он чунин аст: а-а-а-а-а, б-б-б-б-б, в-в-в-в-в ва ҳоказо. Мухаммас ду хел мешавад.

**1. Мухаммаси мустақил.** Шоир дар эҷоди ин тарзи мухаммас нисбатан озод ва мустақил буда, мувофиқи табъи худ вазну қофия ва радифро кор фармуда метавонад ва дар интихоби мавзӯю мазмун низ то андозае соҳибихтиёр мебошад.

**2. Мухаммаси тазмин.** Дар ин тарзи мухаммас шоир ғазали шоири дигарро интихоб намуда, ба он мухаммас мебандад. Шоир дар навиштани чунин мухаммас озоду мустақил намебошад.

# ХОКИ ВАТАН АЗ МУЛКИ СУЛАЙМОН ХУШТАР

## ВАТАН — МОДАР

Ватан ҷои зисту зиндагонӣ, макону маъвоест, ки шахс дар он ба дунё омада ба воя мерасад, мақому мартаба пайдо мекунад. Ватан кишвару сарзаминест, ки бо табиату одамонаш инсонро ба камол мерасонад. Ватан аз гавҳора, аз остонаи хонаи худ оғоз меёбад. Он бо падару модар, хешу ақрабо, дӯстон азизу гуворост. Аз ин рӯ, Ватанро ифтихор, шаъну шараф, ору номус, обрӯю эътибори инсон мешуморанд. Ватан азизтарин ва ноёбтарин неъмати олам, сарвати бебаҳоест, ки онро ба ҳеҷ чизе наметавон иваз кард. Аз ин рӯ, аз замонҳои қадим бузургон фармудаанд, ки одами беватан мурғи беболу пар аст. Халқ дар давоми асрҳо шеърҳое сурудааст, ки дар онҳо Ватан аз тамоми сарватҳои ҳаёт боло меистад:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош, гадо будӣ ба Канъон, хуштар.

* * *

Лаънат ба касе, ки аз Ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.
Чархи фалаке гардаду ояд ба Ватан,
Чун мурдаи садсола, зи нав зинда шавад.

* * *

Аз беватанӣ қанд ба ман нӯш нашуд,
Вазъи дили мардумон ба ман гӯш нашуд.
Чанде гаштам ман ба гирди олам,
Хоки ватан аз дилам фаромӯш нашуд.

* * *

Ҳар кас ба Ватан чун гули садбарг бувад,
Дар беватанӣ рангу рухаш зард бувад.

Ватан монанди модар ягона аст. Он мисли модар муқаддас мебошад. Зеро он ҳамчун модари меҳрубон, ғамхору навозишкор моро ба камол мерасонад. Агар модари аслиамон моро таваллуд карда, бо шири сафед парвариш намуда, забонро ёд дода, оламу одамро ба мо шиносонида бошад, пас Ватан ба сарамон дасти  тавонои навозишкорона гузошта, моро аз тамоми офатҳо, аз ҳама гуна ҳамлаю таҷовузи аҷнабӣ эмин дошта, дар зери болҳои азимаш паноҳонида, моро боз ҳам одамтар менамояд, чун инсони комил тарбия мекунад. Агар Ватан орому осуда ва дар саросари он сулҳу амонӣ ҳукмрон бошад, нозу неъмат ҳам фаровон мегардад, модарон осудаю ором фарзандонашонро парвариш ва тарбия мекунанд. Аз ин ҷост, ки ватанро дар радифи модар медонанд ва бо ифтихори тамом мегӯянд: «Модар — Ватан», «Ватан модари мушфиқ ва навозишкор аст».

Халқи мо аз қабили халқҳоест, ки диёр, ватани худро аз дилу ҷон дӯст медорад ва барои оромию ободӣ ва саодати он ҷони худро дареғ намедорад. Аз ин ҷост, ки аз қаъри асрҳои зиёд ҳикматҳои зерин ба гӯш мерасанд: «Ҳифзи ҷон воҷиб асту ҳифзи Ватан аз ҷон воҷибтар»; «Ҳар киро ҳубби (меҳри) Ватан нест, номус не ва ҳар киро номус нест, саодат не»; «Одами беватан — булбули бечаман».

Ин ҳикматҳо аз як тараф табиату хислат, муҳимтарин хусусияти ватандӯстии мардуми моро муайян кунад, аз тарафи дигар як навъ васият ва даъвати гузаштагон ба наслҳои оянда аст. Онҳо ниятҳои неке мебошанд, ки фарзандон ин анъанаҳои беҳтарини гузаштагонамонро эҳтирому эҳтиёт кунанд ва идома диҳанд. Ҳамин даъватҳои ватанхоҳона дар назми классикиамон мавқею мартабаи алоҳидаро соҳиб буданд. Чу-

нончи, ҳангоме ба мамлакат аҷнабиёни истилогар ҳуҷум оварданд, Фирдавсии бузург фикри халқро чунин таъсирбахшу нишонрас ба забон оварда буд:

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Беҳ аз он, ки кишвар ба душман диҳем.

Дар давоми бештар аз ҳазор сол халқи мо дар ҳамин рӯҳ тарбият ёфта, ҳисси наҷиби ватандӯстиро ҳамчун мероси гаронбаҳо аз насл ба насл гузаронидааст.

Ватани мо Ӯзбекистон аст. Мо дар оғӯши он осудаю ором камол меёбем, аз боду ҳавои он нафас мекашем, аз неъматҳои табиии он баҳра мебарем. Аз ин рӯ, аз дилу ҷон дӯст доштану шариф донистани вай, афзун ва ғанӣ гардонидани сарватҳои иқтисодию маънавии он аз муҳимтарин ва муқаддастарин вазифаи мост. Ватандӯстӣ аз сифатҳои асосӣ ва беҳтарини одамият аст. Меҳру муҳаббат ба Модар-Ватан, эҳсоси ватандӯстию ватанхоҳӣ дар қалби ҳар инсон аз овони ҷавонӣ, аз он рӯзе, ки худ ва қадру қимати инсонии худу дигаронро шинохту дарк кард, шурӯъ мешавад. Зебост он ҳаёте, ки бо халқат якҷоя аз сар мегузаронӣ. Фақат Ватан ва халқ ба ҳаёти кас маъно ва мақсади ҳақиқӣ мебахшад.

Дар шеъри **«Ватан»**-и Мирзо Турсунзода меҳри ёру диёр ин тавр самимона ба тасвир гирифта шудааст:

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.

Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,
Ман аз он сӯи уқёнус бишнидам садои ту.
Агарчӣ дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,
Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.

Ба вақти бозгаштан чун расидам бар ҳудудат ман,
Зи сар то по шудам мафтуну шайдои намудат ман.
Нишастам дар замини ту, паридам дар ҳавои ту,
Ба овози дурудат ман, ба оҳанги сурудат ман.

Агарчӣ борҳо афтодам аз ёру диёрам дур,
Ба сайёҳӣ маро карданд гарчӣ дӯстон машҳур.
Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,
Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур.

Ё ки дар шеъри «Ватан» – и Бозор Собир мавзӯи Ватан хеле барҷаста тасвир ёфтааст:

Ба рӯи хас равон шавад,
Нахи мизони хасрават.
Яке расад ба хотирам
Калобаҳои модарам.

Ватан, Ватан, Ватан, Ватан,
Манам ба ту тани ба тан.
Касам агар, каси туам,
Хасам агар, хаси туам.

Ба дидаи паридаам
Ниҳодаам пари каҳат.
Кафи дуо кушодаам
Ба дасти моҳи бегаҳат.

Вуҷуди туст аз ду тан –
Тани замину ҷисми ман.
Ману туем ҳамбадан,
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан.

Ду чашми чору хираам
Ба хоктепаҳои ту.
Ба ҷои ин, ба ҷои он
Бимурдаам барои ту.

Ба пуштаҳо ниҳода пушт
Азизу авлиёи ту.
Бувад ягона кӯчи ман
Мазорпуштаҳои ту...

**Савол ва супоришот:**

1. Ватан чист ва чаро мо онро дӯст медорем?
2. Рубоиҳои халқиро, ки оиди меҳри Ватан гуфта шудаанд, маънидод кунед.
3. Барои чӣ Ватанро ба модар монанд мекунанд?
4. Суханҳои ҳикматнок ва шеърҳои халқии дар таърифи Ватан ва ватандӯстӣ гуфташударо аз ёд кунед.
5. Дар мавзӯи «Меҳри Ватан» фикру андешаҳоятонро ба таври хаттӣ баён кунед.

## РИВОЯТИ ТОМИРИСА

Ривояти «Ҷанги Томириса бо Куруш (Кайхусрав)» инъикоси бадеии муборизаи ба муқобили истилогарон бурдаи мардумони Осиёи Марказӣ аст. Ин асар ба воситаи «Таърих» ном китоби таърихнависи Юнон (асри V пеш аз мелод) то ба мо расидааст. Чуноне ки дар он ҳикоя карда мешавад, дар қисми шарқии баҳри Каспӣ, дар соҳили дарёи Аракс (Амударё) яке аз қабилаҳои Осиёи Марказӣ — массагетон зиндагӣ мекарданд. Мамлакати массагетонро Томириса ном зани ҷасур ва боғайрат идора мекард. Подшоҳи сулолаи ҳахоманишиёни Эрон Кайхусрав бо мақсади ба даст даровардани мамлакати массагетҳо бо суханони маккорона ба назди Томириса вакил фиристода, изҳори ақида кард, ки ӯро ба занӣ мегирад. Томириса ин ҳиларо дарк карда фиристодагони ӯро қабул накард. Вақте ки Куруш бо роҳи фиреб муваффақият ба даст даровarda натавонист, бо лашкари бешумор ба тарафи Аракс ҳаракат кард ва ба бино кардани кӯпрук (пул) ва амадҳо шурӯъ намуд. Дар ин асно Томириса ба воситаи сафирони худ ба Куруш номаи зеринро фиристонид: «Эй подшоҳи мидиҳо, тайёриҳои худро бас кун. Зеро намедонӣ, ки қасди ту ба фоидаи ту анҷом меёбад ё не. Осуда бош ва дар мамлакати худ ҳукмронӣ кун, бигзор мо мамлакати худро идора кунем. Вале ту ба ин маслиҳат гӯш намедорӣ, зеро ту сулҳро камтар аз ҳама мехоҳӣ: пас, равон шав, модо-

ме ки ту бо массагетҳо рӯ ба рӯ шудан мехоҳӣ, беҳуда кӯпрук масоз! Ба мо мӯҳлат деҳ, ки аз канори дарё ба серӯза роҳ оқиб равем ва он гоҳ ту ба сӯи мо ҳаракат кун. Агар ту бо мо дар соҳили худ рӯ ба рӯ шудан хоҳӣ, низ ҳамин тавр кун».

Куруш бо маслиҳати атрофиёнаш роҳи ҳиларо пеш гирифта ба Томириса хабар мефиристад, ки бо ӯ дар мамлакати онҳо рӯ ба рӯ шудан мехоҳад. Томириса аз рӯи ваъдааш ба роҳи серӯза оқиб меравад. Куруш бо аскарони худ аз дарё гузашта ба масофаи серӯза роҳ рафта, пас оқиб мегардад. Вай як қисми лашкари худ ва таому шаробҳоро дар он ҷо гузошта ба соҳили дарё бармегардад. Массагетҳо бо сардории писари Томириса Спарганис ба қӯшуни форсҳо ҳуҷум карда, онҳоро ба осонӣ мағлуб карда, ба хӯрдани таом ва нӯшидани шаробҳо шурӯъ мекунанд. Дар чунин ҳолат Куруш қӯшуни асосии худро ба ҳуҷум мефиристад. Онҳо массагетҳои масту ғарқи хобро шикаст дода, Спарганисро асир мегиранд.

Вақе ки Томириса воқеаи мағлубияти аскаронаш ва бо ҳила асир гирифта шудани писарашро мешунавад, ба Куруш номаи зеринро мефиристад: «Эй Куруши хунхор, бо ин воқеаи рӯйдода фахр макун! Ту писари маро дар ҷанги кушод, мардона ва тан ба тан мағлуб накардаӣ, балки бо шароби макр дастгир намудӣ. Акнун маслиҳати хайрхоҳонаи маро қабул кун: Писарамро ба ман деҳ ва беталафот ба замини худ баргард ва фахр кун, ки сеяки аскарони массагетҳоро асир гирифтӣ. Агар инро накунӣ, қасам ба офтоб — худои массагетҳо, ки ту ташнаи хунро аз хун сер хоҳам кард».

Куруш ба нома эътиборе накард. Писари Томириса Спарганис ба ҳуш омада воқеаро пай бурд, хоҳиш кард, ки ӯро аз банди занҷирҳо раҳҳо кунанд. Вақте ки дастони ӯро кушоданд, ӯ аз асирӣ маргро беҳтар диниста худро кушт. Томириса фаҳмид, ки Куруш маслиҳати ӯро гӯш накард, тамоми қувваҳояшро ҷамъ карда, ба ҷанг даромад...

Дар байни ду лашкар ҷанги шадиде рӯй дод. Дар охир массагетҳо ғолиб омаданд ва худи Куруш ҳам ҳалок гардид. Томириса машкро аз хун пур карда фармуд, ки ҷасади Курушро ёбанд. Вақте ки ӯро ёфтанд, сарашро ба машк фурӯ карда ва ҷасади ӯро таҳқиркунон гуфт: «Бо макру фиреб писари маро кашида гирифтӣ ва ман бошам, чунон ки қасам хӯрда будам, туро аз хун сер кардам».

Чунон ки аз мазмуни ривоят маълум мегардад, дар он муборизаи аҳли қабилаи массагетҳои Осиёи Марказӣ ба муқобили истилогарони бераҳм ифода ёфтааст ва дар образи Томириса сифатҳои беҳтарини занони сарзамини Осиёи Марказӣ инъикос шудааст. Вай зани оқила ва роҳбари доност. Томириса қалби соф ва иродаи қавӣ дошта, бо тамоми ҳастиаш халқу ватанашро дӯст медорад. Ӯ ба молу мулки дигарон таҳдид намекунад, аммо сарзаминашро аз ҳар гуна душманон мудофиа менамояд.

Дар ривоят образи Кайхусрав чун шоҳи истилогар, худбин ифода ёфтааст. Вай бо хислат ва хусусиятҳояш ба Томириса муқобил меистад. Кайхисрав ҳариси молу мулк аст. Вай мехоҳад сарзамини дигаронро бо ҳар навъ ҳилаю найранг ба даст дарорад. Аммо ба муқобилияти сахти аҳли қабилаи озодихоҳ дучор гардида, ниҳоят шармандавор ҳалок мешавад. Ҳамин тариқ, дар ривояти мазкур ғалабаи некӣ аз болои бадӣ, тантанаи озодӣ ва осоиштагӣ аз болои зулму асорат ифодаи худро ёфтааст.

### Савол ва супоришот:

1. Барои чӣ Томириса ба Куруш нома мефиристад?
2. Мазмуни номаи Томирисаро нақл кунед.
3. Куруш бо кадом ҳила аскарони Томирисаро асир мегирад?
4. Томириса баъди ғалаба аз Куруш чӣ тавр интиқоми худро меситонад?
5. Дар бораи сифатҳои ҷасурӣ ва ватандӯстии Томириса нақл кунед.

# ВАСФИ БУХОРО ДАР ШЕЪРҲОИ

# АБЎАБДУЛЛОИ РЎДАКӢ



*Он кас, ки шеър донад, донад, ки дар ҷаҳон,*
*Соҳибқирони шоирӣ устод Рўдакист.*

***Низомии Арўзӣ***

*Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некўшоирӣ,*
*Рўдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.*

***Рашидии Самарқандӣ***

Асосгузори адабиёти тоҷик Абўабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рўдакӣ тақрибан соли 858 дар деҳаи Рўдак (Панҷрўди имрўзаи ноҳияи Панҷакенти Тоҷикистон) ба дунё омадааст. Кўдакӣ ва ҷавонии шоир дар деҳааш мегузарад. Минбаъд ў дар шоирӣ ва созандагӣ ном мебарорад. Рўдакӣ махсусан уд ва чангро хуб менавохт. Ҳокимони Сомонӣ овозаи ўро шунида, вайро ба дарбори худ ҷалб мекунанд. Дар Бухоро истеъдоди ў боз ҳам нашъунамо меёбад.

Аз устод Рўдакӣ осори адабии зиёде боқӣ монда буд, ки онро сад дафтар, як миллиону ҳазор байт низ гуфтаанд. Аз ин осори бепоёни ў то имрўз қариб ҳазор байт боқӣ мондаасту халос. Мероси боқигузоштаи ўро қасидаву ғазал, қитъаву рубоӣ ва маснавӣ ташкил мекунанд.

Рўдакӣ ҳангоми пириаш аз тарафи бадхоҳонаш кўр карда мешавад. Ў боз ба зодгоҳи худ баргашта, соли 941 аз дунё чашм мепўшад.

Устод Рӯдакӣ дар ашъори худ дар қатори масъалаҳои адолатпарварӣ, инсондӯстӣ масъалаи ба ватан муҳаббат доштанро низ самимона талқин кардааст. Дар шеърҳои ӯ ғояи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ мавқеи ҷудогона доранд. Чунончи қаҳрамонони лирикии ғазали «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд» Бухороро ба ҷону дил дӯст медорад, онро аз пойтахти хилофат Бағдод боло мегузорад, насими онро аз мушки Хутан афзалтар мешуморад. Васфи Бухоро ва тасвирҳои лаззатбахши обу замини кишвар тарзи ифодаи ғояи баланди ватандӯстии шоир аст.

Ин шеър ҳиссиёти ватандӯстонаро дар нақшаи ишқу муҳаббат ифода кардааст: ҳар шамоле, ки аз ҷониби Бухоро сӯям меояд, якҷоя бо бӯи гулу мушк ва насими ёсуман мевазад. Ин бӯи ёру диёр аст, ки ба он ҳар кас мушарраф намегардад. Гумон мекунӣ, ки он бод аз Хутан — макони мушк бошад. Не, асло ин тавр нест! Зеро аз Хутан чунин боди хушбӯй намевазад. Ин бод аз бари маъшуқаи зебои ман аст, ки ҳамчун ситораи дурахшон дар осмони хотирам нурафшонӣ мекунаду мудом номаш вирди забонам аст...

Ҳамин тавр, шоир дилбастагию муҳаббати тамомашро ба шаҳри Бухоро, ки давраи камолоти эҷодияш он ҷо сурат гирифтаю гузаштааст ва ба маъшуқаи дилрабояш, ки он ҷо зиндагӣ мекунад, ин тавр равону дилкаш ба қалам овардааст:

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку[1] насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод,
Гӯи магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не-не зи Хутан[2] бод чунин хуш навазад ҳеҷ,
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд.

---

[1] *Мушк* — моддаи сиёҳранги хушбӯй, ки аз нофи як хел оҳу ҳосил мешавад

[2] *Хутан* — номи вилояти макони мушк дар Чин

Эй турки камарбаста[1], чунонам зи фироқат,
Гӯянд қабои ту маро пираҳан ояд.
Ҳар шаб нигаронам ба Яман[2] то ту барой,
Зеро ки Суҳайлию Суҳайл[3] аз Яман ояд.
Кӯшам, ки бипӯшам, санамо, номи ту аз халқ,
То номи ту кам дар даҳани анҷуман ояд.
Бо ҳар ки сухан гӯям агар хоҳаму гар не,
Аввал суханам номи ту андар даҳан ояд.

Ҳисси ватандӯстӣ дар қасидаи нопурраи **«Дар васфи Бухоро»** низ дар назари аввал меистад. Ҳуҷҷатҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки боре Наср ибни Аҳмад ба Ҳирот сафар мекунад. Азбаски Ҳирот обу ҳавои хуш ва табиати зебо дошт, ӯ чор сол он ҷо мемонад ва гӯё пойтахти худ шаҳри Бухороро аз ёд мебарорад. Вазирону сарлашкарон аз ин ҳол хеле ба танг меоянд, вале ҷуръат карда наметавонанд, ки дар бораи аз ёру диёр дур мондани худ ва тезтар ба Бухоро баргаштан ба подшоҳ чизе гӯянд. Вале азбаски замона осоишта буд, амир аз фароғат даст намекашид. Саркардаҳои муштоқи Бухоро бошанд, хоҳиши худро ба амир маъқул карда наметавонистанд. Онҳо аз устод Рӯдакӣ хоҳиш мекунанд, ки бо қувваи шеър ба амир таъсир расонад, то ки вай майли Бухоро намояд. Рӯдакӣ розӣ мешавад. Вай дар васфи Бухоро, роҳ ва тасвири ба пойтахт рафтани амири сомонӣ қасидае навишта, пагоҳӣ, вақте ки амири сархуш хумори шабонаро мебаровард, ин суруди пур аз нишоту шодмониро бо уд дар пардаи «Ушшоқ» месарояд.

Аз матни суруд пеши назар ин манзара ҷилвагар мегардад: ба машоми қаҳрамони лирикӣ якзайл бӯи ҷӯи Мӯлиён мерасад. Ҳамчунин эҳсоси ёди ёри меҳрубон ӯро парешонхотир намуда, торафт косаи сабраш-

[1] *Турки камарбаста* — киноя аз маҳбубаи сарвқомат
[2] *Яман* — номи мамлакатест дар ҷануби намҷазираи Арабистон; ин ҷо киноя ба қисми ҷанубии осмон
[3] *Суҳайл* — номи ситораи дурахшон дар қисми ҷанубии осмон

ро лабрез мегардонад. Ӯ аз ин бӯи обу хок ва ёди ёри қарини худ ҳам болидахотир асту ҳам дар ҳаяҷон. Аз ин рӯ ҳар чӣ тезтар мехоҳад ба дидани дидори онҳо мушарраф гардад. Ин аст, ки бо ҷидду ҷаҳд сӯи ёру диёр шитоб мекунад. Регзорҳои музофоти Ому ва душвориҳои роҳи он зери пояш чун шоҳии нозуки нақшин сабук тай мегарданд. Оби пурҷӯшу хурӯши Ҷайҳун ҳам ба хотири шодмонии дидори дӯстон аспи ӯро ба ҳарос намеоварад. Зеро Бухоро наздик аст! Эй, Бухоро! Ту ҳамеша шоду дер вақт поянда бош! Зеро амири сомонӣ сӯят хушу хуррам раҳсипор аст. Ин амири шодмон моҳ асту ту Бухорои азизам — осмон. Ва бубин, ки бо назокату латофате моҳ барои дидорбинӣ сӯят шитобон роҳрав аст. Ҳамчунин мир сарви болоқадест, ки сӯи бӯстони хеш — Бухоро роҳнавард...

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омуву дурушти роҳи ӯ
Зери поям парниён[1] ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун[2] аз нишоти рӯи дӯст,
Хинги[3] моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир наздат шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.
Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме.

Ҳамин тавр, Абӯабдуллои Рӯдакӣ тавассути ин шеъри шевою асил ва дардошноюю ватанпарварона Насри Сомониро, ки мусофирати тӯлонӣ саргарми айшу нӯш шуда ватан, хешу ақрабо ва тахту тоҷро фаромӯш

---

[1] *Парниён* — ҳарир, матои нафис, шоҳии нозуки нақшдор
[2] *Ҷайҳун* — номи дарё
[3] *Хинг* — асп, аспи сафеду хокистарранг

карда буд, маҷбур сохт, ки сару либосро фаромӯш карда озими пойтахти давлаташ — Бухорои Шариф гардад. Устод Рӯдакӣ дар ин шеър ватанро ҳаммаъно, ҳамсангу ҳамрадифи ёри меҳрубону аҳли хонавода ва дӯстону хешу ақрабо донистааст.

Дар асоси ин воқеа нависанда Расул Ҳодизода ҳикояи таърихии «Бӯи ҷӯи Мӯлиён...» — ро эҷод кардааст.

## БӮИ ҶӮИ МӮЛИЁН...

*(Порчае аз ҳикояти таърихии Р.Ҳодизода, ихтисоран)*

Рӯдакӣ ҳар рӯз пас аз ношито сари сандаличаи хатнависӣ нишаста ба мутолиаи китоб машғул мешуд...

Соатҳо мегузашт, аммо Рӯдакӣ аз китоб сар намебардошт.

Вай дар ин саргармию машғулӣ ҳатто ба чодир дохил шудани се нафар аз бузургон ва муқаррабони амир-Абӯҷаъфар, Муҳаммад Солеҳ ва Тоҳири Балхиро нафаҳмида монд.

«Салом»-и онҳо Рӯдакиро дар он лаҳза аз сайру гашти дунёи дигар ба ин олами воқеӣ баргардонид. Вай зуд аз ҷой бархоста ҷавоби салом дод ва барои меҳмонони ғайричашмдошташ ҷой дуруст карда, онҳоро ба нишастан таклиф намуд.

Рӯдакӣ ду даст рӯи сина гузошта изҳори хушнудӣ кард ва сипас коғазпораву дастнависҳои рӯи сандалиро ғундошта, дар як гӯшаи чодир болои сандуқчаи зебои кандакории чӯбӣ гузошт. Вай кор мекарду аммо дар дилаш ҳайрон буд, ки ин се каси олимақом дар ин соати бемаҳал чаро ба чодири ӯ омадаанд.

— Шоир, рӯзҳои охир аз чодири худ кам мебароед, гумон кардем, мабод ки беморие рӯй дода бошад, — ба гап шурӯъ намуд Муҳаммад Солеҳ пас аз он ки Рӯдакӣ дар ҷои худ нишаст.

— На, тандурустам, аммо боронҳои пай дар пай ва ин осмони ҳамеша тира касро дилтанг мекунад, ҳавсалае нест, ки аз чодир берун бароям. Дар ин соатҳо китобхонӣ машғулияти дилписандест.

Муҳаммад Солеҳ ба Тоҳир нигоҳе карда, ўро гўё ба сухан даъват намуд. Тоҳир сарашро як поин андохту пас чашмони сиёҳи калон ва қариб дар зери абрў мондаи худро рост ба уде[1], ки дар чўби чинор овезон буд, дўхт. Абўҷаъфар ҳамоно намехост, ки риштаи сухан канда шавад, шояд аз ин сабаб бошад, ки бе ҳеҷ зарурат:

— Рост мегўед, шоир дар ин соатҳо кас намехоҳад аз чодири худ берун барояд, — гуфта монд.

— Ба ҷуз ин муддати сафар ҳам хеле тўл кашид, ин зиндагии дур аз хонаву ҷо, аз зану фарзанд касро дилгир кард, -гуфт Муҳаммад Солеҳ.

— Магар амири мо ба ин зудӣ майли Бухоро надоранд?- пурсид Рўдакӣ.

— Борҳо бо ишора суханро ба сари ин матлаб меовардем, аммо ҷаноби амир ҳамеша ба гапҳои мо эътиное накарда, ба васфи боғу меваҳои Бодғис, ситоиши доғдоғу[2] чарогоҳҳои Ҳирот мегузаранд.

— Оё хоҷа саъй накардаанд, ки ҳазрати амир ба сўи Бухоро моил бошанд? — ба Тоҳири Балхӣ рўй овард Рўдакӣ.

— Дар хилват аз амирон пурсида будам, аммо он кас абрўвон дар ҳам кашида чизе нагуфтанд...

— Обу ҳавои Бухоро, хосса дар баҳорон, аз табиати ин ҷо камӣ надорад. Зебоии Мўлиён, ҳавои хуши он магар аз ин ҳаво бартар аст? — гуфт Рўдакӣ.

— Оре, — ҷавоб дод Муҳаммад Солеҳ, — чӣ хуб буд, ки мо баҳорро дар Бухоро, дар пеши аёлу фарзанди худ гузаронида, пас дар гармии тобистон ба Самарқанд равем. Агар амир ба ин розӣ мешуданд, ҳама аз ин табоҳӣ ва дурии диёр наҷот меёфтем...

---

[1] *Уд* — номи як асбоби мусиқӣ

[2] *Доғдоғ* — ҷое, ки ба аспон, хачирон, шутурон ва ғайра тамға мегузоштанд

— Шоири гиромӣ, мо бандагон назди шумо ба ниёзе омадем ва аминем, ки моро ноумед нахоҳед кард, — ба сухан шурӯъ намуд Муҳаммад Солеҳ ва нигоҳи ризомандонаи Рӯдакиро дида, далелтар шуда давом намуд. — Дар маҷлиси дигаре, ки амири кабир барпо хоҳанд кард, мо бо машварат хостем, суханро аз Бухоро оғоз карда, он касро ба бозгашт моил намоем. Аммо кӯтоҳии суханони мо шояд матлабро ба даст наорад. Яқин аст, ки дар чунин соат бадеҳаю ғазалҳои пуробуранг ва хушоҳанги шумо ба дили мир бештар асар дорад. Шояд аз суханҳои пуртаъсиратон ҳамагӣ аз ин дармондагӣ раҳоӣ ёбем.

— Гумон намекунам, ки шеърҳои банда аз суханони хоҷагони гиромӣ дар назди Мирамон сангинтар[1] ва гаронбаҳотар бошад, — гуфт Рӯдакӣ.

— Шоири мӯҳтарам, мо ба хубӣ медонем, ки на танҳо мартабаи шеър, ҳатто пояи эҳтироми шумо низ пеши амири мо ниҳоят бузург аст. Сухан, ки аз забони шумо баромад, ба мири мо яқинан таъсир хоҳад кард, — гуфт Тоҳири Балхӣ...

— Шоири мо эмин бошанд, ки дар адои ҳаққи хидматашон ҳарчи амир аз симу зару дирам диҳад, мо дучанд аз он зиёда бахшиш мекунем, — гуфт Абӯҷаъфар ба Тоҳири Балхӣ чашмак зада.

Рӯдакӣ бо чашмони оташбор ба Абӯҷаъфар нигоҳе карду бо табассуми киноямез гуфт:

— Хоҷаи ман, сухане, ки қимати он ба симу зар андоза карда мешавад, шеъре, ки ба умеди тиллову дирам гуфта мешавад, он таъсиреро надорад, ки шумо мехоҳед... Ёди Бухоро, ёди диёри азиз аз хирворҳои тилло гаронбаҳотар аст ва шояд ҳаминҳо ба дили ман рӯҳу қувваи бузурге бахшанду сухане аз ниҳонхонаи дил берунояд ва ба қалби дигаре роҳ ёбад.

Дар ҷавоби Рӯдакӣ садое набаромад. Ин киноятии тунди шоир онҳоро дар ҳолати ноҳинҷоре[2] гузошт,

[1] *Сангин* — вазнин
[2] *Ноҳинҷор* — ногувор, нофорам

аммо баробари ҳамин аз ишораи ризомандонаи Рӯдакӣ хурсандиашонро пинҳон карда наметавонистанд. Чашмони аз шодӣ дурахшони онҳо баробар ба Рӯдакӣ дӯхта шуданд.

— Ташаккур, устоди мӯҳтарам, — гуфт ниҳоят Муҳаммад Солеҳ, — аз ин илтифоти шумо аҳли Бухоро ва алалхусус вазири олиҷоҳ, ҳазрати Балъамӣ ниҳоят хурсанд хоҳанд шуд...

Ҳавои сарду нами чандрӯза ба ҷисми заифу бемори Наср таъсири бад кард. Сулфаи ӯ зиёд шуда, ҳарорати баданаш ҳам аз эътидол баромад ва аз ин сабаб чанд рӯз дар чодир дар як вазъияти танге ба сар бурд. Аз беморию танҳоӣ чунон дилтангу инчиқ шуд, ки хидматгорон ҳама ба ҷон расиданд. Аммо дар давоми ду рӯзи охир ҳаво нағз шуду дар миҷози ӯ аломати хушҳолӣ пайдо гашт ва ба муқаррабони[1] худ бо нармӣ муомила мекард.

Имрӯз пагоҳӣ Муҳаммад Солеҳро ҷеғ зада овард ва ҳамроҳ бе дилтангию хӯрдагирӣ[2] ношито кард. Вақте ки Муҳаммад Солеҳ бо иҷозати Наср таъзимкунон аз пеши вай дур мешуд, амир ӯро аз роҳ боздошту фармуд, ки бегоҳӣ пас аз намози аср дар чодири ӯ ҷамъ оянд, то даме дилхушӣ кунанд. Таъкид намуд, ки Рӯдакӣ низ дар ин маҷлис ҳозир бошад.

Муҳаммад Солеҳ ин хабарро зуд ба Абӯҷаъфар расонд ва ҳар ду то бегоҳ бо маслиҳату машварат асбоби зиёфатро ҳозир намуданд. Муҳаммад Солеҳ ин дафъа шахсан худаш Рӯдакиро даъват намуд.

Аҳли маҷлиси имрӯза аз ҳар дафъа дида камтар буд. Ғайр аз муқаррабони амир, Рӯдакӣ ва ровии[3] ӯ, боз се тан навозанда бо танбӯру мусиқор ва наи худ нишаста буданд. Рӯдакӣ дар пешгоҳи чодир, дар паҳлӯи Муҳаммад Солеҳ ҷо гирифта буд. Вай бо уд ду-се

---

[1] *Муқарраб* — наздик (дар ин ҷо мансабдори наздики амир)
[2] *Хӯрдагирӣ* — айбҷӯӣ, эродгирӣ
[3] *Ровӣ* — ривояткунанда, нақлкунанда, гӯянда, хонандаи шеър

таронаи хурди ошиқона хонду бештар ба созу оҳанги навозандагон гӯш медод...

Сӯҳбат хеле беробита ва бетартиб тӯл мекашид... Ҳанӯз акси садои пардаҳои охирини танбӯр паст нашуда буд, ки Рӯдакӣ аз ҷои худ нимхез шуд, ду даст болои сина гузошт ва бо овози ҷарангдораш гуфт:

— Худойгоно[1], мо бандагон аз сарзамини паҳноварн давлати амирамон дар ҳар гӯшаву каноре, ки бошем, дили мо дар Бухорост. Ба хубӣ медонем, ки бинои давлати бузурги амирамон дар Бухоро қарор ёфтааст. Чанд рӯз аз ин пеш дар ёди ин шаҳри азиз ва муборак, дар ёди ёрон ва дӯстони гиромӣ, ки интизори қадами малики оличоҳро мебаранд, банда мадеҳае гуфта будам. Агар дастур шавад, чанд байте аз он бисароям...

Рӯдакӣ удро ба даст гирифт ва дар ҳолате ки чашмонашро аз ҷуссаи наҳифи кӯзапушт ва сари поинандохтаи Наср намеканд, торҳои онро соз кард. Пас удро болои сина гузошту ба гӯшакҳои он нигоҳ карда, ба навохтан сар кард. Ҳама якбора хомӯш ва беҳаракат монданд. Танҳо аз вазиши шаббода болои чодир ба ҷунбиш омада, садои хишир-хишири он ба гӯш мерасид. Рӯдакӣ чашмонашро пӯшид, овози каме ларзон, вале ҷарангдори ӯ  сарахбори пардаи ушшоқро гирифт...

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.
Эй Бухоро шод бошу дер зӣ,
Мир наздат меҳмон ояд ҳаме.

Пардаи охирини оҳанг тамом нашуда ва шунавандагони лолу мабҳут ҳанӯз таассуроти дили худро холӣ

[1] *Худойгоно* — эй подшоҳи бузург

накарда буданд, ки якбора садои ҳой-ҳой гиристани Наср баланд шуд...

— Таҳсину офарин, шоири гиромӣ, — гуфт ӯ бо овози хиррӣ ва гиряолуд, — дили афгору пурдарди моро ба ёди Бухоро шод кардед, ба тани афсурдаи мо қувваи тоза додед... Таҳсин, офарин...

Наср ба Муҳаммад Солеҳ рӯй овард:

— Пагоҳ ба тамоми ӯрдугоҳ[1] — эълон кунед, рахти сафарро банданд, ҳар чӣ зудтар ба сӯи Бухоро ҳаракат кунем. Ба сӯи Бухоро, фаҳмидед, ба сӯи Бухоро! — чашмони Наср ба Рӯдакӣ нигаронида шуданд, — Бухоро, ... ташаккур... шоири мӯҳтарам. Ташаккур, аҳсант...

**Савол ва супоришот:**

1. Барои чӣ шоир насими Бухороро аз мушки Хутан афзалтар мешуморад?
2. Шеъри «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд»-ро аз ёд карда ифоданок хонед.
3. Чаро шоир аз бӯи ҷӯи Мӯлиён ва ёди ёри меҳрубон ҳам болидахотир асту ҳам дар ҳаяҷон?
4. Шоир амири сомонӣ ва Бухороро ба чӣ монанд кардааст?
5. Дар ҳикояи «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» вақтгузаронии устод Рӯдакӣ дар ӯрдугоҳ чӣ тавр тасвир шудааст?
6. Барои чӣ амалдорони амир худро дар назди подшоҳ нисбат ба Рӯдакӣ ҳақиру нотавон меҳисобиданд?
7. Муқаррабони амир бо кадом мақсад ба назди шоир омаданд?
8. Абӯҷаъфар қимати суханони шоирро бо чӣ баҳо қадр карданӣ шуд, вале Рӯдакӣ ба онҳо чӣ ҷавоб дод?
9. Аз сӯҳбати устод Рӯдакӣ ва муқаррабони амир кадом хислатҳои шоирро пай бурдед?
10. Чаро хидматгорон, сипоҳиён ва амалдорони амир дар ёди Ватан — Бухоро буданд, аммо имконияти бозгаштан надоштанд?
11. Чӣ тавр устод Рӯдакӣ орзуи ба назди ёру диёр бозгаштани амир ва тамоми лашкарро амалӣ гардонид?
12. Мазмуни суруди шоир ва таъсири онро ба аҳли маҷлис, махсусан ба амир шарҳ диҳед.

[1] *Ӯрдугоҳ* — лашкаргоҳ, ҷои истодани лашкар

# ЁДИ ВАТАН ДАР ШЕЪРҲОИ

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ



*Оламе рӯй намуданд ба ашъори Камол,*
*Ки хаёлоти латиф аст дар оби суханаш.*

Камоли Хуҷандӣ дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун шоири лирик шинохта шудааст. Лирика рӯҳи равони назми ӯст. Ӯ ин навъ шеъри тоҷикиро дар адабиётамон ба авҷи боло расонида, назокату латофати онро манзури хонандагони зиёд гардондааст.

Камол умри дароз дидааст. Аммо ин умри тӯлонии ӯ аксар дар зери азоби бекасӣ ва дур аз ёру диёр гузаштааст. Аз ин рӯ, дар шеърҳояш бештар орзуи Ватан, зодгоҳи азизаш карда, дар айёми ғарибӣ ва оворагардиҳо онро аз гулистонҳо беҳтар донистааст, худро ба булбули аз гулшан дурафтода монанд кардааст. Садои нолаҳои дилхароши шоири ғариб аз ашъораш маҳзунона ба гӯш мерасанд:

Кӯи ту хоҳад ин дили овора бебиҳишт,
Мурғи ғарибро зи гулистон Ватан беҳ аст.

* * *

Дилам ба зулфи ту чун аст, аз ин ғариб мапурс,
Ки шом чун гузарад бар ғариб, ман донам.

* * *

Чӣ пурсӣ аз Камол, охир, ки дур аз рӯи ман чунӣ,
Чӣ бошад ҳоли он булбул, ки аз гулшан ҷудо афтад?!

Камол, чӣ тавре таъкид намудем, аз ёру диёр маҳрум гашта, дар шаҳрҳои бегона ба бисёр машаққатҳо дучор мегардад, аз бекасӣ, ғарибӣ ва оворагардиҳо ба танг меояд. Ӯ оқибат ранҷур ва дардманд мегардад. Аммо аз як тараф пирӣ, тангдастӣ ва аз тарафи дигар дурии роҳ ва воқеаҳои мудҳиши замона имкон намедиҳанд, ки ба ватани худ баргардад. Дурӣ аз ёру диёр, бекасӣ ва тангдастиҳо дар кишвари бегона дар дили шоири ҳассос қадру қимати  ватан ва шавқи дидори дӯстонашро боз ҳам зиёдтар менамуд. Аммо шоир илоҷи ба мақсад расидан надошт. Ин буд, ки аз ғарибӣ ва бекасии худ фарёдҳои ғамгинона кардааст:

Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискинтани танҳо ғариб.
Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?!
Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо?
Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло ғариб.
Ҳаргиз аз роҳи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист.
Ҳоли зори мустаманде монда дур аз мо ғариб?
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли мо,
Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб!

Камоли Хуҷандӣ бо вуҷуди дар ин гуна аҳволи вазнин умр ба сар бурдан дар шеърҳояш ватани ҷоноҷони худро муқаддас дониста, хоки онро аз ҳама чизҳо азизтар ва мӯътабартар донистааст. Ӯ чун шоири ватандӯст ҳеҷ гоҳ зодгоҳи азизи худ Хуҷандро аз ёд набаровардааст. Обу хок, меваҳои шакарин ва табиати дилфиреби онро ёд карда, тамоми умр аз хуҷандӣ будани худ фахр намудааст:

* * *

Бо лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол
Бовар намекунанд, ки гӯям: хуҷандиям.

* * *

Хоки Хуҷандро, ки зи Шероз кам ниҳанд,
Омад ба рӯзгори ту обе ба рӯи кор.

* * *

Гар биҷӯянд ба сад қарн, наёбанд, Камол,
Булбуле чун ту ғазалхон ба чаманҳои Хуҷанд.

## АЗ РУБОИЁТ

То фикрати ман ниҳод бунёди сухан,
Обод шуд аз ман тарабободи сухан.
Мехост сухан зи дасти бетабъон дод,
Додам ба ишорати хирад доди сухан.

### Савол ва супоришот:

1. Чаро шоир барои мурғи ғариб аз гулистон дида ватанро беҳтар донистааст?
2. Ҳоли булбули аз гулшан дур афтода чӣ тавр аст? Чаро шоир ҳоли худро ба булбули аз гулшан ҷудо гашта монанд кардааст?
3. Барои чӣ шоири ғариб ба ватани худ баргашта наметавонад?
4. Ғазали «Дил муқими кӯи ҷонон...»-ро аз ёд кунед.
5. Барои чӣ шоир зодгоҳи азизи худро аз ёд набаровардааст?
6. Чаро шоир аз хуҷандӣ будани худ фахр намудааст?

## Назарияи адабиёт

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҒАЗАЛ

***Ғазал калимаи арабӣ буда, маънои луғавиаш дӯст доштан, изҳори ишқу муҳаббат кардан аст.*** Ғазал истилоҳи адабиётшиносӣ мебошад. Он жанри мустақили лирикие мебошад, ки аксар вақт дар мавзӯи ишқ

дар ҳаҷми 7—12 байт (ва аз он кам ё зиёд ҳам) навишта шуда, қофияи якхелаи сохти аа, ба, ва-ро соҳиб мебошад. Байти аввали ғазалро матлаъ меноманд, ки маънои луғавии ҷои баромадан ё ки тулӯъгоҳи офтобро дорад. Қофияҳои мисраъҳои дуюми байтҳои ғазал бо матлаъ мувофиқ меоянд. Байти охирини ғазалро мақтаъ меноманд, ки маънии ҷои тамом шуданро дорад. Аксар вақт байтҳои ғазал бо ҳамдигар алоқаманд шуда, бо маъниву образҳо якдигарро қувват медиҳанд.

Дар ғазал эҳсосот инъикос меёбад. Гарчанд мавзӯи марказии ғазал ишқу муҳаббат, тараннуми ҳусну ҷамоли маъшуқа ва изҳори ҳолати рӯҳии қаҳрамони лирикӣ бошад ҳам, аммо дар он мавзӯъҳои дигари иҷтимоӣ, аз қабили ватанпарастӣ, инсондӯстӣ, танқиди беадолатиҳои замона низ тасвир мешаванд. Дар ғазали Камоли Хуҷандӣ **«Дил муқими кӯи ҷонон...»** ғарибӣ ва бекасии шоир хеле таъсирбахш ба тасвир гирифта шудааст.

Шоир дар ғазали мазкур орзуи ба Ватани азизаш Хуҷанд баргаштан ва ҳамеша дар канори халқаш буданро таъкид намуда, аз дурии ёру диёр шикваҳо мекунад. Камол Ватанро аз ҳама чиз болотар ва чун ҷон азиз медонад. Барои ӯ ҳар як зарраи хоки Ватан чун гавҳараки чашм муқаддас буда, шоир хонандагонро барои ҳамеша дӯст доштану пос доштани он ва ҳимоятгару дар ёди он зистанро тарғиб намуда, чунин мегӯяд:

Хоки поят дӯст дорад чашми ман,
Нест айб эй дӯстон «ҳуббул Ватан»[1]

[1] *Ҳуббул Ватан* — дӯст доштани Ватан



## ИНЪИКОСИ ҚАҲРАМОНИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ

# САДРИДДИН АЙНӢ

Садриддин Айнӣ 15-уми апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи ноҳияи Ғиҷдувони вилояти Бухоро таваллуд ёфтааст. Падари ӯ Саидмуродхоҷа деҳқони камбағал буд. Ин марди меҳнатдӯст танҳо бо деҳқонӣ эҳтиёҷи оиларо қонеъ гардонида наметавонист. Аз ин рӯ, маҷбур буд, ки ба касбҳои бофандагӣ ва санги осиётарошӣ низ машғул шавад.

Саидмуродхоҷа шахси бофазлу дониш ва соҳиби хату савод буд, илму адабиётро дӯст медошт. Бинобар ин ӯ барои илмдӯсту маърифатпарвар намудани фарзандони худ кӯшиш мекунад. Садриддини хурдсол ҳам бо ёрию мадади падари ғамхору меҳрубонаш тарбияи дуруст гирифта, хату савод мебарорад.

Айнӣ аз овони кӯдакӣ ба адабиёт завқу ҳаваси калон дошт. «Шеърҳоро дӯст медоштам, ҳарчанд маънихои онҳоро дуруст нафаҳмам ҳам, оҳанги онҳо ба ман гуворо менамуд ва ба ёд карда хонда гаштани баъзе шеърҳо кӯшиш мекардам», — ёдоварӣ мекунад ӯ сонитар. Маслиҳат ва шеърхониҳои падар дар Айнии ҷавон табъи шеъргӯиро бедор мекунад. Айнӣ бештар шеърҳои Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Навоӣ, Фузулӣ ва дигаронро мутолиа ва аз ёд мекунад.

Айёми нисбатан беғаму хурсандонаи кӯдакӣ дер давом накард. Тобистони соли 1889 Садриддини ёздаҳсола аввал аз падар ва баъди 40 рӯз аз модари меҳрубон ҷудо мегардад. Онҳо гирифтори вабои умумӣ

шуда буданд. Садриддин пас аз парасторӣ ва шифо ёфтани бародарони хурдсолаш Сироҷиддин ва Кироммиддин, ки тарбияи онҳоро ба зимма гирифта буд, барои таҳсили илм бо ҳамроҳии акааш Муҳиддинхоҷа роҳи Бухороро пеш мегирад. Илму дониш гирифтан дар он давра барои ятимону талабагони бепул хеле душвор буд. Айниро ҳам лозим меояд, ки дар роҳи шахси бофазлу камол шудан бисёр монеаю нодорамиҳои зиндагӣ, азобу душвориҳои моддию маънавиро паси сар намояд, дар кӯчаҳои тангу тори Бухоро ба умеди пайдо кардани манзилгоҳ сарсонию саргардониҳо дида, бо ҷомашӯӣ, ошпазӣ, фаррошӣ барин корҳои вазнин хидмати шарикдарсони сарватманди кундзеҳн ва монанди инро ба ҷо орад. Бо вуҷуди ин истеъдоди фитрӣ, муҳаббати бепоён ба адабиёт, санъату маданияти халқ, меҳнатдӯстӣ ба Айнӣ имкон доданд, ки дар андак муддат дар байни толибилмон бо донишмандию завқи баланди шеършиносӣ обрӯю эътибор пайдо намояд.

Дар ин шаҳри қадима Садриддини илму адабиётпарвар ба хонаи Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, ки аз рӯҳониёни равшанфикри Бухоро буд ва анҷумани шоиронро дар манзили худ ташкил мекард, роҳ меёбад. Ӯ бо аҳли илму адаби замон ошноӣ пайдо мекунад. Бо андеша ва афкори иҷтимоии Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Мирзо Ҳайити Саҳбо шинос мегардад. Бо Абдулвоҳиди Мунзим ва Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дӯсти ҷонӣ мешавад. Бо мадади онҳо мадрасаро хатм намуда, муддате дар он ҷо омӯзгорӣ мекунад. Сипас бо Аҳмадҷон Маҳмуди Ҳамдӣ дар ҳавлии Мунзим мактаби усули нав кушода худаш дарс медиҳад. Барои толибилмон китоби дарсии «Таҳзиб-ус-сибён»-ро менависад. Соли 1909 бо иғвои муллоҳои мутаассиб таълимгоҳ баста мешавад. Соли 1910 бо Мунзим ва бо пуштибонии дигар равшанфикрон аз ҷумла Садри Зиё анҷумани пинҳонии «Тарбияти атфол»-ро барпо менамояд, ки он дар фурсати кӯтоҳ шаш мактаби

усули нави таълимро ташкил медиҳад. Ин анҷуман аз ҳисоби худ ҷавонони соҳибистеъдодро барои таҳсил ба хориҷа равон мекард. Айнӣ аз фаъолони чунин ҷунбишҳои ватанпарастӣ буд.

Бо фармони қушбегӣ Айнӣ аз корҳои таълимӣ дур карда мешавад. Ӯ як муддат дар зери таъқиби қушбегӣ монда, дар корхонаи пахтаи Қизилтеппа (воқеъ дар берун аз Бухоро) кор мекунад. Соли 1916 ӯро амир Олимхон дар яке аз мадрасаҳои мӯътабари Бухоро мударрис таъин мекунад. Аммо Айнӣ дарсгӯӣ накарда, бо корҳои адабию сиёсӣ машғул мегардад. 9 апрели соли 1917 Айниро дар ҳуҷрааш дастгир намуда ба зиндон мепартоянд. Бо фармони амир 75 чӯб мезананд. Вай дар ҳолати марги яқин буд, ки сарбозони рус бо хоҳишу дархости равшанфикрони тоҷик ӯро аз зиндон халос мекунанд. Айнӣ 52 рӯз дар бемористони Когон бистарӣ шуда, пас моҳи июни соли 1917 ба Самарқанд мекӯчад. Минбаъд бо корҳои матбуот, шоириву нависандагӣ машғул мешавад. Дар поёни умр ба Душанбе, пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон мекӯчад ва 15 июли соли 1954 дар он ҷо вафот мекунад.

Садриддин Айнӣ нахустин Президенти Академияи Фанҳои Тоҷикистон, аъзои фахрии Академияи Фанҳои Ӯзбекистон буд. Бо назардошти хидматҳои бузургаш дар таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз истиқлоли кишвар ӯ ба унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сазовор гардидааст.

Айнӣ ҳамчун шоир, нависанда, олим дар тамоми олам маъруф аст. Аксар асарҳои ӯ ба монанди «Одина», «Дохунда», «Ятим», «Ғуломон», «Ёддоштҳо», «Марги судхӯр» ба бисёр забонҳои гуногуни рӯи олам тарҷума ва нашр шудаанд. Ӯ бо хидмати арзандаи худ маданият ва адабиёти асри XX-и тоҷикро дар тамоми дунё машҳур гардонда, бо асарҳои безаволаш ва тарбияи шогирдони сершумораш тавонист, ки маҷрои адабиётамонро дигар намояд. Ӯ кӯшиш намуд, ки адабиёт нақши оинаи рӯзгор бошад.

Очерки илмию бадеии **«Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»** (1944) — и устод Айнӣ дар бораи қаҳрамонии фидоиёни Хуҷанд зидди ҳуҷуми истилогарони муғул дар асри XIII ва диловариҳои бемисли фарзанди он Темурмалик ҳикоя мекунад. Мувофиқи талаботи солҳои ҷанг устод ба ҷасорату қаҳрамонӣ ва ватандӯстии Темурмалик майли ҷудогона зоҳир карда, воқеияти таърихиро дар либоси илмию адабӣ ҷилва медиҳад. Дар асар таъкид мегардад, ки мудофиаи Ватан вазифаи ҳар фард аст, зеро Ватан чун модар азиз мебошад. Дар очерк андешаҳои нависанда дар сари маънии аслии мафҳуми зиндагӣ ва марг хеле аниқ рафта, хусусияти фалсафӣ пайдо кардааст: «Темурмалик аз аввал медонист, ки як душмани хунхори пурзӯри монанди Чингизро Хуҷанд ба танҳоӣ шикаст дода наметавонад. Ӯ ин нуктаро ба хубӣ медонист, ки агар ватан аз даст рафта поймоли суми аспони душман шавад, ӯ зинда намемонад ва агар зинда монад ҳам, бономусона ва қаҳрамонона дар сафи ҷанги мудофиаи ватан кушта шудан ҳазор бор аз он гуна зиндагии сарпастона, асирона ва беномусона беҳтар аст. Бинобар ин ӯ қарор дод, ки бо ҳар роҳе, ки бошад, ба қадри қувват ва имкон дар мудофиаи ватан кӯшиш намояд».

Асар бо байте поён меёбад, ки бо мазмуни олии ватанпарваронаи худ хеле қобили таваҷҷӯҳ аст. Ин байти дар коғазпорае навишта шуда, ки ҳамроҳи як каф хок аз миёнбанди Темурмалик пайдо мешавад, беҳтарини ватанпарварон будани ин марди шуҷоъро собит намуда, дар хонанда як ҷаҳон таассуроти фаромӯшношуданӣ боқӣ мегузорад. Устод Айнӣ ин манзараро чунон таъсирбахш ба қалам гирифтааст, ки хондани он бешак дар дили ҳар кас ғояеро илқо мекунад, ки дар зиндагии шахсӣ, агар лозим ояд, монанди Темурмалик бошад. Айнӣ бо таълифи ин асар мехост, ки хонандагонро дар рӯҳи олии ватанпарварӣ тарбия намояд. Ӯ мақсадеро талқин менамуд, ки одамони

замони мо монанди Темурмалик ҳар ваҷаб хоки Ватани худро ба қадри ҷони худ азиз донанд.

**Савол ва супоришот:**

1. Дар бораи овони кӯдакии Айнӣ маълумот диҳед.
2. Айнӣ дар роҳи илмомӯзӣ чӣ гуна азобу машаққатҳоро паси сар кардааст?
3. Дар бораи ҳаёти минбаъдаи Айнӣ маълумот диҳед.
4. Шумо кадом асарҳои устод Айниро хондаед? Дар бораи онҳо нақл кунед.

## ИШТИЁҚИ ЁРУ ДИЁР. ЗИНДАГОНИИ ҶАЗИРА

*(Порчае аз очерки илмию бадеии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», ихтисоран)*

Дар вақти истилои чингизиён ҷудо шудани Темурмалик аз Хуҷанд фарзанди ӯ тифли навзод буд, ки бо занаш дар шаҳр монда буданд. Темурмаликро ақида он буд, ки зану фарзанди худаш ҳам дар қатори чандин ҳазор зану фарзандони ҳамватанонаш дар қатли оми чингизиён талаф шуда рафтаанд. Чунки онҳо то ба шаҳр даромадани душман ба ҳеҷ тараф гурехта нарафта буданд ва гурехта ҳам наметавонистанд. Бо вуҷуди ин ӯ аз аҳволи зану фарзандаш ҳам мепурсид. Аммо ҳар бор дар ҷавоб хабари талаф шуда рафтани онҳоро мешунид ва бо афсӯсу надомати дарунӣ гумони худро боз як бори дигар тасдиқ мекард. Бо ҳамаи ин ӯ аз пурсуков бознамеистод.

Як рӯз яке аз пирамардони деҳаи Қистакӯз дар аснои сӯҳбат ба Темурмалик саргузашти зану фарзанди ӯро нақл карда, дар ҳаёт будани писараш ва дар ҷазира зистани вайро хабар дод.

Темурмалик бо дили пур аз шодӣ аз пеши пирамард баромад ва шабона ба лаби дарё рафт, ки ба ҷазира гузарад. Хушбахтона, дар канори об якчанд

қаиқҳо буданд, ки деҳқонон тобистон дар рафтуои ҷазира аз онҳо фоида мебурданд. Темурмалик ба яке аз он қаиқҳо савор шуда, ба ҷазирае, ки чандин сол пеш аз ин он ҷоро бо як олам андўҳу алам тарк карда буд, гузашт.

Дар ҷазира аз қалъа асар намонда буд, аммо дар ҷои вай як кулбаи пастак менамуд, ки аз тобдонаш рўшноии чароғе ба назар намоён мегардид. Азбаски ҳанўз киштукор сар нашуда буд, дар он ҷо ғайр аз нури чароғи он кулба дигар асари ҳаёт ва зиндагонӣ наменамуд.

Темурмалик рост ба пеши он кулба рафт ва дар торикӣ истода аз тобдон даруни кулбаро аз назар гузаронид. Дар он ҷо як ҷавони баландқомати тахминан бисту дусола таом мехўрд. Ў ба пеши дари даромади кулба омада истода сурфа кард.

Ҷавон дартоз аз кулба баромада:

— Кист? — гўён ояндаро пурсид:

— Ман, — яке аз ҷўраҳои падарат!— гўён Темурмалик ба ҷавон наздик шуд ва ўро ба оғўши пиронаи худ... кашида падарона бўсид ва ҳар ду ба кулба даромаданд.

Ҷавон дар пешгоҳи кулба пўстакеро паҳн карда пирамардро бар рўи вай шинонд ва аз нону таоми тайёри худ ба пеши ў кашида, ўро зиёфат кард. Вай бо ин меҳмон бо эҳтиёт муносибат карданро лозим диниста, аз ў пурсид:

— Шумо бо падари ман дар куҷо ва чӣ гуна ҷўра шуда будед?

Темурмалик дар ҷавоби ин пурсиши ҷавон як қисми тарҷумаи ҳол ва саргузаштҳои худро ҳикоя карда, ҳамин гуна нишон дод, ки гўё ў дар ҳамаи он корҳо ба Темурмалик ҳамроҳ будааст ва дар охири сухан аз ҷавон пурсид:

— Агар падаратро бинӣ мешиносӣ?

Ҷавон ҳамон эҳтиёткории аввалинашро аз даст надода, ҷавоб дод:

— Ман падари худро надидаам, ки будани ӯро ҳам намедонам. Худам ба дари хонаҳои мардум гашта ба ин синну сол расидаам.

— Ман падари ту мебошам! — гуфт пирамард дар ҳолате, ки ашки шодӣ аз чашмонаш мечакид.

Ҷавон бо шунидани ин сухан, ки гувоҳии дилашро тасдиқ мекард, дар ҳаяҷони тӯфонмонанде афтод. Лекин аз эҳтиёткорӣ бо қувваи ҷавонӣ худдорӣ карда гуфт:

— Як пирамард ҳаст, ки «падаратро мешиносам» мегӯяд. Агар ӯро оварда бо шумо рӯ ба рӯ кунам, ҳақиқати ҳол равшан мешавад.

— Зудтар он пирамардро ҷеғ зан! — гуфт Темурмалик ба писараш.

Ҷавон ҳамон замон аз об бо қаиқ гузашта, ба тарафи шаҳр рафт ва саҳарӣ барвақт ду пирамардро ҳамроҳи худ гирифта омад, ки яке аз онҳо ҳамсӯҳбати дирӯзаи Темурмалик буд ва дигаре касе буд, ки дар аввалҳои ҳокимии Темурмалик дар Хуҷанд ба ӯ пешхидматӣ мекард.

Пирамардон ба кулба даромаданд. Чун чашми ҳамсӯҳбати дирӯзаи Темурмалик ба ӯ афтод, фарёди шодиёнае бароварда ӯро ба бағал кашид...

Ҷавон худро ба пои падар андохт, бо лабҳои аз ҳаяҷон хушкида кафи пои пуробилаи ӯро мебӯсид ва чашмони пур аз ашки шодии худро ба рӯи пои аз пирӣ хушкидаи вай мемолид. Падар ҳам сару гардани писарро аз бӯсаҳои гарми муштоқона саршор мекард...

Баъд аз он ки падару писар аз бӯсаву оғӯш дилосо шуданд, мӯйсафедон ҳам ба навбат Темурмаликро ба оғӯш кашиданд...

Баъд аз рӯз сафед шудан пирамардон падару писарро бо як ҷаҳон шодӣ танҳо гузошта худҳошон рафтанд...

Баъд аз он ки дар бораи ба ҷое ва ба касе нагуфтани хабари омадани Темурмалик дар байни худ аҳду паймон карданд, аз ҳам ҷудо шуда ба хонаҳои худ рафтанд.

Лекин хабари омадани Темурмалик як сирри шо-

диангези чунон калоне буд, ки дар дили ҳеҷ кас намеғунҷид: ҳар кадоми ин пирамардон ҳамин ки дӯстони боэътимодашонро диданд, «як гап мегӯям, ба ҳеҷ кас нагӯӣ!» гӯён сирри омадани Темурмаликро кушоданд ва ҳамин қадар худдорӣ карда тавонистанд, ки дар бораи бошишгоҳи ӯ ва писари ӯ ба касе лаб накушоданд. Он дӯстони «боэътимоди» худ ин сирри ба тарзе, ки дар боло нишон дода шуд, гуфта додан гирифтанд. Дар натиҷа хабари омадани Темурмалик дар шаҳр овоза шуд.

## САФАР АЗ ҶАЗИРА. ИНТИҚОМГИРӢ ДАР ВАҚТИ АСИРӢ. АТРИ КАФАН

Баъд аз он ки дар Хуҷанд маъмурон дар кофтукови Темурмалик шиддат кардан гирифтанд, ӯ дар ташвиш афтод. Ташвиши ӯ на барои ин буд, ки ба даст меафтад ё кушта мешавад, балки ӯ аз ин метарсид, ки агар дар он ҷо дастгир шавад, писараш ҳам дастгир ва кушта хоҳад шуд. Бинобар ин ӯ аз ҷазира сафар карданро мувофиқ ёфт.

Темурмалик инро ҳам медонист, ки агар ӯ аз ҷазира рӯирост сафар кунад, писараш аз вай ҷудо намешавад ва агар дар ҷое ба дасти душман афтад, ӯ ҳам гирифтор мешавад. Бинобар ин шабе, бе он ки ба писараш хабар диҳад, дар вақти дар хоб будани ӯ табарзин ва сӯтаи қаландариро ба даст гирифта, оҳиста аз кулба баромад ва бо қаиқе, ки дар канори об буд, ба тарафи рости дарёи Сир аз об гузашт ва ба тарафи кӯҳистони Консой нигоҳ карда равон шуд.

Писари Темурмалик як вақт аз хоб бедор шуда дид, ки падараш дар ҷои хобаш нест. Аввал «шояд ӯ берун баромада бошад» гуфта қадре нигарон шуд. Вақте ки ӯ ба зудӣ баргашта наомад, барои хабаргирӣ берун баромад. Аммо ӯро дар наздикиҳои кулба наёфт. Дуртар нарафт. Ӯ нест. Ҳама ҷои ҷазираро гардиш кард. Боз аз вай асаре наёфт. Рӯз ҳам шуда омад.

Ҷавон ба гузаргоҳи ҷазира, ба ҷое, ки қаиқ одатан дар он ҷо меистод, рафт. Қаиқ дар ҷояш набуд. Ӯ муқаррар кард, ки падараш аз об гузаштааст, аммо дар тарафи чапи об ҳам қаиқи барзиёд наменамуд. Бинобар ин ӯ тарафи дасти рости дарёи Сирро чашм андохта ҷазираро гардиш кард. Дар он ҷо қаиқи холиро дид ва донист, ки падараш ба тарафи дасти рости об гузаштааст.

Ҷавон хост, ки аз паи падараш равад, аммо қаиқ набуд, ки савор шуда аз об гузарад. Ӯ баргашта ба кулба омад. Аз он ҷо ду чӯбкадуи калонро, ки дар вақти оббозӣ онҳоро дар паҳлӯи худ мебаст, гирифта, бозгашта ба канори ҷазира рафт. Дар он ҷо либосҳояшро аз тан кашида бӯхча кард, ки кадуҳоро дар зери бағалаш аз ду тараф баст ва бӯхчаро ба сараш банд карда, ба об фуромад. Дар андак фурсат моҳивор обро бурида, ба он тарафи об, ба пеши қаиқи худ гузашт.

Ҷавон кадуҳоро аз бағал кушода, дар даруни қаиқ гузошт ва бӯхчаро яла карда либосҳояшро пӯшида, паи падари гумгаштаи худро гирифта, ба роҳ даромад.

Ҷавон дар санглохҳо ва заминҳои сахт нақши пои падари худро гум мекард. Аммо баъд аз қадре пеш рафтан ва ҳар тарафро аз назар гузаронидан боз нишонаҳои пойро ёфта, дар роҳи худ давом менамуд. Бар болои баландиҳо ва теппаҳое, ки дар роҳаш рост меомаданд, баромада ба ҳар тараф назар меандохт, ки шояд аз гумкардаи худ нишонае ёбад. Чун чизеро намедид, боз дар роҳи худ шитоб мекард.

Ҷавон, чунон ки аз ҷазира аз падари худ хеле дер баромада буд, инчунин дар роҳ ҳам барои пайковӣ хеле дер монд бо вуҷуди ин паю почаи ҷавонӣ ба ӯ ёрӣ дод, ки дар нимрӯзӣ аз болои як баландӣ сиёҳии падари худро дида тавонист. Аммо ӯ падари худро дар вазъияте дид, ки шодии аз ёфтани мақсуд пайдошудаашро ташвиши он ҳолат барҳам дод: падарашро чандин савори мусаллаҳи муғул пеш андохта мебурданд.

Саворон Темурмаликро бурда ба хонаи сиёҳе дароварданд...

Ясавул аз бозуи Темурмалик дошта ба ӯ фармуд, ки бо одати муғул зону зада ба Қатағанӯғлон, ки сардори лашкар буд, таъзим ва эҳтиром намояд.

Темурмалик бо як ҷунбиши инодкорона бозуи худро аз панҷаи ясавул бароварда гуфт:

— Ман дар дунё ба касе таъзим нахоҳам кард!

— Ясавул бо нигоҳи пурсиш ба Қатағанӯғлон чашм дӯхт, ки сардор дар ҳаққи ин «беодоб» чӣ мефармуда бошад.

Қатағанӯғлон ба ясавул нигоҳ карда гуфт:

— Зону заданаш лозим нест. Бигузор монанди як одами шубҳанок ба пурсишҳо рост истода ҷавоб диҳад.

Темурмалик мунтазири сухани ясавул нашуда рост ба Қатағанӯғлон нигоҳ карда гуфт:

— Ман ҳеҷ гоҳ мисли як одами шубҳанок ё гунаҳкор рост истода ба пурсишҳо ҷавоб намедиҳам. Агар ту аз ман чизеро пурсидан ва ба пурсишҳои худ аз ман ҷавоб гирифтан хоҳӣ, роҳ деҳ, то ман дар ҷое нишинам, ки ба ман муносиб бошад. Баъд аз он аз ман ҳар чӣ мепурсида бошӣ, пурсидан гир!

— Хуб, — гуфт Қатағанӯғлон — ҳар ҷо ки мехоҳӣ, бинишин, лекин ба пурсишҳо рост ва дуруст ҷавоб деҳ!

— Ман дар умри худ дурӯғ нагуфтаам, — гуфт Темурмалик ва рафта дар паҳлӯи Қатағанӯғлон, ки сарҳангон барои эҳтироми сардори худ он ҷоро холӣ гузошта буданд, нишаст ва ба ӯ нигоҳ карда гуфт:

— Пурсидан гир!

— Ту Темурмалик нестӣ? — Қатағанӯғлон ба чашмони Темурмалик чашм дӯхта пурсид.

Темурмалик инкор карданро ба шаъну шарафи худ муносиб надида:

— Оре, ман ҳамон Темурмалики хуҷандиам, ки яккаву танҳо ҳазорҳо шумо чингизиёни хунхорро чунон, ки саги газандаро кушанд, куштам! — гуфт.

Муғулҳо бо шунидани ин сухани Темурмалик ба ҷунбиш омаданд ва ҳамаашон шамшерҳояшонро аз ғилофҳо кашида, ба Қатағанӯғлон нигоҳ карда, мунтазири фармони ӯ шуда истоданд.

Қатағанӯғлон бо чашмоне, ки аз оташи ғазаби ваҳшиёнааш шӯълавар шуда буд, ба Темурмалик нигоҳ карда меистод. Ӯ дар ҷавоби ин сухани ҷонгудози Темурмалик ягон ҷавоби заҳрдор ёфта гуфта, баъд аз он ба қатлаш фармон доданӣ буд. Аммо дар муқобили ин сухани беҷавоби қаҳрамони халқи тоҷик ягон чизе ба хотири ваҳшии даррандаи забункуш намерасид...

Муғулон шӯрида бо шамшерҳои луч аз ҷо бархостанд ва бо ишорати Қатағанӯғлон шамшерҳояшонро ба сари Темурмалик ҳавола карданд.

Темурмалик ҳам аз ҷо бархост ва сӯтаи дарвешиашро бар дами теғи муғулон сипар карда, табарзинро ба кор даровард. То захмҳои кордӣ хӯрда ба замин ғалтиданаш чандин муғулро бо зарбаи табарзин ба замин хобонид.

Дар ҳамин вақт ҷавоне барқвор аз дари хонаи сиёҳ даромада аз байни гурӯҳ ба худ роҳ кушода ба Темурмалик наздик шуда дид, ки ӯ ғалтида ва дастаи табарзин ҳанӯз дар дасташ аст, ҷавон хам шуда табарзинро ба даст гирифту дар навбати аввал бо як зарба сари Қатағанӯғлонро монанди ошкадуи лухсида пош хӯронд ва баъд аз он бо зарбаҳои паёпай чандин муғулро аз по афтонд ва бо захмҳои гарон худаш ҳам ба болои мурдаи Темурмалик афтид.

Ин ҷавон писари Темурмалик буд.

* * *

Ҳамон рӯз ин фоҷиа дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он овоза шуда калону хурд ба тазйиқ ва фишори маъмурони Чиғатой нигоҳ накарда ҷомаҳои сиёҳ пӯшида, миёнашонро аз рӯй баста, чунон ки падарашон кушта шуда бошад, барои падари қаҳрамонашон — Темурмалик мотам гирифтанд...

Дар миёнбанди Темурмалик халтачае ёфтанд, ки дар вай як каф хок ва як порча коғази хатнок буд. Хатро хонда диданд, дар он ҷо чунин навишта шуда буд: «Эй он, ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст!»

Дар охири хат ин байт ҳам буд:

Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,
Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок!

## Ҳикматҳо оиди Ватан

Меҳр ба модару падар ва хонаводаю дӯстон аст, ки аҳли кӯю барзан ва шаҳру ватанро фаро мегирад. Он ки Ватанро дӯст намедорад, аз меҳру муҳаббат бехабар аст.

* * *

Сазои хиёнат ба Ватан агар ба дасти дӯст дода нашавад, ба дасти душман дода хоҳад шуд.

**Савол ва супоришот:**

1. Чаро Темурмалик гумон мекард, ки зану фарзандаш нобуд шудаанд?
2. Дар бораи чӣ тавр бо писараш ҳамсӯҳбат шудани Темурмалик нақл кунед.
3. Хабари омадани Темурмалик дар шаҳр чӣ тавр овоза шуд?
4. Барои чӣ Темурмалик ҷазираро тарк мекунад? Дар бораи аз ҷазира сафар кардани Темурмалик нақл кунед.
5. Ҷавон падарашро чӣ тавр ёфт?
6. Темурмалик дар ҳузури Қатағанӯғлон шаъну шарафи худро чӣ тавр ҳимоя мекунад?
7. Дар бораи ҷасорат ва ба таври фоҷиавӣ кушта шудани Темурмалик нақл кунед.
8. Чаро Темурмалик дар миёнбанди худ як каф хок ва порчаи коғази хатнокро нигоҳ медошт?

## ҲИССИ ВАТАНДЎСТӢ АЗ НАЗАРИ

# СОТИМ УЛУҒЗОДА



Сотим Улуғзода яке аз нависандагони маъруфи тоҷик аст, ки бо маҳорати баланди эҷодиаш муваффақиятҳои намоёнро ба даст даровардааст. Ў соли 1911 дар деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангон дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шудааст. «Дар байни деҳоти атрофи Тўс калонтарин деҳаи мост. Онро ҳалқаи сабзи боғу бўстонҳо иҳота кардааст. Дар миёнаҷои деҳа як теппаи баланд, дар болои теппа як қалъаи кўҳна воқеъ шудааст», — нависанда зодгоҳи худро дар повести «Субҳи ҷавонии мо» ҳамин тавр самимона тасвир намудааст.

Падари Сотим Улуғзода марди далеру ҷасур, софдилу поквиҷдон ва меҳнатдўсту пурғайрат буд. «Падарам дастони пурзўри кормуштоқашро ба ҳар коре, ки рост ояд мезад — барои вай аз музди кор ҳам худи кор бошад, бас буд», — менависад нависанда. Дар шахсияти ин мард на танҳо қувваи азими ҷисмонӣ, балки қувваи эҷодиву маънавиёти олӣ, ахлоқи нек низ нуҳуфта буд. Аз ин рў, кўшиш мекард, ки чунин хислатҳоро дар фарзандони худ низ тарбия намояд. Аммо шароити зиндагӣ, бебақоии умри инсонӣ ба ин монеъ мешуданд. Ин буд, ки Сотими ҷавон ҳанўз дар даҳсолагӣ аз падару модар ҷудо мегардад, дар интернат тарбия мегирад. Минбаъд бо ҷидду ҷаҳд дониш омўхта, ҳамчун адиби боистеъдод шўҳрат меёбад.

Сотим Улуғзода соли 1998 вафот кардааст.

Сотим Улуғзода яке аз намояндагони асосии адабиёти асри XX тоҷик буда, хидматҳои ӯ дар инкишофи драматургия ва насри тоҷик хеле назаррас аст. Дар асарҳои саҳнавии ӯ «Рӯдакӣ», «Темурмалик», «Алломаи Адҳам ва дигарон», қиссаҳои «Ёрони боҳиммат», «Ривояти суғдӣ», романҳои «Восеъ», «Фирдавсӣ» давраҳои гуногуни зиндагонӣ ва муборизаи халқи тоҷик, хислатҳои оличанобӣ мардуми озодидӯст ва ватанпарвари мо хеле барҷаста тасвир ёфтааст. Аз асарҳои нависанда чунин бармеояд, ки вай як силсила образ ва характерҳоро офаридааст ва дар симои бисёре аз онҳо баъзе хусусиятҳои муҳими халқи тоҷикро таҷассум намудааст. Сотим Улуғзода дар роҳи эҷодӣ ҳамеша кӯшиш кардааст, ки асарҳои ӯ оинаи ҳаёти халқ бошанд. Аз ҳамин сабаб ҳам асарҳои вай ба дили хонандагон роҳ ёфтаанд.

«Марги ҳофиз» яке аз беҳтарин ҳикояҳои нависанда аст. Дар он ҳиссиёти олии ватанхоҳӣ тараннум ёфтааст: писари Шивоҷии ватандӯсту ватансаро — Шондип хоинӣ менамояд. Шондип дастгир шуда, ҳукми гуноҳашро интизор аст. Ба хотири санъати Шивоҷӣ Нана-Соҳиби якрав гуноҳи хоинро мебахшад, аммо падари ватандӯстро гуфтору кирдор як буд: ӯ ба фарзанди хоинаш теғ мезанад. Меҳри ватан аз меҳри фарзанд боло меояд. Ҳукми ҳофиз, ҳукми падар ҳукми халқи мубориз аст. Халқ рафтори ӯро тақдир мекунад, бо ҷасади ҳофиз, чун бо ҷасади ҷанговари бузург видоъ мекунад...

## МАРГИ ҲОФИЗ

Ваҳ, чисон дилошӯб аст суруди Шивоҷӣ, ҳофизи номдори Ҳиндустон!

Замзамаи оби чашмасорон ва ғулғулаи раъду барқ, амвоҷи баҳри тӯфонӣ ва чаҳчаҳи булбул — ҳама дар нағмаи ӯст.

Аз Лоҳур то Бомбай, аз Мултон то Калкутта овозаи муғаннӣ ва достонсарои беҳамто, ҳамчун овози ху-

даш, ҳангоме ки дар ҷашнҳо ва маросимҳо месарояд, танинандоз аст. Ҳар кас боре суруди ӯро шунида бошад, солҳо дар нашъаи он аст ва агар ин саодат насибаш нашуда бошад, як умр дар ормон.

Дили бузурги Шивоҷӣ кони савту навоҳо, ёдаш хазинаи ривоятҳо, замираш ганҷинаи ҳикматҳост.

Ҳофиз бузургии Ҳиндустонро месарояд. Ҳофиз далерони Ҳиндустонро ситоиш мекунад.

Ҳиндустон дар ҷӯши исён. Дар Деҳлӣ, Мирут, Лакнав, Банорас, Канпур сипоҳиёни ҳинду мусулмон қиём кардаанд, бар истилогарони аҷнабӣ теғи хунин кашидаанд. Аз бедодии ғоратгарони фарангӣ ба ҷон расида, садҳо ҳазор мардуми шаҳру деҳот алами исён барафроштаанд. Замин дар зери пои ситамгарони англис даргирифта, ҳавои Ҳинд гудохта, Ганги муқаддас гӯё ки меҷӯшад.

Суруди Шивоҷӣ ҳеҷ гоҳе монанди имрӯзҳо, рӯзҳои пурғавғои тобистони соли 1857, чунин пурсадо набудааст.

Як моҳ пеш сипоҳиён, шӯришгарони Канпур бо сардории Нана-Соҳиби далер лашкари англисро торумор карданд. Худи сарлашкар Уиллер ҳам ҷон ба саломат рабурд: ба генерали пири корозмуда, ки муддати панҷоҳ сол дар Ҳиндустон шамшер аз даст намегузошт, он ҳама таҷрибаи размовариаш кор надод. Канпури дар соҳили Ганга ва дар шоҳроҳи Деҳлӣ— Калкутта воқеъшуда, — шаҳре, ки мустаҳкамтарин ӯрдугоҳи англисҳо ва муҳимтарин пойгоҳи ҳукмронии онҳо буд, акнун озод, акнун ба дасти сипоҳу раияти шӯришгар аст ва дар болояш байрақи сварач (истиқлол) ҷилвагар.

Нана — Соҳиб пагоҳ наҳзат хоҳад кард — лашкарашро ба муқобили қӯшуни англис, ки аз ҷониби Калкутта ба қасди дубора фатҳ кардани Канпур меояд, хоҳад кашид.

Ҷанги қаттоле дар пеш аст, ки дар вай, шояд, кори муқаддаси сварач якрӯя гардад.

Сипаҳсолор мехоҳад арафаи наҳзати калони худро ба маҷлиси симоъ, базм, айшу нӯш бахшад. Мехоҳад аз суруду нағмаи Шивоҷии беҳамто ҳаловат барад ва достони наверо, ки ҳофиз дар он рӯзҳо бастааст, шунавад. Охир, кадом сарояндаву созанда мисли Шивоҷӣ қодир аст шунавандаро ин қадар шавқу сурур, ҳаяҷон, рӯҳи паҳлавонӣ ва размоварӣ бахшад! Магар чунин ҳаяҷон ва чунин рӯҳия ҳоло ба Нана-Соҳиб, ба саркардагон ва сипоҳиёни вай аз ҳарчи зурууртар нест?

Шивоҷӣ имрӯз меҳмони Нана-Соҳиб аст.

Дар соҳили Ганги муаззам-дарёи муқаддаси ҳиндувон ба масофаи чандин кос[1] чодарҳои ранг ба ранг зада шудаанд, ки дар офтоби оташтоби июлӣ медурахшанд. Дар мобайн ва гирду пеши чодарҳо филон, шутурон, говон, аробаҳо, бору бунаи гуногун, зину афзоли маркабҳо моломол ва дарҳам-барҳам, тӯда-тӯда сипоҳиёни дасторбасар дар ҷунбишу тараддуд. Ӯрдугоҳ кӯчи азими бодиянишинонро ба хотир меоварад.

Дар миёнаи ӯрдугоҳ чодари рах-рахи сабзу сурху сафеди сипаҳсолор бо байрақи сурху сабзе, ки дар болои чодар лаппас мезанад, ҳамчун товусе дар селаи мурғон назаррабост. Аз он ҷо овози суруду нағма, созу наво ба гӯш мерасад.

Чодар қасрро мемонад, ки ниҳоят калон ва дарун ба дарун аст, сутунҳояш зарандуд, даромадгоҳашро посбонони ғӯли найзадор муҳофизат мекунанд; дар меҳмонсарои он дусад кас бемалол меғунҷад; саҳни меҳмонсаро бо қолинҳои гулдори гаронбаҳо ороста; хидматгорони чобук дар зарфҳои заррин таом ва духтарони паричеҳра дар ҷомҳои булӯрин шароб мекашанд. Дар пешгоҳ бар тахти пасти мунаққаши зарандуд Нана-Соҳиби чиҳилсола — ворисси ҳукмдорони кабири Маратхӣ, пешвозодаи[2] мағрур ва лашкаркаши

---

[1] *Кос* — чени масофаи ҳиндӣ, тақрибан 3,5 километр

[2] Шоҳони Маратхӣ (як қисми Ҳиндустон) пешво номида мешуданд

ғаюр нишаста, дар ду паҳлӯи ӯ саркардагон, муқаррабон ва надимонаш ҷой гирифтаанд. Миёни ин анҷумани бузургон Рао-соҳиби вакили молиёти кишвар, сарлашкарҳо Бола Раои номвар, Боба Бхоти диловар, Тантия Топии сафдар ва Чавол Парасади гурди размовар, Азиммуллохони вазири донишвар, Вазиуддини наттоқи суханвар, қозии Канпур бо ҷоҳу ҷалолашон худнамоӣ мекунанд.

Дар як канор бар рӯи суфйиаи хурди мураббаъи қолинпӯш Шивоҷии солхӯрдаи мӯдарози паҳнриш бо созандагон нишаста достони нави худро месарояд.

Ваҳ чӣ достоне! Ва ҳофизи номвар онро бо чӣ овози шӯрангезе тараннум мекунад!

— Занҷири асорати садсола пӯсид, гусаста шуд! — месарояд Шивоҷӣ. — Ғуломон қад рост карданд. Зинда бод сварач! Инглис Ҳиндустонро ба ҳила гирифта буд, на ба зӯр; шер ба доми рӯбоҳ ғалтида буд. Акнун шер аз дом ҷаст! — нидо меандозад ҳофиз. — Аз ҳайбати ӯ битарсу биларз, эй ғосиб ва ғоратгар! Инглис макр мефурӯшаду хоин мехарад, ватанфурӯш меҷӯяд. Аммо ин дафъа мирҷаъфарҳо нахоҳанд буд ва Плесси[1] такрор нахоҳад шуд! — бо ҷазаба хитоб мекунад ҳофизи пир. — Дар Деҳлӣ сардори шӯришгарони музаффар Бхотхони шерзод аст, дар Лакнав мавлавӣ Аҳмадшоҳи баҳодур, дар Чиҳансӣ қаҳрамондухтари Ҳиндустон Лакшми Бай, дар Оллоҳобод Лаёқаталихони шуҷоъ, дар Канпур Нана-Соҳиби фотеҳ даҳшат ва аҷали инглисанд! Зери байрақи сварач ҳинду ва мусулмон бо ҳам истодаанд, ҳинду ва мусулмон бародаронанд. Зинда бод иттиҳоди халқҳои Ҳиндустон, поянда бод сварач! Ту мемирӣ, эй душмани номарду нопок! Аз Гангу Ҷамна оташ мехезад, туро месӯзад! Макр мафурӯш, ки харидор намеёбӣ! Хоин маҷӯй, эй инглиси шум, ки Ҳиндустон сарзамини содиқон аст!...

---

[1] Соли 1757 дар наздикии шаҳри Плесси дар натиҷаи хиёнати Мирҷаъфари сарфармондеҳ қӯшуни Бангола аз англисҳо шикаст хӯрда буд

Чунин буд суруди нави Шивоҷӣ.

Ҳаёҳу, шавқу ҷӯш, нидоҳои «офарин!»-у «шод бош!»-и аҳли чодар ҳанӯз хомӯш нашуда буданд, ки сипоҳии тануманде, саросар чанголуд, захми сараш бо латтаи чиркин баста, либосаш ба доғҳои хун олуда, шофу ханҷару таппонча дар камарбандаш ҳамоил, аз даромадгоҳ падид омад.

Вай аз қӯшуни пешгард омада буд.

— Ҳузур! — муроҷаат кард ӯ пас аз таъзим ба Нана-Соҳиб. Маро фармондеҳ фиристод. Дар қарибии Фотеҳпур дастаи разведкачии инглис пайдо шуд, мо бо вай задухӯрд карда чаҳор нафарро асир гирифтем, як нафари онҳо... — Сипоҳӣ дар ин ҷои суханаш як назар ба Шивоҷӣ нигаристу сукут кард, гӯё ки ба гуфтани давоми суханаш душворӣ мекашид.

— Як нафари онҳо? — пурсид Нана-Соҳиб.

— Бале, ҳузур, ман ӯро гирифта овардам, — ҷавоб дод сипоҳӣ, — вай на инглис, балки ҳиндуст.

— Ҳинду?

— Бале, ҳузур. Аспаш тир хӯрда ғалтид, мо ӯро дастгир кардем. Агар рухсат шавад, дарорамаш.

Рухсат шуд, сипоҳӣ асирро даровард.

Ҳамин ки ҷавони борикандом, хушқомат ва хушсурате бе ярoқ, бо либоси низомии дарида, сарлуч мӯи чун ангишт сиёҳ ва анбӯҳаш титу парешон, ранги рӯяш парида, дар чашмони калон-калони сиёҳаш тарсу ҳарос аз даромадгоҳ намудор гашт, Шивоҷӣ якбора ҷаҳида ба по бархост ва бо садои ҳайратзадаи ваҳшатолуд:

— Шондип! — гӯён қадаме чанд ба сӯяш партофт.

Асир ду кафи даст ба рӯй кашида чашмонашро пинҳон кард. Ӯ натавонист ба рӯи падараш нигоҳ кунад: зоҳиран, дар вуҷудаш ҳанӯз чизе аз шарму номус боқӣ монда буд.

Оре, ин сарбози асир, дар либоси низомии англисӣ, Шондип буд, писари ягонаи Шивоҷӣ буд.

Вай дар коллеҷи инглисии Калкутта таҳсили илм

мекард ва аз чӣ сабаб бошад, ки дар таътили тобистонӣ ба Канпур назди падараш наёмада буд.

Ҳоло маълум шуд, ки чаро наёмада буд: вай сарбози инглисҳо шуда будааст...

Шивоҷӣ дигаргун гашт, ранги рӯи сиёҳҷурдааш дар як лаҳза ба зардӣ табдил ёфт, дасту пояш суст шуд, ӯ хастаҳолона ба кунҷе рафта, сутуни чодарро дошта ба замин нишаста монд.

Нана-Соҳиб ва меҳмононаш мекӯшиданд, ки ба ҳофиз нигоҳ накунанд.

Сари Шивоҷӣ хам, чашмонаш ба замин дӯхта буд.

«Хоин маҷӯй, эй инглиси шум!» — ин суханони ҳофиз ҳоло дар гӯши худаш ҳамчун таъна, истеҳзо ва тамасхур садо медоданд.

Хаёли ӯ ба зани марҳумааш рафт, — ҳофиз дар фикраш бо вай гуфтугӯ мекард:

«Оҳ, Радҳа, ёд дорӣ, мо бо ту аз писари ягонаамон чӣ умеду орзуҳои ширине доштем, чи нақшаҳои хуше дар ҳақаш мекашидем!... Доғи ту ҳанӯз синаамро месӯзонад, Радҳа, лекин — бубахш — ман дар ин лаҳза ҳатто шодам, ки ту рафтӣ ва нанги фарзандатро намебинӣ. Гӯё ту медонистӣ, ки ин мусибати тоқатшикан ба сари мо хоҳад омад ва бинобар ин пештар рафтӣ, то ки онро набинӣ. Акнун ман чӣ кор кунам, Радҳа, ин нанги бадтар аз маргро чӣ сон таҳаммул кунам? Оҳ, чаро ман ҳам бо ту нарафтам?»...

Дар ин миён сипаҳсолор Шондипро истинтоқ[1] мекард. Забони асир бо ғояти ба душворӣ ба гуфтор меомад, ӯ нотавону забун ба по истода буд, реза-реза меларзид. Чун аздусар умеди шафқат надошт ва даст аз ҷон шуста буд, ба пурсишҳои Нана-Соҳиб ҷавоби рост медод. Оре, бо ихтиёри худам сарбоз шудам. Агар дар ҷанг диловарӣ кунам, кор нишон диҳам, ба ман пас аз ғалаба мансаб, мавоҷиби калон, зиндагии бо айшу нӯш ваъда карданд. Дар Калкутта курси кӯтоҳ-

---

[1] *Истинтоқ* — гап занондан, сухан пурсидан

муддати сержантҳоро хатм кардам. Дирӯз ба разведка худам талабгор шуда баромадам. Оре, ба болои Канпур генерал Ҳавелок дар сари фалон қадар лашкари саропо мусаллаҳ, фалон қадар савору пиёда ва фалон миқдор тӯпу тӯпхона омада истодааст...

Пурсиш тамом шуд. Нана-Соҳиб дар бораи кашидани лашкар ба истиқболи Ҳавелок фармони нави худро эълон кард:

— Пагоҳ дер мешавад, худи ҳамин шаб бояд юриш кард.

Вай саркардаҳоро фармуд, ки бираванд ва фавҷҳои[1] худашонро ба сафари шабона омода созанд. Чаҳор саркарда шитобон баромада рафтанд.

Баъд сипаҳсолор ба Шондип, ки дар ҳолати гунаҳкори маҳкуми марг ҳанӯз дар пешгоҳи ӯ истода буд, назар андохт, нигоҳи кӯтоҳе ба Шивоҷӣ афканд, сар ба поин андохт, панҷа рӯи панҷа гузошта, ангуштарини рахшони брилиантии худро молида-молида ба андеша рафт. Ҳозирон хомӯшона мунтазири фармон дар ҳаққи хоин буданд. Соҳиб ҳозир фармони қатли ӯро содир хоҳад кард, лекин дар ҳузури Шивоҷӣ ҳукми қатли писарашро баровардан барои Нана-Соҳиб кори осоне нест, — ӯ ҳофизро ҳурмат мекунад, дӯст медорад, ба вай раҳмаш меояд, инро ҳама ҳис мекунанд; бе ин ҳам падари бадбахт қариб аз ҳол рафтааст, оё тоқати пиронаи ҳофиз кифоя мекарда бошад, ки теғи ҷаллодро дар гулӯи писараш бубинад?...

Ниҳоят Нана-Соҳиб ба гуфтор омад:

— Асир ба мо дар бораи душман ахбори рост ва қиматнок дод. Ман ростқавлии ӯ ва ҳам ҷавониашро ба назар гирифта гуноҳашро бахшидам.

Ҳама аз ин бахшояндагии ғайричашмдошт, ки тамоман хилофи одати Соҳиб буд, дар ҳайрат монданд.

Ногаҳон Шивоҷӣ ба по хеста дод зад:

На! Ту, пешво, бахшида бошӣ, ман намебахшам!

---

[1] *Фавҷ* — дар ин ҷо ба маънои дастаи муайяни лашкар

Хоин бояд бимирад! Ҳукм ҳукми ман аст, дар ин боб ман аз ту муқаддамам, пешво, зеро ки ҳаётро ба вай ман бахшидаам. Ман ҳақ дорам он чиро, ки бахшида будам, пас бигирам.

Ҳофиз инро гуфта ларзон-ларзон пеш омад ва ханҷари дудамаи яке аз саркардагонро аз ғилофаш кашида гирифту ба тарафи Шондип қадам партофт.

— Писаркушӣ агар гуноҳ аст, хоинкушӣ савоб! — наъра кашид ӯ. — Аммо агар куштани фарзанди хоини ватанфурӯш гуноҳе дошта бошад, аё Шива, бар ман бубахшой! — Бо ин нидо вай ханҷарро тунду шадид бар синаи писараш зад.

Шондип бесадо ба пои ӯ ғалтид.

Шивоҷӣ ханҷари хунин ба даст, девонавор сӯи баромадгоҳ тохт ва аз хайма бадар рафт.

— Ҳарр — ҳарр Махадев![1] — бо як қиёфаи ҳайбатнок аз миёни чодарҳо, тӯдаҳои сипоҳиён, филон ва шутурон, аробаҳо ва борҳо гузар карда бонг мезад ӯ. — Ҳарр-ҳарр Махадев! Ҳиндустон, Ҳиндустон! Ба хоинон аҷал! Шивоҷиам ман, бас аст суруд! Эй Ганг, оташ бидам! Ҳарр — ҳарр Махадев!...

Бо ҳамин ҷазаба вай дар офтоби сӯзони майнагудоз як ним кос масофаро тай кард. Ҳеҷ кас ӯро нигоҳ надошт. Ҳатто филон, шутурон, аспон ҳам ба вай бо чашми ҳайрат ва тааҷҷуб менигаристанд.

Ниҳоят ӯ хаста шуд, ғалтид.

Сипоҳиён аз ҳар ҷониб ба сӯяш давида дар болояш ҳозир шуданд. Ҳофиз рӯйнокӣ хобида буд ва нафас намекашид, панҷаи дастони ба ду тараф ёзидааш дар рег фурӯ рафта, вале дастаи устухони филии ханҷар намудор буд.

...Ба расми ҳиндувон ҷасади ӯро сӯзонда, хокистарашро ба Ганга пошиданд ва ба эҳтиромаш аз дувоздаҳ тӯп дувоздаҳ карат оташ кушода, бо ҳофизи маҳбуби худ ҳамчун бо ҷанговари бузург видоъ карданд.

---

[1] Нидои ҷангии ҳиндувон

## Ҳикматҳо оиди Ватан

Кишваре дар роҳи саодат аст, ки мардум бо зимомдорони худ якдилу якҷиҳат бошанд.

* * *

Тарки Ватан кардан шикастани аҳдест, ки ба падарону хешон ва дӯстону ҳамватанон бастаем.

* * *

Хиёнат ба Ватан – зану фарзанд ва хешону дӯстонро ба душман фурӯхтан аст.

* * *

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар.

### Савол ва супоришот:

1. Барои чӣ дар рӯзҳои пурғавғои тобистони соли 1857 суруди ҳофизи номдори Ҳиндустон Шивоҷӣ хеле пурсадо буд?
2. Манзараи ҷойгир шудани ӯрдугоҳи сипаҳсолор Нана-Соҳибро баён кунед.
3. Шивоҷӣ дар достони нави худ чиро тараннум мекард?
4. Ҳолати Шивоҷиро ҳангоми дидани писари хоинаш баён кунед.
5. Пас аз пурсиши Шондип чӣ маълум шуд? Дар бораи ҳолати хоин нақл кунед.
6. Шондип барои хиёнати худ ба Ватан чӣ гуна ҷазо дид?
7. Барои чӣ ҳиндуён бо ҳофизи маҳбуби худ ҳамчун бо ҷанговари бузург видоъ карданд?



# ИНЪИКОСИ ВАТАН ВА ВАТАНДЎСТӢ ДАР ШЕЪРҲОИ

# ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

*То надонам, ки пас аз ман хонда шеърамро касе*
*Хоб мебинад маро, мепурсад ин овоз кист?*
*То надонам зиндагиро баъди ман роҳ то куҷост?*
*То надонам соҳиби дунё пас аз ман боз кист?*
*Ман намемирам,*
*Ман нахоҳам мурд!*

Лоиқ Шералӣ бо шеърҳои пурмазмун, дилошўб ва санъаткоронаи худ дар инкишофи адабиёти тоҷик саҳми муносиб гузоштааст. Ў 20-уми маи соли 1941 дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Давраи кўдакӣ ва наврасии ў дар зодгоҳаш мегузарад. Лоиқ аз хурдӣ дилбастаи назми гузаштаи халқамон буд. Минбаъд ниҳолҳои назми ў дар заминаи адабиёти бою қадимаи тоҷик реша давонда, аз чашмаи ашъори Рўдакию Камол, Хайёму Ҳофиз, Саъдию Ҷомӣ, Айнӣ ва Мирзо Турсунзода об мехўранд, дар заминаи ҳаёти нави халқи тоҷик нашъунамо меёбанд.

Лоиқ Шералӣ муаллифи як қатор китобҳои шеърист: «Сари сабз», «Нўшбод», «Соҳилҳо», «Илҳом», «Хоки Ватан», «Резаборон», «Марди роҳ», «Варақи санг», «Хонаи чашм» «Хонаи дил», «Офтобборон», «Дасти дуои модар», «Фарёди бефарёдрас» ва дигарҳо. Ин маҷмўаҳо на танҳо самти асосии рушду камоли эҷодиёти ўро муайян кардаанд, балки ба пояҳои ба-

ланди тараққиёти ғоявию эстетикӣ расидани назми тоҷикро низ нишон медиҳанд.

Устод Мирзо Турсунзода ҳар гоҳе, ки дар бораи назм сухан ронад, аз эҷодиёти Лоиқ бо ифтихор ва ғамхорӣ ҳарф мезад. Шоири маъруфи рус Николай Тихонов дар бораи Лоиқ чунин навиштааст:

«Вақте ки Лоиқ Шералӣ дар бораи ҳаёт гап мезанад, ӯ каломи образноки содда, вале эътимодбахш ва сермаъно дарёфт мекунад:

То ном физоӣ, нафси худро кам кун,
Одамгарӣ кун, вале бо одам кун.
Мегуфт даравгаре ба ман вақти дарав:
Чун хӯшаи гандум ба замин сар хам кун.

Дар онҳо ҳисси бузурги эҳтиром нисбат ба тамоми воқеаҳои ҳақиқии ҳаёт ва баробари ҳамин хурсандии саршоре аз рӯзгор арзи вуҷуд мекунанд».

Аксарияти шеърҳои Лоиқ аз лиҳози мундариҷа ва шакл асари нави санъат мебошанд. Чӣ тавре обу хоки Ватан ба ҷисму ҷон қувваю қудрат ва рӯҳи тоза мебахшанд, кас ашъори Лоиқро низ мутолиа карда ҳаловат мебарад, рӯҳи худро мусаффо мекунад ва ба зиндагӣ, ба халқу Ватан сахту маҳкам дил мебандад.

Лоиқ Шералӣ 30-юми июни соли 2000-ум дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

Мавзӯи Ватан дар назми Лоиқ Шералӣ ҷои асосиро ишғол мекунад. Вақте ки шоир дар бораи Ватан гап мезанад, мурғи илҳомаш баланд парвоз мекунад. Аммо ҳар парранда лонае дорад. Лонаи мурғи Лоиқ Тоҷикистон аст:

Ёрон ҳама ҷо вале, Ватан дар як ҷост,
Ҳар санги Ватан мисоли ҳайкал зебост.
Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман,
Модар яктост, Тоҷикистон яктост.

Лоиқ Тоҷикистонро Ватани худ медонад, ба назари ӯ ҳар санги он мисоли ҳайкал зебо менамояд. Ба-

рои мо бошад, Ўзбекистони соҳибистиқлол Модар — Ватани ягона аст.

Шоири тоҷик Мирсаид Миршакар чунин навишта буд: «Росташро гўям, барои ман ибтидои Ватани бузургам аз он деҳаи хурде сар мешавад, ки дар он ҷо нахустин бор чашм ба дунё кушода, гап задан, роҳ гаштан, ба кўча баромада бо ҳамсолонам бозӣ кардан, хубро аз бад фарқ кардан, бо ғаму шодии дўстонам шарик будан, дўст доштан ва бад диданро ёд гирифта будам». Лоиқ Шералӣ ҳам дар шеърҳояш кўшиш намудааст, ки Ватани хурду конкрети худро, ки он ҷо ба дунё омада камол ёфтааст, дарёбаду шиносад. Ба ақидаи ў Ватан аз чизҳои хурд, аз гавҳораю шири поки модар, аз остонаю боми хонаи падар оғоз меёбад. Аз ин рў, Ватан боиси беҳбудию беҳрўзӣ, дилҷамъию озодӣ ва хушбахтию ободии мост:

## ВАТАН САР МЕШАВАД АЗ ГАҲВОРА

Ватан сар мешавад аз гаҳвора
Зи шири поку аз пистони модар.
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар.
Ватан беҳбудию беҳрўзии мост,
Ватан хушномию фирўзии мост.

Ватан сар мешавад з-огарди деҳқон,
Зи «майдо» — ҳои хирманбодгарҳо
Ватан сар мешавад аз бурдаи нон,
Ки мо хўрдем аз хони падарҳо.
Ватан — дилҷамъию озодии мост,
Ватан — хушбахтию ободии мост.

Ватан сар мешавад з-он остоне,
Ки бар дунёи равшан по ниҳодем.
Ватан сар мешавад з-он пардабоме,
Ки парвозӣ шудему пар кушодем.
Ватан — имрўзи мо, ояндаи мост,
Паноҳи мурдаи мо, зиндаи мост.

## ШУКР ГӮЯМ...

Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама ширину талх,
Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама неку бадаш.
Шукр гӯям қисматамро бо ҳар он чӣ ҳасту нест,
Шукр гӯям бахтро бо омаду ноомадаш.

Шукр гӯям ҳар дарахтеро, ки бошад дубара,
Шукр гӯям ҳар ниҳолеро, ки навгонӣ диҳад.
Шукр гӯям ҳар сабоҳеро, ки хуршед аз уфуқ
Пайки рӯзи нав зи бахши умри инсонӣ диҳад.

Шукр гӯям ҳар нафасро ҳамчу нақди зиндагӣ,
Ки бувад пайваста бо халқу Ватан чун ҷону тан.
Ин Ватан бе ман тавонад буд ҷовидон, вале
Ман натонам як нафас ҳам зинда бошам бе Ватан...

## НАСИҲАТИ МОДАР

Модарам мегуфт доим вақти хоб:
«Хоб кун, албатта, бо паҳлуи рост!
Он ҳама коре, ки ният мекунӣ,
Сар бикун бо қувваи бозуи рост.

Нонро доим ба дасти рост гир,
Пӯш аввал остини ростро,
Гар бибанди аҳд, дасти рост деҳ,
Дасти чап не хайр дорад, не бақо».

Хурд будам, бехабар будам ҳанӯз:
Фарқ байни дасти чапу рост чист
Хоб кардан, сер будан муддао,
Муддао дар дасти чапу рост нест.

Баъд фаҳмидам, муроди модарам
З-ин насиҳатҳош дигар будааст:
Бо чунин панду насиҳатҳо ба ман
Ростиро тарбият бинмудааст.

## АЗ РУБОИЁТ

То ном физоӣ, нафси худро кам кун,
Одамгарӣ кун, валек бо одам кун.
Мегуфт даравгаре ба ман вақти дарав:
Чун хӯшаи гандум ба замин сар хам кун.

* * *

Ҳайф аст, агар умр шикоре бошад
Озод зи дарду доғу оре бошад.
Дар пайраҳаи ҳаёт по мондани мо
Айб аст, агар қадамшуморӣ бошад.

* * *

Машъал бишавед дар шаби зулмонӣ,
Сӯзед, ки олам бишавад нуронӣ.
Бар як худи хуршед гарон аст охир
Бар олами беканор нурафшонӣ...

* * *

Хушбахт касе, ки ном бар ном орад,
Дар иди Ватан ҷону дил инъом орад.
Монандаи кӯлвори қосид ҳар субҳ
Холӣ шаваду ба халқ пайғом орад.

* * *

Дар қасри ҳаёт санги бунёдам ман,
Як кӯдаки хушноми ҷаҳонзодам ман.
Торих ба пуштораи ман сарборӣ,
Фарзанди тамоми одамизодам ман!

* * *

Ин субҳ давоми шоми чун зиндон аст,
Ин ханда нишони дидаи гирён аст.
Ҳар чизи наве, ки ҳозирон ёфтаем,
Гумкардаи рафтагони пурармон аст.

### Савол ва супоришот:

1. Дар бораи зиндагиномаи Лоиқ Шералӣ маълумот диҳед.
2. Дар бораи назми ватандӯстонаи шоир нақл кунед.
3. Барои чӣ Лоиқ Шералӣ оғози Ватанро аз гаҳвора ва шири поки модар ҳисоб мекунад?
4. Шеърҳоро аз ёд кунед.



# ЎЗБЕКИСТОН ДАР ЭҶОДИЁТИ

## АБДУЛЛО ОРИФОВ

*Шоирам ман, гар намедонӣ, бидон,*
*Нест чун сози дигарҳо сози ман.*
*Ҳар куҷое бишнавӣ оҳанги он*
*Мерасад бар гӯши ту овози ман.*

Шоири соҳибистеъдоди ӯзбек Абдулло Орифов 21 марти соли 1941 дар ноҳияи Косони вилояти Қашқадарё таваллуд шудааст. Ӯ муаллифи китобҳои зиёди шеърист, ки ба забонҳои гуногун ба табъ расидаанд.

Назми дилкаши А.Орифов моломоли эҳсосот ва андешаҳои фалсафианд. Дар зери қалами ӯ каломи бадеӣ тозагӣ ва назокат пайдо кардааст. Матни шеърии Гимни Республикаи Ӯзбекистон ба ӯ мансуб аст.

Абдулло Орифов лауреати Мукофоти давлатии Ӯзбекистон ба номи Ҳамза мебошад. Ба шарофати истиқлоли Ватанамон ӯ ба унвони Қаҳрамони Ӯзбекистон мушарраф гардидааст.

Дар ашъори шоир мавзӯи Ватан мавқеи ҷудогонаро соҳиб аст. Дар ин гуна шеърҳо ӯ бо дард сухан мегӯяд. Дарди шоир - дарди Ватан, дарди халқ, дарди имрӯзу фардои инсоният мебошад. Аз ин рӯ, ашъори ӯ ба дил сахт таъсир мебахшанд, ҳиссиёту тафаккурро ба шӯр меоваранд. Хонандаро водор мекунанд, ки ба зиндагӣ амиқтар назар кунад, қарзу масъулияти худро пеши халқу Ватан беҳтару бештар дарк намояд. Чунончи, қаҳрамони лирикии шеъри «Сози ман» баҳри ҳифзи кишвару халқи худ ба ҷоннисоркунӣ тайёр аст. Шеъри ӯ ҳамеша баҳри тавсифи Ватан бо муҳаббат суруда

мешавад. Ин аст, ки барояш Ватан ҳамчун Модар муқаддасу азиз мебошад:

Лозим ояд, ман ба амри қалби худ
Меравам бар ҳифзи халқу кишварам.
Баҳри шӯҳрат ман намесозам талош,
Баҳри ному қадри худ бахшам сарам.
Аз дурӯғу ғайбату макру фиреб
Мекашам худро канор, эй дӯстон.
Шеъри худро мегузорам ман баланд
Бар ҳама пастии он ноодамон.
Баҳри тавсифи Ватан-Модар мудом
Бо муҳаббат месароям шеъри худ...

Дар ашъори шоир образи Ватан, модар ва фарзандон аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Ин се тан, дар назми ӯ яке дигареро пурра мекунанд ва боиси равшану возеҳ ифода ёфтани мақсаду мароми шоир мегарданд. Ба ҳамин маънӣ, ӯ дар шеъри «Ният» чунин навиштааст:

Зиндагӣ ҳамчу қалби инсон аст,
Ки ғаму шодиро намояд ҷо.
Умри худро ба даҳр бе Ватанам
Ман тасаввур намекунам асло...

Ҳеҷ шодӣ барои ман набувад,
Ба ҷуз он хуррамӣ, ки аз Ватан аст.
Бахти бегонаро намехоҳам,
Бо Ватан тавъам умру бахти ман аст.

Абдулло Орифов дар шеърҳои ба Ӯзбекистон ва халқҳои он бахшидааш дӯстию бародариро самимона ба қалам гирифтааст. Ба ақидаи шоир, бузургии ин кишвар дар иттиҳоду якдилии мардуми меҳнатдӯсти он аст. Чунончи, дар шеъри зерин ӯ дӯстию бародарии халқҳои тоҷику ӯзбекро ин тавр ба қалам гирифтааст:

Ёру бародар аз азал, ӯзбеку тоҷик,
Чун шоҳбайти як ғазал, ӯзбеку тоҷик,

Ҳайрони он рафоқатам, ҷӯям ба он қиёс,
Авло бувад он аз асал, ӯзбеку тоҷик.
Бахте бувад Навоиро то Ҷомӣ барҳаёт,
Ҳамрешаанд аз он маҳал ӯзбеку тоҷик...
Як тарфи марза ӯзбеку як тарф тоҷик аст,
Часпад ба кор аз ҳамал ӯзбеку тоҷик.
Ман матлабе дорам фақат: эй кош то абад,
Як маънӣ ёбанд аз масал, ӯзбеку тоҷик.

*(Тарҷумаи Ҷонибек)*

Дар манзумаи «Ӯзбекистон» шоир ғояи олии ватандӯстиро тараннум намуда, рӯҳи матини халқ ва азму иродаи оҳанинро дар роҳи ободию осудаҳолии Ватани азизамон ва минбаъд ҳам баланд гаштани обрӯю эътибори он васф менамояд. Шоир дар бораи дирӯз ва имрӯзи кишвар, сарнавишти фарзандони вай бо камоли тамкин ва андеша сухан меронад, бо чунин ҳиссиёт ҳарф мезанад, ки гӯё захмҳои диёри азизамон аз дили ӯ гузашта бошанд.Ба ҳамин маънӣ, дар шеър ҷасорати маънавии Берунӣ, Темур, Улуғбек, Навоӣ, Ҳамид Олимҷон, Ғафур Ғулом, Ойбек ва дигар фарзандони асили халқ бо эҳтиром ба забон гирифта мешавад. Дар бандҳои манзума, ки мисли занҷир пайвастаанд, қаҳрамони лирикӣ бо меҳри бепоён ва садоқати фарзандона нисбат ба Ватан ва рӯҳи гузаштагони фидокори худ сухан карда, ба қадри нону намаки халқу Ватан мерасад. Ин аст, ки дар он алоқаи мустаҳками наслҳо, силсилаи афкору эҳсос ва қарзу масъулият ягонагии тамом пайдо кардааст.

## ӮЗБЕКИСТОН

Шеър мегӯям ба номат, кишварам,
Ҳастӣ бемонанд баҳрам ҷовидон.
Шоирон бинмуда тавсифи Ватан,
Шӯҳраташ созанд боло дар ҷаҳон.
Шеъри онҳо мебарорад болу пар,
Мекунад парвоз бар кунҷу канор.
Гарчи ҳамчун достони нотамом,

Менамоӣ дар назар, зебо диёр,
Лек оҷиз монд, дар васфат қалам.
Ўзбекистон, эй диёри дилкашам!
Нест ҳаргиз дар сарам ёди биҳишт,
Ман наҷўям ҳеҷ гаҳ боғи Ирам.
Ёвагўӣ баҳри ман бегона аст,
Кай Мусалло гўяму ронам қалам.
Гашта мафтуни баҳори пургулат
Васфи ту устод Олимҷон намуд.
Бо суруду достонҳои Ғулом
Шўҳрати ту боз ҳам боло бишуд.
Ному таърихи ту бошад ҷовидон,
Ўзбекистон, эй диёри дилситон!

Ҳар гаҳе бигзаштаат орам ба ёд,
Мешавад бар чашм дирўзат падид.
Аз гузаштат ман насозам ифтихор,
Мерасад бар хотирам даври шадид.
Зоти бадзоте ба забти Осиё
Омаду даъвои тоҷу тахт кард.
Ними оламро гирифту халқро
Бо ҷаҳондории худ бадбахт кард.
Ман намехонам варо таърихи худ
Ўзбекистон, эй диёри хушнамуд!

Гар равад аз рафтагони ман сухан,
Ёд орам ҳар якеро бо сипос.
Розҳои ахтарон ифшо шуданд
Оқибат дар ҷадвали ахтаршинос.
Лек бо шамшери қотил канда шуд
Як сар аз тан, ҳамчу хуршед аз само.
Ашки чашмони Улуғбек ин замон
Медиҳад монанди ахтарҳо ҷило.
Дорӣ ту фарзандҳои номдор,
Ўзбекистон, эй диёри меҳрбор!

Асрҳо чун корвонҳо бигзаранд,
Карда зебоию нуқси худ аён.

Наслҳои гашта сарсон бигзаранд
Бо фироқи зодгоҳи меҳрубон.
Дар диёри сеҳрдори Амрико
Ҳолиё Колумб андар хоб буд,
Лек Берунӣ, чароғи ақли вай,
Бурд ўро сўи мақсадҳои худ,
Ҳиссаи ту буд дар Колумб ҳам,
Ўзбекистон, эй диёри мўҳташам!

Дид агар олам ҷаҳонгири зиёд,
Роҳи онҳо сўи қабристон бишуд.
Аз миёни шоирон, эй дўстон,
Аз ҷаҳонгирон вале афзун набуд.
Шоире бо шеър панҷ асри расо
Мекунад тасхир қалби одамон.
Темур ар бо теғи худ нагрифта буд
Бо қалам бигирифт Алишер он макон.

Масти овози ҳазорат шуд ҷаҳон,
Ўзбекистон, эй диёри бехазон!

Ёд кардам ман бузургонро вале,
Баҳри онҳо ҳам бузургон будаанд.
Халқи ман, ҳастӣ ту дар олам бузург,
Бо ту ҳастам пуртавону сарбаланд.
Он ту будӣ, ки ба фарзандони худ
Нони худро додию кардӣ калон.
Рўйи дўши худ гирифтӣ, халқи ман,
Бори онҳоро, ки меомад гарон.
Халқи ман, гардида бар ман ҷону тан,
Ўзбекистонам шудӣ Модар-Ватан!

Аз сарат бигзашт даври бешумор,
Давраи ислом ҳам шуд пушти сар.
Нокасу нодон ба хокат по ниҳод
То кунад, халқи туро зеру забар.
Чингизи хунхор хунатро бирехт,
Хост, то гардӣ ту беному нишон.

Лек гаштӣ чун саманди бодпо
Дур кардӣ садди худро ҷовидон.
Чун саманди бодпо мепарварам,
Ўзбекистони азизам, кишварам!

Зиндагӣ дар сарнавиштат будааст,
Гоҳ хун хўрдию гоҳ хўрдӣ шароб.
Он қадар буданд бадхоҳони ту
Он қадар карданд баҳрат инқилоб.
Чораҳо меҷустӣ дар майдони ҷанг,
Рафта дуди оҳи сардат то само.
Хуни сурхи мурда фарзандони ту,
Кард алвонӣ шабони тираро.
Баҳри ту хун хўрдаам ман ҳам басо
Ўзбекистон, эй диёри босафо!

Лек олам лаҳзае ором нест,
Сулҳу меҳнат ҷангҷўро душман аст.
Карда ноором, бо тиру туфанг
Душмани бадхоҳи ту омад ба шаст.
Лаҳзае Собир Раҳим афтода буд,
Назди Дантсиг хуни ман ҳам рехт, рехт.
Эй Ватан, фарзанди ту буд ҷонфидо,
Хоки душманро ниҳоят бехт, бехт.
Аз ту бошад шўҳрати ман, шони ман.
Ўзбекистон, кишвари рахшони ман!

Шомгоҳи тирамоҳ дидам яке
Аз паси тиреза мекардӣ суроғ.
Он ту будӣ, кишвари деҳқони ман,
Синаатро мекушодӣ ту фарох,
Гуфтӣ, - бингар, боз борон мезанад,
Пахта дар саҳро вале ночида аст.
Баҳри имдодат ҳамехондӣ маро
Эҳтиёҷе доштӣ ҳоло ба даст.
Рафтию бурдӣ зи ман сабру қарор,
Ўзбекистон, эй диёри зарнисор!

Рафта ҳамчун офтоби пурзиё,
Бар сари Фарғона гардӣ нурбор.
Ё ки ту гулхан фурӯзон мекунӣ
Ҳамчу чӯпонҳо ба тори кӯҳсор.
Субҳдам бо нурҳои хештан
Ё чу Ойбек менависӣ достон.
Ё ки ту монанди Абдулло Ҳабиб
Мекушоӣ аз дили ҳар кӯҳ кон.
Хокат аз зар, маъдани ту беҳисоб,
Ӯзбекистон, эй диёри офтоб!

Чун ту ҳастӣ кишвари ман, баркамол,
Ман заволатро набинам дар ҷаҳон.
Фатҳу нусрат доимо ёри ту бод.
Дӯстонро бош ёри меҳрубон.
Рафта доим бо бародарҳои худ
Асрҳо пояндаву ҷовид мон.
Аз барои нек фарзандони худ
Ҷовидон чун манзили уммед мон.
Гул кунад бо номи ту эҷоди ман,
Ӯзбекистон, кишвари озоди ман!

*(Тарҷумаи Саидалӣ Маъмур)*

**Савол ва супоришот:**

1. Дар бораи зиндагиномаи шоир маълумот диҳед.
2. Дар шеъри «Ӯзбекистон» кадом давраҳои тараққиёти кишвар тасвир ёфтаанд?
3. Дар бораи бузургии кишвар, ки тасвираш дар шеър омад, нақл кунед.
4. Дар бораи имрӯзи Ӯзбекистони соҳибистиқлол маълумот диҳед.
5. Дар шеър кадом воқеаҳои замони гузаштаи таърихӣ ва номи бузургон ба забон гирифта шудааст? Дар бораи онҳо маълумот диҳед.
6. Аз шеър бандҳои ба худатон маъқулро интихоб намуда, аз ёд кунед.



# МЕҲРИ ВАТАН АЗ НИГОҲИ

# РАСУЛ ҒАМЗАТОВ

Адиби барҷастаи авар Расул Ғамзатов соли 1923 дар авули Садаи ноҳияи Хунзах ба дунё омадааст. Маълумоти нахустинро аз падараш — Шоири халқии Доғистон Ғамзат Садаса гирифтааст. Ӯ соли 1940 омӯзишгоҳи педагогиро хатм намуда, аввал муаллими синфҳои ибтидоӣ, сипас ба сифати артист дар театри аварӣ кор мекунад. Баъд ба Институти адабиёти ба номи А.М.Горкии Иттифоқи нависандагони шӯравӣ дохил шуда, онро соли 1950 бо баҳои аъло хатм менамояд. Худи ҳамон сол дар синни 26-солагиаш барои асари «Соли таваллудам» сазовори лауреати Мукофоти давлатӣ мегардад.

Расул Ғамзатов эҷодиёти худро аз шеърнависӣ оғоз кардааст. Нахустин шеърҳои ватандӯстонаи ӯ дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон навишта шудаанд. Минбаъд асарҳои ӯ «Хоки Ватан», «Суруди кӯҳ» дастраси хонандагони авар гардида, аз оянда дурахшони ӯ дарак додаанд. Маҳорати ӯ сол аз сол сайқал ёфта, ба камол мерасид. Достонҳои «Гуфтугӯ бо падар», «Дили ман дар кӯҳсор», «Духтари кӯҳсор» ба шоир шӯҳрат оварданд. Китоби шеърҳои ӯ «Ситораҳои дур» мақому истеъдоди ӯро ба олам овоза мекунад. Асарҳои минбаъдааш «Мактубҳо», «Зарима», «Ситора бо ситора роз гӯяд», «Доғистони ман» гувоҳи завқи баланд ва табъи сеҳрангези ӯ буда, мӯниси дарду шодии хонандагон мебошанд.

Расул Ғамзатов соли 2003 дар синни 80-солагӣ вафот кардааст.

Расул Ғамзатов адиби ҷаҳондида буд. Ӯ ба мамлакатҳои зиёде сафар карда, бо ҳаёт ва адабиёти халқҳои гуногуни он аз наздик шинос шудааст. Аммо сарзамини тоҷикон ва адабиёти оламшумули ин халқ дар олами рӯҳии ӯ нақшӣ босазо гузоштааст. Ӯ дилбастаи панду ҳикматҳои Саъдӣ, афкори ватандӯстонаи Фирдавсӣ, фалсафаи Хайём, ишқияҳои Низомӣ, ғазалҳои сеҳрангези Ҳофиз буд...

Дар эҷодиёти дилписанди Расул Ғамзатов мавзӯи меҳри халқу Ватан ҷои асосиро ишғол мекунад. Ин аст, ки дар офаридаҳояш муҳаббати бепоён ва муқаддаси ӯ нисбат ба зодгоҳи азизаш басо самимию ботаровт тасвир шудааст. Ҳамин меҳри халқу Ватан сарчашмаи илҳоми ӯ буд.

## ДОҒИСТОНИ МАН

*(Порчае аз китоб, ихтисоран)*

Ба авули Сада омадаму мактуби падарам, ки аввалин бор Москваро дида, ба мо навишта буд, ба ёдам расид. Пай бурдан душвор буд, ки падар дар мактубаш ҷиддӣ гап мезанад ё шӯхӣ мекунад. Ӯ аз дидани Москва ҳайрон шуда, менавишт:

«Ба назар чунин мерасад, ки дар ин ҷо, дар Москва, ба оташдон алав намемонанд, хӯрок намепазанд, чунки ман ба девори хонаашон таппакчаспонии занҳоро намебинам, аз болои боми хонаҳо телпаки Абӯтолиб барин печида баромадани дудро намебинам. Дар болои бом кулӯхкӯб ҳам намебинам. Надидам, ки москвагиҳо дар болои бомашон алаф хушк кунанд. Охир, онҳо алаф хушк накунанд, ба говашон чӣ мехӯронанд? Ягон занро надидам, ки як банд хас ё алафро пуштора карда рафта бошад. Ягон бор овози сурнай ё садои дафро нашунидам. Гӯё ки ҷавонҳои ин ҷо зан

намегиранд ва тўй намекунанд. Дар кўчаҳои ин шаҳри ғалатӣ ҳамин қадар гаштаму ягон сар гўсфанд надидам. Аҷабо, вақте ки ба остонаашон меҳмон қадам мемонад, ин москвагиҳо чӣ мекушанд? Ба пеши пои меҳмон гўсфанд накушанд, пас, бо чӣ пазироӣ мекунанд? Не, ман ин хел зиндагониро орзу намекунам. Ман дар авули худам Сада зиндагӣ кардан мехоҳам; он ҷо бо занам хинкали[1] серравғану сир фармуда, ишкамсерӣ хўрда метавонам...».

Падарам Москваро бо авули худаш муқоиса карда, бисёр камбудиҳои дигаре низ ёфтааст. Вақте ки ў ба девори хонаҳои Москва таппак начаспонидаанд мегуфт, албатта, шўхӣ мекард, аммо вақте ки авулчаи худро аз чунин шаҳри бузург авлотар мешуморид, шўхӣ намекард. Вай Садаро дўст медошт ва ба пойтахти ягон мамлакати дунё иваз намекард.

Садаи азизи ман! Инак, ман ба наздат аз он ҷаҳони беҳудуде, ки дар вақташ падарам «камбудиҳои» бисёри онро ёфта буд, омадам. Ман ин ҷаҳонро давр зада, бисёр чизҳои аҷибу ғариб дидам. Чизҳои зебо ончунин зиёд буданд, ки нигоҳам парешон мешуд ва намедонистам кадоми онҳоро тамошо кунам. Чашмам дам ба як қасри мўҳташам, дам ба қасри дигаре, дам ба як чеҳраи зебо, дам ба чеҳраи дигаре меафтод, вале медонистам, ки чизҳои медидагиам ҳар қадар зебо бошанд, фардо аз ин зеботарашро хоҳам дид... Медонӣ, ҷаҳон поён надорад.

Бигзор обидаҳои Ҳиндустон, аҳромҳои Миср, қасрҳои атиқаи Италия маро бубахшанд, бигзор роҳҳои пуршукўҳи мошингарди Америка, гулгаштҳои Париж, боғҳои Англия, кўҳсори Швейтсария маро бубахшанд, бигзор санамҳои Полша, Япония, Рим маро бубахшанд. — Ман шуморо бо ҳавас тамошо мекардам, аммо дилам ором буд ва агар ноором гар-

[1] *Хинкал* — як нав хўроки кафкозии мантумонанд, ки аз гўшту равғани гўсфанд ва сиру олуча мепазанд (Мутарҷим)

дад ҳам, на ба ҳадде, ки ҳалқам хушк шаваду сарам чарх занад.

Пас, чаро ҳозир ин ҳафтод бунаи дар кӯҳпояҳо паноҳ ёфтаро аз нав дида, дилам ба ҷунбиш омад, чунон ба ҷунбиш омад, ки қафаси синаам тангӣ кард, қабурғаҳоям ба дард омад, чашмонам сиёҳ рафт, сарам чарх зад, гӯё ки бемор ё маст бошам?

Наход, як авулчаи Доғистон аз Венетсия, Қоҳира ё Калкутта зеботар бошад? Наход, авардухтаре, ки як дарза ҳезум ба дӯш бо пайроҳаи деҳа қадам мезанад, аз духтари сарвқадди малламӯи скандинавӣ хушрӯтар бошад?

Сада! Ман дар киштзорҳои ту қадам мезанам ва шабнами саҳаргоҳӣ пойҳои шалпаргаштаи маро мешӯяд. Ман дасту рӯи худро ҳатто дар оби дарёчаҳои кӯҳӣ нашуста, дар оби чашма мешӯям. Мегӯянд, ки об нӯшӣ, аз чашма нӯш. Инчунин мегӯянд — падари ман ҳам мегуфт, — ки мард дар ду ҳолат ба зону менишинад: ҳангоми об нӯшидан аз чашмасор ва гул кандан аз гулзор. Сада, ту ҳамон чашмае ҳастӣ, ки ман пешат ба зону нишаста, лаб ба лабонат мениҳам ва ҳарисона аз оби ту нӯш мекунам.

Сангеро мебинам ва ба назарам дар рӯяш сояи тунуке менамояд. Ин соя манам, чунон ки сӣ сол пеш будам. Ба рӯи санг нишаста, гӯсфанд мечаронам. Дар сарам кулоҳи жӯлидамӯй, ба дастам калтаки дароз, пойҳоям чангу хоколуд.

Пайроҳаеро мебинам ва ба назарам дар рӯяш сояи тунуке менамояд. Ин соя ҳам манам, чунон ки сӣ сол пеш будам. Бо коре ба авули ҳамсоя мерафтам. Падарам фиристода буд.

Дар ҳар қадам худ бо худ, бо бачагии худ, бо баҳорону борон, бо гулистону хазони худ вомехӯрам.

Либосамро кашида, танамро ба таки обшор медорам. Об аз нӯки шах паридаву ҷаҳида, ҳазор бор пош мехӯрад ва боз мавҷҳои парешон ба ҳам омада, бар китфони ман, бар дастони ман, бар сари ман мерезад

ва боз пош мехӯрад. Души меҳмонхонаи «Қасри шоҳ»-и Париж дар пеши обшорҳои ширгуни кишвари ман бозичаи ночизи пластмассӣ асту бас.

Обе, ки аз дарёчаи кӯҳӣ ҷараён гирифта, ба қабати сангҳо мефароyад, рӯзи дароз дар ин ҷо гарм мешавад. Ваннаи нилгуни меҳмонхонаи «Метропол»-и Лондон дар пеши ваннаҳои кӯҳии ман табақчаи ночизест.

Оре, дар шаҳрҳои калон пиёда қадам зада гаштанро дӯст медорам. Аммо баъди панҷ-шаш сайругашти дуру дароз шаҳр ба назарам шинос менамояд ва шавқи тамошояш дар дилам кам мешавад.

Инак, ҳазорум бор аст, ки дар тангкӯчаҳои авули худам қадам мезанаму аз дидораш сер намешавам, хаёлам, ки беист қадам занам.

**...Аз дафтарчаи хотирот.** Боре дар Париж ман як рассоми доғистониро дучор кардам. Пас аз инқилоб дере нагузашта ӯ ба Италия хонданӣ рафта, он ҷо зани итолиёнӣ гирифта, ба ватанаш барнагаштааст. Ин доғистонии ба гиру мони кӯҳистон омӯхташуда ба ватани наваш бо душворӣ одат мекунад. Ӯ тамоми рӯи заминро чарх мезанад, дар шаҳрҳои зебои мамлакатҳои бисёр иқомат мекунад, аммо куҷое равад, ғусса ҳамроҳаш. Хостам ин ғуссаи ӯро, ки бо рангҳо акс ёфтааст, бинам. Бинобар ин хоҳиш намудам, ки расмҳои кашидаи худро нишон диҳад.

Як сураташ «Ёди Ватан» ном дорад. Дар сураташ зани итолиёнӣ (ҳамон зани худаш), ки дар бар либоси қадимаи аварӣ дорад, тасвир ёфтааст. Зан дар лаби чашма, ба даст кӯзаи миси зарробони машҳури готсатлинӣ нишастааст. Дар нишебии кӯҳ авули хонаҳош сангини аварӣ бо рангҳои ҳузновар тасвир шудааст, кӯҳҳо сархам. Куллаҳои кӯҳҳои туманпӯш.

— Туман — ашки кӯҳсор, — гуфт рассом, — ҳангоме ки нишебии кӯҳҳоро туман мепечонад, аз ожанги ҷабини шахҳо донаҳои шаффофи об ҷорӣ мешавад. Ин туман — манам.

Дар сурати дигар паррандаеро дидам, ки бар шохи олуи кӯҳӣ нишастааст. Олу дар миёни сангистон рӯидааст. Парранда хониш дорад, кӯҳистонизане аз тирезаи хона ба ин парранда бо чашми ҳасрат менигарад. Рассом дид, ки ба расмаш бо рағбат менигарам, чунин шарҳ дод:

— Ин расм аз рӯи афсонаи қадимии аварӣ.

— Кадом афсона?

— Ҳамон, ки паррандаро дошта, ба қафас меандозанд. Парранда дар банд афтода, шабу рӯз ватан, ватан... мегӯяд. Худи ман барин... Соҳиби парранда андеша мекунад: «Чӣ хел бошад ватанаш, куҷо бошад он? Шояд, ватанаш як мамлакати хурраму зебое бошад, ки он ҷо дарахтони биҳишт дар шукуфтану мурғони ҷаннат дар хонишанд. Биё, ин паррандаро озод бикунам ва бубинам, куҷо парвоз мекунад. Вай ба ман роҳи он мамлакати афсонавиро нишон хоҳад дод». Бо ҳамин андеша даричаи қафасро мекушояд, парранда мебарояд ва тақрибан даҳ қадам дуртар, ба шохи олуи кӯҳӣ, ки миёни сангистон мерӯид, рафта мешинад. Лонаи ӯ дар шохи ҳамин олуи кӯҳӣ будааст... Ба ватани худ ман ҳам аз тирезаи қафаси худ менигарам.

— Чаро гашта намеравед?

— Дер шуд. Дар вақташ аз ватанам дили ҷавони пурҳарорате оварда будам, оё метавонам, акнун ба ҷои он устухонҳои фартути худро бибарам?

Аз Париж баргаштам ва хешутабори он рассомро ҷуста ёфтам. Ҳайрате доштам, ки модараш ҳанӯз зинда аст. Хешутабор ҳикояти маро дар ҳаққи фарзанди ғарибашон, ки тарки ватан карда, диёри азизи худро ба сарзамини бегонае иваз намудааст, бо дили пурҳасрат гӯш мекарданд. Аммо, ба назарам, онҳо аз гуноҳаш гузашта буданд ва ба ҳар ҳол зинда будани ӯро шунида, шодӣ мекарданд. Баногоҳ модараш пурсид:

— Ба аварӣ гап задед?

— Не, ба воситаи тарҷумон. Ман ба русӣ, писаратон ба франсавӣ.

Модар рӯяшро бо рӯмоли сиёҳ пӯшонд, чунон ки ҳангоми шунидани марги писар мепӯшонанд. Болои бом борон меборид. Мо дар Аваристон менишастем. Дар гӯшаи дигари дунё, дар Париж, ҳам шояд, он фарзанди ноқобили Доғистон садои бориши боронро гӯш мекард. Пас аз хомӯшии дуру дарозе модар гуфт:

— Ту ғалат кардӣ, Расул, писари ман кайҳо мурдааст. Вай писари ман не, писари ман забони ман, забони модари авар ёддодаро фаромӯш намекард.

**... Охирин чизе ки дар боби мавзӯъ гуфтаниям.** Мавзӯе ҳаст монанди ибодат, ҳар қадар такрор шавад, ҳамон қадар бақадртар, олитар ва бойтар мегардад. Мавзӯъ мисли ибодат аст, мавзӯъ мисли ватан аст.

Вақте ки кӯдакро барои ягон шӯхиаш танбеҳ доданӣ мешаванд, мувофиқи одати кӯҳистони мо ба ҳама ҷояш шатта задан мумкин, аммо ба рӯяш не. Рӯи одам дахлнопазир аст ва ин чиз барои ҳар як кӯҳистонӣ амри қонунро дорад.

Доғистон — ту рӯи ман астӣ. Ман иҷозат намедиҳам, ки ба ту даст расонанд.

Мардуми кӯҳистон дар ҷанҷолу манша басе пурсабранд. Вале ин ҳол то ба ҳадде давом мекунад, ки суханони бад ба худи маншакунандагон тааллуқ дорад. Мабодо, бо сухани нохости бемулоҳизае ба шарафи модар ё хоҳар дахолат карда шавад, он гоҳ ханҷар ба кор меравад.

Доғистон — ту бароям модарӣ. Касе, ки бо ман ҷанҷол карданӣ мешавад, бигзор инро ба хотир дошта бошад. Ба ҳаққи худам чӣ қадар гапи сахт бошад, тоқат мекунам. Аммо ба Доғистони ман нарасед.

Доғистон — муҳаббату савганди ман, таманною ибодати ман. Мавзӯи умдаи ҳамаи китобҳоям, тамоми ҳаётам фақат тӯӣ, Доғистон.

Баъзан хоҳиш мекунанд, ки фақат аз ҳаёти имрӯзаи ту, яъне аз колхозу совхозҳо, сардорони бригадаву звеноҳо, китобхонаву театрҳо, аз корнамоиҳои меҳнатиат нақл намоям.

Ман на аз ину на аз он, на аз гузаштаву на аз имрўзи ту ҳикоят карда метавонам. Барои ман фақат як Доғистон вуҷуд дорад, ки умри ҳазорсола дидааст. Гузаштаву имрўзаву ояндаи он бароям як аст. Ман онро ба замонҳои гуногун ҷудо карда наметавонам.

Таърихи кишвару мамлакатҳои дигар на фақат ба хуни одамон, инчунин бо рангу қалам ба рўи қоғаз кайҳо сабт гаштааст. Таърихи он кишвару мамлакатҳоро на танҳо аскарону сипаҳсолорон, инчунин нависандагону муаррихон иншо намудаанд. Таърихи Доғистонро бо шамшер сабт кардаанд. Фақат асри бист ба дасти Доғистон қалам ҳам дод.

Доғистон, ман аз паи ҷангҳои қадими ту гузар кардам, корзорҳои бешумори туро, ки пури устухонҳои фарзандонанд, рафта дидам. Бигзор гандумзору ҷуворимакказори колхозӣ барои ин корам аз ман наранҷанд. Охир, ҳангоме ки ман дар шеърҳоям Доғистони имрўзаро тасвир менамоям, замони гузашта маро таъна намезанад. Вақте аз сафари мамлакатҳои дури хориҷӣ бармегардам, ҳамдиёрони кўҳистониам ба гирдам ҳалқа зада, аз дидаву шунидаҳоям пурсон мешаванд. Онҳо давра гирифта мешинанд ва ба ҳикоятҳои ман гўш медиҳанд. Ман дар бораи Франсия, Ҳиндустон, Япония, Туркия нақл мекунам ва тамоми ҳикоятҳоям фақат ба се соат мерасад. Баъзе се соат риштаи сўҳбат худ аз худ, ноаён ба Доғистон гузашта меравад. Ман ба одамони кўҳистон дар бораи Доғистон ҳикоят мекунам ва онҳо ба гапҳои ман гўш медиҳанд, гўё ки ин ҳамаро бори аввал мешунида бошанд. Ва ҳол он ки худи онҳо Доғистониянд.

*(Тарҷумаи Абдулло Зокир)*

**Савол ва супоришот:**

1. Барои чӣ падари нависанда авули худ Садаро ба Москва иваз намекунад? Мазмун ва моҳияти мактуби ўро шарҳ диҳед.
2. Андешаҳои нависандаро оиди зодгоҳи азизаш маънидод намоед.

3. Чаро рассоми доғистонии мусофир бештар манзараҳои зодгоҳаш, сару либоси миллии авариро дар расмҳои худ тасвир мекард?
4. Барои чӣ рассом худро ба туман ва боз ба паррандаҳои қафасӣ монанд кардааст?
5. Чаро модари рассом ба аломати мотам рўяшро бо рўймоли сиёҳ пўшонид?
6. Барои чӣ нависанда Доғистонро ба рўи худ монанд кардааст?
7. Чаро нависанда Доғистонро ба модар ташбеҳ додааст? Мулоҳизаҳои ўро дар бораи зодгоҳаш шарҳ диҳед.
8. Дар бораи меҳри зодгоҳи хеш нақл кунед.

## Назарияи адабиёт

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҚАҲРАМОНИ АСАРИ БАДЕӢ

Дар илми адабиётшиносии ҳозира иштироккунандаи марказии воқеаҳои асари бадеиро, ки ҳусни таваҷҷўҳи нависанда ба онҳо нигаронида шудаасту идеалҳои пешқадами ўро ифода менамоянд, қаҳрамон мегўянд. Масалан, Ҳасан аз достони «Ҳасани аробакаш»-и М.Турсунзода, Фирўза аз романи «Духтари оташ»-и Ҷ.Икромӣ, Виркан аз қиссаи «Ривояти суғдӣ»-и С. Улуғзода ва ҳоказо. Ин гуна иштироккунандагони асосӣ дар инкишофи воқеа таъсири босазое расонда, хислатҳояшон ҳарҷониба тасвир шуда, ба хонанда ахлоқи ҳамида ва равиши неки кору зиндагиро ёд медиҳанд.

Дар маркази шеъри лирикӣ бошад, образи худи шоир меистад, ки он дар симои «ман»-и шоир намоён мегардад. Дар «ман» ё образи шоир на танҳо рўзгор, эҳсосу андеша, ғаму шодӣ, орзуву армонҳои шахси шоир, балки умуман, мардуми ҳамзамони ў ё гурўҳи муайяни онҳо таҷассуми худро меёбад. Ба ин маънӣ «ман»-и шоир ё «ман»-и лирикӣ дар айни замон «мо»-

и умум, яъне тамоми мардум ё қисме аз онҳо буда, дар зиндагии ӯ рӯзгори одамони дигар низ инъикос шудааст. Эҳсосу андеша ва ғаму шодии ӯ эҳсосу андеша ва ғаму шодии умумии одамонро ифода менамояд. Аз ин рӯ, маълум мешавад, ки шоир дар шеъри худ аз номи «ман»-и худ сухан ронад ҳам, аз доираи зиндагӣ ва эҳсосу андешаҳои шахсии худаш берун рафта, ба он умумият мебахшад ва ба баёнгари дарду ғам ва орзуву армонҳои мардум табдил меёбад.

Агар «ман»-и шоир дар ҷараёни ин умумигардонӣ дар худаш хислатҳои олии инсонӣ, андешаю кирдорҳои оличанобонаеро, ки барои мардум намунаи ибрат шуда метавонанд, муҷассам сохта бошад, ба дараҷаи қаҳрамони лирикӣ мерасад. Ба ин маънӣ қаҳрамони лирикии шеър на танҳо аз шахси шоир, балки аз образи ӯ низ баландтар меистад. Вай бо хислату характери оличаноб, рафтору кирдори ибратбахш ва сифатҳои олии инсонии худ ба хонандагон таъсири гуворо мебахшад, барои онҳо намунаи ибрат мегардад. Қаҳрамон номида шудани ӯ бинобар ҳамин аст. Ӯро барои он қаҳрамони лирикӣ мегӯянд, ки дар шеъри лирикӣ, дар образи «ман»-и шоир намоён мегардад. Ва аз ҳамин рӯ аз қаҳрамони асарҳои бадеии эпикӣ чун ҳикояву қисса ва достону романҳо, ки ба тасвири воқеаву ҳодисаҳо асос меёбанд, фарқ мекунад.

**Савол ва супоришот:**

1. Қаҳрамони асаи ри бадеӣ гуфта чиро мегӯянд?
2. Оиди «ман»-и шоир маълумот диҳед.
3. Аз асарҳои хондагиатон қаҳрамони онро муайян карда, бо ҳамсабақонатон муҳокима кунед.

## ДОНИШ ТАЛАБУ БУЗУРГӢ ОМӮЗ

Одамон аз замонҳои хеле қадим ба дониш, ки онро ба забони арабӣ илм мегӯянд, эҳтиёҷ пайдо карда буданд. Онҳо авлод ба авлод донишҳои худро торафт афзун мегардонданд, онҳоро ба шакли китоб дароварда ё дар хотир нигоҳ дошта андӯхта меомаданд, то наслҳои оянда аз он истифода намоянд. Чаро ки беҳбуди зиндагӣ, пешрафти ақлӣ ва фарҳангии одамон, тараққиёти кишвар вобаста ба илму дониш аст. Одам ба воситаи аз худ кардани илму донишҳо ҳам донову хирадманд ва бофарҳанг мешавад, ҳам роҳи дурусти зиндагиро пайдо карда, ба мақсаду орзуҳои худ мерасад, ҳам ба ривоҷу равнақи ватанаш ҳиссаи сазовор гузошта метавонад. Тараққиёт ва ободонии ҳар мамлакат ба хирадманду соҳибмаърифат будани шаҳрвандони он мамлакат алоқаманд аст.

Маълум мешавад, ки дониш на фақат аҳамияти назарӣ дорад, яъне барои фаҳмидани моҳияти воқеияти атроф ёрӣ мерасонад, балки инчунин ба аҳамияти бузурги амалӣ ҳам соҳиб аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки дониш барои зиндагӣ кардани одам, бартараф намудани монеаҳои он ёрӣ мерасонад, мушкилоти ӯро осон мегардонад.

Аз ҳамин сабаб ҳар як халқе, ки ба давраи тараққиёти фарҳангии худ қадам гузоштааст, дар адабиёти он васфи донишу хирад оғоз гардидааст, аҳли илму адаби он ба қадри донишу фарҳанг расида дар ситоиши он асарҳо офаридаанд. Дар адабиёти тоҷик низ ҳанӯз аз давраҳои қадими он ситоиши донишу хирад ва нишон додани аҳамияти он мавқеи калон пайдо

карда, дар ин мавзӯъ китобҳои зиёди донишномаю хираднома̣ҳо ба вуҷуд омада буданд. Ин мавзӯъ дар асри X дар адабиёти нави забони дарӣ-форсии тоҷик хеле қувват гирифт. Дар ин давр халқи тоҷик ба давраи муҳими таърихи худ қадам гузошта буд. Дар сарзамини паҳноварри Хуросону Мовароуннаҳр давлати пурзӯр ва марказиятёфтаи тоҷикии Сомониён ба вуҷуд омада, барои ривоҷу равнақи иқтисод ва фарҳанг шароити зарурӣ пайдо шуд. Хусусан илму адабиёт ба пояи баланди тараққиёт расид. Баробари равнақи адабиёт ва ба майдон омадани шоиру нависандагони бисёре илму фан низ ба дараҷаи мислаш дида нашуда инкишоф ёфт. Олимони зиёде дар соҳаҳои гуногуни илм фаъолият доштанд. Чанде аз онҳо, монанди Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Муҳаммади Хоразмӣ дар тамоми олам машҳур шудаанд.

Асри X давраи бедории на танҳо фарҳангӣ ва адабӣ, балки илмии мардуми тоҷик аст. Дар натиҷаи ҳамин бедорӣ аҳли илму маърифат ба ҳаёт, ба муҳит ва оламе, ки инсонро иҳота кардааст, бо назари кунҷковона ва чашми ақл нигоҳ карда, моҳияти зиндагиро донистан, ҳақиқати олами вуҷудро шинохтан мехостанд. Аз ҳамин сабаб ҳама ташнаи илму дониш ва ба омӯхтани он ҳарис буданд. Шавқу ҳавас ба илм, мароқ ба донистану шинохтани ҳақиқати олам ба адабиёт низ таъсири бобаракат гузошта, фикри шоиронро ба ҷунбиш овард. Ин аст, ки шоирон ба дунё олимона назар карда, дар бораи он бештар андешаҳои фалсафӣ рондаанд. Аз ҷумла, Рӯдакӣ гузашта аз шеърҳои зиёди ҳакимонаи худ оид ба дунё, ҳатто дар шеъри тарҷимаиҳолии «Шикоят аз пирӣ» доир ба табдилу тағйирёбандагии олам ва зиндагии инсон муҳокимаҳои илмӣ-фалсафӣ кардааст. Умуман, дар адабиёти ин давр мавзӯи ҳикмату фалсафа мавқеи зиёд дорад. Бисёр шоирони ин давр дар шеърҳои худ мисли ҳаким (донишманд) сухан рондаанд. Он-

ҳоро шоирони ҳаким номидан мумкин аст. Баъзе аз онҳо, монанди Шаҳиди Балхӣ аслан олимони файласуф буда, асарҳои илмӣ-фалсафӣ низ таълиф карда будаанд.

Бо вуҷуди ин таъсири намоёнтари инкишофи илму маърифат ба адабиёт ҳамоно ривоҷи мавзӯи ситоиши илму дониш ва васфи ақлу хиради инсон аст. Дар назми ин давр бузургдошти донишу хирад, баланд бардоштани қадру эътибори аҳли он хеле боло гирифтааст. Шоирон дар шеърҳои худ дар бораи аҳамияти донишу хирад, мақоми олии одами донишманд дар байни мардум ва аз ин рӯ зарурати аз худ кардани илмҳо гарму ҷӯшон сухан рондаанд. Дар осори боқимондаи адабиёти ин давр меҳру муҳаббати бепоён нисбат ба донишу маърифат, тарғибу ташвиқи боҳарорати он зиёд дида мешавад.

Мавзӯи васф ва тарғиби илму дониш дар назм ба таври махсуси шоирона, бо обуранги бадеӣ гузориш ёфтааст. Ин ҳол сухани шоиронро дар бораи аҳамияти ин фазилати маънавии инсон таъсирбахш, аёнӣ, дилнишин ва зебо гардондааст. Шоирон дар талқини ин фазилати маънавии инсон аз қувваи сухани бадеӣ ба таври самарабахш истифода кардаанд. Онҳо бузургӣ ва иқтидори илму донишро бо забони образноки шоирона нишон додаанд, аҳамияти онро барои инсон ба шакли барҷаста, аёнӣ ва боварибахш талқин намудаанд. Барои мисол ин шеъри устод Рӯдакиро дар бораи ақлу хиради инсон аз назар мегузаронем:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ,
Киштие соз, то бад – он гузарӣ.

Шоир гуфтааст, ки ба дунё ба чашми оддии дар пешона буда не, балки бо чашми махсуси ақлу хирад нигоҳ кардан лозим аст. Шоир чашми оддии инсонро барои шинохтани дунё, фаҳмидани моҳият ва ҳақиқати

он басанда ҳисоб намекунад. Чашми оддӣ, агар соҳиби он хирад ва дониш надошта бошад, чизу ҳодисаҳои дунёро фақат мебинаду аммо аз таҳлили онҳо, фаҳмидани моҳият ва сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳо оҷиз мемонад. Чашми оддӣ фақат аз шинохтани моҳияту сабаб ва қонунияти ҳодисаҳои олам оҷиз нест. Вай дар зиндагии муқаррарии ҳаррӯзаи одам ҳам бе кӯмаки ақлу хирад ҳақро аз ноҳақ, дурустро аз нодуруст, нағзро аз бад фарқ карда наметавонад. Чашми одами бехирад ва нохонда аслан бино нест, нобиноии ӯ ақлӣ ва маънавӣ аст. Зеро ӯ чашми хирад надорад, ки қадри ҳар касро шиносад, арзиши ҳақиқии ҳар чизро донад, чигунагии ҳодисаҳои рӯзгорро фаҳмад. Ба назари ӯ ҳатто бисёр вақт одами аслан хуб бад менамояд ё баръакс, каси бад хуб намоён мешавад. Барои одами нохонда ва бехирад ин бадбахтии калон аст. Чунин одам аз чашми хирад, аз чашме, ки ниҳони чизу ҳодисаҳо ва одамиро дида метавонад, маҳрум аст. Ӯ фақат зоҳир (берун)-и чизу ҳодисаҳоро мебинаду аммо ботин (дарун)-и онҳоро дида наметавонад. Бинобар ин вай маънишинос, ҳақиқатбин буда наметавонад. Ба ин нукта устод Абӯабдулло Рӯдакӣ низ ишора карда навиштааст, ки одам чашми зоҳирбин дораду чашми ниҳонбин; чашми оддии зоҳирбин барои дидани дунё хидмат мекунад, вале чашми ниҳонбин ниҳон (ботин)-и дунё, яъне маънӣ ва моҳияти онро мебинад. Бинобар ин одам бояд чизу ҳодисаҳои дунёро мушоҳида карда, вале дидани ниҳони он, аниқтараш фаҳмидани маънӣ ва моҳияти онҳоро ба ихтиёри чашми ниҳонии худ гузорад:

> Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
> Ки чашми сари ту набинад ниҳон.
> Бад-ин ошкорат бубин ошкор,
> Ниҳонитро бар ниҳонӣ гумор.

Эътибор диҳед, устод Рӯдакӣ чашми хиради инсониро чашми ниҳонӣ ҳам гуфтааст. Ин чунин маънӣ

дорад, ки чашми ниҳонӣ ноаён ва дида нашаванда аст, чунки вай ҷисмонӣ набуда, балки ақлӣ ва рӯҳонӣ аст. Агарчи он ба назар ноаён аст, аммо афзалтар ва болотар аз чашми оддии ҷисмонӣ (чашми сар) мебошад. Мақоми ин чашми ниҳонии ақлӣ дар пешрафт ва камолоти маънавии инсон хеле бузург аст. Вай ҳар чӣ қадар равшан ва бино бошад, одам ҳамон андоза бохирад, ҳушманд, аз ҷиҳати маънавӣ бой ва тавоно мегардад. Тараққиёти фикрӣ, ба камолоти маънавӣ расидани одам ва инсони комил гардидани ӯ ба воситаи ҳамин чашми хирад муяссар мегардад. Касе, ки чашми хирад надорад, ба камолоти маънавӣ, ки ҷавҳари зоти шарифи инсон ҳисоб мешавад, расида натавониста, дар зинаи пасти инсоният мемонад.

Инсон ба воситаи чашми хиради худ моҳияту ҳақиқати дунё ва чизу ҳодисаҳои онро на танҳо мебинаду мефаҳмад, балки аз ин ӯро ҳиссиёти хуши қаноатмандӣ фаро мегирад, хурсандӣ даст медиҳад. Дарвоқеъ, шинохтан ва фаҳмидани аслу моҳияти ҳар чиз бо чашми хирад, ба таги ҳодисаҳо назар карда, сабаб ва решаҳои онҳоро барои худ ва дигарон ошкор намудан ба кас ҳаловат ва лаззати маънавӣ мебахшад.

Бахти инсон дар он аст, ки барои расидан ба ҳақиқатҳо ва ҳосил намудани ҳаловати рӯҳӣ ба пайдо кардани чашми хирад имконият дорад. Чунин имконият барои ҳар кас мавҷуд аст. Чаро ки чашми хирад баръакси чашми оддии ҷисмонӣ як чизи модарзод ва худодод набуда, балки бо саъю кӯшиши худи одам ба даст дароварда мешавад. Ду чашми сари одам табиӣ ва сириштианд, вале чашми ниҳонии ақлонии ӯ касбӣ, яъне ҳосилшаванда аст. Азбаски одам ин чашми ниҳонии ақлу хирадашро бо хоҳишу иродаи худаш пайдо карда метавонад, пас ӯ барои расидан ба камолоти маънавӣ ва дараҷаи инсони комил, одами соҳибмаърифат ва фарҳангӣ шудан имкон дорад. Комёб бод касе, ки аз ин имконият истифода мекунад.

Устод Рӯдакӣ аҳамият ва манфиати бузурги илму донишро барои инсон бо образҳои барҷастаи шоирона нишон додааст. Аз ҷумла, шеъри зерини ӯ хеле машҳур аст, ки дар он дониш чароғи равшани дили инсон сифат шудааст:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Донишро равшангари дили инсон тасвир намудани шоир маънии васеъ дорад. Дониш дили инсонро шоду хурсанд мекунад, ба вай дар иҷрои корҳо ва расидан ба мақсад боварӣ, қатъият ва тавоноӣ мебахшад, дили ӯро мекушояд, андешаи ӯро нек, фикрашро равшан менамояд, нияту андешаашро пок месозад ва ғайра. Дарҳақиқат, дониш ба ҳамаи инҳо қодир аст. Манфиати он ба одам ҳартарафа аст. Аз бар кардани он одамро на танҳо оқилу доно мекунад, балки ба ӯ қуввати рӯҳӣ мебахшад, фикрашро кушода, ба он болу пар медиҳад.

Дониш роҳи зиндагии одамро низ мисли чароғ равшан менамояд. Касе, ки соҳиби чароғи дониш аст, дар зиндагӣ дарнамемонад, аз душворӣ ва монеаҳои роҳи он натарсида мегузарад, пастию баландиҳои онро ба осонӣ тай мекунад. Зеро чароғи дониш роҳи ӯро равшан намуда, ӯро аз лағжидану афтодан ва калавиданҳо нигоҳ медорад. Бо чароғи дониш қадамҳои одам дар роҳи зиндагӣ бардаму устувор ва қатъӣ аст. Ба воситаи омӯхтани донишҳо одам худро аз ҳар гуна бадиҳо нигоҳ дошта, роҳи халосиро аз офату балоҳо пайдо карда метавонад. Рӯдакӣ дар байти боло одамро аз бадӣ ва зиёну офатҳо дар амон доштани донишро

ба тани худро бо пӯшидани ҷавшан (либоси ҷангии оҳанӣ) аз зарбаю ҷароҳатҳои душман нигоҳ доштани ҷанговар монанд кардааст, ки ташбеҳи муносиб ва хеле барҷаста аст.

## Ҳикматҳо оиди омӯзиш

Омӯзгори ҳушманд бояд беш аз он чӣ ба дигарон меомӯзад, ҳар рӯз бар дониши худ бияфзояд.

* * *

Баъзе аз гувоҳинома қаноат мекунанд ва аз касби дониш даст мекашанд, ғофил аз он ки дониш ба як поя намемонад ва агар ҳар рӯз бар он наяфзоянд, пайваста аз он мекоҳад.

* * *

Ҳамчунон ки бадан ҳар рӯз эҳтиёҷ ба варзиш дорад, рӯҳ низ ҳар соат мӯҳтоҷ ба ёд овардан ва ёд додан аст.

### Савол ва супоришот:

1. Чаро одам ба илми дониш эҳтиёҷ дорад?
2. Аҳамияти назарии донишро чӣ хел мефаҳмед?
3. Аҳамияти амалии дониш дар чист?
4. Дар бораи вобастагии дараҷаи тараққиёти ҳар мамлакат бо савияи дониш ва фарҳанги мардуми он фикри худатонро баён намоед.
5. Ба кадом сабабҳо илму фанни тоҷик дар асри X ба пояи баланди тараққиёт расида буд?
6. Олимони бузурги асри X-ро номбар кунед.
7. Ба кадом сабаб бисёр шоирони асри X-ро ҳаким меноманд?
8. Ба тарзи бадеӣ анҷом гирифтани васфи илму донишро дар эҷодиёти шоирон чӣ хел мефаҳмед?
9. «Чашми хирад» чӣ хел чашм аст? Аҳамияти онро дар шинохтани ҳақиқати чизу ҳодисаҳои зиндагӣ баён намоед.
10. Чашми зоҳирбин кадом асту чашми ниҳонбин кадом?
11. Байтҳои дар ситоиши дониш гуфтаи Рӯдакиро аз ёд кунед.



## МАНФИАТИ ДОНИШУ ХИРАД АЗ НАЗАРИ

# АБӮШАКУРИ БАЛХӢ

Абӯшакури Балхӣ аз шоирони намоёни асри X аст, ки ҳаёт ва фаъолияти адабиаш асосан дар Бухоро, пойтахти давлати Сомониён ва маркази илмию адабии он давр ҷараён доштааст. Соли таваллуд ва вафоти ӯ маълум нест. Вале тахмин кардан мумкин аст, ки ӯ ҳамзамони устод Рӯдакӣ буда, асосан дар нимаи дуюми асри X эҷод кардааст. Гуфтан мумкин аст, ки Абӯшакур аввал дар зодгоҳи худ шаҳри Балх таҳсили илму адаб карда ва ба майдони адабиёт дохил шуда, сонӣ ба мақсади нашъунамои эҷодии худ ба маркази адабии Бухоро омадааст. Дар ин ҷо вай ба қатори шоирони дарбори подшоҳони Сомонӣ даромада, ба онҳо ҳамчун шоир хидмат кардааст ва ба пояи яке аз сухансароёни номдори замони худ тараққӣ карда расидааст. Аммо афсӯс, ки осори адабии Абӯшакур, чун осори дигар шоиру нависандагони он давраҳои қадим то ба замони мо омада нарасидааст. Аз асарҳои шоир фақат порчаву байтҳои ҷудогонае дар манбаъҳои адабӣ боқӣ мондаанд. Бештарини ин порчаву байтҳо ба асари калон ва хеле муҳими шоир маснавии «Офариннома» мансуб мебошад. Худи Абӯшакур таърихи таълифи ин асарашро дар як байташ соли 333 ҳиҷрӣ (944 мелодӣ) нишон додааст. Аз ин асар 300 байт боқӣ мондааст. Аммо ин байтҳо мазмунан яклухт ва бо якдигар алоқаманд набуда, ба боб ва фаслҳои гуногуни асар дахл доранд.

Бо вуҷуди парокандагӣ ва бо мазмуни худ бо ҳамдигар беалоқа будани байтҳои боқимондаи «Офариннома» маснавии ахлоқӣ, яъне асари пандомӯзона будани он равшан маълум мешавад. Ин маснавии ах-

локӣ, ки зоҳиран ба кадом як шоҳ ё шоҳзодаи Сомонӣ бахшида шудааст, масъалаҳои муҳими ахлоқро дар бар гирифта, ба тарбияи ахлоқию маънавии инсон нигаронида шудааст. Як қатор порчаҳои шеърӣ дар ситоиши хирад ва хирадмандӣ, ки дар поён мазмуни онҳо таҳлил ва равшан карда мешаванд, аз ҳамин масъалаҳои муҳими ахлоқии асар ба шумор меравад.

Мавзӯи ситоиши хирад ва дониш дар маснавии «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ мавқеи калон дорад. Ин мавзӯъ аз ҷумла дар як қатор порчаҳои дубайтии аз ин асар боқӣ монда, ки ҳар яке бо ибораи «хирадманд гӯяд» сар мешавад, гузориш ёфтааст. Абӯшакур дар ин порчаҳои маснавии худ бузургии хирад ва аҳамияти онро барои инсон ба таври махсус, бо образҳои бадеии ба худ хос фаҳмонда додааст. Вай аз забони одами хирадманд мегӯяд, ки хирадро бар ҳамаи одамон— чӣ бар хосу чӣ бар ом— подшоҳ ва ҳукмраво бояд донист. Чаро ки ҳама бо амру фармони он бояд кор кунанд, ба он итоат намоянд. Пас, дар вуҷуди одам чизи аз ҳама муҳим ва асосӣ ақлу хирад аст. Фақат ақлу хирад рафтору кирдори одамро назорат карда метавонад, ӯро ба роҳи дуруст равона месозад. Бинобар ин ҳар кас ба амру фармони ӯ гӯш кунад, бо маслиҳати ӯ амал намояд, он гоҳ ҳамаи корҳояш табъи дил мешавад, ба хоҳишу орзуҳои худ мерасад. Монанди ҳамин шоир хирадро бар вуҷуди одам низ подшоҳ тасаввур намуда, тани одамро лашкар ва орзуҳои ӯро чокари фармонбардори подшоҳ ҳисоб мекунад. Ин чунин маънӣ дорад, ки тани одам, майлу хоҳиш ва орзую ҳавасҳои моддии ӯ низ бояд пурра дар итоат ва зери назорати ақлу хирад бошанд. Агар дар кишвари вуҷуди одам хирад подшоҳӣ ва фармонфармоӣ накунад, тан ва ҳавасҳои моддии ӯ мисли лашкари бесардор аз назорат ва итоат берун шуда, иштиҳои онҳо низ боло мегирад, ки дар натиҷа кас ба роҳи бад меравад, ба ҳар навъ бадкориҳо, ҷиноятҳо даст мезанад:

Хирадманд гӯяд: хирад подшост,
Ки бар хосу бар ом фармонравост.
Хирадро тани одамӣ лашкар аст,
Ҳама шаҳвату ози ӯ чокар аст.

Шоир дар порчаи дигар низ муқоисаи хирад-подшоҳро давом медиҳад. Ин бор ӯ хирадро, бинобар некхоҳу маслиҳатгари одам будани он подшоҳи ба халқи худ меҳрубон ва ғамхор сифат менамояд. Ва дар ҳамон ҷо хирадро боз шубон (чӯпон)-е ҳисоб мекунад, ки нигаҳбонии рама ва ҳимояи онро аз ҳуҷуми гургҳо дар ӯҳда дорад. Дар ин муқоиса тамсили рама чисту гург кадом аст, — фаҳмидан душвор нест. Рама-ин одам, гург-аз як тараф айбу иллатҳои ахлоқии худи одам ва аз тарафи дигар ҳама гуна офату балоҳоест, ки ба ӯ таҳдид менамоянд:

Хирадманд гӯяд: ман аз ҳар гурӯҳ
Хирадмандро беш дидам шукӯҳ.
Хирад подшоҳе бувад меҳрубон,
Бувад дар рама гургро чун шубон.

Дар ин гуфтори хирадманд боз як бартарии хирадманд аз одамони дигар нишон дода шудаст: хирадманд дар байни тамоми мардум, дар байни тамоми гурӯҳу тоифаҳои он одами аз ҳама шукӯҳманд, яъне соҳиби мартабаи баландтарин мебошад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Абӯшакур калимаи «хирад»-ро пеш аз ҳама ба маънии дониш ва «хирадманд»-ро ба маънии донишманд фаҳмида ва истифода кардааст. Воқеан ҳам дар гузашта, хусусан дар давраҳои қадим мартаба ва қадру эътибори одамони донишманд баланд буд. Онҳо гули сари сабади маҷлису нишастҳои ҳар тоифаи мардум буданд. Маҷлисҳои подшоҳон ва арбоби давлат низ бе иштироки онҳо намегузашт. Донишмандон бо ҳузур ва суханони пурмаънии худ ба маҷлисҳо нур мебахшиданд. Подшоҳон онҳоро иззату икром мекарданд, суханони онҳоро бо диққат мешуниданд, дар корҳои давлат-

дорӣ аз онҳо маслиҳат мепурсиданд. Онҳо ҳатто кӯшиш мекарданд, ки донишмандро ба вазирии худ кашанд, чунон ки подшоҳи Эрон Маҷдуддавлаи Дайламӣ вазорати худро ба ихтиёри донишманди бузурги ба мамлакати ӯ омада Абӯалӣ ибни Сино гузошта буд.

Бинобар ин Абӯшакур бузургӣ ва баландпоягии ҳақиқии одамро дар доноӣ ва хирадмандӣ дидааст. Шоир таъкид кардааст, ки доноӣ касро ба волоӣ (бартарӣ, баландӣ) мерасонад. Волоӣ гуфта, ӯ на мақому мансаби баланд ё давлатмандӣ, балки бузургии маънавии одами доноро мефаҳмад. На ҳар касе, ки воло шудааст, доно шумурдан мумкин аст. Каси нодон ва бедониш ҳам бо роҳҳои гуногун ба волоӣ расиданаш, яъне соҳиби мансаб, давлат ва обрӯю эътибор шуданаш мумкин аст. Аммо ин волоии ӯ аслӣ ва ҳақиқӣ набуда, балки зоҳирӣ аст. Одами доно бошад, зоҳиран воло набошад, яъне соҳиби мақому давлату сарват нашуда бошад ҳам, волои аслӣ ва ҳақиқӣ аст. Пас, ба волоии зоҳирии касони бедониш фирефта набояд шуд ва доноёни зоҳиран воло набударо ба чашми кам набояд дид. Зеро донои бедавлат аз нодони давлатманд аслан бартару болотар аст:

Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,
Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.
На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар аст он, ки донотар аст.

Ҳамин маънӣ, яъне танҳо ба воситаи дониву хирадмандӣ ба бузургии ҳақиқӣ расидани одам дар порчаи дигари дубайтии маснавии Абӯшакур ба тарзи дигар талқин шудааст. Дар он таъкид карда мешавад, ки «таъйиду фар» — шаъну шукӯҳ ва шавкатро одам ба воситаи дониш ба даст медарорад, на ба воситаи зарпулу мол ва давлат. Дурусттараш, ба кас молу давлат не, балки дониш бузургӣ бахш мекунад. Равшан аст, ки ин ҷо низ сухан дар бораи бузургии маънавӣ мера-

вад, ки гузаштагони мо онро бузургӣ ва волоии ҳақиқии инсон ҳисоб кардаанд. Калимаи «фар» аслан ба маънии партав ва нури бузург ва шаъну шавкатест, ки ба ақидаи пешиниён дар болои сари подшоҳон ба таври ноаёне ҷилвагар мешавад. Аммо шоир ин калимаро ба маънии васеътари нуру зиёи бузургии инсон кор фармудааст. Инак, ба ақидаи Абӯшакур, ба фарри бузургӣ ва нуру зиёи он бо зӯри молу зар соҳиб шудан мумкин нест. Онро фақат бо роҳи дониш пайдо кардан муяссар мегардад. Аз ин ҷо чунин маънӣ мегирем, ки фар ба подшоҳон ҳам бо роҳи ба тариқи меросӣ ба даст гирифтани тоҷу тахт не, балки ба воситаи омӯхтани илму донишҳо ҳосил мегардад. Подшоҳе, ки дониш ва маърифат надорад, соҳиби фар буда наметавонад, чӣ расад ба касе, ки соҳиби давлату ҷоҳе шудаасту вале дониш наандӯхтааст:

Хирадманд гӯяд, ки таъйиду фар
Ба дониш ба мардум расад, на ба зар.
Чу доно шавад марди бахшандакаф,
Мар ӯро расад бар ҳақиқат шараф.

Ба ҳукмдорон ва арбоби давлат нигаронида шудани сухани шоирро аз ҳамин ҳам пай бурдан мумкин аст, ки ӯ бузургию шарафи одамро на танҳо бо дониш, балки бо бахшандагӣ — хайру эҳсони ӯ низ вобаста кардааст. Аммо як худи хайру эҳсон барои пайдо кардани шаъну шараф басанда нест. Барои ба ин мартаба расидан боз доноӣ ва хирадмандӣ зарур аст. Агар ин ду фазилат — доноӣ ва бахшандагӣ дар шахси одам якҷоя шаванд, вай аз дигарон шараф пайдо карда метавонад.

Абӯшакур донишу хирадро на танҳо боиси бузургию шарафи аслии одам, балки поксози ахлоқи ӯ низ ҳисоб мекунад. Вай дар чунин ақида аст, ки чӣ андоза хиради одам бештар гардад, ҳамон андоза вай ба некию некӯкорӣ зиёдтар майл намуда, худро аз бадию бадкорӣ пок месозад.

**Савол ва супоришот:**

1. Чаро Абӯшакури Балхӣ хирадро бар вуҷуди одам подшоҳ ҳисоб кардааст?
2. Монандкунии хирад-чӯпон ва рама-одамро дар шеъри Абӯшакур маънидод кунед.
3. Бузургию шукӯҳи одами хирадмандро чӣ хел мефаҳмед?
4. Волоӣ (баландпояги) — и каси донишманд дар чист?
5. Абӯшакур бартарии одами донишмандро чӣ навъ маънидод мекунад?
6. Дониш чӣ навъ ахлоқи одамро поксозӣ менамояд?
7. Порчаҳои шеърии дар таърифи хирад ва хирадманд гуфтаи Абӯшакурро аз ёд кунед.

## Назарияи адабиёт

### МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МАСНАВӢ

***Дар адабиёти мумтози тоҷик асари калонҳаҷми ба шакли назм навишта шударо, ки ҳар байти он қофияи ҷудогона дошта, ҳар ду мисраи байтҳо бо ҳамдигар ҳамқофия мебошанд, маснавӣ меномиданд.*** Тариқаи қофиябандии маснавӣ *аа, бб, вв, гг* ва монанди инҳо аст.

Маснавӣ бо ин тариқаи қофиябандӣ, инчунин бузургии ҳаҷм ва вазни худ айнан ба достон монанд аст. Бинобар ин достонро низ баъзан маснавӣ меномиданд. Аммо маснавиро достон намегуфтанд. Дар ҳақиқат маснавӣ аз достон фарқ дорад. Достон гуфта, асари манзуми сужетдор, яъне ба тасвири воқеаву ҳодисаҳои муайян бахшидашударо мефаҳмиданд. Маснавӣ бошад, бо вуҷуди аз ҷиҳати шакл, яъне ҳаҷму қофиябандиву вазн бо достон умумият доштанаш, асари бесужет аст ё дорои сужети ягона намебошад. Дар он одатан масъалаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ, динӣ ва ғайра мавриди баҳс ва андеша қарор дода мешаванд.

# СИТОИШИ ХИРАД ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Васфи хирадро шоири бузург Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ ба пояи баланд бардоштааст. Ин ҳол тасодуфӣ нест, бинобар он ки аввалан ин асари оламшумул фақат ҷангнома набуда, балки як асари бузурги панду ахлоқӣ низ ба шумор меравад. Дигар ин ки «Шоҳнома» давоми бевоситаи адабиёти асри X буда, Фирдавсӣ таълифи онро дар охирҳои ҳукмронии давлати Сомониён бахшида ба номи подшоҳи сулолаи мазкур оғоз карда буд. Дар адабиёти давраи Сомониён бошад, чунон ки пеш аз ин гуфта шуда буд, васфи донишу хирад аз мавзӯъҳои асосӣ ба шумор мерафт.

Мавқеи бузурги васфи хирад дар «Шоҳнома» аз ҳамин ҳам аён аст, ки асар бевосита бо боби муқаддимавии «Гуфтор андар ситоиши хирад» оғоз шудааст. Фирдавсӣ ситоиши хирадро «арҷи хирад» меномад, ки маъноят бузург доштан ва боло гузоштани мақоми хирад аст. Худи ҳамин нишон медиҳад, ки Фирдавсӣ дар асараш ба донишу хиради инсон эътибори махсус додааст. Дар ҳақиқат, вай хирадро аз тамоми чизҳое, ки худо ба одам додааст, беҳтарин ва арзандатарин ҳисоб мекунад. Фирдавсӣ хирадро на танҳо барои одам як чизи худодод ҳисоб мекунад, балки онро «нахустофариниш» — аввалин офаридаи худо дар олам медонад. Ин фикри ӯ мувофиқи фалсафаи динии офариниш аст, ки аз рӯи он худо пеш аз он ки инсонро офарад, нахуст ақл (хирад) — ро офарида буд.

Фирдавсӣ мартабаи хирадро барои инсон баробари ҷон медонад, онро бо ҷон қиёс менамояд. Пас чӣ қадаре ки ҷон барои одам азиз ва пурқимат бошад, хирад ҳам ҳамон қадар шариф ва арҷманд аст. Муқоиса ва баробар гузошта шудани хирад бо ҷон

дуруст аст. Чаро ки ҳар ду ҳам ҷиҳати рӯҳонии инсонро ташкил карда, барои ӯ аз ҳама асосӣ ва муҳим мебошанд. Шоир хирадро бо ҷон баробар гузошта истода, боз онро «чашми ҷон» ва «нигаҳбони ҷон» номидааст. Хирад на танҳо нигаҳбони ҷон, балки чашму гӯшу забони одам аст, ба ин маънӣ, ки ба воситаи «пос»-и сегона неку бади ҳастӣ ба одам роҳ меёбад: неку бадро чашм мебинад, гӯш мешунавад, забон мегӯяд. Хирад ин ҳар серо аз дидану шунидану гуфтани бад нигоҳ медорад ва танҳо ба қабули нек водор менамояд. Фирдавсӣ одамро бе хирад тасаввур карда наметавонад. Ӯ бехирадиро як навъи девонагӣ ва бехирадро аз қабили девонагон ҳисоб мекунад. Каси бехирад ба чашми одами хирадманд мисли девона аст, зеро ӯ аз беақлию бехирадӣ гуфтору кирдори худро насанҷида ва андеша накарда, гапи беҷо ва хатое мегӯяд, нодуруст рафтор мекунад, кори хомеро пеш мегирад, ки натиҷаи ҳамаи инҳо пушаймонист. Одами бехирад ҳамеша аз беандешагӣ ва кардаи хатои худ пушаймон аст, аммо бинобар он ки пушаймонии ӯ суд надорад, аз ислоҳнашаванда будани кори хатои худ, ба гуфти Фирдавсӣ, дилаш реш-реш аст. Одами хирадманд бошад, ҳама корҳои худро аз рӯи ақл санҷида, пухта андешида, баъд ба сомон мерасонад. Бинобар ин дар гуфтаю кардаи ӯ хато роҳ намеёбад ё кам роҳ меёбад. Хирадманд оқибатандеш мешавад, неку бади натиҷаи ин ё он кори пеш гирифтаи худро пешакӣ дониста, кӯшиш мекунад он корро тавре анҷом диҳад, ки натиҷааш хуб бошад. Дар ин кор ба вай ақлу хирадаш роҳ нишон медиҳад. Фирдавсӣ низ хирадро раҳнамои инсон дар зиндагӣ ҳисоб кардааст. Гузашта аз ин, шоир хирадро чун дастгир ва халоскори инсон дар ҳар ду «сарой» — дар ин ва дар он дунё сифат кардааст, ба ин маънӣ, ки одам бо дастгирӣ ва ёрии хирад дар ин дунё аз бадию бадкориҳо дур шуда, некию некӯкориро ихти-

ёр менамояд ва аз ҳамин роҳ ба хушбахтию саодати зиндагӣ мерасад, бо ҳамин роҳ вай аз гуноҳон пок шуда, осоиши зиндагии худро дар он дунё низ таъмин менамояд. Ҳамин хирад аст, ки одамро дар ҳар ду дунё арҷманд ва сарбаланд мегардонад. Боиси арҷмандии ҳақиқии одам будани хирад дар боло аз шарҳи гуфтаҳои Абӯшакури Балхӣ маълум шуда буд. Фирдавсӣ бошад, арҷмандию сарафрозии одамро дар он дунё низ ба туфайли хирад имконпазир медонад. Боиси арҷмандии хирадманд дар он дунё ҳамон кирдорҳои нек ва аз гуноҳон пок будани ӯ дар ин дунё аст. Баръакси ин, каси аз хирад дур («гусистахирад») дар ҳар ду дунё ҳам пояш дар банд аст, яъне дармонда ва сарриштаи корашро гум кардааст, оҷизу нотавон, сарафканда аст, зеро вай аз камхирадии худ ба роҳи хато рафтааст, надониста бадкориҳо содир кардааст ва аз ҳамин рӯ ба гуноҳ ғӯтида, худро дар банд (ҷазо)-и охират андохтааст. Бинобар ин Фирдавсӣ таъкид менамояд, ки агар одам хирадро дастури худ созаду аз рӯи он амал кунад, ҷонаш дар азоб намемонад, аз носазо — бадӣ дур мегардад.

Ҳамин тавр, Фирдавсӣ гуфтори худро дар ситоиши хирад аз андешаҳои фалсафию назариявӣ доир ба арҷмандии хирад оғоз карда, онро бо нишон додани аҳамияти амалии ин фазилати маънавии инсон ба анҷом расондааст. Фирдавсӣ дар охири фасли «Гуфтор андар ситоиши хирад»-и «Шоҳнома»-и худ ба тариқи насиҳат ба тарғиби донишомӯзӣ мепардозад. Бинобар даъвати шоир, аз рӯи маслиҳати одами доно дар роҳи зиндагӣ қадам задан, бо нишондоди ӯ амал кардан лозим аст. Инчунин кас аз ҳар донишу илме, ки сухан шунавад ё хабар ёбад, бояд ба омӯхтани он машғул гардад, то аз он баҳрае бардошта, дар зиндагӣ ба кор гирад.

Инак, матни «Гуфтор андар ситоиши хирад»-ро аз «Шоҳнома» меоварем:

Кунун, эй хирадманд, арҷи хирад
Бад-ин ҷойгаҳ гуфтан андархурад.[1]
Бигӯ то чӣ дорӣ, биёр аз хирад,
Ки гӯши ниюшанда[2] з-ӯ бар[3] хурад.
Хирад беҳтар аз ҳар чӣ эзид-т[4] дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод.[5]
Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой...
Чӣ гуфт он хирадманд марди хирад,
Ки доно зи гуфтори ӯ бар хӯрад:
Касе, к-ӯ хирадро надорад зи пеш,
Дилаш гардад аз кардаи хеш реш.
Ҳушивар[6] девона хонад варо,
Ҳамон хеш бегона хонад варо.
Аз рӯи ба ҳар ду сарой арҷманд,
Гусистахирад пой дорад ба банд.
Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ,
Ту бе чашм шодон ҷаҳон наспарӣ[7].
Нахустофариниш хирадро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они се пос[8].
Се поси ту гӯш асту чашму забон,
К-аз инат расад неку бад бегумон.
Хирадрову ҷонро кӣ ёрад сутуд?
В-агар ман ситоям[9], кӣ ёрад[10] шунуд?
Ҳакимо, чу кас нест, гуфтан чӣ суд?
Аз ин пас бигӯ, к-офариниш чӣ буд?
Туӣ кардаи кирдугори[11] ҷаҳон,
Шиносӣ ҳаме ошкору ниҳон.

---

[1] *Андархур* (дархур) — сазовор ва мувофиқ
[2] *Ниюшанда* — шунаванда
[3] *Бар* — баҳра, манфиат
[4] *Эзид* — худо
[5] *Дод* — адлу инсоф
[6] *Ҳушивар* — ҳушёр
[7] *Наспарӣ* — шакли инкори феъли сипардан-паймудан, тай кардан
[8] *Пос* — узвҳои сегона (гӯшу чашму забон)-и одам
[9] *Сутуд* — сутудан — таъриф ва ситоиш кардан
[10] *Ёрад* — аз феъли ёристан — тавонистан
[11] *Кирдугор* — худо

Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор.
Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,
Ба гетӣ[1] бипӯю[2] ба ҳар кас бигӯй.
Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Аз омӯхтан як замон нағнавӣ[3].
Чу дидор ёбӣ ба шохи сухун[4],
Бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун.[5]

* * *

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

* * *

Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

* * *

Бахилӣ макун ҳеҷ, агар мардумӣ,
Ҳамоно ки кам бошӣ аз одамӣ.

**Савол ва супоришот:**

1. Мавқеи калони ситоиши донишу хирад дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба кадом хусусияти асосии ин асар вобаста аст?
2. Фирдавсӣ хирадро ба кадом маънӣ «нахустофариниш» сифат кардааст?
3. Хирадро «чашми ҷон» ва «нигаҳбони ҷон» сифат кардани Фирдавсӣ чӣ маънӣ дорад?
4. Чаро Фирдавсӣ хирадро чашму гӯшу забони одам ҳисоб кардааст?
5. Фирдавсӣ дар кадом асос бехирадиро девонагӣ ҳисоб кардааст?
6. Ба кадом маънӣ Фирдавсӣ хирадро дар ду дунё дастгир ва халоскори одам ҳисоб кардааст?
7. Луғатҳои порчаи «Гуфтор андар ситоиши хирад»-и Фирдавсиро аз бар кунед.
8. Беҳтарин байтҳои порчаро аз ёд кунед.

---

[1] *Гетӣ* – дунё
[2] *Бипӯй* – аз пӯйидан – роҳ рафтан
[3] *Нағнавӣ* – шакли инкори «ғунудан» – хобидан, ором, фориғ будан
[4] *Сухун* – сухан
[5] *Бун* – охир

## ДОНИШОМӮЗӢ ДАР «КУЛОҲИ СЕҲРНОК»-И



# ХУДОЙБЕРДӢ ТӮХТАБОЕВ

Худойбердӣ Тӯхтабоев дар рушду камоли адабиёти муосири бачагонаи ӯзбек саҳми муносиб гузоштааст. Аз ин рӯ, инкишофи насри бачагонаю такомули жанри романи саргузаштии адабиёти имрӯзаи ӯзбекро бе эҷодиёти ин адиби соҳибистеъдод тасаввур намудан душвор аст.

Худойбердӣ Тӯхтабоев соли 1933 дар ноҳияи Ӯзбекистони вилояти Фарғона ба дунё омадааст. Давраи бачагию наврасии ӯ ба замони ҷанги ватании зидди фашизм рост меояд. Ҷанги хонумонсӯз ба тезтар камол ёфтани наврасон низ мусоидат намудааст: бачагон дар солҳои ҷанг дар шафати пиронсолону занон истода, корҳои вазнинро иҷро кардаанд. Худойбердӣ Тӯхтабоев ҳам офату кулфати ҷангро аз сар гузаронидааст. Вақте падарандараш барои хизмат ба баталони корӣ сафарбар мегардад, ӯ ҳамроҳи хоҳару додарони хурдсолаш бепарастор мемонад. Онҳо дар хонаи бачагон, дар оилаи одамони ношинос тарбия мегиранд.

Худойбердӣ Тӯхтабоев баъди хатми мактаби миёна барои таҳсил ба факултаи филологияи Университети давлатии Тошканд дохил шуда, онро бомуваффақият тамом кардааст. Майлу ҳаваси ӯ нисбати эҷоди бадеӣ дар ҳамон солҳои донишҷӯиаш пайдо шудаанд. Дертар аз навиштани шеър ба офаридани очерку ҳикояҳо мегузарад. Маҷмӯаи нахустини ҳикояҳояш бо номи «Ҷонсарак» («Шошқалоқ») соли 1961 дастраси хонандагон гардидааст. Минбаъд ӯ як силсила фелетон-

ҳо, ҳикояҳои ҳаҷвӣ, қиссаю романҳо менависад, ки дар онҳо ҳаёти бачагон хеле шавқовар тасвир шудааст. Романҳои «Ҷавонписаре, ки панҷ фарзанд дорад» («Беш болали йигитча»), «Деви зардро савор шуда...» («Сариқ девни миниб...»), «Мамлакати харбузаҳои шакарин» («Шакар қовунлар мамлакати»), «Чашмони ҳузнангез» («Мунгли кўзлар») шўҳрати ўро дар байни хонандагони сершумор таъмин намудаанд.

Қиссаи саргузаштии «Кулоҳи сеҳрнок»-и Х.Тўхтабоев асари шавқоваре мебошад, ки барои наврасон навишта шудааст. Қаҳрамони асосии он Ҳошимҷон ном писарбачаест. Вай на ҳаваси хондан дорад, на дар кори рўзгор дасти модарро сабук мекунад, хоҳарчаҳояшро, рафиқони ҳамсинну солашро озор медиҳад. Боре ба дасти ана ҳамин ландаҳури бепарвофалак кулоҳи афсонавии сеҳрнок меафтад, ки қодир аст ҳар як хоҳиши соҳибашро иҷро кунад. Ҳошимҷон дилпур буд, ки бо ёрии кулоҳи сеҳрнок ҳар мушкилаш осон мегардад, корномаҳо нишон медиҳад ва аз ин рў ба саёҳат мебарояд. Баъди он ки санҷишу саргузаштҳои хатарноку аҷиб ва хандаовару риққатомези бисёреро аз сар мегузаронад, ба хулоса меояд, ки одам бе меҳнат ва бе дониш ба чизе муваффақ намешавад ва бо исрор мегўяд: «Мехонам, бо шавқу ҳаваси тамом мехонам. Аввал синфи даҳумро бо баҳои аъло тамом мекунам, баъд институтро».

Ҳошимҷон ба осонӣ ба ин хулоса наомадааст. Ў дар аввал суханҳои муаллимони худро, ки бе илм ба даст наомадани муваффақиятҳоро таъкид менамуданд, инкор мекунад. Ў гумон мекунад, ки бе хондану донишомўзӣ ҳам соҳиби комёбиҳо гардидан мумкин аст. Бо ёрииии кулоҳи сеҳрнок гўё ба мақсади худ мерасад. Соҳиби дипломи агроном мегардад, ба инженерии сохтмон, шоирӣ, артистӣ даъвогар мешавад, аммо ҳамаи онҳо ҳузнангез поён мeёбанд. Барои рафторҳои ношоями худ сахт хиҷолат мегардад, дар вазъиятҳои ноҳинҷор мемонад. Ҳамаи ин «дарс»- ҳои зиндагӣ ўро

ба роҳи дуруст раҳнамун месозанд. Ӯ минбаъд бо кулоҳи сеҳрноки худ хайрухӯш намуда, ба оғӯши мактабу оилаи худ бармегардад, ҳамчун хонандаи пешқадам шинохта мешавад. Худойбердӣ Тӯхтабоев ҳамаи ин дигаргуниҳои маънавию рӯҳии қаҳрамони хурдсоли худро хеле таъсирбахш ба тасвир гирифтааст.

## КУЛОҲИ СЕҲРНОК

*(Бобҳо аз қисса)*

## КУҶОӢ ТУ, МАКТАБАМ?

Маро фиреб дода, ба кӯча ронданд, ҳа ҳамин тавр карданд. Набошад, дар театр кор пур буд. Ақаллан дар таги дар истода билет дарронам гӯям ҳам не гуфтанд. «Барои билетдарронӣ ҳам маълумот даркор» гуфтанд. Гапро бинед-а. Хонед, ёд гиред будааст! Чаро акнун мехондаам.

Истед, чаро кори ман ҳеҷ пеш намеравад? Агроном шудам - пеш карданд. Шоир шудам – номам ба бадӣ баромад. Инженер шудам – гурехта базӯр халос хӯрдам.

– Барои чӣ?

Сайёҳ мешавам гӯям Петров амаку Власов амак маро ҳамроҳ нагирифтанд, ҳатто ба худашон наздик шуданӣ намонданд. Артист шуда ному шӯҳрат пайдо карданӣ будам, нашуд.

– Барои чӣ?

Ҳой одамони роҳгузар, ҷавоб диҳед. Ҳой дарахтони азими қади роҳ, паррандагони баландпарвоз, мошинҳои тезрав, ҷавоб диҳед, аз шумо пурсида истодаам:

– Барои чӣ?

Не, аз ҳеҷ кас садо намебароянд. Ҳама хомӯш, бо кори худ банд.

Ба сафар баромаданам ин ҷониб бисёр чизҳоро дидам, шоҳиди аҷоиботи зиёде гардидам. Хурсандиҳо-

ро ҳам аз сар гузаронидам, хафагиҳоро ҳам. Вале ҳеҷ гоҳ ба мисли имрӯза хору маъюс нашуда будам. Дуруст аст, ки модарҷонамро ниҳоят пазмон шудам, хоҳаронам аз пеши назарам дур намераванд. Рафиқони ҳамсинфам Ортиқбои малламӯй, Шокирҷони дар вақти дарс хобаш бурда мемондагӣ – ҳама, ҳамаашонро ёд кардам, ҳамаашонро дидан мехоҳам. Аммо чӣ илоҷ? Нахонда агроном шуданӣ будам, барои ҳамин ҳам ба ҳамаи азобу машаққатҳо дандон ба дандон монда тоқат кардам, вале ба мақсад расида натавонистам, шарманда шудам.

– Барои чӣ?

Ҳунгосзанон гириста фиристодам. Гирён-гирён ба хонаам рафтаму сарамро ба кӯрпа печонда гирифта то оби чашмам хушк шудан гиристам.

– Кулоҳчаам, эй ҳамсафари вафодорам, эй маслиҳатгари ман! Канӣ, худат гӯ-чӣ, чаро ман ба ягон мақсадам нарасидам?

– Зеро ки ту илм надоштӣ, -ҷавоб медиҳад кулоҳчаам.

– Барои илмнок шудан бояд чӣ кор мекардам?

– Хонданат даркор буд...

– Чӣ?

– Ҳа, ҳа, ту бояд ба гапи муаллимат Қобилов ва директори ғамхорат Отаҷон Азизович гӯш медодӣ.

– Пас, ту маро беҳуда саргардон кардаву фиреб дода гашта будаӣ –дия?!

– Не, фиреб надодаам. Барои он ки ту хатои худро фаҳмӣ, ёрии аз дастам меомадаро дареғ надоштам. Гурусна монӣ, хӯрок ёфта додам, куртаат дарад, либоси нав муҳайё кардам. Фақат хостам, ки ту хатоятро фаҳмида гирӣ, – мегӯяд кулоҳчаам.

Боз ба фикр фурӯ меравам, боз гиря мекунам. Шояд хато карда бошам. Инро ҳозир худам ҳам пай бурда истодаам. Аммо аз хатои худро ба гардан гирифтан дида душвортар кор набудааст. Майлаш, дар бист дараҷа ҳавои хунук бо тани бараҳна ба об меда-

роям, дар биёбонҳои сӯзон як ҳафта бе об мегардам, агар хоҳед, аз ҳамин ҷо то Москва пои пиёда давида меравам, хоҳед, корҳои аз ин ҳам душвортарро фармоед, ҳамаашро бо ҷону дил иҷро мекунам. Аммо хатои худро ба гардан гирифтанам наомада истодааст. Рост, агар одам дар ҷавониаш илм наомӯзад, агроном ҳам, шоир ҳам, инженер ҳам, артист ҳам шуда наметавонистааст, ҳа наметавонистааст. Агар бовар накунед, мана кулоҳчаам аз ҳамин рӯз эътиборан холӣ, онро пӯшида то ба дилатон задан дунёро давр гашта метавонед...

Оҳиста аз ҷоям хеста дасту рӯ шустам, ишкамсерӣ хӯрок хӯрдам. Шикамат сер бошад, майнаат нағз кор мекунад мегуфтаанд, рост будааст. Шикамам сер шуду каллаам ҳам монанди мотори равған кардашуда ба кор даромада рафт. Дарҳол барои савғотӣ харидан ба сӯи магазинҳо давидам.

Вақтҳои дар қишлоқ буданам, баъди он ки аз дигарон рӯбардор кардани вазифаҳои хонагиро кашф кардам, китобҳои дарсиамро барои хотира ба рафиқонам тӯҳфа карда будам. Бинобар ҳамин ба панҷяки пули пасандоз намудаам ҷомадонро пур карда китобҳои дарсӣ ва 54 дона дафтари калон харидам.

Ба мӯи ҷингилаи хоҳарам Донохон лентаи сафед, ба Оишахон сумкаи чармини шашхонадор, ба модарам дурраи шоҳӣ ва ба падарам дастпӯшаки мӯина гирифтам. Муаллими мӯҳтарамам Қобилов ва директорамон Отаҷон Азизовичро ҳам, албатта, фаромӯш накардам. Ба яке авторучка ва ба дигаре гулдон харидам.

Чӣ хел карда ба поезд баромада монданамро худам ҳам намедонам. Хайр, эй шаҳри қадрдон! Шоирони кулоҳпӯш, артистони ба гап усто, бо шумо ҳам хайр, нағз монед! Саид ако, Саид акои меҳрубон, дар назди шумо ман қарздорам. Шумо дар рӯзҳои сахт сарамро сила кардед, аз пешгоҳи хонаатон ҷой додед, дар дилам нисбат ба касби инженерӣ майл пайдо

кунондед. Инженер мешавам, албатта, инженер. Мехонам, бо шавқу ҳаваси тамом мехонам. Аввал синфи даҳумро бо баҳои аъло тамом мекунам, баъд институтро. Ана сонӣ, ба наздатон бармегардам. Ҳоло ҳозир хайр, нағз монед!..

Ман ба сӯи деҳаи ҷоноҷонам, ба оғӯши гарми мактаби азизам равонам.

Аз поезд фаромадаму ҷомадонро бардошта, саросема роҳи деҳаамонро пеш гирифтам. Ба як ҳисоб, ҳама масъалаҳо ҳал шуд, фақат як муаммо монду халос. Ин ҳам бошад, масъалаи кулоҳча. Намедонам онро чӣ кор кунам. Гирифта рафтан гирам гӯям, боз сеҳргар мешавам гуфта метарсам. Барои ба кӯча танҳо партофта рафтан, рости гап, дилам намешавад. Беҳтараш, аз куҷое, ки ёфта гирифта бошам, боз ба ҳамон ҷо бурда мепартоям гуфта қарор додаму баъд оҳиста аз худаш пурсидам:

– Хӯш, ба ин фикрам чӣ мегӯӣ?

– Бисёр фикри нағз. Ба латтакӯҳна печонда ба ҳамон ҷои худам, ба даруни охур партофта рав... Ба ғайр аз ту ба дигарҳо ҳам шояд лозим шуда монам.

Ниҳоят дақиқаҳои аз ҳам ҷудошавии мо ҳам расид. Аз куҷое ки ёфта бошам, ба ҳамон ҷо гирифта бурдаму бӯсида, ба сандуқи дилам зер карда хайрухуш намудам. Вай ҳам шалаппосзанон пешонаамро бӯсид. Андак оби дида ҳам рехтем.

– Хайр, кулоҳчаи қадрдонам!

– Хайр, дӯсти азизам Ҳошимҷон!

Ҳангоми ба хона расида омаданам ҳаво қариб торик шуда буд. Дари кӯчаро кушодан ҳамон даставвал чашмам ба Донохон афтод, ки ба ошхона ҳезум медаровард. Вай ҳам маро дида, ба ҷои он ки тохта омада, ба гарданам овезон шавад, ҳезумро аз дасташ афтонда, ҳайкал барин шах шуда монд. Сонӣ:

– Апа! Арвоҳи акоям омад! – гӯён дод гуфт.

Оиша кафгир дар даст тозон аз ошхона баромад. Вай ҳам маро дидан ҳамон:

– Арвоҳ, арвоҳ! – гӯён фарёд кард.

– Охир, охир, ман акоятон Ҳошимҷон мешавам! – гуфтам ба ғазаб омада.

– Не, ту акоямон не, акои мо мурдагӣ!

– Мурдагӣ?!

– Ҳа, мурдагӣ! Мо ўро кайҳо гўру чўб кардем. Эй арвоҳ, ту аз куҷо омадӣ? – тарсону ларзон пурсиданд хоҳаронам.

– Аз гўри кушодагӣ! – ҷавоб додам ғазабам афзуда.

– Вой, ана, аз гўри кушодагӣ гуфта истодааст, – гуфт Доно аз тарс рангаш дока барин канда. Ман дигар тоқат карда истода натавонистам. Эҳтимол, мурда бошам, эҳтимол, намурда бошам, лекин ман шумоёнро пазмон шудаам, хоҳараконам! Ман онҳоро дошта вохўрӣ карданӣ шуда пештар рафтам. Онҳо бошанд, «моро арвоҳ пешандоз кард» гўён баробар фарёд зада ба кўча гурехта рафтанд.

Фикр карда ба фикрам расида наметавонам. Худаш чӣ гап? Ё барои – дуру дароз бе дому дарак шуда рафтанам, маро мурдагӣ гумон карда бошанд? Ин тавр бошад, мо шуморо гўрондем мегўянд-ку. Тавба...

Дар хона касе нест, аз афташ модарам ҳанўз аз кор барнагаштагӣ барин. Мотосикли падарам дар зери айвон истодааст. Маълум мешавад, ки вай аз чўл омадаасту ба чойхона ё ба идора баромада рафтааст. Ба назарам, дар хонаамон ҳеҷ дигаргунӣ нест. Танҳо мурғхонаро андак васеътар кардаанд. Мурғҳо, ки ман обу дон надода, фақат азоб медодам, сарашонро аз тўр бароварда, худди «боз омадӣ?» гуфта мепурсидагӣ барин ба ман нигоҳ карда истодаанд. Ин дам аз кўча овози модарам шунида шуд.

– Арвоҳи бачаҷонамро ба ман нишон диҳед. Майлаш, арвоҳаш бошад ҳам ба сандуқи синаам зер кунам, аз сару рўяш бўсам. Ҳошимҷонакам, канӣ ту?

Худамро дошта натавониста:

– Модарҷон! – гуфта фиристодам.

Модарам маро ба оғўш кашида гашта-баргашта сару рўямро бўсид, гиря кард.

– Бачаякам, магар ту зиндаӣ? Ё дар ҳақиқат ҳам арвоҳ ҳастӣ? – пурсид ӯ худро андак қафо кашида.

– Модарҷон, барои чӣ ман арвоҳ мешудаам? Охир ман писаратон Ҳошимҷон-ку, Ҳошимҷон Рӯзиев.

– Пас ту намурда будаӣ-дия.

– Қасам мехӯрам, ки ман намурдаам.

– Набошад, мо ту гуфта дигар бачаро гӯрондаем-дия...

Воқеа ин тавр шудааст: Баъди бе дому дарак шуда рафтани ман падару модарам хуноб шуда, ба воситаи органҳои милитсия ба кофтуков даромадаанд. Чанд вақт ҳеҷ хату хабар нашудааст. Ниҳоят, аз шӯъбаи милитсияи шаҳри истиқомат доштаи ман «омада ҷасади писаратонро гирифта баред» гуфтанӣ телеграмма омадааст. Падару модарам доду фарёдкунон зуд расида рафтаанд. Бинанд, дар хонае, ки мурдаҳоро нигоҳ медоранд, як ҷасади қадаш ба қади ман баробар хобидааст. Костюмаш ҳам азони ман барин будаасту туфлиаш ҳам. Азбаски сараш дар зери чархҳои мошин монда пачақ шудааст, аз рӯяш кӣ будани онро муайян кардан душвор будааст. Модарам худро ба болои ҷасад партофта зуд сари синаашро кушода нигоҳ кардааст ва дар китфи чапи ӯ холи ба холи ман монандро дида:

– Бачаякам! – гӯён мӯйҳои сари худро кандан гирифтааст. Баъд ҳамон мурдаро ба самолёт бор карда ба деҳа гирифта омадаанду ҳамаи расму русумро ба ҷо оварда бо иззату обрӯ гӯрондаанд.

– Имрӯз расо ду моҳ шуд, – гуфт модарам оби чашмонашро пок карда.

Нақли модарам ҳанӯз тамом нашуда, номамро гирифта фарёдкунон падарам даромада омад. Баъд ҳамсояҳоямон, рафиқони ҳамсинфам, муаллимҳоям – ҳама ҷамъ омада, ба ҳавлиамон одам нағунҷида монд. Падарам дарҳол аз фермаи колхоз гӯсфандеро оваронда сар бурид. Баъди ягон соат чунон зиёфате барпо гардид, ки мондан гиред. Худам ҳам ҳамон рӯз хуб

кайф кардам-дия. Гўштҳои бирён ва кабобҳоро мазакунон хўрда истода, мўи Донохони дар паҳлўям эркагӣ карда нишастаро кашида:

— Пучуқакам, — гуфта мемонам.

## САЪДИНИСО

Акнун кӣ будани ин духтаракро ба шумо гуфта диҳам. Чашмонаш калон-калон, рўяш кулча барин. Мўяшро майда бофта ба нўгаш аз пахтаи худамон ҷамолак карда, ба пушташ партофта мегардад. Худаш ниҳоят нозук, агар сахттар сулфида монед, аз шаббодааш парида мерафтагӣ барин. Гўё хўроки мехўрдааш ақл шуда рост ба майнааш мерафта бошад, каллааш чунон тез кор мекунад, ки назди вай Орифи дар синфи ҳафтум мехондагӣ ришта тофта наметавонад. Хоҳ арифметикаю геометрия гўед, хоҳ забони русию забони немисӣ — ҳамааш панҷ. Фақат баҳудаю беҳуда «уф» гуфта бинӣ каҷ карданаш ба ман маъқул не. Кордонию меҳнатдўстиашро нақл кунам, гиребонатонро дошта мемонед. Тамоми рўз ором намегирад, ҷунбидагиаш ҷунбидагӣ. Ҳайронам, ки дастони майдаякаш чӣ хел монда намешаванд. Ба замми ин, аз ҳад зиёд часпон, хоҳ ҳангоми баҳор баъди борон дар танаи дарахти зардолу шилем мебарояд-ку, худи ана ҳамон барин.

— Ҳошим-ако, кай дарс тайёр мекунем?

— Ҳошим-ако, имрўз бозикунӣ намеравед, — гўён ягон дақиқа ба ҷону ҳолам намемонад.

— Ин қадар накоҳон, пучуқ, — мегўям баъзан ба тариқи маслиҳат.

— Чаро ин тавр мегўед? — хафа шуда мепурсад Саъдинисо.

— Охир, биниат пучуқ-дия.

— Пучуқ бошад ба шумо-чӣ? — гўён ароз карда баъзан рўяшро ба дигар тараф гардонда мегиряд.

Мана ҳозир мо дар ҳавлии Саъдинисоино, дар як хоначаи ба офтоббаро нигаронида сохташудаи тангу

тор дарс тайёр карда нишастем. Дар ҳавлӣ ғайр аз боғбонбобои Саъдинисо дигар касе наменамояд. Падараш ҳисобчӣ шуда кор мекунад, шояд ҳоло дар идора чиқ-чиққунон чӯт зада нишаста бошад. Модараш мураббияи боғча, вай ҳам дар ҷои кораш. Дар рӯйи ҳавлӣ мурғҳои аз тухммонда хок тит карда гаштаанд. Ангури токи баланд бардошташударо ҳанӯз накандаанд, бинобар ин селаи зоғчаҳо болои он нишаста ба донаҳои ангур нӯл мезананд.

– Ҳошим-ако, ин қадар ба хаёл фурӯ рафтед? – ҷанг карда дод Саъдинисо. – Маро ба хондан андармон карда худатон тамоман ба тарафи дигар нигоҳ карда нишастаед... Аз забони русӣ машқи чандумро дода буд?

– Дар хотирам нест.

– Машқи се саду панҷоҳу як. Медонеду худатонро ба нодонӣ зада истодаед-а. Ба рӯзномаатон навишта гирифта будед-ку.

– Навишта будаму лекин, вақте ки Нина Тимофеевна вазифаро мефаҳмонд, дуруст диққат надодаам, – худамро сафед кардам ман. Саъдинисо китоби маро ба даст гирифта, тарзи иҷрои машқи 351-ро бо забони русӣ дона-дона карда хонда дод.

– Акнун фаҳмидед? – абрӯвонашро чин карда пурсид ӯ.

– Не, тамоман нафаҳмидам.

– Канӣ, гӯед чӣ, дар забони русӣ чанд род ҳаст?

– Шашто... не, сето.

– Канӣ, як-як номбар кунед-чӣ.

– Мужской, женский, средний.

– Кадом калимаҳо ба мужской род дохил мешавад?

– Калимаҳои мужский, – гуфтам сару саросема.

– Не, ман бо кадом овозҳо тамом шудани калимаҳоро пурсида истодаам.

– Женский род гӯям? Овози охирини женский род а, я мебошад.

Ёфтам?

– Ёфтед. Акнун средний родро гӯед-чӣ?

– Ҳозир... Не, аз ёдам баромадааст.

– Перо чӣ хел род?

– Ёфтам! – аз шодӣ қариб буд аз ҷоям ҷаста хезам.

– Калимаҳое, ки бо овозҳои о, е ба охир мерасанд, средний род мешаванд. Перо, поле, метро.

– Ҳошим-ако, ҳамаашро медонистаед-ку, – гуфт муаллимчаи хурдакаки ман хурсанд шуда, фақат андак танбалӣ доред-дия.

Баъди шунидани ин хел таърифот лабам ба баногӯшам расиду:

– Пучуқбой, мо ҳам чакана не, – гӯён аз ҷоям хеста ба рақс даромадам.

Сонӣ, муаллимчаи серталаби ман абрӯвонашро пасту баланд карда, ба фаҳмонда додани вазифаҳои хонагӣ шурӯъ намуд. Аз рӯи калимаҳои ҳар се ҷинс якчанд ҷумла сохтанамон даркор будааст. Даррав дафтарамро гирифтаму як саҳифаашро бо қалам хат кашида, ба се қисм ҷудо кардем ва ба болои ҳар яки он номи ҷинсро навиштам. Баъд дукаса ба кор сар кардем.

– Товарищ кадом род? – мепурсад Саъдинисо.

– Мужской род-дия, товарищ Саъдихон, – гуфта мемонам.

– Ба ҳамин калима боз ягон калимаи дигар ҳамроҳ кунед-чӣ.

– Мой товарищ Акрам хороший, – гуфтам боз.

– Молодец Ҳошим-ако, – боз таъриф карда фиристод Саъдинисо, акнун ҳамин калимаҳоро ба дафтар менависем.

Ҳамин тариқ дар як дам як варақ дафтарро пур карда партофтем. То рафт афзудани ақлам ва ба замми ин пурсабру тоқат шуда истодани маро дида, Саъдинисо аз хурсандӣ гул-гул мешукуфт. Шодии худам ҳам ҳадду канор надорад. Баъди навишта шудани ҳар

як калима дастамро ба сари синаам гузошта, ба дафтарам таъзим карда мемонам.

— Эҳе, гуфт Саъдинисо як маҳал ба дафтарам чашм давонда, — виж-виж хато-ку!

— Чияш хато? — ҳамааш дуруст! — гуфтам қаҳрам омада.

— Калимаи «зелений» бо «е» навишта мешавад. Шумо бошед, бо «и» «зилений» навиштаед. — Саъдинисо дафтарамро ба даст гирифта, худи Нина Тимофеевна барин, бо қалами сурх ҳамаи хатогиҳоямро нишон дод ва фармуд, ки ба варақи дигар рӯбардор кунам. Агар гапро бисёр кунам, Саъдинисо: «бо ту дигар дарс тайёр кардан намехоҳам, шилқин будӣ, канӣ, аробаатро каш» гуфтанаш мумкин буд. Бинобар ҳамин ба гапаш даррав розӣ шудам. Азоб кашам ҳам, иродаамро ба кор андохта, ба обу арақ ғӯтида як саҳифаро пурра аз нав рӯбардор кардам. Умрам умр шуда бо як навиштан ин қадар зиёд хат нанавишта будам. Мана имрӯз дар айни тасфи ҳаво, ки офтоби рахшон ба замину замон нуру ҳарорат бахшида истодааст, дар хоначаи дарстайёркунии тангу тори Саъдинисо, ки бӯи муш мекунад, ин корро иҷро намудам.

— Саъдинисо, — гуфтам сарамро бардошта, — дар хонарӯбӣ ба ту ёрӣ расонам.

— Барои чӣ, магар дигар кор надоред?

— Мехоҳам, ба ту ёрдам диҳам, - гуфтам оҳиста ба рӯи ҳавлӣ баромада, — росташро гӯям, ба ту ягон некӣ кардан мехоҳам.

Аммо Саъдинисо, ки духтари якрав аст,ба гапаш истодагарӣ кард. Ба ягон кор даст заданӣ намонд.

— Агар ба ман некӣ карданӣ бошед, — гуфт ӯ абрӯвони хурдакакашро дар ҳам кашида, — физикаро такрор мекунем.

— Аз физика вазифа насупоридаанд-ку?

— Аълочӣ мешавам гӯед, муаллим вазифа насупорад ҳам, худатон бояд дарсҳои гузаштаро такрор карда гардед.

Агар ҳамин гапро як каси дигар мегуфт, албатта бовар намекардам. Аммо ба ягон гапи Саъдинисо шубҳа надорам. Ба ҳамаи гуфтаҳои ӯ бе ҳеҷ дудилагӣ бовар мекунам. Бинобар ҳамин ҳам даррав китоби физикаро кушода:

– Мавзӯи дарси гузаштаамон «Тарозу» буд, – гуфтам.

– Канӣ гӯед-чӣ, мо чиро тарозу меномем?

Аз хотирам, ки баромада буд, аз китоб хонда додам.

– Акнун дар ёдатон мондагиашро гӯед, – маҷбур кард Саъдинисо.

– Тарозу асбобест, ки бо он ҷисмҳоро бар мекашанд.

– Тарозу чанд хел мешавад?

– Якчанд хел. Баъзе хелашон дар лабораторияҳо истифода бурда мешаванд, хели дигарашон дар магазинҳо, – гуфтаму дар омади гап аз худам ҳам камтар илова кардам. – Савдогарон луздтарозу кор мефармоянд...

Саъдинисо хандида фиристод. Пеш аз ин хандаи ӯро ҳеҷ нашунида будам. Овозаш ҷарангос зада мебаромадааст. Дар ду рӯяш чуқурча пайдо шуда, чашмонаш тамоман руст шуда мераванд.

– Дар хусуси дуздтарозу дар китоб чизе навишта нашудааст-ку? – гуфт ӯ хандида-хандида.

– Дар китоби дарсӣ навишта нашуда бошад ҳам, дар китоби мо ҳаст-дия, Саъдинисо-хонум...

Баъди физика забони модариро ҳам тайёр карда шуда будем, ки Саъдинисо «акнун бас» гӯён китобу дафтарҳояшро ғундоштан гирифт.

– Исто, биё боз камтари дигар тайёр кунем, – гуфтам шавқам омада.

– Не, ба саҳро алафчинӣ меравам, – розӣ нашуд Саъдинисо.

– Набошад, ман ҳам ба саҳро меравам. Ба ту алаф чида медиҳам. Фақат не нагӯй, агар не гӯӣ, пагоҳ дарстайёркунӣ намеоям...

Он рӯз агарчӣ офтоб болои сар медурахшид, ҳаво чандон гарм ҳам набуду чандон салқин ҳам. Алафҳои лаби ҷӯйбор заб-зард. Барги дарахтон рехта, дар зери по хишир-хишир садо мебарорад. Осмон шиша барин соф. Дар дуродур селаи паррандагон баланд парвоз намуда, ба абрҳои сап-сафед нӯлзанон бозӣ мекунанд. Лаб-лаби ҷӯ ба саҳро рафта истодаем. Обаш чунон тоза, чунон мусаффо, ки регу сангҳои ялаққосӣ ва шишамайдаҳои зери он бараъло намоён аст. Ин дам, аз чӣ бошад, ки якбора шавқам афзуда:

– Саъдинисо, биё пештозак мекунем! – гуфтам...

Рӯзи дигар модарам дар рӯзномаам ду баҳои чорро дида оҳиста аз пешонаам бӯсиду сонӣ ба падарам рӯ оварда гуфт:

– Дадош, ба Ҳошимҷон костюми нав харида диҳед. Бинед, шими бачаи бечораам дарам гуфта мондааст.

Ана ҳамин тариқ бо бачаҳои пешқадам қариб баробар шуда гирифта будаму аммо (гӯр «аммо» шавад, ба туфайли ҳамин «аммо» як умр корам қафо меравад),... аммо як воқеа шуда... хайр, майлаш, боқимондаашро пагоҳ гуфта медодагистам.

*(Тарҷумаи Н.Боҳирӣ)*

**Савол ва супоришот:**

1. Дар бораи зиндагиномаи адиби ӯзбек Х.Тӯхтабоев маълумот диҳед.
2. Ҳошимҷон чӣ тавр ба хулоса меояд, ки одам бе меҳнат ва бе дониш ба чизе муваффақ намешавад?
3. Ҳошимчон аз кулоҳи сеҳрноки худ чӣ тавр ҷудо мешавад?
4. Барои чӣ Ҳошимҷонро дар оилааш ба таври ҳайратангез қабул мекунанд?
5. Хислатҳои неки Саъдинисоро шарҳ диҳед.
6. Дар бораи тағйир ёфтани характери Ҳошимҷон нақл кунед.

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ АДАБИЁТИ АХЛОҚӢ

Адабиёте, ки ба тарбияи ахлоқию маънавии инсон, дар ӯ парвариш додани хислатҳои неки инсонӣ нигаронида шудааст, адабиёти ахлоқӣ меноманд. Адабиёти ахлоқӣ ин вазифаи олии худро асосан бо роҳи панду насиҳати инсон, хусусан насли наврас адо мекунад. Бинобар ин онро бештар адабиёти панду ахлоқӣ ва асарҳои ҷудогонаи онро низ асари панду ахлоқӣ мегӯянд. Адабиёти ахлоқӣ як қисми асосӣ ва муҳимтарини адабиёти мумтози тоҷикро ташкил мекунад. Дар гузашта асарҳои зиёди панду ахлоқӣ ва дорои хусусияти панду ахлоқӣ эҷод шудаанд, ки бисёре аз онҳо дурдонаҳои гаронбаҳо дар хазинаи адабиёти мумтози мо ба шумор мераванд.

Дар адабиёти пешинаи мо аз қадим таълифи ҳар гуна пандномаҳо (андарзномаҳо) расм будааст. Аз ҷумла «Андарзномаи Зардушт», «Андарзномаи Анушервон», «Пандномаи Бузургмеҳр» намунаҳои беҳтарини адабиёти ахлоқии Эрони қадим ба шумор мераванд. Минбаъд дар асри X, ки давраи оғози адабиёти мумтози форс-тоҷик мебошад, монанди «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома»-и устод Абӯабдулло Рӯдакӣ асарҳои барҷастаи ахлоқӣ ба вуҷуд омаданд. Ғайр аз ин дар эҷодиёти Рӯдакӣ ва бисёр дигар шоирони ҳамасри ӯ масъалаҳои панду ахлоқ ба воситаи шеърҳои ҷудогона низ зиёд гузориш ёфтаанд. Панду ахлоқ дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ҳам мавқеи калон дорад. Беҳуда нест, ки ин асари ҳамосии қаҳрамониро намунаи адабиёти ахлоқӣ низ ҳисоб мекунанд. «Қобуснома» ё «Насиҳатнома»-и Кайковус ҳам давоми анъанаи қадимаи панду андарзноманависӣ дар адабиёти асрҳои X–XI ва намунаи хуби адабиёти ахлоқӣ ба шумор меравад.

Ҳанӯз аз асри X, аз «Офариннома»-и Абӯшакури Балхӣ сар карда, то асрҳои XV-XVII силсилаи калони маснавиҳои ахлоқӣ ба вуҷуд омаданд, ки асоси адабиёти ахлоқии форсӣ-тоҷикиро ташкил кардаанд. Ба чунин маснавиҳо «Саодатнома» ва «Рӯшноинома»-и Носири Хусрав, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноии Ғазнавӣ (асри XII) «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ ва назираҳои он, «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ (асри XIII), «Силсилат уз-заҳаб», «Тӯҳфат-ул-аҳрор» ва «Субҳат ул-аброр»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Беҳрӯзу Баҳром»-и Камолиддини Биноӣ (асри XV) ва бисёр дигар асарҳо мисол шуда метавонанд.

Мавзӯи асарҳои ахлоқиро масъалаҳои басо гуногуни ахлоқӣ ташкил кардаанд. Тарбияи фарзанд, омӯхтани илму донишу ҳунар, тарғиби сифатҳои неки инсонӣ, аз қабили муруввату эҳсон, адлу инсоф, инсонпарварӣ, хоксорӣ, сабру тоқат ва ғайра, таълими корҳои мамлакатдорӣ ба подшоҳон ва монанди инҳо аз мавзӯъ ва масъалаҳои асосии асарҳои ахлоқӣ ҳисоб мешуданд.

Ба адабиёти ахлоқӣ ҳам асарҳои ахлоқии бадеӣ ва ҳам асарҳои ахлоқии ғайри бадеӣ дохил мешаванд. Дар асарҳои ахлоқии бадеӣ масъалаҳои ахлоқ ба воситаи образҳои бадеӣ, тарзи баёни шоирона овардани ҳикояту ривоятҳо гузориш меёбанд. Чунинанд аз ҷумла тамоми маснавиҳои ахлоқӣ. Ин гуна асарҳо ба адабиёти бадеӣ тааллуқ доранд. Аммо дар асарҳои ахлоқии ғайри бадеӣ масъалаҳои ахлоқ бе санъатҳои сухан ва образҳои бадеӣ талқин карда мешаванд. Намунаи ин гуна асарҳои ахлоқӣ «Қобуснома»-и Кайковус мебошад.

**?**

**Савол ва супоришот:**

1. Адабиёти ахлоқӣ чист?
2 Оиди вазифаҳои адабиёти ахлоқӣ маълумот диҳед.

## МЕҲНАТ — АСОСИ ЗИНДАГӢ

Кор кардан ва ба ин восита зиндагии худро осуда ва таъмин намудан аз хусусият ва фазилатҳои инсон ҳисоб мешавад. Меҳнат асоси зиндагӣ, боиси осоишу ободии он аст. Одам ба дунё омада, бо кӯшишу кор ҳам зиндагии худро таъмин менамояду ҳам ба ободии макон ва ватанаш хидмат менамояд, ба тараққиёти он ҳисса мегузорад. Ободӣ ва тараққиёти ватан аз меҳнатдӯстии ҳамватанон аст. Мардум чӣ қадар меҳнатдӯст бошанд, ҳамон қадар рӯзгори онҳо таъмину осуда ва кишвари онҳо низ ободу сарсабз мешавад.

Мардуми меҳнатдӯст ва эҷодкори мо бо меҳнат вобаста будани ризқу рӯзӣ ва осудагию фаровонии зиндагиро нағз пай бурда, ин ҳақиқатро дар зарбулмасалу мақол ва ҳикматҳои худ баён намудааст. Чунончи, дар мақолу ҳикматҳои халқӣ «бе меҳнат роҳат нест», «аз ҳаракат баракат», «даст расад, даҳон мерасад», «ганҷ бе ранҷ нест» сарчашмаи зиндагии фаровон будани меҳнат таъкид карда шудааст. Халқи меҳнаткаш баръакси ақидаи асримиёнагии сӯфиёна дар бораи ба худо ҳавола кардани ризқу рӯзӣ, ки боиси бефаъолиятии инсон ва қашшоқию бенавоии ӯ мегашт, кӯшишу ҳаракат, фаъолиятмандӣ ва меҳнатро барои ба даст овардани ризқу рӯзӣ, беҳбуди зиндагӣ талқин карда омадааст. Халқи мо баробари бузургдошти инсони меҳнаткаш, ташвиқи меҳнату меҳнатдӯстӣ ва таъкиди аҳамияти он дар некӯаҳволии зиндагии одам, зарар ва монеаи бекориро дар роҳи расидан ба роҳати зиндагӣ низ нишон додаast, ки инро дар мақолу ҳикматҳои «ба роҳате нарасид он ки заҳмате накашид», «бо кор будан дар роҳат, бекор будан дар ғурбат» ва ғайра дида метавонем. Байти зерини устод С.Айнӣ, ки вирди забони мардум гарди-

дааст, дар зиндагӣ ва ба чашми мардум хор шудани одами коргурезеро таъкид мекунад:

Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.

Халқи мо инчунин ба воситаи мақолу ҳикматҳои «аз бекор ҳама безор», «аз зиндаи бекор мурда беҳтар аст», «ба танбал кор фармову панд шунав» ва ғайра ба танбалу коргурезон нафрату бадбинии худро баён намудааст.

Ҳикмати халқӣ дар бораи арҷмандии одами меҳнатдӯст ва хории коргурез, ба туфайли меҳнат муяссар шудани ризқу рӯзӣ ва роҳату осоиши зиндагӣ махсусан ба даврони имрӯзаи бозоргонӣ мувофиқ буда, аҳамияти бештар пайдо кардааст. Дар шароити ҷорӣ шудани низоми бозоргонӣ аз одам бештар аз ҳарвақта саъю кӯшиш, меҳнат талаб карда мешавад. Дар ин шароит ба даст овардани ризқу рӯзӣ ва таъмини зиндагӣ аз одам ба кор бурдани тамоми қувва ва имкониятҳои худро тақозо менамояд. Дар ҷамъияте, ки ба системаи бозоргонӣ асос ёфтааст, ба коргурезону танбалон ва муфтхӯрон ҷой нест.

## Зарбулмасалу мақол ва ҳикматҳои халқӣ дар бораи меҳнатдӯстӣ ва коргурезӣ

Аз ором нишастан гавҳари мақсад ба даст намедарояд.

* * *

Аз ту ҳаракат, аз ман баракат.

* * *

Ангушти косиб калиди рӯзист.

* * *

Ба меҳнат тавон обрӯ ёфтан,

* * *

Бандаи ранҷ бошу роҳат бин.

* * *

Ба роҳат нарасид, он ки захмате накашид.

* * *

Ба санг кор — ризқатро бин.

* * *

Бахт дар меҳнат аст.

* * *

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

* * *

Бе азми дурусту саъйи комил,
Касро нашавад мурод ҳосил.

* * *

Бо меҳнат гар қаринӣ, дарди бадан набинӣ.

* * *

Гапро донистана корро дон.

* * *

Гар ту кунӣ ҳаракат, ёбӣ зари пурқимат.

* * *

Дар амал кӯш, ҳар чӣ хоҳӣ пӯш.

* * *

Дасти худро кор фармою миннати дигарон макаш.

* * *

Даст ҷунбад, гулӯ меҷунбад.

* * *

Дил ба ёру даст ба кор.

* * *

Ба танбал кор фармову панд шунав.

* * *

Ба хӯрдан тайёру ба кор бемор.

* * *

Боғро гуноҳ чист, ки боғбонаш коҳил бошад

* * *

Гапба полвон, корба ҳайрон.

* * *

Дар сари кор айёр, дар сари ош тайёр.

* * *

Деҳ, ки хӯрам, зан, ки мурам.

## Ҳикматҳо оиди кор ва кӯшиш

Вой ба ҳоли касе, ки ҳамчу мурғи қафас ноневу обе ва осоише дорад, аммо кӯшиш ва умеде надорад.

* * *

Гуноҳро ба гардани дунё ва дигарон нагузорем, кӯтоҳӣ аз ҳиммату кӯшиши мост.

* * *

То метавон хидмати худро анҷом дод, миннати хидматгор набояд кашид.

* * *

Дар илму ҳунар шарти аввал истеъдод аст, дуюм устод, сеюм саъю кӯшиш ва ғайрат, аммо ин саввумӣ аз он ду дигар воҷибтар аст.

### Савол ва супоришот:

1. Мақолу зарбулмасал ва ҳикматҳои халқӣ дар бораи меҳнатдӯстӣ аз кадом хислати халқи мо гувоҳӣ медиҳанд?
2. Мақол ва ҳикматҳои халқиро доир ба меҳнатдӯстӣ ва коргурезӣ аз ёд кунед.
3. Байти устод С.Айниро дар бораи зарари бекорӣ аз ёд кунед.
4. Маънии ҳикмати «Ганҷ бе ранҷ нест»-ро шарҳ диҳед.
5. Чаро дар шароити иқтисоди бозаргонӣ зиндагии одами меҳнатдӯст хуб ва зиндагии одамони танпарвар бад мешавад?
6. Ҳикматҳоро аз ёд кунед.
7. Дар мавзӯи «Меҳнатдӯстӣ ва ободии ватан» иншои кӯтоҳе нависед.

# САЙИДОИ НАСАФӢ



## ДАР БОРАИ КӮШИШУ КОР

Миробид Сайидои Насафӣ шоири бузурги халқи тоҷик аст, ки дар нимаи дуюми асри XVII ва аввали асри XVIII умр ба сар бурдааст. Ӯ аз байни мардуми меҳнаткаши бенаво ба воя расида, ба дараҷаи бузургтарин суханвари замони худ расидааст.

Сайидо дар Насаф таваллуд ёфта, дар Бухоро дар мадраса таҳсил карда, дар ҳамон ҷо ба камол расидааст. Падари ӯ аслан аз Насаф (Қаршии имрӯза) буда, дар Бухоро бечораҳолона зиндагӣ мекард. Бинобар ин Сайидо низ дар ҷавонӣ азобу машаққати зиндагии бенавоёнаро дидааст. Бо вуҷуди ин ба хондан шавқу ҳавас дошта, дар мадраса таҳсил намудааст. Баробари ин бинобар истеъдоди шоирӣ доштанаш ба шеъргӯӣ низ машғул шуда, ба зудӣ чун шоири тавоно ном баровардааст. Аммо азбаски зиндагиаш ба сахтӣ мегузашт, ба кори ҳунармандӣ машғул мешавад ва ба ин восита бо ҳунармандони Бухоро алоқаи наздик пайдо мекунад. Зиндагии Сайидо дар байни мардуми меҳнатӣ ва алоқаи наздики ӯ бо доираҳои ҳунармандӣ дар эҷодиёти шоир таъсири бузург гузошта, ба асарҳои ӯ аз ҳар ҷиҳат хусусияти халқӣ бахшидааст. Эҷодиёти ин шоир дар ҳақиқат бо тору пудаш халқӣ буда, симои эҷодии ӯро чун суханвари мардумӣ, ба тасвирорандаи зиндагии мардуми оддии меҳнаткаш, ситоишгари ҳунармандон ва ифодагари орзую умедҳои онҳо нишон медиҳад. Тамоми асарҳои эҷодкардаи Сайидо ба шакли куллиёти калоне то

замони мо расидаанд. Дар ин куллиёт аз ҷумла девони ғазалиёт, як қатор маснавиҳо дар мавзўъҳои гуногун, шеърҳо дар тасвири зиндагӣ ва кору бори ҳунармандон ва асарҳои дигар ҷамъ оварда шудаанд. Дар байни ин асарҳо девони ғазалиёти шоир мавқеи асосӣ дорад. Ғазалиёти Сайидо мазмунан хеле бой буда, ғайр аз ишқу муҳаббат мавзўю масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар бар кардаанд. Ҷаҳонбинӣ, фикрҳои иҷтимоӣ — танқидӣ ва ахлоқии шоир бештар дар ғазалҳои ў ифода гардидаанд. Бинобар ин ғазалҳои Сайидо арзишу аҳамияти зиёд доранд. Дар поин мо тарғибу ташвиқи меҳнатдўстӣ ва саъю кўшишро дар шеърҳои шоир аз назар мегузаронем. Он чӣ доир ба меҳнату меҳнатдўстӣ дар мақолу ҳикматҳои халқ баён шудааст, ба таври ба худ хосе дар шеърҳои Сайидо низ гузориш ёфтааст.

Сайидон Насафӣ дар байни солҳои 1709–1711 дар Бухоро вафот кардааст.

Шоири баёнгари орзую умедҳои мардуми меҳнатӣ будани Сайидо аз ҷумла аз даъватҳои ў ба саъю кўшиш ва меҳнат барои таъмини осоиши зиндагӣ равшан буда, ин даъватҳо ба мардуми бенаво нигаронида шудаанд. Худи Сайидо ҳам бинобар он ки зиндагии бечораҳолонае дошт, дар шеърҳояш қаҳрамони лирикии худро чун инсоне тасвир менамояд, ки ҳамеша дар тараддуди зиндагӣ ва кўшишу ҷадал дар роҳи ба даст овардани ризқу рўзӣ аст. Хусусияти намоёни қаҳрамони лирикии Сайидо соҳибтараддуд будани ўст. Дар шеърҳои ў ин калима ҳамеша ба маънои кўшишу ғайрат ва ҷаҳду ҷадали одамӣ барои зиндагӣ кор фармуда шудааст. Шоир ба ҳамин маънӣ таъкид кардааст, ки мурғи кабоб танҳо ба одами соҳибтараддуд муяссар мешавад, яъне некўаҳволӣ ва роҳату осоиши зиндагӣ ба одам ба воситаи ташвишу тараддуд, саъю кўшишу ғайрат, хулласи калом бо меҳнат ба даст меояд. Шоир шахси беғамро ба анкабуд (тортанак) қиёс мекунад, ки нигарони ба тораш дармондани магас нишастааст.

Мурғи кабоб рӯзии соҳибтараддуд аст,
Дар хона анкабут шикори магас кунад.

Сайидо ба одамони камбағал барои халосӣ аз мӯҳтоҷию бенавоӣ бо тамоми қувват талошу ҷаҳд кардан, беҳтару осудатар намудани зиндагии худ саъю кӯшиш намудан, бо тараддуду такопӯ ба ризқу рӯзӣ соҳиб шуданро талқин менамояд. Шоир таъкид кардааст, ки ҳатто устухони холӣ ҳам бе ташвишу тараддуд ба даст намеояд, чунон ки гадо ҳам барои пайдо кардани ризқи худ орому осуда наменишинад:

Устухони хушк бе ташвиш кай ояд ба даст?
Аз паи рӯзӣ магар табъи гадо осуда аст?

Даъват ба кӯшишу ғайрат дар зиндагӣ, талқини зарурати бо тараддуд ба даст овардани ризқу рӯзӣ дар шеърҳои Сайидо аз мавзӯъҳои муҳим буда, аз мавқеи эҷодии ҳаётдӯстонаи шоир сарчашма гирифтааст. Сайидо инсонро ба кӯшишу ғайрат ва фаъолият даъват менамояд. Дар ин бора назари ӯ ба ақидаи маъмули динӣ дар бораи вобаста будани рӯзии инсон бо сарнавишт тамоман муқобил аст. Ин ақидаи динӣ ризқу рӯзии одамро ба сарнавишт (қисмат) ҳавола карда, бо ҳамин ӯро аз фаъолият ва саъю кӯшиш боз медошт. Вале Сайидо исрор менамояд, ки бе саъю кӯшиш ризқ муҳайё намешавад, ногузир одам бояд дар талаби он бошад.

Бе гуфтугӯй ризқ муҳайё намешавад,
Ин қуфл бе забони талаб во намешавад.

Сайидо дар ин ақида аст, ки муроди инсон аз осмон ҳосил шавад ҳам, аммо чунон ки пайравони ақидаи азалӣ будани ризқ гумон менамуданд, ризқу рӯзӣ аз осмон расад ҳам, вале он ба туфайли кӯшишу ғайрати худи одам мерасад. Ҳамин тариқ, Сайидо ризқро на ба сарнавишти одам ва расидани он аз осмон,

балки ба худи одам, аниқтараш, кӯшишу ҷадал ва фаъолияти меҳнатии ӯ вобаста мекунад:

Мурод аз осмон дархӯрди[1] кӯшиш мешавад ҳосил,
Диҳад хуршеду маҳ миқдори равзан[2] рӯшноиро.

Дар байти дигари ҳамин шеър шоир инсони бенаворо даъват менамояд, ки ба бечорагию бенавоии худ тан надиҳад, балки барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ ва таъмини зиндагии худ чорасозӣ намояд, дар ин роҳ мисли Фарҳоди кӯҳкан тамоми зӯру қуввати худро ба кор андохта, аз мӯҳтоҷию дармондагӣ раҳо ёбад:

Макун аз баҳри рӯзӣ пешаи худ бенавоиро,
Бинеҳ чун Кӯҳкан бар дасти худ зӯрозмоиро.

Чунон ки дида мешавад, Сайидо дар тарғибу ташвиқи кӯшишу ҳаракат дар роҳи беҳбуд бахшидан ба зиндагӣ бештар ба мардуми қашшоқу бенаво рӯ овардa, онҳоро водор намудааст, ки бо зӯри дасту бозувон ва меҳнати фидокорона аз чанголи қашшоқӣ халос шаванд. Шоир дар талқини ғояи саъю кӯшиш ва бо «зӯри даст беҳтар кардани зиндагӣ» дар бисёр мавридҳо аз образи Фарҳоди кӯҳкан, ки тимсоли мардуми меҳнаткаш ва қаҳрамони дӯстдоштаи халқ мебошад, истифода бурдааст. Дар талқини ин маънӣ шоир Фарҳодро намунаи ибрат нишон медиҳад. Ҳамин тавр, ба ақидаи Сайидо дар саъю кӯшиш барои зиндагӣ мисли Фарҳод бояд буд. Қаҳрамони лирикии ӯ низ барои ба даст овардани ризқу рӯзӣ монанди Фарҳод ба зӯри даст ва қувваи бозувони меҳнатии худ такя дорад. Шоир исрор менамояд, ки дар талоши зиндагӣ ва муҳайё сохтани асбоби он бо тамоми қувват мубориза бурдан ва бо зӯр аз замину осмон ризқро ҳосил кардан лозим аст:

---

[1] *Дархӯрд* — мувофиқ

[2] *Равзан (равзана)* — сӯрохие дар девор ё дар шифти хона барои даромадани рӯшноӣ

Рӯзии худ аз замину осмон гирад ба зӯр,
Сахтрӯ[1] ҳар кас чу санги осиё афтодааст.

Ба ғайр аз ин Сайидо дар маснавиҳои ба ҳунармандон бахшидаи худ одамони соҳибҳунар ва меҳнаткашро мадҳу ситоиш карда чунин гуфтааст:

Бути наҷҷори ман сарвест якто,
Зи сар то пой пайванд аз тамошо.
Санавбар истода бар дуконаш,
Тарошад хешро аз бандагонаш.
Ба боғи орзу сарви таманно,
Занад пеши қади ӯ теша бар по...

Ё дар васфи нонво ва меҳнати пурмашаққати ӯ мегӯяд:

Нигори нонво оташхароб аст,
Зи нонаш дину имонро ривоҷ аст.
Чӣ нон? – Рухсори хубони гуландом,
Чӣ нон? – Дар чарбу нармӣ мағзи бодом.
Тамошояш барад аз ҷо гадоро,
Таманнояш кунад соф иштиҳоро.
Бувад сурху сафеду пухтаю нарм,
Кунад савдои ӯ бозорро гарм...

### Савол ва супоришот:

1. Тарғиби меҳнатдӯстӣ дар шеърҳои Сайидо ба кадом шакл намоён шудааст?
2. Даъвати Сайидо барои саъю кӯшиш дар роҳи ба даст овардани ризқу рӯзии зиндагӣ ба кадом гурӯҳи мардум нигаронида шудааст?
3. Ғояи тараддуд дар зиндагӣ ба кадом ақидаи динии асримиёнагӣ зид аст?
4. Бо ғояи ҳаётдӯстӣ алоқаманд будани тарғиби саъю кӯшиш барои ризқу рӯзиро дар эҷодиёти Сайидо шарҳ диҳед.
5. Ғояи мазкур бо халқияти мазмуни эҷодиёти Сайидо чӣ алоқа дорад?

[1] *Сахтрӯ* – одами истодагар, устувор, қатъӣ

## ҲИКОЯТИ «ПИРИ ХОРКАШ»-И АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ғояи олии шарафнокии меҳнат, аҳамияти он дар сарбаландию озодии инсон аз тарафи шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ давом ва инкишоф дода шудааст. Ҷомӣ дар маснавии ахлоқии худ «Субҳат ул-аброр» бахшида ба пири хоркаш ҳикояте овардааст, ки ғояи бисёр баланди меҳнатдӯстӣ дорад. Мазмуни ҳикоят чунин аст: Пири хоркаши бечорае, ки дар тан ҷомаи кӯҳнае пӯшида ва дар пушт бастаи хоре бардошта буд, ба душворӣ ва лангон-лангон аз кӯча қадам партофта мерафт. Дар ҳамин ҳол вай сари ҳар қадам ба худо шукргузорӣ мекард, ки ӯро азиз гардонда, дари давлатро ба рӯяш кушода ва тоҷи иззатро ба сараш гузоштааст. Ҷавони ба худ мағруре, ки аспсавор мегузашт, чунин шукргузории пири хоркашро аз дур шунида, ба ӯ гуфт: бас кун, эй пири нотавон! Хор бар пушт базӯр қадам мезанию боз худро азиз ва давлатманд мешуморӣ? Умратро, ки дар хоркашӣ гузарондаӣ, иззат (азизӣ)-ро аз хорӣ фарқ карда наметавонӣ! Пир ҷавоб дод, ки иззатам ҳамин аст, ки хидматгори даргоҳ ва болиннеҳи ту ва ту баринҳо нестам. Ба ман «Эй фалон, хӯроки чошт ё шоми маро ҳозир кун, обу нони маро биёр» гуфта, амр карда наметавонӣ. Ба худо шукр мегӯям, ки маро хор карда, ба ту барин нокасе гирифтор ва вобаста накард. Маро ба роҳи ҳирс наандохт ва ба дари «шоҳу гадо», касу нокас мӯҳтоҷ ва банда накард. Ҳамин тавр, худо ба ман бо вуҷуди чунин афтодагию бечорагиям иззати озодию озодагӣ бахшидааст:

Хоркаши пире бо далқи[1] дурушт[2],
Бастаи хор ҳаме бурд ба пушт.
Ланг — лангон қадаме мебардошт,
Ҳар қадам донаи шукре мекошт.

[1] *Далқ* — ҷома
[2] *Дурушт* — ба маънии кӯҳна

К-эй фарозандаи ин чархи баланд,
В-эй навозандаи[1] ин дилҳои нажанд[2].
Кунам аз ҷайб назар то доман,
Чӣ азизӣ,[3] ки накардӣ бо ман!
Дари давлат ба рухам бикшодӣ,
Тоҷи иззат ба сарам бинҳодӣ...
Навҷавоне ба ҷавонӣ мағрур,
Рахши[4] пиндор[5] ҳаме ронд зи дур.
Омад он шукргузориш ба гўш,
Гуфт, к-эй пири хазафгашта[6], хамўш.
Хор бар пушт, занӣ з-ин сон гом[7],
Давлатат чист? Азизит кадом?
Умр дар хоркашӣ бохтаӣ,
Иззат аз хорӣ нашнохтаӣ.
Пир гуфто, ки чӣ иззат з-ин беҳ,
Ки наям бар дари ту болиннеҳ?
К-эй фалон, чошт бидеҳ ё шомам,
Нону обе хўраму ошомам.
Шукр гўям, ки маро хор насохт,
Ба касе чун ту гирифтор насохт.
Ба раҳи ҳирс шитобанда накард,
Бар дари шоҳу гадо банда накард.
Дод бо ин ҳама афтодагиям
Иззи озодиву озодагиям.

Чунон ки мебинем, пири хоркаш як умр бо меҳнати сиёҳи хоркашӣ машғул шуда, аз азобу машаққат ва вазниниҳои он беҳолу бемадор гардида, базўр роҳ меравад. Бо вуҷуди ин вай худро на танҳо хушбахт, балки соҳиби иззату давлат ҳам шумурда, барои ин ба худо ҳамеша шукргузорӣ мекунад. Худро соҳиби

[1] *Навозанда* — хурсандкунанда
[2] *Нажанд* — ғамгин
[3] *Азизӣ* — ба маънии меҳрубонӣ
[4] *Рахш* — асп
[5] *Пиндор* — ба маънии савлат, дағдаға
[6] *Хазаф* — ба маънии фартут, суст
[7] *Гом* — қадам

иззату давлат шумурдани як пири нотавони бечораҳол ба назари бойбачаи мағрур ба молу давлати худ даъвои пучу бемаънӣ ва хандаовар менамояд. Ҷавони бойбачаи мағрур иззату давлат гуфта, танҳо ҳамон чизҳоеро мефаҳмад, ки худаш ба онҳо соҳиб аст: молу давлати дунявӣ, амру фармон ба тобеону хидматгорон, хӯрдану ошомидани хӯрокҳои болаззат ва монанди онҳо. Ҷавони давлатманд фаҳмида наметавонад, ки ғайр аз ин сарвату неъмат, ки давлаташ мехонанд ва он боиси иззату эҳтиром пайдо кардани ӯ ба чашми одамон гардидааст, боз давлатмандии дигаре ҳаст. Ин давлат иборат аз он аст, ки одам мӯҳтоҷи дигарон, хусусан одамони пасту нокас набошад, сарашро хам карда, барои тамаъ ба дари ину он наравад. Худашро мутеъ ва бандаи «шоҳу гадо» нагардонад, балки бо ёфти худ қаноат намуда, озодона зиндагӣ кунад. Чунин одамро низ соҳиби иззату давлат шумурдан мумкин аст. Равшан аст, ки ин ҷо сухан дар бораи иззату давлати маънавӣ меравад, соҳиби ин давлати маънавӣ мумкин аст мисли пири хоркаш бечораву бенаво бошад, на бо корҳои «баобрӯ», балки бо меҳнати сиёҳ машғул бошад. Бо вуҷуди ин вай чунон ки Ҷомӣ аз забони пири хоркаш дар байти охирини ҳикоят таъкид намудааст, соҳиби ду фазилати бузурги маънавӣ — озодӣ ва озодагӣ аст. Ин ду калима, ки вирди забони адибони гузашта буда, сифатҳои олии инсониро дар худ муҷассам намудаанд, маънии ба якдигар наздикро ифода мекунанд. Калимаи «озод»аз мутеӣ, гирифторӣ ва амру фармони дигарон, инчунин аз вобастагӣ ба дунё озод будани одамро мефаҳмонад. «Озода» бошад, ба маънии васеи шариф, наҷиб, пок, асил, карим ва монанди инҳо буда, аз ҷумлаи олитарин сифатҳои ахлоқии инсон ҳисоб карда мешуд. Қаҳрамони ҳикояти Ҷомӣ пири хоркаш аз рӯи соҳиб буданаш ба ҳамин ду сифати олии ахлоқӣ худро азиз ва давлатманд ҳисоб карда, изҳори ифтихор намудааст. Шоир мағзи ғоявии ҳикояти худ-

ро дар ҳамин ду калима — озоду озода ифода намудааст. Дар кадом асос пири хоркаш сифати «озод»-ро ба худ нисбат медиҳад? Ин нукта аз матни ҳикоят маълум шуда меистад: пир дар ҷавоби таънаҳои ҷавони мағрур равшан гуфтааст, ки хушбахтона аз гирифторӣ ба хидмати чун ӯ нокасон озод аст, дар зиндагӣ мӯҳтоҷи онҳо нест. Нуктае, ки дар ин ҷо шарҳу эзоҳро талаб менамояд, ба кадом асос худашро озода сифат кардани қаҳрамони ҳикоят аст. Озодагии пири хоркаш ба ин маънӣ аст, ки вай ба ҳирси молу давлат дода нашуда, қаноатро пеша кардааст, бо лаби ноне, ки аз меҳнати хоркашӣ ба даст меорад, кифоят намудааст.

Бо ин ҳама Абдураҳмони Ҷомӣ ба кадом восита соҳиби иззату давлат гардидани пири хоркашро нишон надодааст. Бо вуҷуди ин ба хонанда ин нукта равшан аст, ки пири хоркаш ба туфайли меҳнати хоркашии худ ба иззату давлати маънавӣ соҳиб шудааст. Ҳамин меҳнати ҳалол рӯзии ӯро муҳайё карда, аз рафтан ба дари «шоҳу гадо» барои ба даст овардани нон нигоҳ доштааст. Агар ҳамин меҳнати хоркашӣ намебуд, пири ночор мӯҳтоҷи касон шуда, ба дари онҳо рӯй оварда, худро хор мегардонд, шарафи инсонии худро аз даст медод. Он гоҳ вай ба он иззату давлати бузурги маънавие, ки ба туфайли меҳнат насибаш гардидааст, соҳиб шуда наметавонист.

Ба ин тариқа, дар ҳикояти «Пири хоркаш» меҳнат чун шаъну шарафи инсон талқин карда шудааст. Дар ин ҳикоят ҳамон ғояи сарчашма ва сабаби бузургии ҳақиқии инсон будани меҳнат пеш ронда шудааст, ки онро дар ҳикояти «Ду бародар» — и Саъдии Шерозӣ мебинем. Ҳамин тавр, Абдураҳмони Ҷомӣ низ мақоми инсонии одами меҳнаткашро хеле баланд бардоштааст.

**Савол ва супоришот:**

1. Пири хоркаш аз чӣ ба худо шукр мекард?
2. Аз чӣ сабаб пири хоркаш дари давлатро ба рӯи худ кушода ва тоҷи иззатро ба сараш ниҳода тасаввур намудааст?
3. Давлати пири хоркаш кадом асту давлати ҷавони мағрур кадом?
4. Давлати пири хоркаш аз чӣ ҳосил шудааст?
5. Чаро пири хоркаш худро озоду озода ҳисоб мекунад? Маънии ин ду калима чист?
6. Дар ин ҳикоя образи пири хоркаш аз кадом ҷиҳат ба образи ҷавони мағрур зид гузошта шудааст?
7. Дар ҳикояи мазкур меҳнат ба кадом сифати олии инсонӣ ситоиш ёфтааст?
8. Маънии ҳикмати «меҳнат шараф аст»-ро шарҳ диҳед.
9. Мисли пири хоркаши ҳикояти А.Ҷомӣ одами оддии меҳнаткаши ба худатон шиносро аз ҳаёт мисол оварда, бузургӣ ва шарафи инсонии ӯро нишон диҳед.



# МАРК ТВЕН:

# ШОҲУ ГАДО БОШАД БАРОБАР

Нависандаи маъруфи америкоӣ Марк Твен бо асарҳои барҷастаи бадеияш дар адабиёти ҷаҳон маъруф аст. Номи аслии ӯ Самюэл Ленгҳорн Клеменс буда, тахаллуси адабиаш Марк Твен мебошад. Ӯро асосгузори реализми танқидии Америка мешуморанд. Бачагии Марк Твен дар Ҳаннибали Миссисипи гузаштааст. Ӯ дар ҷавонӣ шогирди ҳуруфчин, раҳнамои киштӣ, заршӯи кони нуқра, тиллоҷӯ ва мухбир буд. Силсилаи репортажҳои ӯ «Соддаҳо дар хориҷа», ки дар таълифи он Марк Твен аз эҷодиёти даҳанакии халқи Америка истифода бурдааст, ӯро ҳамчун адиб шӯҳратманд кардааст. Ҳикояҳои ӯ «Маро чӣ тавр губернатор интихоб карданд», «Ман газетаи хоҷагии қишлоқро чӣ хел таҳрир кардам» аз мутоиботи латиф ва ҳаҷви

тезу тунд саршоранд. «Саргузашти Том Сойер», «Шоҳзода ва гадо», «Саргузашти Геклберри Финн», «Янкиҳои Коннектикута дар дарбори шоҳ Артур» беҳтарин асарҳои Марк Твен мебошанд.

Дар романи «Шоҳзода ва гадо» саргузашти шавқангези Томи хурдтараки камбағал нақл карда мешавад. Ӯ рӯзе бо либосҳои дарида ва жандаи худ аз болои тӯдаи тамошобинон мебарояду аз байни панҷараҳои зарҳалӣ манзараи аҷиберо мебинад. Дар он сӯи панҷара писараки зебо ва қадбаланде либосҳои ҳарир ва атлас дар бар истода буд. Аз зиёдии сангҳои гаронбаҳо либоси ӯ мисли оташ медурахшид. Мӯзаи пошнасурх ва кулоҳчаи сурхи зебояш ҳам ба ӯ хеле мезебид. Дар назди худ хизматгорони зиёде дошт. Ин писарак шоҳзода Уэлский буд. Томи ҷулҳундипӯш ба ҷониби ӯ мешитобад. Аммо посбонҳо ӯро аз наздик шудан ба шоҳзода боз медоранд, ӯро ҳақорату масхара мекунанд. Аммо нигоҳи шоҳзода ба Том меафтаду ӯро ба наздаш даъват мекунад. Ин ду навраси ба якдигар хеле монанд дар бораи орзуҳои ширини худ сӯҳбат мекунанд. Вақте шоҳзода аз забони Том бозиҳои шавқовари бачагони бепарастору камбағалро мешунавад, ба шавқ омада чунин мегӯяд: «Агар ман ҳам мисли либосҳои ту либос пӯшида, кафшҳои худро аз по бароварда, ақаллан як бор аз ин лойбозиҳо лаззат мебурдам, агар маро нигоҳ намедоштанд ва дашном намедоданд, тахту тоҷи худро ба ин лаззат мебахшидам». Том ҳам орзу дошт, ки як муддат мисли шоҳзода либосҳои зебо пӯшад, даме аз кулфату машаққатҳои зиндагӣ озод бошад. Инак, онҳо барои хушбахт шудану ба орзуҳои худ расидан либосҳои худро иваз мекунанд. Уэлский либосҳои ҷандаю чиркини Томро ва шоҳзодаи гадо бошад, либосҳои олии шоҳонаро дар бар мекунад.

Шоҳзода дар либоси ҷулҳундӣ ба бадбахтию саргардониҳо рӯ ба рӯ мешавад. Ӯ бо ҳаёти бачагони камбағалу бепарастор аз наздик шинос шуда, аз олами

ботинии онҳо хабардор мегардад. Боре ӯ дар сари ин бадбахтиҳои худ ба чунин хулоса меояд: «Замоне ки худам шоҳ шудам, онҳоро натанҳо хӯрок ва ҷои хоб, балки ҳамаашонро ба хондан ҳам маҷбур хоҳам кард. Чунки агар дил ва майнаи инсон гурусна бошад, серии шиками он ҳеҷ арзише надорад. Инро ба хубӣ дар хотир нигоҳ доштан лозим аст ва дарсе, ки ман имрӯз дар ин ҷо гирифтам, набояд беҳуда фаромӯш шавад. Дониш дили инсонро мулоимтар намуда, дар одам ҳисси ғамхорӣ ва назокатро парвариш медиҳад».

Том ҳам бо душвориҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ мегардад, олами озоду пурмоҷарои бачагии худро аз шоҳзода будан афзал мешуморад.

Ҳамин тавр, дар асар саргузашти шавқангези ду кӯдаки наврас тасвир шудааст, ки баъди ба орзуҳои ширини худ расидан боз ба ҳаёти пешинаи худ баргаштанро орзу мекунанду дар ин ҷараён андешаҳои ҷолиби диққатро оиди зиндагӣ, озодии инсон ба миён мегузоранд.

## «ШОҲЗОДА ВА ГАДО»

*(Порча аз роман)*

## ТОМ ДАР РОЛИ АСИЛЗОДАГОН

Том Кенти ҳамин ки дар кабинети шоҳзода якка монд, аз ин танҳоии худ ба хубӣ истифода кард. Ӯ дар пеши оинаи калон ҳар дам ба тавре истода либосҳои олии худро тамошо карда лаззат мебурд, баъд аз оина дур шуда ба қаду қомати олиҷанобонаи шоҳзода тақлид карда, назар мекард. Баъд шамшерро аз ғилофаш кашида бо эҳтироми тамом теғаи онро бӯса карда ва онро сахт ба оғӯши худ гирифт. Ӯ ин корҳоро панҷ-шаш ҳафта пеш аз ин, вақте ки як нафар аз паҳлавонони асилзода, ду нафар аз лордон Норфолк

ва Суррейро[1] барои ҳабс кардан ба Тауэр мебурд, ба коменданти зиндон ҳамин навъ таъзим кардани онро дида буд. Том бо ханҷари пурзебу зинате, ки ба паҳлӯяш овезон буд, бозӣ мекард ва бо ашёҳои олӣ ва гаронбаҳои хона нигоҳ мекард, ба навбат ба курсӣ ва стулҳои олӣ менишаст ва агар бачагони маҳаллаи Сарқутҳо як лаҳза сарашонро ба ин хона даровардa ин дабдабаи ӯро медиданд.. Оё замоне ки ӯ ба хонаи худ баргардад, онҳо ба ин воқеаи афсонамонанди ӯ бовар хоҳанд кард ё ин ки сарашонро ҷунбонда хоҳанд гуфт, ки Том аз шиддати хаёлоти худ девона шудааст.

... Дар кушода шуд ва духтари зебои хушлибосе даромада давон- давон ба назди ӯ омада ва якбора истода бо маҳзунӣ гуфт:

– Вой, ту чаро ин қадар маҳзун ва маъюсӣ, шоҳзодаи ман? Том дар ҷои худ шах шуда монд, вале худашро базӯр нигоҳ дошта гуфт:

– Эй ба ҳоли ман раҳм кун. Ман шоҳзода нестам, балки Том Кентии бечора мебошам, ки дар Сити, дар маҳаллаи Сарқутҳо зиндагонӣ мекунам. Аз ту хоҳишмандам, ки шоҳзодаро ба ман нишон бидиҳӣ, то ки ӯ либосҳои ҷандаамро ба ман баргардонда иҷозат диҳад, ки сиҳат ва саломат аз ин ҷо баромада равам. Раҳм кун ба ҳолам ва маро аз ин ҷо халос кун!

Писарак ба ду зону нишаста на ин ки бо забон, балки бо нигоҳҳои худ илтиҷо намуда, дастони худро дароз мекард. Духтарак аз ҳайронӣ лол шуда ва баъд якбора фарёд бароварда гуфт:

– Эй милорди ман, ин чӣ аҳвол аст, ту чаро дар пеши ман ба зону афтодаӣ?

Ва аз тарс аз хона тохта баромад, вале Том аз ҳаяҷон беҳуш шуда рӯи фарш афтод ва худ ба худ гуфт: «Аз ҳеҷ тараф мададе нест, аз ҳеҷ куҷо умед нест! Акнун омада маро дастгир хоҳанд кард!

---

[1] Томс Говард герсоги Норфолк (1473–1554) бо гуноҳи хиёнаткорӣ ба давлат ба ҳабс гирифта шуда, дар соли 1547 ба дор овехта шудааст.

Вақте ки ӯ аз хавфу тарс бехуд шуда дар рӯи замин афтода буд, хабари даҳшатангез дар тамоми дарбор паҳн гардид. Ин хабар аз як маҳрам ба маҳрами дигар, аз як лорд ба лорди дигар, аз як хонум ба хонуми дигар мегузашт. Вале ҳеҷ кас дар ин бора ҷасорати ба овози баланд гуфтанро надошт. Дар роҳравҳои дарози хонаҳои бузурги ошёнаҳои гуногуни дарбор хабари «шоҳзода девона шудааст, шоҳзода ақли худро гум кардааст» гуфта мешуд. Ба зудӣ дар меҳмонхона ва дар ҳама остонаҳои мармарии дарбор тӯда-тӯда лорд ва ледиҳои оличоҳ ва дигар ҷанобон, ки мартабаашон хурдтар ҳам бошад, лекин савлаташон кам набуд, ҷамъ шуданд: ҳама бо диққат ва мароқ бо ҳамдигар гӯшакӣ гап мезаданд ва дар рӯи ҳамаашон аломати ҳузн ва ғамгинӣ намоён буд. Нохост дар ин байн маъмури дарбори подшоҳӣ, ки либосҳои пурҳашамат пӯшида буд, намудор шуд. Ӯ бо қадамҳои вазнин аз пеши ҳама гузашта, бо овози дабдабадоре гуфт:

– Аз номи шоҳ! Хабари дурӯғ ва беҳударо гӯш кардан, дар ин бора гуфтугӯ намудан ва онро берун аз дарбор паҳн кардан манъ карда мешавад ва дар акси ҳол ҷазои марг дода хоҳад шуд!

Гӯшакӣ гап заданҳо дарҳол хомӯш гардид, гӯё ки ҳамаи онҳо якбора лол ва безабон шуданд.

Ба зудӣ дар роҳравҳои дарбор мисли ғуввоси замбӯр овозҳо шунида шуданд:

– Шоҳзода! Бубинед, шоҳзода меояд.

Томи бечора аз пеши дарбориёне, ки сар хам карда таъзим мекарданд, бо виқори тамом мегузашт ва кӯшиш мекард, ки бо чунин таъзимҳо ба онон ҷавоб бидиҳад. Аз ҳар ду тарафаш ду нафар аз аъёнон, аз таги бағалаш гирифта буданд, то ки ӯ бо матонат қадам бардорад. Аз паси ӯ табибони дарборӣ ва якчанд хизматгорон меомаданд.

Ба зудӣ Том худашро дар як хонаи пурҳашамате дид ва аз паси худ пӯшида шудани дарро шунид. Касоне, ки бо ҳамроҳии ӯ омада буданд, нимдавра

шуда қарор истоданд. Дар пешгоҳи хона, дар болои кат як марди бузург, ғафс ва чорпаҳлӯ бо чеҳраи пажмурда дароз кашида хобида буд. Сари калони ӯ ва бакенбардаш[1], ки тамоми рӯяшро фаро гирифта буд, сап-сафед буд. Либосҳои ӯ аз порчаҳои аъло дӯхта шуда, аммо аз бисёр пӯшида шудан баъзе ҷояш андак фарсуда шуда буд. Пойҳои ӯ варам карда буданд, якеаш докапеч аз кат ба поён дароз карда шуда, зераш болишт ниҳода шуда буд. Дар хона хомӯшӣ ҳукмрон буд ва ҳама ба ғайр аз он шахс бо эҳтиром сари худро хам карда буданд. Ин марди маиб, ки рӯйи пурҳайбате дошт, Генрихи VIII мудҳиш буд. Ӯ ба гап даромад ва чеҳрааш якбора меҳрубонтар шуд.

– Хуб, чӣ хабар аст, милорди азиз, Эдуард? Ба ту чӣ шуд, шоҳзодаи ман? Ту бо чӣ хаёл, бо ин ҳазли худ маро, ки падари меҳрубони ту буда, туро дӯст медорад ва навозиш мекунад, аҳмақ кардан мехоҳӣ? Томи бечора чӣ қадар, ки ин вазъияти вазнинаш имконият медод, аввал суханони ӯро гӯш кард, вале замоне, ки «ман падари меҳрубони ту» гуфтани ӯ ба гӯшаш расид, тамоман суст ва мисли одами тирхӯрда ба ду зону ба замин афтод ва дастони худро боло бардошта ба вай хитоб кард:

– Ту шоҳ ҳастӣ! Пас кори ман тамом шудааст!

Шоҳ ҳайрон шуда, чӣ гуфтани худро надонист. Чашмони вай бо ҳайрат ва тааҷҷуб аз як рӯй ба рӯйи дигар нигоҳ карда, ниҳоят ба рӯйи писарак дӯхта шуданд. Ӯ бо овози ноумедонае ба гап даромада гуфт:

– Оҳ, ман хаёл мекардам, ки овозаҳо ҳақиқат надоранд, вале метарсам, ки дар ин фикри худ хато карда бошам.

Ва оҳи сарде кашида бо меҳрубонӣ ба сухани худ давом кард:

– Писарам, ба падари худ наздик шав: ту эҳтимол бемор шуда бошӣ.

Ба Том мадад карда ӯро хезонданд ва дар ҳолате,

---

[1] *Бакенбард* – рише, ки дар чакка мемонанд (Тарҷумон)

ки тамоми баданаш меларзид, ба аълоҳазрат шоҳи Англия наздик шуд. Шоҳ рӯйи ҳаросони ӯро даст расонда бо муҳаббат ва бо диққат ба ӯ нигоҳ кард, гӯё ки аломатҳои боз ақлнок шудани писарашро мекофт. Баъд сари ҷингиламӯйи ӯро ба оғӯши худ кашида бо шафқат навозиш намуд.

– Писарам, наход ки ту падари пири худро нашиносӣ? – гуфт ӯ.

– Дили мани пирро нашикан. Бигӯ, маро шинохтӣ ё не. Охир ту-ку маро мешиносӣ, магар чунин нест?.

– Бале, шумо ҳукмфармои олиҷоҳи ман, шоҳи ман ҳастед, илоҳи умри шуморо худо зиёд кунад!

– Дуруст аст, дуруст аст... Ин хеле хуб... Бароҳат бош, наларз; дар ин ҷо касе туро намеранҷонад; дар ин ҷо ҳама туро дӯст медоранд. Акнун аҳволат беҳтар шуд, ё не?

– Аз ту хоҳиш мекунам, ба гапи ман бовар кун, дар ҳаққи ман меҳрубонӣ намо, эй ҳукмфармои олиҷоҳи ман! Ман фақат ҳақиқатро ба ту арз мекунам... Ман камтарини фуқарои ту мебошам. Ман гадозодаам ва фақат як ҳодиса ва тасодуфи бадбахтонае маро ба ин ҷо овардааст ва ҳол он, ки ман ҳеҷ кори нолоиқонае накардаам. ҳанӯз вақти марг ва кушта шудани ман нест. Ман ҷавонам ва як сухани ту маро метавонад аз чанголи марг халос намояд, аълоҳазрато, ҳамин як калимаро аз ман дареғ надор!

– Марг? Шоҳзодаи азиз, ту ин суханҳоро магӯ. Ором шав, бигузор қалби пурҳаяҷони ту ором ва осуда шавад. Ту нахоҳӣ мурд.

Том бо фарёди хушҳолона бо зону афтод.

– Подшоҳи ман, худованд дар ивази ин марҳамат ба ту мукофоти хайр диҳад ва умру давлати туро зиёд гардонад!

Том зуд бо чеҳраи шод ба по хеста ба ду нафаре, ки дар атрофаш буданд, муроҷиат намуд:

Шумо шунидед? Ман нахоҳам мурд, инро худи шоҳ гуфтанд.

Ҳама бо як эҳтироми ғамгинонае сари худро хам карданд ва ҳеҷ кас аз ҷои худ ҳаракат накард ва ҳеҷ сухане нагуфт.

Том андаке хиҷолатманд шуда беҳаракат истод ва баъд ба шоҳ рӯ гардонда бо тарс пурсид:

– Акнун ман рафта метавонам?

– Рафтан? Албатта, агар хоҳӣ метавонӣ. Аммо чаро майл надорӣ, ки андаке бо ман нишинӣ. Ту куҷо рафтан мехоҳӣ?

Том чашмонашро ба поён дӯхта бо оромӣ гуфт:

– Шояд ман саҳв карда бошам, лекин ман хаёл карда будам, ки ҳоло дигар озодам ва метавонам ба харобахонае, ки дар он ҷо бо фақирӣ зоида шуда ва зиндагонӣ кардаам, баргардам. ҳанӯз ҳам дар он ҷо падару модар ва хоҳарони ман зиндагонӣ мекунанд. Хонаи ман ҳамон хароба аст ва ин ҳама кошонаҳои пурдабдаба, ки ман ба онҳо одат накардаам, ба ман бегонаанд... аълоҳазрато, марҳамат фармуда ба ман иҷозат бидиҳед биравам!

Шоҳ ба фикр фурӯ рафт ва дақиқае хомӯш шуд. Рӯйи ӯ озори торафт зиёдшавандаи қалбаш ва ҳаяҷони дилашро нишон медод. Вале замоне, ки ба гап даромад, аз овозаш нишонаҳои умедворӣ буд.

– Шояд ӯ фақат дар ин масъала ақли худро гум карда бошад ва дар масъалаи дигар фикру ақли ӯ равшан ва саломат бошад. Худовандо, кошкӣ ҳамин тавр мешуд. Мо акнун ӯро имтиҳон мекунем.

Ӯ ба Том ба забони лотинӣ саволе дод ва Том як навъе карда ба вай бо забони лотинӣ ҷавоб гардонд. Шоҳ хеле хушҳол шуд ва ин хушҳолии худро пинҳон ҳам накард. Лорд ва табибон низ хурсандии худро изҳор карданд.

Бо он маълумот ва андешае, ки дорад, аз ин беҳтар ҳам ҷавоб доданаш мумкин буд, – гуфт шоҳ. – Ин ҷавоби ӯ нишон медиҳад, ки ақли ӯ як қадар ошуфа шуда, вале тамоман зарар наёфтааст. Сер, шумо дар ин бора чӣ фикр мекунед?

Табибе, ки ин суханони шоҳ ба ӯ гуфта шуда буд, таъзим карда ҷавоб дод.

– Аълоҳазратам, эҳтимоли шумо дуруст аст ва бо мулоҳизаи ман тамоман мувофиқ мебошад.

– Хуб, ҳама диққат кунед. Мо ӯро боз имтиҳон мекунем. Ва ӯ ба Том ба забони франсузӣ савол дод. Том як дақиқа сукут кард, азбаски назари ҳама ба ӯ дӯхта шуда буд, андаке хиҷил шуд ва баъд шармгинона ба гап сар карда гуфт:

– Бо иҷозати ҷаноби олӣ арз кунам, ман бо ин забон шинос нестам.

– Шоҳ сарашро ба рӯйи болишт партофт. Чанд нафар аз ходимон ба пеши ӯ давиданд, лекин ӯ онҳоро аз худаш дур карда гуфт:

– Маро беҳузур накунед, ин заъфи дили ман мегузарад. Маро бардоред! Хуб, бас аст! Ба назди ман биё писари азизам, сари бемори худро ба синаи падари худ бигузор ва ором шав! Ту ба зудӣ сиҳат меёбӣ, ин хатои зеҳнии ту бемории даргузар мебошад ва бо зудӣ мегузарад. Натарс! Ту ба зудӣ тандуруст мешавӣ. Ва баъд ба дигарон муроҷиат кард ва аломатҳои меҳрубонӣ, ки дар рӯяш буданд, ба зудӣ ба ғазаб мубаддал шуданд ва дар чашмонаш гӯё, ки оташпораҳо барқ мезаданд.

– Ҳамаи шумоён гӯш кунед. Писари ман ақли худро гум карда бошад ҳам вале муваққатист. Сабаби ин ҳам дарс хонданҳои аз қувва берун ва дар доираи маҳдуд зиндагонӣ кардан аст. Тамоми муаллимон ва тамоми китобҳо дафъ карда шаванд! Ӯро дар ҳавои кушод бо бозиҳо машғул намоед, ин корҳо тандурустии ӯро барқарор хоҳанд кард. Шоҳ аз болишт боз як қадар баландтар шуда, бо ҷиддият ба суханони худ давом намуд:

– Ӯ ақли худро гум карда бошад ҳам, боз фарзанди ман ва ҷонишини салтанати мамлакати Англия мебошад. Хоҳ баақл ва хоҳ беақл, ӯ дар ин мамлакат ҳукмронӣ хоҳад кард. Гӯш кунед ва ин гуфтаҳои маро

ба ҳама ҷо эълон намоед: ҳар касе ки дар бораи бемории ӯ гап кунад, ӯ ба сулҳ ва осоиши давлати Британия рахна расондааст ва ба таги дор хоҳад рафт. Ба ман қадре об диҳед. Дилам месӯзад: ғам ва андӯҳ маро тамоман бетобу бемадор кардааст... Ин пиёларо аз ин ҷо бардоред! Маро нигоҳ доред! Хуб! Магар ӯ девона шудааст? Ҳазор девона ҳам бошад, шоҳзода Уэлский аст ва ман шоҳи Англия инро комилан қабул мекунам. Ҳоло ӯ мувофиқи тамоми маросим ва одатҳои қадима ба маснади шоҳӣ шинонда мешавад. Лорд Гердфорд, ба шумо амр мекунам, ки аз ҳоло сар карда ба тайёрии ин маросим сар кунед. Яке аз лордҳо дар пеши кати шоҳ дузону ба замин нишаста арз кард:

– Ба ҳузури ҳумоюни шумо маълум мебошад, ки гофмаршали Англия дар зиндони Тауэр мехобад. Магар маҳбус шоистаи...

– Хомӯш бош! Бо номи наҳси он мард гӯши маро кар накун! Наход ки ин одам ҳамеша зинда монда ва мудом дар роҳи орзу ва мақсадҳои ман монеъ хоҳад шуд? Наход ки бинобар дар Англия набудани маршал ҷонишини шоҳи Англия – шоҳзода, дар маснади худ шинонда нашуда монад, магар дар Англия маршали дигаре нест, ки ба давлат хиёнат накарда ва ба ин кор лаёқат дошта бошад? Не, ба худо қасам мехӯрам! Ба парламенти ман огоҳӣ диҳед, ки пеш аз баромадани офтоб ҳукми куши Норфолкро бидиҳад! Вагарна парламент сазои худро хоҳад дид.[1]

– Ирода ва хоҳиши шоҳ қонун аст! – Гуфт лорд Гертфорд ва аз ҷояш бархоста ба ҷойи аввалаи худ

---

[1] Умри шоҳ ба охир расида буд. Аз тарси он, ки мабодо лорд Норфолк аз ӯ рӯ гардонад, ба палатаи умумӣ фармоиш намуд, ки баровардани ҳукми куши ӯро тезтар кунад. Баҳонаи шоҳ ин буд, ки Норфолк мансаби обергофмаршалиро дошт ва бинобар маросими ба маснади ҷонишинӣ шинонда шудани шоҳзода Уэлский ба ҷои вай каси дигарро таин кардан лозим буд (Юм, таърихи Англия, ҷ.111, саҳ. 307).

рафт. Аломатҳои ғазаб кам-кам аз рӯйи шоҳ дур шуданд.

– Шоҳзодаи ман, маро бибӯс! – гуфт ӯ. – Ана ҳамин тавр. Аз чӣ метарсӣ? Охир ман-ку падари ту ҳастам ва туро дӯст медорам.

– Эй шоҳи меҳрубон, ту дар ҳаққи ман барин бандаи камтарини худат хеле меҳрубон ҳастӣ. Ин ҳақиқат аст. Вале ман дар изтиробам, ки ба хотири ман касе бимирад...

– Шоҳзодаи ман, дар бораи вай фикр накун! Ӯ ба ин лоиқ ва сазовор намебошад. Маро боз ҳам бибӯс ва боз ба шодӣ ва хурсандиҳои худ машғул шав. Касалии ман, маро тамоман бетоб кард, ман монда шудам; бояд қадре дам гирам. Ба тағои худ Гертфорд ва бо аҳли дарбори худат баргард ва ҳамин ки ман қадре аз дард осуда шудам, боз ба ҳузури ман биё.

Том аз оромгоҳи шоҳ бо дили маҳзун баромад, чунки суханони охирини шоҳ дар бораи умедҳое, ки барои халос шудан дошт, ба дараҷаи ҳукми куш буданд. Ва боз ӯ бо овози паст ҳуввос зада: «Шоҳзода, шоҳзода меояд», – гуфта гап задани дарбориёнро шунид.

Аз байни ду қатор одамони таъзимкунанда ҳар қадар ки пеш мерафт, ҳамон қадар рӯҳафтода мешуд ва ҳис мекард, ки дар ин ҷо дар дасти онҳо асир мебошад ва шояд тамоми умри худ аз ин қафаси тиллоӣ баромада натавонад.

Ба ҳар тарафе ки рӯ мегардонд, сари дар ҳаво муаллақ истодаи герсог Норфолк дар пеши назараш намоён мешуд, ки чашмонашро бо нигоҳҳои сарзанишкорона ба рӯйи ӯ медӯхт.

Орзу ва хаёлҳои вай хеле ширин буданд, аммо ҳақиқат хеле талх, ҳузнангез ва мудҳиш будааст!

### Савол ва супоришот:

1. Дар бораи зиндагиномаи Марк Твен маълумот диҳед.
2. Дар асари Марк Твен «Шоҳзода ва гадо» дар бораи чӣ нақл карда мешавад?
3. Шоҳзода ва Томи камбағал чӣ тавр ба орзуҳои худ мерасанд?

4. Чаро Том ба тарсу ҳарос афтод?
5. Том дар танҳоӣ ба кадом корҳо машғул мешуд?
6. Аз номи шоҳ ба мардум чӣ гуфта шуд?
7. Дар бораи гуфтугӯи шоҳ бо Том нақл кунед.
8. Шоҳ чӣ фармон дод?
9. Чаро Том худро асир ва гирифтори қафас мешуморид?

## БА ТОМ ТАЪЛИМ МЕДИҲАНД

Томро ба зали бузург оварда ба курсие шинонданд. Аммо азбаски дар атрофаш одамони калонсол ва аъёну ашрофон рост истода буданд, ба назараш нишастан хеле кори беадабона менамуд. Ӯ хоҳиш кард, ки онҳо ҳам бишинанд, аммо онҳо дар аломати миннатдорӣ фақат таъзиме карда, боз дар ҳамон ҷойи худ истоданд. Ӯ хост, ки дар ин хоҳиши худ истодагарӣ намояд, аммо «тағои» ӯ – граф Гердфорд ба гӯшаш гуфт:

– Хоҳиш мекунам, милорд, исрор накун: дар ҳузури ту нишастани онҳо ҷоиз ва дуруст нест. Омадани лорд Сент-Ҷонро арз карданд. Лорд даромада ба Том таъзим карда гуфт:

– Шоҳ маро бо як матлаби махфӣ ба ҳузури шумо фиристод. Агар ба хотири муборакашон малол наояд, марҳамат фармуда ба ғайр аз милорд граф Гердфорд ба дигарон иҷозат бидиҳед, ки аз хона бароянд.

Ҷон дид, ки Том гӯё чӣ навъ аз ҳузури худ иҷозат додани дарбориёнро намедонад, Гердфорд ба гӯши ӯ оҳиста гуфт, ки агар ба сухан гуфтан майл надошта бошед, он вақт худро ба заҳмат наандохта бо ишорати даст ба ҳозирон иҷозат диҳед, ки аз хона бароянд.

Ҳамин ки дарбориён аз ҳузури ӯ баромаданд, Сент-Ҷон гуфт:

– Аълоҳазрат шоҳ мефармояд, ки ба сабаби мулоҳизаҳои муҳим ва бузурги давлатӣ ҷаноби шоҳзода бояд бемории худро ба қадри имкон, то рафъ шудани ин озор ва баргаштан ба аҳволи пештарааш, пинҳон нигоҳ дорад. Шоҳ мефармояд, ки шумо дар пеши ҳеҷ кас шоҳзодаи ҳақиқӣ ва валиаҳди тахти Англия будани

худро инкор накунед ва ҳамеша мақоми олии шоҳзодагӣ, валиаҳдии худро риоя намоед. Ва аз рӯи қоида ва маросимҳои қадима тамоми рафтор ва муомилаҳо, эҳтиром ва итоатро, ки ба шумо карда мешавад, қабул намоед; бо ҳеҷ кас дар бораи паст будани наслу насаб ва сиёҳ будан толеъ ва тақдири худ гап накушоед, зеро ки ин гуфтугӯҳо ба ғайр аз хаёлоти шумо чизи дигаре намебошанд ва кӯшиш карда шамоили касони ба худ шиносро боз ба хотир биёваред ва дар мавриде, ки ба ин кор муваффақ намешавед, сокит ва ором бинишинед ва нишонаи ҳайрат ва тааҷҷуб ва ё ин ки аломатҳои фаромӯшхотириро фаромӯш накунед; агар дар аснои маросимҳои расмӣ чӣ кор кардан ва чӣ гуфтани худро надонед, дар пеши мардумони ҳангоматалаб саросема нашавед ва бо лорд Гертфорд ва ё бо ходими фармонбардори худ, бандаи ҳақир дар ин бора машварат намоед, чунки граф ва ман, махсусан, барои ҳамин кор дар хизмати шумо таин шудем ва то бекор карда шудани ин фармони шоҳ ҳамеша дар ҳузури шумо ҳозир мебошем. Фармоиши ҳазрати шоҳ, ки ба валиаҳди мӯҳтарами худ салом мерасонад, ҳамин тавр аст. Ва он кас дуо карда аз худо мехоҳанд, ки худованд аз роҳи карам ва марҳамати худ шояд ба шумо ба зудӣ шифо ва тандурустӣ ато фармояд.

Лорд Сент-Ҷон таъзим карда ба як тараф гузашта истод. Том аз рӯи итоат гуфт:

– Шоҳ чунин фармуданд. Ҳеҷ кас ҷуръат надорад, ки аз фармоиши шоҳ гардантобӣ кунад ва ё мисли либосе, ки ба бадан танг аст, онҳоро бо майли худ бурида дигаргун намояд. Албатта майл ва хоҳиши шоҳ ба ҷо оварда хоҳад шуд. Лорд Гертфорд гуфт: азбаски ҳазрати шоҳи олиҷоҳ фармудаанд, шумо худатонро бо китобҳо ва аз ин қабил чизҳои ҷиддии дигар ба заҳмат наандозед, бинобар он ба ҳазрати олӣ беҳтар мешавад, ки вақти худро дар фароғат гузаронед, то ки вақти ҷашн (банкет) монда нашуда ва тандурустии худро халалдор намоед.

Дар рӯи Том аломатҳои тааҷҷуб намудор шуданд, ӯ ба лорд Сент-Ҷон ба таври савол нигоҳ кард ва ҳамин, ки ба нигоҳҳои маҳзунонаи ӯ назар намуд, рангаш сурх шуд.

– Ҳанӯз ҳам дар шумо фаромӯшхотирӣ ҳаст, – гуфт лорд, – бинобар ин суханони ман шуморо ба ҳайрат меандозанд; лекин музтариб нашавед. ҳамин ки қадре тандурустиатон ба ҷо омад, ин ҳолат мегузарад. Милорд Гертфорд дар бораи ҷашне, ки дар шаҳр гузаронида хоҳад шуд, сухан меронд. Тақрибан ду моҳ пеш аз ин шоҳ ваъда доданд, ки ҷаноби шумо ҳам дар он ҷашн ҳозир хоҳед шуд. Акнун ба хотиратон омад ё не.

– Ман бо камоли ғаму андӯҳ бояд иқрор намоям, ки хотири ман хеле парешон шудааст, – гуфт Том бо як овози боэътимоде ва боз рангаш сурх шуд.

Дар ин асно омадани хонум Елизавета ва хонум Ҷен Грейро арз намуданд. Лордҳо ба ҳамдигар нигоҳҳои пурмаъное андохтанд ва Гертфорд зуд ба тарафи дар равон шуд. Ва замоне, ки шоҳзодахонумҳо аз пеши ӯ мегузаштанд, оҳиста ба онҳо гуфт:

– Хонумҳо, аз шумо хоҳишмандам, ки ба рафторҳои аҷиби ӯ ҳайронӣ ва тааҷҷубии худро изҳор накунед. Лек, афсӯс ки дар ҳар нишонаҳо фаромӯшхотирии ӯро хоҳед дид.

Дар ин лаҳза Сент-Ҷон оҳиста ба Том гуфт:

– Хоҳишмандам, ки шумо майл ва хоҳиши аълоҳазрати шоҳро ба ҷо оред, худро чунон нишон диҳед, ки ҳамаи чизҳои дигар ҳам дар хотиратон ҳаст. Чӣ навъ дигаргун шудани авзои худатонро ба онҳо нафаҳмонед. Чӣ қадар шуморо дӯст доштан ва ба шумо меҳрубон будани ин шоҳзодадухтарҳоро ба хубӣ медонед, ки аҳволи шумо онҳоро ғамгин хоҳад кард. Агар ҷаноби шумо иҷозат фармоед, ман ва тағои шумо дар ин ҷо меистем.

Том бо ишораи сар ризоӣ дод ва ба таври номафҳуме сухане гуфт. Он чӣ ки то ҳол дар ин ҷо дида

буд, хеле ба вай фоида расонда ӯро ҳушёр карда буданд, бинобар ин аз таҳти дил қарор дод, ки фармоишҳои шоҳро ба қадри имкон ба ҷо орад.

Бо вуҷуди тамоми эҳтиёткориҳо сӯҳбати Том ва шоҳзодахонумҳо баъзан хеле ба душвориҳо меафтод. Росташ ин аст, ки Том чандин борҳо корро вайрон кардан мехост, ки ба иҷро кардани ин роли пуразоб мувофиқ набудани худашро баён намояд; аммо ҳар бор рафторҳои хонум Елизавета ӯро аз ин ҳолат халос мекард.

Ҳар ду лорд бо эҳтиёти тамом истода, бо ду-се калимае, ки дар мавқеи дарборӣ мегуфтанд, Томро аз ин душвориҳо халос мекарданд. Якбора хонуми хурд Ҷен ба Том саволи зеринро дода ӯро тамоман ба ноумедӣ андохт:

– Милорд имрӯз ба ҳузури малика барои арзи салом мушарраф шудед?

Том худашро гум карда ва дар ҷавоб таъхир намуд, мехост ҳар чӣ ки ба даҳонаш ояд, бигӯяд, аммо лорд Сент-Ҷон дар ин асно ба имдоди ӯ расид ва бо як бепарвоии ба дарбориён махсус, ки аз ҳар гуна вазъияти душвор ва муаммодор роҳи халосӣ меёбанд, ба гап даромад.

– Хонумҳои мӯҳтарам, пас чӣ тавр малика дар бораи тандурустӣ ва саломатии ҳазрати шоҳ нигарониҳои шаҳзодаро рафъ намудааст? Магар ҳамин тавр нест, шоҳзода?

Том зери лаб чизе гуфт, ки онро ба ҷои тасдиқ қабул кардан мумкин буд, вале ҳис кард, ки сӯҳбат ба ҷои нозуке расидааст. Қадре баъд дар асnoи сӯҳбат гап ба сари муваққатӣ мавқуф мононидани дарс хондани шоҳзода омад.

Шоҳзодахонуми хурдӣ гуфт:

– Вой, афсӯс! Афсӯс... Дар дарсҳои худ чӣ қадар пеш мерафтед, аммо зарар надорад, қадре сабр кунед. Ин аҳвол бисёр давом нахоҳад кард. Шумо барои ба

мисли падаратон бо нури дониш равшан сохтани хиради худ ҳанӯз вақти зиёде доред ва ба монанди он аълоҳазрат забонҳои хориҷии зиёдеро азхуд хоҳед кард.

Том дар куҷо будани худро фаромӯш кард, якбора ба гап даромад:

– Падари ман? Падари ман дар забони модарии худ ҳам чунин бад гуфтугӯ мекунад, ки фақат хукҳо дар хукхона гуфтаҳои ӯро фаҳмида метавонанд: аммо дар бораи олимӣ...

Ӯ чашмонашро бардошта ба нигоҳҳои ҷиддӣ ва эҳтиёткоронаи лорд Сент-Ҷон дучор гардид. Овозаш канда ва ранги рӯяш сурх шуда, баъд бо овози паст ва маҳзунонае ба сухани худ давом намуд:

– Оҳ, бемориам боз шиддат гирифт, фикрҳоям боз парешон шуданд, вагарна ман нисбат ба аълоҳазрати шоҳ беэҳтироми карданӣ набудам.

– Мо инро медонем, сэр! – гуфт шоҳзода Елизавета бо эҳтиром ва дасти «бародари» худро бо назокати тамом ба даст гирифта. – Худро ба изтироб наандозед! Айб дар шумо не, ин аз таъсири беморӣ аст.

Том бо миннатдорӣ баён кард:

– Шумо хонуми басо меҳрубон ва ғамхоре ҳастед. Иҷозат диҳед, барои ин меҳрубониатон миннатдорӣ изҳор намоям.

Як бор хонум Ҷении шӯхрафтор ба забони юнонӣ сухане ба миён андохт. Вале шоҳзодахонуми ҳушёр Елизавета ба нишона нарасидани ин тирро пай бурда ба ҷойи Том, ба оромии тамом бо ҷумлаҳои пурдабдабаи юнонӣ ба вай ҷавоб гардонд ва ҳамон дам сӯҳбатро ба ҷойи дигар бурд.

Вақт хуб мегузашт ва сӯҳбат ҳам умуман гарм буд. Дар асnoи сӯҳбат масъалаҳои берабт ва саргум кам вомехӯрданд ва Том чун медид, ки ҳама ба вай мадад медиҳанд ва аз хатоҳояш чашм мепӯшанд, изтиробаш торафт камтар мешуд. Вақте ки маълум шуд, ба зиёфат

дар ҳузури Лорд-мэр[1] шоҳзодахонумҳо низ хоҳанд рафт, дили Том аз шодӣ ба тапиш афтод ва нафаси ороме кашид ва ҳис кард, ки дар байни як тӯда мардуми бегона ва ношинос ӯ танҳо нахоҳад буд, аммо як соат пеш аз ин сӯҳбат, масъалаи ҳамроҳ рафтани шоҳзодахонумҳо ӯро хеле ба изтироб ва ташвиш афканда буд.

... Каме хомӯшӣ ба миён омад. ҳама хомӯш истода, гӯё ки мунтазири чизе буданд. Том маънии инро намефаҳмид. Ӯ ба лорд Гертфорд нигоҳ кард, лорд ба ӯ бо ишора чизе гуфтанӣ шуд, вале Том ин ишораро ҳам фаҳмида наметавонист. Хонум Елизавета бо ҳушёрии махсусе хост, ки Томро аз ин вазъи ногувор халос намояд ва таъзими эҳтиромкоронае карда пурсид:

— Аълоҳазрато, бародари ман, иҷозат диҳед, аз ҳузури шумо мураххас шавем.

Том гуфт:

— Агар ҳақиқатро бигӯем, шумо, хонумҳои мӯҳтарам, ҳар чизеро ки дар доираи имкон ва тавоноии ман аст, аз ман илтимос кардан ва пурсидан метавонед. Аммо ман ҳаргиз намехоҳам худро аз ҳузури фараҳбахш ва сӯҳбати ширини шумо маҳрум кунам. Аммо чун майл фармудед, хуш омадед, амонатон ба худо. Ӯ табассуме карда худ ба худ фикр намуд: «Дар китобҳои худ дар бораи шоҳзодагон бисёр чизҳо хонда ва гуфтугӯи суханпардозонаи ононро омӯхтани ман беҳуда набудааст!».

Вақте ки шоҳзодахонумҳо рафтанд, Том ба лордҳо хитоб карда гуфт:

— Лордҳои мӯҳтарам, чӣ мешавад, ки илтифот фармуда, ба ман иҷозат диҳед, дар ин ҷо дар як гӯша қадре истироҳат кунам?

— Ихтиёр ба худи шумост — метавонед фармон бидиҳед ва вазифаи мо итоат кардан аст, — ҷавоб дод лорд Гертфорд. — Истироҳат барои шумо албатта зарур

[1] Лорд-мэр сардори шаҳр аст. Аз рӯи қоидаи қадима муассисаҳои савдоии Ситии Лондон ҳар сол Лорд-мэрро интихоб мекунанд.

мебошад, зеро ки ба зудӣ ба тарафи Ситӣ, ба гардиш баромаданатон лозим аст.

Ӯ зангро зад ва маҳраме давида омад; ба ӯ фармон дода шуд, ки сэр Вилям Гербертро ҷеғ занад. Сэр Вилям Герберт дарҳол ҳозир шуд ва Томро ба хобгоҳҳои андарунии дарбор бурд. Кори аввалини Том ин шуд, ки дасти худро ба тарафи пиёлаи об дароз кард, аммо як хизматгори махмалу атласпӯш дарҳол пиёларо гирифта, як зонуи худро ба замин ниҳода онро дар табақчаи тиллоӣ ба Том дароз кард.

... Ӯ ниҳоят ноилоҷ розӣ шуд ва итоаткорона оҳе кашида бо овози паст гуфт:

– Вой бар ҳоли ман? Хуб аст, ки онҳо нафас кашиданро аз дастам намерабоянд.

Ӯ кафшҳои мулоим ва ҷомаи зебое пӯшида, ниҳоят барои дамгирӣ ба ҷои хоб даромад, вале хобида наметавонист: Чунки сари вай бо фикрҳои гуногун пур ва дар хона одам зиёд буд. Вай чӣ тарз хизматкоронро аз ҳузури худ берун карданро намедонист, онҳо ҳам дар хона монданд ва аз ин сабаб ҳам онҳо ва ҳам Том хеле дар ташвиш буданд.

**Савол ва супоришот:**

1. Сент-Ҷон ба Том чӣ маслиҳат медиҳад?
2. Дар бораи сӯҳбати шоҳзодахонумҳо бо Том нақл кунед.
3. Мазмуни ҷумлаи «Хуб аст, ки онҳо нафас кашиданро аз дастам намерабоянд»-ро фаҳмонед.
4. Аз боби ташвишҳои Том нақл кунед.

## Назарияи адабиёт

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ОБРАЗИ БАДЕӢ

Образ калимаи русӣ буда, маънои шакл, сурат ё тимсолро дорад. Ба ин маънӣ, тимсоли инсон ва манзараҳои ҳаёти инсонӣ, ки дар асари бадеӣ тасвир

шудааст, образи бадеӣ номида мешавад. Образи бадеӣ, ки шакли махсуси дарк намудани ҳаёт аст, фақат ба санъату адабиёт хос мебошаду ба сифатҳои муайян соҳиб аст.

Яке аз сифатҳои образ ин аст, ки соҳиби хусусиятҳои хос ва фардӣ (индивидуалӣ) мебошад. Нависанда хусусиятҳои хос ва фардии муҳити зиндагӣ, манзараҳои табиату ҳаёти инсон ва ғайраро тасвир мекунад. Вале нависанда барои ин тасвир чунин ҷиҳатҳои муҳим ва типии ҳаётро интихоб менамояд, ки моҳияти ҳар як ҳодисаи зиндагиро дуруст ифода карда тавонанд.

Нависанда дар образи бадеӣ мақсади аслии худро таҷассум мекунад, ба як ҳодиса баҳои манфӣ диҳад, ҳодисаи дигареро чун намунаи ибрат пешниҳод менамояд. Аз ин рӯ, образи бадеӣ аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

Истилоҳи образи бадеӣ дар адабиёт ба чанд маънӣ кор фармуда мешавад. Он чӣ баён шуд, ба маънои васеи образ дахлдор аст. Ба маънои тангтарин умуман тасвири инсонро образи бадеӣ меноманд. Масалан, Шоҳзода, Томи камбағал, Сент-Ҷон образҳои бадеии асари Марк Твен «Шоҳзода ва гадо» мебошанд. Нависанда бо воситаи тасвири манзараҳои ҳаёти онҳо симои бадеиашонро эҷод кардааст.

**Савол ва супоришот:**

1. Образ чист?
2. Образи бадеӣ гуфта чиро мегӯянд?
3. Дар асари «Шоҳзода ва гадо» кадом образҳо тасвир ёфтааст?
4. Оиди сифатҳои образ ва образи бадеӣ маълумот диҳед.

## ҲУНАР – АЗ ДОНИШ

Нишонаи асосӣ ва муҳимтарини бофарҳанг (маданӣ) будани одам ба ягон касбу кор, ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ машғул будани ӯст. Беҳуда нест, ки маънии аслии калимаи «культура» дар забони халқҳои Аврупо коркарди замин ва рӯёнидани ҳосили он, яъне деҳқонӣ аст. Ба ин маънӣ, деҳқон ба маънии аслии сухан одами фарҳангӣ ҳисоб мешавад, зеро деҳқонӣ ва рӯёндани ҳосил аз замин ҳунари ҳақиқӣ аст. Аз ин рӯ, ба фарҳанг рӯ овардани халқи мо тақрибан ду ҳазор сол пеш аз мелод оғоз гардида буд, ки дар он замон Зардушт пайғамбар ба майдон омада, гузаштагони моро ба тарки тарзи зиндагии кӯчӣ ва гузаштан ба зиндагии муқимӣ ва машғул шудан ба кишту кори замин даъват карда буд.

Дар давоми тараққиёти минбаъдаи кишвари мо, вобаста ба сабзиши шаҳрҳо ва дар онҳо ривоҷу равнақ ёфтани касбу ҳунарҳои гуногун фарҳанг бештар бо шаҳрҳо алоқаманд гардида, заминаи моддии худро дар ҳунармандӣ пайдо кард. Ҳунармандон, ки тоифаи аз ҳама сершумор ва бонуфузи аҳолии шаҳрҳоро ташкил карда, дар ҳаёти шаҳрҳо нақши асосӣ доштанд, офарандаи асосии фарҳанги моддӣ буданд. Онҳо тамоми неъматҳои моддии барои зиндагӣ зарурро истеҳсол мекарданд, тараққиёти иқтисодии мамлакат, ҷӯшу хурӯши ҳаёти шаҳрҳо ба кори ҳунармандии онон вобаста буд. Асоси ҳаёти шаҳрро истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ, хариду фурӯши он ташкил мекард. Навъҳои гуногуни касбу ҳунар ба вуҷуд омада ва ривоҷ ёфта буданд. Навъҳои касбу ҳунар дар шаҳрҳо чунон бисёр буданд, ки шоири машҳури асри XVII-и тоҷик Сайидои Насафӣ дар «Шаҳрошӯб» ном асари

ба васфи ҳунармандон бахшидаи худ бештар аз 200 хели касбу ҳунарҳои замонаро ном бурда, кору бори ҳунармандии аҳли ҳар яке аз онҳоро ба тасвир овардааст.

Аз инҳо маълум аст, ки тоҷикон дар гузашта аз ҷумлаи ҳунармандтарин халқҳои олам ба шумор мерафтанд, ҳунардӯст ва ҳунарпарвар буданд. Мардуми мо ин ҳақиқатро нағз дониста буданд, ки касбу ҳунар гарави таъмини зиндагӣ буда, одамро аз мӯҳтоҷӣ, аз чанголи қаҳтию гуруснагиҳо наҷот медиҳад, аз ҳар гуна офатҳои табиӣ, ҳодиса ва инқилобҳои нохуши рӯзгор дар амон нигоҳ медорад. Муболиға намешавад агар гӯем, ки ба туфайли касбу ҳунарҳои худ халқи тоҷик дар давоми таърихи дуру дарозаш аз ваҳшатҳои замон, ҳуҷуми хонумонсӯзи истилогарон, тороҷи яғмогарон, куштору хунрезиҳои ваҳшиёна гузашта, мавҷудияташро гум накарда омадааст. Вай ҳар бор аз ин гуна бадбахтиҳои ба сараш омада абгору афсурда шуда бошад ҳам, вале ба воситаи ҳунармандии худ боз қоматашро рост кардааст.

Афсӯс, ки дар даврони ҳукмронии шӯроҳо сиёсати мубориза ба муқобили фаъолияти меҳнатии хусусӣ ва давлатигардонии истеҳсолот ба фаъолияти ҳунармандии халқи мо шикасти калон расонд. Соҳибони бисёр ҳунарҳои муҳим ва ҳаётан зарур фаъолияти касбии худро давом дода натавониста, ҳунарашонро тарк карданд, асбобу ускуна ва дастгоҳҳои кории худро ғундошта монданд. Дар натиҷа бисёр касбу ҳунарҳо аз байн рафтанд. Халқи тоҷик, ки дар рӯзгори пешин истеъдоди бузурги ҳунармандӣ дошта, соҳиби анвои бешумори ҳунарҳо буд, бештарини онҳоро аз даст дода, аз ин ҷиҳат камбағал шуда монд.

Ҳоло шароите ба вуҷуд омадааст, ки бисёре аз касбу ҳунарҳои аҷдодии аз миён рафтаи мо аз нав барқарор карда шаванд. Гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ва тадбиргарии хусусӣ ҳаминро тақозо менамояд. Насли ҷавон баробари омӯхтани ихтисосҳои замо-

навӣ ва аз бар кардани техника бояд ба он касбу ҳунарҳои аҷдодии халқи мо, ки имрӯз аҳамияти худро гум накарда, ба онҳо эҳтиёҷ ҳаст, мурочиат намоянд. Тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва соҳибҳунар гарави тараққиёти Ӯзбекистони мустақил мебошад.

Касбу кор ин ҷӯшу хурӯши зиндагӣ, боиси некӯаҳволӣ ва осоиши рӯзгори одам аст. Одами ҳунарманд дар зиндагӣ дар намемонад. Вай ба воситаи ҳунараш аз ҳама гуна мушкилиҳо, бадбахтиҳо ба осонӣ мегузарад. Каси соҳибҳунар бо дили пур, хотири ҷамъ ва боварӣ ба фардо зиндагӣ мекунад. Зеро ӯ сармояи зиндагӣ-ҳунарро дар даст дорад, ки дар рӯзҳои сахттарин ҳам онро ба кор бурда, аз мушкилӣ ва эҳтиёҷ баромада метавонад.

Аз ин рӯ, мардуми мо ҳунарро қадр карда меоянд, соҳибони онро бо ҳурмат ба забон мегиранд, онҳоро «усто» мегӯянд. Ситоиши ҳунар ва ҳунарманд дар адабиёти мумтози тоҷик низ мавқеи калон дорад. Адибони гузашта дар васфи ҳунар ва бузургию арҷмандии одами ҳунарманд суханро дареғ надоштаанд. Дар поён навиштаҳои чанде шоиру нависандагони мумтозро дар боби ҳунар ва ҳунармандӣ аз назар мегузаронем.

Пеш аз он ки ба ин мавзӯъ гузарем, аввало маънии калимаи «ҳунар»-ро дар фаҳмиши адибони гузашта шарҳ доданамон лозим аст. Ин калима дар истифодаи пешиниён маънии васеъ дошта, ҳам касбу косибӣ ва ҳам фаъолияти маънавии одам, монанди илму адабиёту санъатро фаро мегирифт. Илм муҳимтарин навъи ҳунар дониста мешуд, чунон ки шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ онро «тоҷи сари тамоми ҳунарҳо» ҳисоб карда гуфтааст:

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм.

Машғулоти ҷисмонии косибиро бошад, бештар пеша, ҳирфа, санъат ва косибонро пешаварон, аҳли

ҳирфа, санъатварон мегуфтанд. Масалан, Носири Хусрав онҳоро бинобар офаринандаи неъматҳои моддӣ буданашон «санъатварон» ва «санноъ» номидааст. Бо вуҷуди ин калимаи «ҳунар» нисбат ба машғулоти ҷисмонӣ (косибӣ) низ кор фармуда мешуд, ки инро аз мазмуни навиштаҳои адибон дар бораи ҳунар ва ҳунарманд пай бурдан мумкин аст.

Ба ин тариқ, калимаи «ҳунар» маънии васеъ дошта, фаъолиятҳои ихтисос ёфтаи ҳам ҷисмонӣ ва ҳам маънавиро дар бар мегирифт. Имрӯз бошад, ин калима дар забони тоҷикӣ бештар нисбат ба касбу косибӣ истифода мешавад.

## Мақол ва ҳикматҳои халқ дар бораи ҳунар ва ҳунарманд

Ба як ҷавон чил ҳунар кам.

* * *

Боҳунар тоҷи сар аст, беҳунар думи хар аст.

* * *

Даҳ ангушташ даҳ ҳунар.

* * *

Ду чиз одамро ба мақсад мерасонад:
ё дасти ҳунар ё моли падар.

* * *

Зинати шахс ба илму ҳунар аст.

* * *

Илму ҳунар-барзагарӣ, дигар ҳама-ҳилагарӣ.

* * *

Марди боҳунар-хонааш пури зар.

* * *

Молу чизат ҳамеравад, илму ҳунар намеравад.

* * *

Одамиро нисбат ба ҳунар дуруст бояд дид, на ба падар.

* * *

Тавонгарӣ ба ҳунар аст, на ба мол.

* * *

Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош.

* * *

Ҳунар чу мушк бувад, мушк кай ниҳон гардад?

* * *

Ҳунар ҳунар аст, беҳунар хар аст.

* * *

Аз падари беҳунар чӣ меомӯзад писар?

* * *

Беҳунар дар маснади давлат кам мешинад.

* * *

Дасти беҳунар қошуқи гадост.

* * *

Каси беҳунар — дарахти бесамар.

**Савол ва супоришот:**

1. Чаро ҳунар ва ҳунармандӣ нишонаи фарҳанг шумурда мешавад?
2. Чаро деҳқонӣ маданият (фарҳанг) ба ҳисоб меравад?
3. Маънии аслии фарҳанг чист?
4. Чаро ба майдон омадани Зардушт пайғамбар ва ҷорӣ шудани дини зардуштӣ ба тараққиёти фарҳангии худ дохил шудани халқи тоҷик дар давраҳои қадим ҳисоб карда мешавад?
5. Фарҳанги моддӣ чист? Чаро касбу ҳунарро фарҳанги моддӣ ҳисоб мекунанд?
6. Дар кадом асос тоҷикон яке аз бофарҳангтарин халқҳои дунё ба шумор меравaнд?
7. Рӯйхати касбу ҳунарҳои дар байни халқи мо мавҷуд ва ривоҷдоштаро тартиб диҳед.

8. Чаро касбу ҳунар гарави осоиш ва некӯаҳволии одам ҳисоб мешавад? Кадоме аз онҳо имрӯз аҳамияти бештари ҳаётӣ доранд.
9. Навъҳои ҳунарҳои маънавиро номбар кунед.

## АНДАРЗҲО ДОИР БА ҲУНАР

Дар таърихи адабиёти тоҷик аввалин шоире, ки бахшида ба таърифи ҳунармандон шеърҳои махсус навиштааст, Носири Хусрави Қубодиёнӣ мебошад. Дар китоби «Саодатнома»-и ин шоир ду шеъри пураҳамият дар васфи кишоварзон (деҳқонон) ва санъатварон (ҳунармандон) ҷой дорад. Ин ҷо мо бо мазмуни шеъри дуюм – «Дар ҳаққи санъатварон» шинос мешавем.

Васфи ҳунарманд дар шеъри номбурдаи Носири Хусрав васфи муқаррарӣ ва оддӣ нест. Дар он соҳиби ҳунар ба таври умумӣ таърифу тавсиф карда нашуда, балки аҳамияту манфиати ҳаётии ҳунар ва мақому эътибори соҳиби он дар ҷамъият ба таври боварибахш нишон дода ва исбот карда шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат ин шеъри Носири Хусравро беҳтарин ва муҳимтарин шеър дар бораи ҳунармандон шумурдан мумкин аст.

Носири Хусрав дар мисраи аввалини шеър ҳунарманд (сонеъ)-ро одами аз ҳама хушбахт (муқбил) дар дунё ҳисоб карда, ин ақидаи худро дар давоми шеър бо далелҳо ба исбот мерасонад. Аввалин далели овардаи ӯ ин аст, ки ҳосили меҳнати дасти ҳунарманд беҳтарин ва арзандатарин неъмати моддии ҳаёт ҳисоб меёбад. Дар воқеъ, ҳама чизҳои зебо ва зарурии зиндагӣ – хӯрокию нӯшокӣ, хонаю ҷой, асбобҳои рӯзгор, зебу зинат ва ғайра – ҳама маҳсули дастранҷи ҳунармандон мебошанд. Дар гузашта ин тоифаро беҳуда санъаткор (санъатвар) ё ба қавли Носири Хусрав сонеъ- офаринанда намегуфтанд. Дар ҳақиқат, ҳунармандон офаринанда, яъне ба вуҷуд оварандагони нозу неъмат ва зебоиҳои моддии ҳаёт мебошанд, одамоне ҳастанд, ки ба воситаи маҳсулоти кори худ барои мардум имконият ва шароити зиндагиро ба вуҷуд

меоваранд, ҳаётро бардавом ва зебо мегардонанд. Бинобар ин онҳо бо меҳнати дастӣ, аксаран бо кори вазнини ҷисмонӣ машғул бошанд ҳам, ҳамчун офаринанда мартабаи бузург доранд. Пас, меҳнати касбӣ («касби даст»)-ро шоир ор ҳисоб намекунад, дар он ягон чизеро намебинад, ки шаъну шарафи одамро паст кунад. Баръакс, максаб – касбу ҳунар беҳтарин кор аст, ки ба одам шаъну шараф меорад, эътибори ӯро меафзояд:

> Беҳ аз сонеъ ба гетӣ муқбиле нест,
> Зи касби даст беҳтар ҳосиле нест.

Дар поинтари шеър боз дар ин маънӣ мегӯяд:

> Зи касби даст набвад ҳеҷ оре,
> Беҳ аз максаб набошад ҳеҷ коре.

Шоир дар поёни шеър оид ба шараф ва баландии мартабаи аҳли касбу ҳунар фикри хеле чуқур, олӣ ва ҷасуронаеро пеш рондааст: ба назари ӯ, одами соҳиби касб бинобар шарафи ҳунармандӣ ва манфиатрасонии худ ба мардум бо роҳи ҳунар сарафрозу сарбаланд аст. Боиси сарбаландии ӯ ин аст, ки ба туфайли ҳунараш ризқу рӯзии худро бо қуввати дасту бозувонаш муҳайё месозад, барои таъмин кардани рӯзгораш ба касе ҳоҷат намебарад, ба ягон кас мутеъ ва вобаста нест. Баръакс, кори дигарон ба вай меафтад, ҳама ба ӯ ҳоҷат меоранд, мӯҳтоҷи хидмати ӯ ҳастанд, ҳатто подшоҳон ба хидмат ва ҳунари онҳо эҳтиёҷ доранд, зеро тамоми карру фарри подшоҳӣ, зебу зинат, зару ҷавоҳироти хазина, силоҳ (яроқ)-ҳои ҷангӣ ва ҳоказо маҳсули кори ҳунармандон мебошанд. Ҳунарманд бошад, ба подшоҳ эҳтиёҷ надорад, ба ӯ кораш намеафтад, зиндагиаш ба ӯ вобаста нест, барои пурсидани нон ва дигар ризқу рӯзӣ сарашро хам карда ба даргоҳи ӯ намеравад. Ҳунарманд одами озод аст, чунон ки мегӯянд, худаш шоҳу табъаш вазир аст. Сарафрозию сарбаландии ӯ аз ҳамин ҷост. Носири Хусрав дар бораи озодӣ ва

сарафрозии санноон – ҳунармандон сухан ронда, беҳуда онҳоро бо салотин (подшоҳон) муқоиса накардааст. Бо ин муқоиса шоир шарафу эътибори одами соҳибҳунарро таъкид карда истода, аз ҳамин ҷиҳат пояи ӯро ҳатто аз подшоҳон ҳам баландтар мегузорад, бинобар он ки подшоҳон ба мардуми ҳунарманд ниёз доранду аммо ҳунармандон ба подшоҳон не, яъне рӯзашон бе онҳо ҳам мегузарад:

Сари сонеъ[1] ба гардун[2] – бар фароз[3] аст,
Салотинро[4] ба санноон[5] ниёз аст.

Носири Хусрав дар шеъри худ ба тасвири зиндагии озодонаи одами ҳунарманд диққати махсус додааст. Бинобар навиштаи ӯ, ҳунарманд аз пайи кори худ, саранҷом ва ба сомон расондани он машғул шуда, ҳамин ки рӯзи кор ба охир расид, шабона ба хона омада, фароғат мекунад, хотираш ҷамъу дилаш беғам роҳат мекунад, зеро қути зиндагӣ ва асбоби рӯзгорро ба воситаи меҳнати ҳалоли ҳунармандии худ муҳайё сохтааст. Вай ба гуфти шоир, худаш ба худаш султон аст, чаро ки аз ягон кас вобаста нест, миннати касеро намекашад, аз касе тарс ҳам надорад, ҳар касу нокас ба вай такаббур (сиблат) карда ё ӯро таҳқир карда ва паст зада ҳам наметавонад. Бо ёфтаи худ аз пушти дастранҷаш осудаю ором зиндагӣ мекунад, ризқу рӯзии зану фарзандонашро бо меҳнати ҳалоли худ таъмин менамояд, аз рӯи имкони худ ба хешу табораш ҳам мадад расонда меистад ва ғайра. Ҳамаи инҳо нишонаҳои зиндагии озодонаи шахси ҳунарманд мебошанд, ки шоир онҳоро ба таври воқеӣ ба қалам овардааст:

Ба рӯз андар пайи сомони хеш аст,
Чу шаб дар хона шуд, султони хеш аст.
Хӯрад бешу кам он моя, ки хоҳад,
Ба рӯз афзояд он-чӣ аз вай бимонад.

---

[1] *Сонеъ* – ҳунарманд, косиб
[2] *Гардун* – осмон
[3] *Фароз* – баланд.
[4] *Салотин* – подшоҳон
[5] *Санноон* – ҳунармандон

Барӣ[1] аз сиблати[2] ҳар дуну[3] ҳар хас,
Таносуда зи биму[4] миннати кас.
Ба бозу ҳосил орад қути фарзанд,
Хӯрад хуш бо аёлу хешу пайванд.
Расад сад баркат[5] аз касби ҳалолаш,
Биафзояд худо дар касбу молаш.

Нуктаи аз ҳама муҳим дар ин ситоиши ҳунармандӣ ва тасвири зиндагии озоду осудаи шахси ҳунарманд ризқу рӯзии ҳалоли худро ба даст овардани ӯ бо касбу кори ҳалол аст, ки ба ин шоир махсусан ишора кардааст. Сабаби асосии сарбаландӣ ва шарафи соҳиби касбу кор дар ҳамин аст. Пешавар ва косиби оддӣ ҳам аз он ки ба воситаи меҳнат ва зӯри бозувони худ нонашро ҳалол карда мехӯрад, ҳақ дорад фахр кунад, худро сарфароз ҳис намояд. Аз ин ҷиҳат ҳам вай, умуман бар одамони бекору беҳунари муфтхӯр, хусусан бар онҳое, ки ба роҳҳои ғайри меҳнати ҳалол зиндагӣ мекунанд, нафрат дорад. Шоир инро ҳам таъкид кардааст, ки азбаски аҳли касбу ҳунар бо касби ҳалол зиндагӣ мекунанду нони ҳалол мехӯранд, худо ба касбу кор ва молу чизи онҳо барака медиҳад, ризқу рӯзиашонро афзун мегардонад.

## ДАР ҲАҚҚИ КИШОВАРЗОН

Беҳ аз санної[6] олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу[7] тайрро[8] роҳатрасон аст.
Зи сонеъ ройгон[9] нафъе нахезад,
Зи деҳқон оқибат чизе бирезад.

---

[1] *Барӣ* — дур, озод
[2] *Сиблат* — ғурур, такаббур
[3] *Дун* — одами нокас, паст
[4] *Бим* — тарс, ҳарос
[5] *Баркат* — шакли кӯтоҳи баракат
[6] *Санноъ* — ҳунарманд, косиб
[7] *Ваҳш* — ҳайвони ваҳшӣ
[8] *Тайр* — парранда
[9] *Ройгон* — муфт

Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ[1], гоҳе бӯстон аст.
Ба роҳат аз даҳоқин[2] мурғу мӯранд,
Ҳама гар одамию гар сутуранд[3].
Агар деҳқон чунон бошад, ки бояд,
Сабук гӯй аз малоик[4] даррабояд.
Агар ҷӯёи қаҳти нон набошад,
Касеро пояи[5] деҳқон набошад.
Ба кор-андар ҳама мардони коранд,
Арақрезанду қути[6] халқ коранд.
Калиди ризқу қисмат сахт дар мушт,
Чароғи дилфурӯзӣ дар даҳ ангушт.

## ВАСФИ ҲУНАР АЗ НАЗАРИ НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Дар эҷодиёти шоири бузург Низомии Ганҷавӣ вобаста ба гузориши масъалаҳои муҳими ахлоқӣ ба тарбияи насли наврас низ эътибори ҷиддӣ дода шудааст. Шоир аз ҷумла ҳунару ҳунармандиро дар мавридҳои муносиби маснавию достонҳои «Хамса»-и худ ситоиш намуда, зарурати омӯхтани онро барои ҷавонон таъкид кардааст. Хусусан насиҳати ӯ ба фарзандаш Муҳаммад дар бораи омӯзиши ҳунар хеле шӯҳрат ёфтааст. Дар ин боб аз он панднома байти зерин хеле ҷолиби диққат аст:

Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.

Шоир дар ин байт ба писараш гуфтааст, ки ба воситаи омӯхтани ҳунар ба одамон даркушоӣ карда

---

[1] *Заръ* – кишт
[2] *Даҳоқин* – деҳқонон
[3] *Сутур* – ҳайвони саворӣ ва боркашонӣ
[4] *Малоик* – фариштаҳо
[5] *Поя* – мартаба, эътибор
[6] *Қут* – ғизо

метавонӣ. Даркушоӣ ё дар ба рӯи касе кушодан маҷозан ба маъниҳои ба одамон ёрӣ расондан, ҳоҷати онҳоро баровардан, хидмат кардан ва монанди инҳо меояд. Пас мазмуни байт ин аст, ки агар ҳунар омӯзию соҳибҳунар шавӣ, ба мардум ёрӣ расонда ва хидмат карда метавонӣ. Дар ҳақиқат, кас ба туфайли касбу ҳунараш ба некӯкорӣ ва ба ҷо овардани хидмати мардум имконият пайдо мекунад. Вай бо ин роҳ на танҳо рӯзгори худро таъмин мекунад, балки аз ҳисоби музди меҳнати он ба ҳоҷатмандон ёрӣ мерасонад, дар ҳар кор онҳоро дастгирӣ менамояд ва ғайра. Агар вай соҳиби ҳунаре набошад, на ҳоҷати зиндагии худро раво карда ва на ба дигарон мадад расонда метавонад. Аз тарафи дигар, ҳунарманд маҳсули касбу кори худро низ ба хидмати мардум сарф мекунад, молу чиз ва неъматҳои мавриди ниёзи онҳоро ба вуҷуд меоварад, бо дастранҷаш рӯзгорашонро таъмин менамояд. Пас, ҳунар на танҳо сарчашмаи эҳсону карам, ҳоҷатбарорӣ ва хидмат кардан ба мардум, балки манбаи зиндагӣ ҳам мебошад.

Аз мавқеи некӯкорӣ ва эҳсону карами инсонпарварона талқин шудани ҳунару ҳунармандӣ дар эҷодиёти Низомӣ тасодуфӣ нест. Ин шоир ба таълимоти ҷараёни тасаввуф, хусусан ба ақидаву оинҳои ҷавонмардии он таваҷҷӯҳи калон дошта, ин ақидаву оинҳои инсонпарваронаро дар асарҳояш тараннуму таблиғ кардааст.

Низомӣ қадру қимат ва аҳамияти ҳунарро ба баландтарин поя расондааст. Ӯ дар ин хусус хеле мубoлиғa карда гуфтааст: ҳар куҷое, ки ҳунар қадру эътибори баланд пайдо кунад, ба дараҷаи давлатхудоӣ мерасад. Ин калимаи ихтирокардаи Низомӣ дар бологузории мақоми ҳунар ба маънии худои давлат, яъне бахшандаи давлату молу мулк ва неъмат аст. Бо ин калима шоир ҳам мақому эътибори ҳунарро ба болотарин дараҷа (дараҷаи худоӣ) расондааст, ҳам бунёдкори давлату асбобу неъмат будани онро барои инсон таъкид кардааст. Ҳамин тавр, мувофиқи тал-

қини шоир, ҳунар ба мисоли худо бахшандаи давлат аст, ба ин маънӣ, ки соҳибашро ба давлат мерасонад, ба ӯ асбобу молу неъмат медиҳад:

Ҳунар ҳар куҷо ёфт қадри тамом,
Ба давлатхудоӣ баровард ном.

Низомӣ қадри ҳунарро ба осмон бардошта, ба масъалаи муносибат ба ҳунар ва аҳли он низ эътибори ҷиддӣ додааст. Шоири бузурги ҳунарпарвар ҳунарро арзандатарин ва шоистатарин чиз дар дунё ҳисоб карда, бинобар ин ба одамон панд медиҳад, ки дилдодаи он бошанд, ҳар ҷо ки ҳунар ва ҳунарварро бинанд, сайди онҳо гарданд. Ин панди пурмазмуни шоирро ба маъниҳои мухлиси ҳунар ва аҳли он будан, дӯст доштан ва болои сар гузоштани онҳо ва монанди инҳо фаҳмидан мумкин аст. Шоир инчунин ҳунармандро ба даъвипарастони беҳунар, ба онҳое, ки ба чизе ва коре даъво доранду аммо аз ӯҳдаи он намебароянд, муқобил гузошта, ба одамон тавсия медиҳад, ки ин ду тоифаро аз ҳам фарқ кунанд:

Дил ба ҳунар деҳ на ба даъвипараст,
Сайди ҳунар бош, ба ҳар ҷо ки ҳаст.

Ҳамин тавр, Низомӣ чӣ дар бологузории мақоми ҳунар ва чӣ дар таблиғи қадршиносию бузургдошти он суханро дареғ надоштааст.

**Савол ва супоришот:**

1. Дар кадом асос Носири Хусрав сонеъ (ҳунарманд)-ро одами аз ҳама хушбахт ҳисоб мекунад?
2. Чаро Носири Хусрав ҳунармандро сонеъ гуфтааст?
3. Мартабаю мақоми бузурги одами ҳунарманд дар чист?
4. Ба назари Носири Хусрав аз кадом ҷиҳат ҳунарманд сарафрозу сарбаланд аст?
5. Дар кадом асос Носири Хусрав ҳунармандро одами озод ҳисоб мекунад?
6. Ба ақидаи Носири Хусрав ба подшоҳон шараф доштани ҳунармандон аз кадом ҷиҳат аст?
7. Чаро ризқу рӯзии одами соҳибҳунар ҳалол аст?

8. Дар асоси шеъри Носири Хусрав фикрҳои худро дар бораи зиндагии озод ва ризқу рӯзии ҳалоли одами ҳунарманд ба шакли хаттӣ баён намоед.
9. Ҳунармандиро воситаи даркушоӣ донистани Низомӣ ба чӣ маънӣ аст?
10. Ҳунарро давлатхудо номидани Низомӣ чӣ маънӣ дорад?

## САЪДИИ ШЕРОЗӢ ДАР СИФАТИ КАСБУ ҲУНАР

Он нуктаҳои асосие, ки дар шеъри Носири Хусрав дар сифати касбу ҳунар ва бузургдошти аҳли он баён гардидаанд, дар навиштаҳои бузургони минбаъдаи адабиёти мумтози мо давом ва инкишоф ёфтаанд. Хусусан, Шайх Саъдии Шерозӣ дар асарҳои ҷовидонии худ «Гулистон» ва «Бӯстон» ба ин мавзӯъ истода, моҳияти ҳаётии ҳунар ва арҷмандии аҳли онро бо заковати воқеъбинии ба худаш хос равшан намудааст. Дар эҷодиёти ин нависандаи бузурги инсонпарвар мавқеи калон доштани тараннуми ҳунару ҳунармандӣ тасодуфӣ нест. Вай аз мавқеи ҳимояи манфиатҳои мардуми меҳнатӣ, ки ғояи асосии осори ин адибро ташкил менамояд, гузориш ёфтааст. Саъдии бузург ба манфиати мардуми меҳнатӣ, ба мақсади беҳбуди зиндагии онҳо қалам рондааст. Ин ғояро нависанда бештар ба воситаи ситоиши меҳнат ва ҳунар талқин намудааст.

Саъдӣ дар боби бахшида ба масъалаҳои тарбияи «Бӯстон»-и худ дар зимни маслиҳат ба падару модарон оид ба тарбияи фарзанд фикрҳои пурқиммате баён кардааст, ки ба омӯхтани касбу ҳунар дахл доранд. Дар ин боб адиб ба падарон, хусусан ба падарони давлатманд маслиҳат медиҳад, ки чун Қоруни афсонавӣ молу давлати фаровон дошта бошанд ҳам, фарзандони худро нозпарвард[1] ва бекорхӯҷа калон накарда, ба онҳо дастранҷ — касбу ҳунарро ёд диҳанд. Нависанда ин тавсияи худро асоснок карда, ба падарони бадавлат хотиррасон менамояд, ки ба пулу мол ё ҷоҳу амал (дастгоҳ)-и худ такя ва эътимод наку-

[1] *Парварда* — ин ҷо ба маънии тарбия карда

нанд, зеро дорой ва ҷоҳи онҳо доимӣ нахоҳад буд. Бо гузашти вақт амал ҳам аз даст мераваду молу неъмат ҳам ба охир мерасад, кисаи зару сим холӣ шуда мемонад, пулҳои захира шуда адо мешаванд. Он гоҳ давлатманд бенаво шуда, ба ҳоли дармондагӣ ва ноилоҷӣ меафтад, чораи рост кардани корашро ёфта наметавонад. Зеро ҳунаре надорад, ки ба воситаи он ризқу рӯзӣ кунад. Аммо пешавар — соҳиби касбу ҳунар кисаи ҳамеша пур аз зару сим дорад, ки ҳаргиз холӣ намешавад. Каси соҳибҳунар то охири умр давлатманд аст. Давлати ӯ, кисаи пурзари ӯ, албатта, ҳамон ҳунари ӯст. Чӣ тавр ҳунар барои соҳибаш кисаи пурзар ва давлати нақд ҳисоб меёбад? — Ба ин савол Саъдӣ дар порчаи мавриди таҳлили «Бӯстон» ҷавоби аниқ намедиҳад. Ба ин савол фақат аз як ҳикояти «Гулистон» ҷавоб пайдо мекунем, ки поинтар онро аз назар мегузаронем. Дар порчаи мавриди назари «Бӯстон» бошад, шоир фақат ҳаминро гуфтааст, ки агар фарз кунем, бо гардиши рӯзгор пешавар аз ватани худ дур афтода, дар диёри бегона, дар ғарибӣ монад ҳам, азбаски пешае (касбе) дорад, хор намешавад. Пешааш ба вай имкон медиҳад, ки пеши касе ҳоҷат набурда ва аз ӯ чизе напурсида, бо кор фармудани пешаи худ нонашро ба даст орад:

Биёмӯз парвардаро дастранҷ[1],
В-агар даст дорӣ чу Қорун[2] ба ганҷ.
Макун такя бар дастгоҳе[3], ки ҳаст,
Ки бошад, ки неъмат намонад ба даст.
Ба поён расад кисаи симу зар,
Нагардад тиҳӣ кисаи пешавар.
Чӣ донӣ, ки дар дидани рӯзгор,
Ба ғурбат[4] бигардонадаш дар диёр.

---

[1] *Дастранҷ* — касбу кор; *парварда* — ин ҷо ба маънии фарзанд

[2] *Қорун* — номи давлатманди афсонавӣ, ки дар Қуръон зикр шудааст

[3] *Дастгоҳ* — давлат, мансаб

[4] *Ғурбат* — ғарибӣ

Чу бар пешае бошадаш дастрас,
Куҷо дасти ҳоҷат барад пеши кас?

Мақсади Саъдӣ аз ин гуфтаҳо огоҳ кардани беҳунарон аз оқибати бади беэътиборӣ ба омӯзиши касбу ҳунар мебошад. Шоир зарурати ҳаётии ба фарзандони худ омӯзондани касбу пешаро ба падару модарон фаҳмондан хостааст.

Зарурати омӯхтани касбу пеша барои зиндагӣ агар дар порчаи болоии «Бӯстон» аз забони худи муаллиф талқин шуда бошад, дар як ҳикояти «Гулистон» аз номи ҳакими донишманде чун панду насиҳати ӯ ба фарзандонаш таъкид ёфтааст. Дар ҳикоят оварда шудааст, ки ҳакиме ба писарони худ панд дода мегуфт, ки ҳунар омӯзед, ба мулку давлати дунё эътиқод ва такя накунед, зеро он вафо надорад, яъне як хел намеистад, имрӯз ҳасту фардо нест. Масалан симу заре, ки ҳамроҳи худ дар сафар дар киса гирифта мегарданд, ба хатар рӯ ба рӯ аст: ё онро якбора дузд мебарад ё соҳибаш кам-кам ҳарҷ карда, ба охир мерасонад. Аммо ҳунар давлати поянда (доимӣ) асту чашмаи зоянда, ки ба сарф кардан тамом намешавад ба хӯрдан хушк намешавад. Бинобар ин агар одами ҳунарманд аз давлати дунё маҳрум монад ё аз амал равад ҳам, ҳеҷ ғам надорад, чаро ки ҳунари ӯ барояш худ давлат аст. Ҳунармандӣ худ давлатмандӣ аст. Ҳунармандӣ — ин иззату обрӯст. Аз ин сабаб шахси ҳунарманд куҷое, ки равад, қадр мебинад ва дар пешгоҳ менишинад. Аммо беҳунар хор ва ба луқмаи нон зор мешавад. Хору зории ӯ, хусусан баъди маҳрумӣ аз амал ё молу давлат ниҳоят сахт аст, ки ба ин нукта нависанда дар охири ҳикоят бо овардани байти зерин ишора кардааст:

Сахт аст пас аз ҷоҳ таҳаккум[1] бурдан,
Хӯ карда ба ноз[2] ҷаври мардум бурдан.

---

[1] *Таҳаккум* — фармонбардорӣ, итоат
[2] *Ноз* — нозу неъмат

Худи ҳикоя чунин аст:

Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунёро эътиқод нашояд ва симу зар дар сафар бар маҳалли хатар аст: ё дузд якбора бибарад, ё хоҷа ба тафориқ[1] бихӯрад. Аммо ҳунар чашмаи зоянда асту давлати поянда. Агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунарманд дар нафси[2] худ давлат аст. Ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва дар садр[3] нишинад ва беҳунар луқма ҷӯяду сахтӣ бинад.

Дар ин ҳикоя моҳияти ҳунар ва қадру эътибори ҳунарманд хеле чуқур муайян карда шудааст. Аввалан, нависанда дар ин ҳикоя ба саволи ин ки чӣ тавр ҳунарманд (пешавар) ҳамеша кисаи пур аз зару сим дорад, ки он ҳаргиз холӣ намешавад, ҷавоби аниқ ва равшан додааст. Ин савол дар ду ибора — «чашмаи зоянда» ва «давлати поянда» ҷавоби худро пайдо кардааст. Мағзи мазмуни ҳикоят низ дар ҳамин ду ибора ифода гардидааст. Ҳунарро давлати поянда номидани нависанда ба ин маънӣ аст, ки он ҳаргиз аз даст намеравад. Касе онро аз соҳибаш кашида гирифта ё дуздида наметавонад. Ҳунарманд ба ин маънӣ соҳиби давлати поянда, яъне доимӣ аст, ки ҳамеша ва дар ҳама ҷо ҳунари худро кор фармуда, молу чизҳои барояш даркориро ба даст овардан мегирад. Агар дар дасти ӯ симу зари нақд ва молу чиз набошад, ҳеҷ гап нест. Ҳунарманд аз ҷои нест ба воситаи ҳунараш молу давлат пайдо кардан мегирад. Модоме ки ҳунар аз дасти соҳибаш намеравад, пас давлат ҳам аз дасти соҳиби ҳунар намеравад. Бинобар ин давлати соҳибҳунар барои ӯ поянда, доимӣ ва умрбод аст. Ҳол он ки агар беҳунар давлаташро аз даст диҳад, дигар онро пайдо карда наметавонад, ҳунар надорад, ки бо кор фармудани он ҷои чизҳои аз даст дода ё сарф карда-

---

[1] *Тафориқ* — дурӣ (аз ватан)

[2] *Нафс* — ин ҷо ба маънии асл, зот

[3] *Садр* — боло, пешгоҳ

ашро пур карда монад. Ба ҳамин маънӣ Саъдӣ давлатро барои ҳунарманд вафодор ва барои беҳунар бевафо ҳисоб кардааст. Ҳунарро чашмаи зоянда (хушкнашаванда) таъбир кардани нависанда низ моҳияти онро хеле дуруст ифода менамояд. Дар ҳақиқат, ҳунар ба чашма монанд аст, ки оби он аз ҷои ноаён ҷӯшида мебарояду ҳаргиз хушк намешавад. Ҳунар ҳам барои соҳибаш мисли чашмаи об доимо нозу неъматҳоро муҳайё кардан мегирад. Вай барои соҳибаш манбаи ризқу рӯзӣ, сарчашмаи зиндагии осуда, гарави давлати пойдор аст.

Дар ҳикояти зикршуда нависандаи зиндагишинос аҳамияти бузурги ҳунарро барои инсон кушода додаast. Аз мазмуни ин ҳикоят чунин натиҷа мегирем, ки дар зиндагии инсон ҳеҷ чиз ба ҳунар баробар шуда ва чизе онро иваз карда наметавонад. Аз ҷумла, молу давлат, симу зар дар баробари ҳунар чизе нест, зеро он бебаҳо ва адошаванда аст. Умри молу зар кӯтоҳ, вале умри ҳунар дароз аст.

Саъдӣ баробари баландии қадри ҳунар мартабаи баланди ҳунармандро низ нишон додааст. Нависанда шахси ҳунармандро соҳиби қадру эътибори баланд, мавриди иззату эҳтироми мардум дидааст. Ба назари ӯ, каси ҳунарманд тӯтиёи одамон, гули сари сабади сӯҳбату нишастҳои онҳо аст. Ҳар ҷо ки ӯ равад, ҳама эҳтиромаш мекунанду дар садр (пешгоҳ) мешинонанд. Баръакси ин, Саъдӣ қадри каси беҳунарро хеле паст дидааст. Беҳунар ба назари ӯ дар зиндагӣ ҳамеша азоб мекашаду ранҷ мебинад. Рӯзгораш ба иллати надоштани манбаи зиндагӣ ба сахтӣ мегузарад. Вай ҳамеша ба як парчаи нон зор аст, фикру зикраш дар он аст, ки чӣ навъ луқмае ба даст орад.

### Савол ва супоришот:

1. Каси соҳибҳунар ҳамеша кисаи пур аз зару сим дорад, гуфтани Саъдӣ чӣ маънӣ дорад?
2. Боиси то охири умр давлатманд будани одами ҳунарманд чист?

3. Чаро Саъдӣ зарурати ба фарзандони худ омӯзондани касбу ҳунарро махсусан ба давлатмандон таъкид кардааст?
4. Ҳунарро чашмаи зоянда ва давлати поянда таъбир кардани Саъдӣ чӣ маънӣ дорад?
5. Чаро Саъдӣ давлатро ба каси ҳунарманд вафодор ва ба беҳунар бевафо ҳисоб кардааст?
6. Боиси мавриди иззату эҳтироми мардум гардидани каси соҳибҳунар чист?
7. Тарғиби ҳунармандӣ дар эҷодиёти Саъдӣ бо кадом мароми эҷодии ӯ вобаста аст?

## АФЗАЛИЯТИ ҲУНАР АЗ НАЗАРИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Муқобилгузории зар-ҳунар ба маънии афзал донистани ҳунар аз молу давлатро шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ низ давом додааст. Ҷомӣ молу зарро дар муқоиса бо ҳунар чизе намешуморад, бинобар ин фарзанди худ Зиёуддин Юсуф ва ба воситаи ӯ тамоми ҷавононро ба касб кардан (ба даст овардан)-и зар (пул) не, балки ҳунар даъват менамояд. Ин даъвати шоири мутафаккирро ба чунин маънӣ фаҳмидан лозим аст, ки агар кас ба фикри ба даст овардану ҷамъ кардани зар (пул) нашуда, тамоми саъю ҳаракати худро аввал ба омӯхтани ҳунар равона созад, ба воситаи он пулу заро пайдо карда метавонад. Молу зар ва боигарӣ ба воситаи ҳунар ба даст меояд. Пас молу зар ва давлат вобаста ба ҳунар аст, ба туфайли он насиби кас мегардад. Ҳунар манбаи аслии пулу моли ҳалол аст.

Аммо Ҷомӣ дар ин маврид ҳунар гуфта касбу пеша ва меҳнати ҷисмонии онро не, балки ҳунарҳои ақлонӣ, аз қабили илму санъату адабиётро дар назар дорад. Шоир ба ҳамин маънӣ равшан гуфтааст, ки манзури ӯ ҳунаре нест, ки ба воситаи он «ганҷи зар» — пулу мол ба даст оварда мешавад, балки он ҳунарест, ки аз дилу ҷони соҳиби худ ранҷро дур карда, ба вай шодӣ ва роҳату ҳаловат мебахшад. Дар ҳақиқат, маш-

ғулӣ бо ҳунарҳои фикрӣ, эҷод кардани асарҳои санъату адабиёт, кори илмӣ баробари душворию машаққатҳои худ ҳаловати махсус низ дорад. Кори эҷодӣ ва илмӣ ба дили аҳли худ ҳузур ва роҳат мебахшад, ӯро қаноатманд мегардонад. Ин ҳузуру ҳаловат ва қаноатмандии рӯҳист, ки эҷодкор ва олим дар рафти кори маънавӣ ва баъд аз самараи он ҳис мекунад. Вале ин гуна ҳунари фикрӣ, чунон ки Ҷомӣ қайд кардааст, ба ҳама кас насиб намешавад, зеро машғул шудан бо он истеъдоду лаёқати заруриро талаб менамояд. Бе ин кори эҷодӣ ва илмӣ на самараи дуруст дораду на ҳаловати қаноатмандӣ. Аз ин рӯ, Ҷомӣ ҳунарҳои фикрӣ ва эҷодиро баҳра (насиба)-и одамони махсуси соҳибистеъдод ҳисоб карда, ин тоифаи эҷодкорро ба сифати «зиндадилон» ёдовар шудааст. Умуман, аз гуфтаҳои Ҷомӣ маълум мешавад, ки ӯ мақоми ҳунарҳои фикрӣ ва эҷодиро нисбат ба ҳунарҳои ҷисмонӣ хеле баланд донистааст, онҳоро навъи олии ҳунар ҳисоб кардааст:

Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Ганҷи зар пеши ҳунар чизе нест.
Ҳунаре не, ки диҳад ганҷи зарат,
Ҳунаре аз дилу ҷон ранҷ барат.
В-он ҳунар нест насиби ҳама кас,
Баҳраи зиндадилон омаду бас.

Аммо дар ҷои дигар Ҷомӣ дар бораи «марди ҳунар» сухан ронда, чӣ соҳиби ҳунари ақлӣ ва чӣ аҳли ҳунари ҷисмониро дар назар доштааст. Дар ин ҷо ҳам шоир қадру эътибори мард (инсон)-ро на аз рӯи соҳиби зару сим (пулу мол) будани ӯ, балки соҳиби ҳунар буданаш муайян кардааст. ба инсон фақат ҳунар қадру эътибори ҳақиқӣ мебахшад. Ин нуктаро шоир ба воситаи мисолҳо аз ҳаёти замони худ ба исбот расонидааст. Ба гуфти ӯ, бисёр дида шудааст, ки банда (ғулом) ба воситаи омӯхтани ҳунар аз хоҷа (соҳиб)-и худ бештар

қадру эътибор пайдо кардааст. Хоҷа бошад, аз беҳунарӣ мӯҳтоҷи бандаи худ гардида, дар роҳи зиндагӣ аз паси ӯ рафтааст:

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.
Эй басо банда, ки аз касби ҳунар
Қадраш аз хоҷа басе бештар аст.
В-он басо хоҷа, ки аз беҳунарӣ
Дар раҳи бандаи худ пайсипар аст.

Равшан аст, ки дар ин ҷо ғуломи ҳунарманд соҳиби касбу ҳунари ҷисмоние мебахшад, ки дар зиндагӣ зарур аст.

Ба ғайр аз ин Ҷомӣ оиди ҳунар мегӯяд:

* * *

Ба чандин ҳунар пир оростаст,
Вале не чу хубони навхостаст.

* * *

Чунин гӯянд меъморони ин хок,
Ки чун шуд бар иморат доя густох.
Падид овард устоде ҳунаркеш,
Ба ҳар ангушти дасташ сад ҳунар беш.

**Савол ва супоришот:**

1. Чаро А.Ҷомӣ ҳунарро ба зар (давлат) муқобил гузоштааст?
2. Манбаи аслии давлат будани ҳунарро шарҳ диҳед.
3. Фарқи ҳунари ақлониро аз ҳунари ҷисмонӣ нишон диҳед. Ҳунарҳои ақлониро номбар кунед.
4. Оё ҳунарҳои ақлониро аз ҳунарҳои ҷисмонӣ (касбу пеша) боло гузоштани А.Ҷомӣ дуруст аст?



# МИРЗО БАРХУРДОРИ ФАРОҲӢ: ДАР БАЁНИ ФОИДАҲО ВА ҚОИДАҲОИ КАСБУ ҲУНАР ВА ҚОБИЛИЯТ

Шоир ва нависандаи бомаҳорати асри XVII тоҷик Мирзо Бархурдор дар вилояти Фароҳи Хуросон ба дунё омада, баъд аз таҳсили илм дар шаҳру вилоятҳои гуногуни Хуросон дар дастгоҳи ҳокимон вазифаи мирзоӣ (котибӣ)-ро иҷро кардааст. Ӯ дар зодгоҳаш – Язда ном қарияи наздики шаҳри Фароҳ тахминан дар аввали асри XVIII вафот кардааст.

Мирзо Бархурдор аз овони ҷавонӣ дар маҷлисҳои аҳли фазлу адаб иштирок карда, аз забони онҳо ҳар гуна ҳикояту ривоятҳо шунида, онҳоро ҷамъ мекард. Ниҳоят бо таклифи дӯстонаш дар асоси ин ҳикояту ривоятҳои латиф ва шавқовар асари калони насрии «Маҳфилоро»-ро таълиф кард, ки бо номи «Маҳбуб-ул-қулуб» (маҳбуби дилҳо) ҳам машҳур аст.

«Маҳбуб-ул-қулуб» асари комилан ахлоқӣ буда, ба масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии инсон бахшида шудааст ва аз ҳамин ҷиҳат аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад. Ҳикоёту қиссаҳое, ки муаллиф онҳоро аз даҳони мардум ва китобҳо навишта гирифтааст, ҳар кадом алоқамандона ба ягон масъалаи ахлоқ бахшида шудаанд. Дар оғози ҳар боби асар нависанда аввал доир ба ин ё он масъалаи ахлоқ ба тариқи муқаддима баҳси назарӣ кушода, фикру андешаҳояшро баён менамояд, сипас барои тасдиқу таъкиди онҳо ҳикоятҳо меорад. Масалан, дар қисми муқаддимавии асар масъалаҳои бисёр муҳим ва ҳаётии ахлоқие, аз қабили зарурат ва фоидаи кадхудоӣ (оиладорӣ), таваллуди фарзанд ва қоидаи ақиқа – «расмест, ки дар ҳафтрӯзагии кӯдак гӯсфанд кушта зиёфат медоданд ва ба

кӯдак ном мегузоштанд», одобу қоидаҳои тарбияи фарзанд, манфият ва қоидаҳои омӯхтани касбу ҳунар ва ғайра баррасӣ гардида, пас аз баёни ҳар кадоме аз онҳо одатан ҳикояти мувофиқе оварда шудааст. Ҳамин тавр, нависанда ба тарбияи одам аз айёми кӯдакӣ то ба воя расида, касбу ҳунарҳоро омӯхтани ӯ эътибор додааст.

Доир ба зарурати омӯхтани касбу ҳунар хусусан мақолаи (фасли) сеюми боби муқаддимавии асар ҷолиби диққат аст. Дар он манфиат ва қоидаҳои омӯхтани касбу ҳунар баён гардида, дар ин маънӣ ҳикояте ҳам оварда шудааст. Дар поин аввал бо фикру андешаҳои нависанда доир ба ин масъала шинос мешавем, баъд ҳикояти ӯро дар ин боб нақл мекунем. Аммо бояд гуфт, ки забони «Маҳбуб-ул-қулуб», бинобар тарзи баёни муншиёна ба таълифоти муншиён (мирзоён) хос буда, нисбатан душвор ва суханпардозона аст. Барои сабук ва осонфаҳм шудани он баъзе ибораҳоро ихтисор ва маънии калимаҳои номафҳумро дар қавсайн менависем.

## Дар баёни фавоид (фоидаҳо) ва қавоиди (қоидаҳои) касбу ҳунар ва қобилият

Яке аз аркони (сутунҳои) кохи (қасри) муҳаббати падарон ба фарзанд он аст, ки ҷумлагӣ (тамоми) нияти хотир (фикр)-ро бад-он мутаваҷҷеҳ (равона) ва масруф (сарф) доранд, ки лавҳи дониши фарзандони эшон ба зинати фаҳму камол нигориш ёфта, андоми (тани) вуҷуди эшон ба либоси касбу пеша, ки мувофиқи равияву маслаки (роҳи) ҷибиллии (табиии) эшон бошад, ороиш ба ҳам расонанд. Чаро ки форисони (саворони) мизмори тамизу огоҳӣ гуфтаанд, ки дукккони имтиёз (бартарӣ)-у баракоти одамиро матои гаронбаҳотар (пурқимматтар) аз ҷинси нафиси ҳунару камол (мукаммалӣ) намебошад ва сипеҳри (осмони) арҷманди (бузургӣ,баландӣ)-ву сао-

дат (хушбахтӣ)-ро ахтаре (ситорае) дурахшандатар аз қобилият нест. Зеро касеро, ки дар саҳифаи аҳвол (ҳаёт) фиқраи (ҷумлаи) ҳунаре нигошта (навишта) нашуда, монанди нахли (дарахти) хушк аз файзу зевари сояву самар (мева) барӣ (холӣ) ва ё гулест аз либоси рангу бӯ орӣ (дур). Филҳақиқат (дар ҳақиқат), ҳар киро, ки аз роиҳаи (бӯи) раёҳини (гулҳои) ин гулшани фирдавссиришт (ҷаннатмонанд) бӯе ба машоми (димоғи) идрок (фаҳм) расида, комёби лаззоти (лаззатҳои) неъматҳои гуногуни баҳрамандиву сарафрозӣ гардад. Ва онро ки аз майи хушгувори ин мавҳибат[1] ҷуръае (қулте) ба коми истеъдод (қобилият) нарасида бошад, ҳама вақт ба дарди сари хумори ифлос (муфлисӣ)-у идбор (бадбахтӣ) гирифтор буда, бори басе сахтиҳо ва суубот (мушкилиҳо) бар дӯши (пушти) шармсорӣ ва хиффат (хорӣ) кашад.

Гулдастабандони риёзи (боби) ҳақоиқ (ҳақиқат)-у ирфон (шиносандагӣ) бекамолону нохирадмандонро аз ҷумлаи (қабили) арозил (пастон)-у сифла (нокасон) шумурдаанд. Дарвоқеъ касри (шикасти) шаъни инсони комили ёр (асил) аст, ки хушиҳои айёми баҳори ҳаётро[2] ба сарсаргардии (беҳудагардии) кӯчаву бозори атолат (бекорӣ)-у булҳавасӣ (ҳавасбозӣ) гузаронида, аз гулгашти нузҳатсарои (сарои дилкушо)-и хуррамободии иктисоб (касбу ҳунар) зоеъ бимонад (маҳрум шавад) ва хушвақт нагардад. Муҳаббати беҳунару бекамол дар ҳеҷ диле роҳ наёбад ва роҳи ионаташ (ёрмандиаш) ҳеҷ қадаме насипарад (наравад).

Аз муаллиф:

Калиди ганҷи саодат фитад ба дасти касе,
Ки нахли ҳастии онро бувад бари[3] ҳунаре.

Роқимони (нависандагони) саҳоифи (саҳифаҳои) ҳунар ва ҳунарварони хуҷистасияр (некӯсиришт) дар ҳар мулку кишвар монанди тиллои аҳмар (сурх) ази-

---

[1] *Мавҳибат* — дӯстӣ, меҳр
[2] *Баҳори ҳаёт* — ҷавонӣ
[3] *Бар* — мева, самар

зу мўътабар ва аз шукри мурооти (риоят ва эҳтироми) хосу ом (хурду калон) ширинком ва баҳравар бошанд ва дираме (тангае) аз зари холисиёри[1] қобилият дар ҷайби (кисаи) тасарруфи (соҳиб будан) ҳар кас бошад, ҳаргиз дидаи( чашми) иститоаташ (тавоноияш) бар мадди (дароз кашидани) бесарусомонӣ ғуборолуда нашавад ва кисаи бизоаташ (дороияш) аз зару сими тавонгарӣ (сарватмандӣ) холӣ нагардад. ҳукамо (ҳакимон) беҳунарро беболу пар номидаанд, яъне он қадар ки мурғро ҳангоми парвоз болу пар даркор аст, ҳунар низ дар ҷомеи мавод (ҳамаи мавридҳо) мардро зарур аст. Подшоҳони зуиқтидор (боиқтидор) ва соҳибшавкатони олимиқдор (олиқадр), ки миқдори молу неъматашон бо курраи арз (замин) ҳамсанг (баробар) мебошад, фарзандони худро ба таълими камолот ва қобилиёт (тавоноиҳо) тарғибу ишора мефармоянд. Пас, соири (тамоми) халқро зарур, бал воҷиб (ҳатмӣ) аст, ки фаро гирифтани (омӯхтани) ҳунарро мӯҷиби (сабаби) интизоми (тартиби) рафоҳият (некӯаҳволӣ) ва зареаи (воситаи) маишати (зиндагии) худ созанд. Филвоқеъ (дарвоқеъ) ҳунар рафиқест меҳрубон ва ёрест шафиқ (мушфиқ)-у файзрасон, маркабест, ки фориси (савори) худро зуд ба сарманзили роҳату эътибор расонад ва сипарест, ки аз ҳама сиҳоми (тирҳои) офот (офатҳо) молики (соҳиби) худро ҳифз ва ҳиросат (нигаҳдорӣ) намояд...

Ҳарчанд ки касеро ба самари нахли камол чандон эҳтиёҷе набошад, рӯзе расад, ки он ҳунар мӯҷиби истеҳкоми (мустаҳкамии) шерозаи авроқи (варақҳои) рафоҳияти (некии) ҳолаш гардад.

Дар ин сурат падаронро воҷиб аст, ки «маҳмо амкан» (ба қадри имкон) саъйе кунанд, ки хонаи истеъдоди (иқтидори) фарзандонашонро аз матои асбоби қобилиёт (тавоноиҳо) равнақе ба ҳам расад. Ва фарзандонро низ лозим аст, ки ғошияи (зини) мурооти (риояти) падару модарро ба дӯши (пушти) итоа-

---

[1] *Зари холисиёр* – зидди зар, пули қалбакӣ

ту инқиёд (фармонбардорӣ) кашида, нафасе бе ризои эшон нагузаронанд. Зиҳӣ, саодатманд (хушбахт) фарзанди арҷманде, ки ба нашъаи муфарреҳ (фараҳбахш)-и хидмату парастории димоғи ризои падару модарро шукуфта ва масрур (шод) дошта, муроқабати (нигаҳбонии) ҳоли валидайи (падару модар)-ро дебочаи (муқаддимаи) рисолаи (китоби) ҳасаноти (хубиҳои) худ донанд ва калиди боби (дари) наҷот ва насими гулзори саодот (саодатҳо) талаби ризои волидайн аст ва муддао аз вуҷуди фарзанд он аст, ки ба қадри вусъ (ҳол)-у имкон дар ташайяди (мустаҳкам кардани) мабонии (асосҳои) хидмату тафаққуди (меҳрубонии) падару модар пардохта, хори пои ором ва арраи нахли нангу номи (ҳурмату эътибори) онҳо нагардад, ки вуҷуди фарзанди бесаодат (ноқобил) ғубори ойинаи муҳаббат ва зулмати (торикии) базми раъфати (ғамхории) падару модар аст. Бегонагон беҳтар аз он фарзанд мебошанд ва монанди он шаҳриёр (подшоҳ), ки рӯи меҳру муҳаббат аз фарзанди худ тофт (гардонд) ва бо ғуломзодае дилу ҷони худро бохт (дод).

## ҲИКОЯТ

Аз хирмани маҳсули яке аз зореъи (деҳқони) мазраи (кишти) ахбори латифа хӯшаи мазмуни ин ривоят ба дасти ин хӯшачини киштзори истифодат омад, ки дар аҳди салаф (замони гузашта) яке аз арбоби шавкатро 33 писаре буд аз қавоиди (қайди) итоати падар бегона ва бо нохирадмандиву сафоҳат (беадлӣ) ҳамхона. Чун шаҳриёр натавонист, ки ба ҳеҷ ваҷҳ нахли норосттинат (хулқи нодуруст)-и ӯро ба бозуи қуввати эҳтимом (саъйу кӯшиш)-у тарбият рост кунад ва яқинаш ҳосил гардид, ки нуре дар чароғи аҳлияту саодаташ нест, якбора рӯи меҳру шафқат аз вай тофта, яке аз ғуломзодагони худ, ки гулбуни вуҷудашро баруманди обу ҳавои баҳористони зако (доноӣ) ва

шуури (ақли) комил дид, ба ҷои фарзанд дар маҳди (гаҳвораи) тарбият парвариш медод ва аз сабаби зуҳури (намоён шудани) шоистагии ӯ ҳар рӯз дари тафаққуде (меҳрубоние) бар чеҳрааш (рӯяш) мекушод... Малика, волидаи он бесаодат, ки яке аз садрнишинони (пешгоҳнишинони) ҳарими (хонаи даруни) изз (иззат)-у иқтидор буд ва нурафзои дидаи (чашми) муҳаббати шаҳриёр,ин маънӣ бар хилофи табъи рои (фикри) ӯ афтод. Аксар авқот (бисёр вақтҳо) чин бар ҷабини (пешонии) нозу итоб афканда, шамъи ин гиламандиро дар шабистони шикоят барафрӯхтӣ ва ба шаҳриёр гуфтӣ, ки он писар ба ғайр аз он ки фарзанди ман аст, дигар тақсире (айбе) надорад, ғуломзодаи бадаслеро бар ӯ тафаввуқу тарҷеҳ (бартарӣ) додаӣ, ба анвои муроотӣ хусравона (подшоҳона) менавозӣ (навозиш мекунӣ) ва ҳеҷ ба дилнавозии муроотӣ ҳоли ҷигаргӯшаам (фарзандам) намепардозӣ.

Шаҳриёр гуфт: «Ин ки ту мегӯӣ, ки ба ғуломзода бештар аз фарзанд меҳрубонӣ менамоям, ҳақ аст. Зеро ки яқин (бовар) дорам, ки аҳлияту некӯкории он ғуломзода зиёда аз фарзанди туст. ҳарчанд ки вуҷуди фарзанди саодатманд машъалафрӯзи тариқи (роҳи) беҳҷату сурури (шодию хурсандии) падар аст, вале фарзанд, ки дар инқиёд (амр)-у ризои падар ва касби (омӯхтани) афъоли ҳасана (корҳои нек) иқдом накунад, бегонаи фарзона (шоиста) ба маротиб (борҳо) аз ӯ беҳтар аст.

Аз муаллиф:

Бувад фарзанд нахли боғи давлат,
В-аз он равшан шавад базми саодат.
Вуҷудаш он замон гардад киромӣ,
Ки афрӯзад чароғи некномӣ.
Хуш он фарзанд, к-он шоиста бошад,
Ба фармони падар пайваста бошад.
Бувад фарзанд агар хуршеди тобон,
Чу афтад нохалаф[1], рӯ з-он бигардон.

Набояд, к-аз тариқи одамият
Набошад қобили[2] меҳру муҳаббат.
Диҳад бунёди ному нанги аҷдод[3]
Хатокирдории фарзанд барбод.
Хушо аҳволи он фархундакирдор[4],
Ки фарзандаш бувад аҳлу накӯкор.
Бувад бегона з-он фарзанд беҳтар,
К-аз он табъи падар гардад муқаддар[5].

Ман дар қавоиди (қоидаҳои) меҳру муҳаббат тақоуд (тарк кардан) маръӣ (раво) надоштам. Ниҳоят аз он ҷо ки авзои (кирдори) ӯ хилофи русуми (расму қоидаи) арбоби одамият аст, чашм аз муроoти ӯ пӯшидаам.

Аз муаллиф:

Фарзанд, ки ноаҳлу хатокор барояд,
Нахлест, ки орӣ бувад аз бори саодат.

Зӣ-шуурони (ҳушмандони) саодатманд авлод (фарзандон)-ро ба масобаи (мисли) аъзо тасаввур кардаанд, ҳар узве ки бештар ба кори соҳибаш ояд, зиёда риояташро воҷиб (лозим) шуморанд. Ҳарчанд ки вуҷуди фарзанд кироми ву азиз бошад, чун аз зевари саодат (қобилӣ) орист (холист), монанди чашмест, ки аз нури басорат (биниш)-у биноӣ холист.

Аз муаллиф:

Фарзанд, ки зоташ[6] бувад орӣ зи камолот,
Чашмест, ки бошад тиҳӣ[7] аз нури басорат.

Малика гуфт: «Инҳо ҳама тақсири (айби) шаҳриёр нест, намедонам, ки фарзанди маро чӣ тақсир

---

[1] *Нохалаф* – ноқобил
[2] *Қобил* – сазовор
[3] *Аҷдод* – падару бобоён
[4] *Фархундакирдор* – некӯкор
[5] *Муқаддар* – хира
[6] *Зот* – сиришт, табъ
[7] *Тиҳӣ* – холӣ

аст, ки дар назари отифати (илтифоти) шаҳриёр хору бемиқдор (беқадр) аст?». Шаҳриёр гуфт: «Фарзанди халаф (қобил) он аст, ки дар ҳама боб тобеи аҳкоми (ҳукмҳои) падар буда, он чӣ аз ӯ содир гардад, мақрун (наздик) ба хайрияту салоҳ (хубӣ) бошад. Ҳарчанд бо худ меандешам, дар ин муддат аз фарзандат амре (коре) ба зуҳур нарасида(содир нашуда), ки лоиқи навозиши мо бошад. Ҳар гоҳ сухани маро қабул надорӣ, акнун ҳар дуро ба тақрибот (воситаҳо) имтиҳон карда, он чӣ аз эшон ба вуқӯъ анҷомад (содир шавад), худ ба дидаи ғавр (диққат) мулоҳиза кун, ки ҷавҳари зоти фарзандат ба чӣ мартаба аст ва кадом як бештар истеҳқоқи (шоистагии) тарбияту меҳрубонӣ доранд».

Шаҳриёр канизакеро талабида гуфт:

«Ба висоқи (хонаи) ҳар ду рафта бубин, ки ҳар кадом дар чӣ шуғлу коранд ва баъд ғоибонаи якдигар ба ҳар як бигӯ, ки агар рӯзе шавад, ки ман муждаи раёсату фармонфармоӣ ба ту расонам, ба навиди (хабари) ин маънӣ чӣ ба ман ато (ҳадя) менамоӣ. Он чи ҳар як мегӯяд, омада эълом намоӣ (гӯй)».

Канизак аввал назди он фарзанди бесаодат рафта дид, ки манзилу нишемани (хонаи) ӯ дар камоли беравнақист (бесарусомонист), қӯче (чуғзе) ва маймуне дар он ҷо баста ва чанд кабӯтар ва хурӯс мегарданд ва аз фазалоти (ахлоти) онҳо касофати (чиркинии) бисёр ба ҳам расида. Шаҳриёрзода худ бо сагбачагон дар бозист. Чун канизакро дид, аз ҷо бархоста шурӯъ (оғоз) ба ҳарзагӣ (беҳудагӯӣ) намуд ва аз ӯ пурсид, ки куҷо будӣ? Канизак гуфт: «Омадам, то туро дуо кунам, ки зуд ба ҷои шаҳриёр бар сарири (тахти) салтанат ҷулус намоӣ (нишинӣ), ки дар аҳди (замони) шаҳриёр чандон файзу раҳмате надидам, шояд дар навбати давлати ту шоми идборам (бадбахтиам) ба субҳи иқбол (хушбахтӣ) табдил ёбад». Шаҳриёрзода гуфт: «Хуб аст, дуо кун».

Канизак гуфт: «Эй амирзодаи азим (бузург), агар

чунончи тоҷу сарири салтанат аз вуҷуди ту оростагӣ ёбад, аввал ман муждаи башорат (хабар) ба ту расонам, коми муддаои маро ба ангубини (асали) чӣ илтифот (меҳрубонӣ) ширин месозӣ?»

Амирзода аз ин сухан оғози хуррамӣ намуда гуфт: «Агар ин муддао аз қувва (имконият) ба феъл (амал) ояд ва хабари ин атия (тӯҳфа)-ро ба ман расонӣ, туро кадбонуи ҳарами хоси худ созам ва аз атоёи (инъомҳои) зару ҷавоҳир мустағни (доро)-ву бениёзат (аз мӯҳтоҷӣ дурат) гардонам».

Канизак берун омада, назди писархондаи шаҳриёр рафт. Дид, ки ба виқори (тамкини) тамом дар фарози (болои) курсӣ нишаста ва чанд нафар аз хадама (хидматгорон) ба ойини одоб даст бар сина баста (гузошта), бар хидматаш истодаанд. Аз рӯйи тамкин пурсид, ки эй ҷория (канизак) куҷо будӣ? Канизак гуфт: «Омадаам то ба лавозим (зарурат)-и бандагии валинеъматзода баён намоям. Филҳақиқат то бузургонро ин қадар нур дар басорату биноӣ набошад, куҷо аз висоли арӯси чунин давлатҳо баҳраманди ёбанд. Назари кимиёасари (нозукбини) шаҳриёр дар интихоби чун ту гавҳари гаронбаҳое яди байзо (мӯъҷиза) намудааст. Дар воқеъ, баъд аз шаҳриёр ҷои ӯ чунин касеро сазост, ки ин ҳама қонуну одоби бузургӣ мулозими (ҳамроҳи) рикоби ҳумоюнаш ( муборакаш) бошад. Эй амирзода, чун фарзанди шаҳриёр аз сабаби пастфитратиҳо (пасттабиатиҳо) дар назари отифат (меҳрубонӣ)-и шаҳриёр мардуд (рад карда шуда), бебаҳраи ин давлат аст. Аз таваҷҷӯҳоти (эътибори) шаҳриёр ва қароин (нишонаву далелҳо) чунин зоҳир мегардад, ки баъд аз шаҳриёр хотами (нигини) ин давлат ба ангушти иқтидори ту мувофиқ ояд. Агар ман башорати (муждаи) ин хабари фирӯз (хуш) ба ту расонам, дар изои (ивази) ин мавҳибат (бахшиш) чӣ ба ман каромат менамоӣ (мебахшӣ?»).

Он писар чини итоб (ғазаб) бар ҷабини қаҳр афганда, бонг (дод) бар канизак зад, ки эй ёвагӯи (бе-

ҳудагӯи) ҳарзадарои (сафсатагӯи) носавобандеш (бадандеш), ин чӣ сухани ёваю беҳуда аст, ки мегӯӣ?! Ин маънӣ маҳалле (мавриде) аз қувва (андеша) ба феъл (амал) ояд, ки худо нахоста шаҳриёрро ҳодисае пеш ояд, агар ман мунтазири чунин амре бошам, миёни ман ва душманони шаҳриёр чӣ тафовут (фарқ)? Шаҳриёрӣ ва мулк ба соҳибаш арзонӣ (сазовор) бод. Маро ба ҷуз издиёти (зиёдахоҳии) таровати гулзори умр ва иқтидори шаҳриёри комгор (хушбахт) муддаои сармояи ҳамаи орзуҳост. Агар хабари чунин нохуше оварӣ, ҳама вақт мардуди (рад кардаи) назари ман хоҳӣ буд.

Канизак ба хидмати шаҳриёр омада, сурати ҳол ва тақрири (сухани) ҳар дуро арз кард ва баъд аз он шаҳриёр ҳар дуро талабида, фарзанди аслӣ бемуҳобо (зуд) омада дар паҳлуи шаҳриёр нишаст ва бе тақриби (мавриди) суол ба сухан даромада, ба гуфтугӯҳои беадабона ва ҳаракоти нофарзона (беақлона) пардохт ва писархонд дар сари по истода, ба расми адаб сар дар пеш афканд. Шаҳриёр гуфт: «Шумо ҳар ду фарзандони манед ва дар муҳаббат (меҳри худ) фарқе дар миёни шумо намегузорам. Ҳар ду ба хизона (хазина) рафта, ҳар тӯҳфа ки аз он гаронбаҳотар бошад, ҷиҳати (барои) худ бардоред (гиред)». Ҳар ду ба иттифоқ (якҷоя) ба хизона рафтанд. Ғуломзода мусҳафе (китоби Қуръон) ва шамшере бо сад дирами нуқра бардошт ва шаҳриёрзода иқди (шаддаи) марвориди гаронбаҳое бо ду бадра (ҳамён) зар ва танбӯре бардошта, ҳар ду назди шаҳриёр омаданд ва он чӣ интихоб карда буданд, ба назари шаҳриёр даровარданд (нишон доданд). Шаҳриёр гуфт: «Таҳоифи (тӯҳфаҳои) гаронбаҳотар аз инҳо дар хизона бисёр буд, чӣ гуна ба ҳаминҳо иктифо (кифоят) кардаед?». Шаҳриёрзода гуфт: «Ман чандон ки мушоҳада намудам, аз ин иқди марворид гаронбаҳотар ва аз ин танбӯр тӯҳфатаре наёфтам, чаро ки иқди марворид ба гардани маймун бикунам ва зари сурхро ба фарқи (болои сари) сагба-

чагон харҷ кунам (гузорам) ва аз нохуни асари (таъсири) сози танбӯр гиреҳи ғам аз дил мекушоям ва аз масобеҳи (чароғҳои) ин зар кошонаи тарабу ишрати худро бармеафрӯзам (равшан мекунам). Писари дигар гуфт: «Оёти каломи маҷид (суханони Қуръон) иқболи нигоштаи (толеи неки навиштаи) суҳуфи (саҳифаи) омоли (орзуҳои) шаҳриёр бод. Банда (ман) чандон ки мулоҳаза кардам, дар он миён аз каломи раббонӣ (Қуръон) ва ин шамшер чизе беҳтар наёфтам. Тиловати (хондани) каломи илоҳӣ (Қуръон) боиси афзунии дараҷоти (мартабаҳои) дунёву уқбо (охират) аст ва шамшер ҳисори (қалъаи) ҳифзи (нигоҳ доштани) бадан (тан) ва садди (монеаи) роҳи зарари душман аст». Шаҳриёр гуфт: «Ҳар якро матлабе (талабе) ки макнуни (пинҳон доштаи) хотир аст, бихоҳед, то ба инҷоҳ мақрун гардад (раво гардад)».

Шаҳриёрзода гуфт: «Дар ин рӯзҳо шаҳриёри Хито канизаки ҷамилае (зебое) ба шаҳри мо фиристода бо чанд хум шароб, мехоҳам ки гулшани ҷавониро аз баҳори айш тароват бахшам».

Он писар гуфт: «Банда илтимос дорам, ки шаҳриёр зиндониёнро озод фармояд ва дар ин сол ба ҳуқуқи девони[1] раоё (раийят) тахфифе қарор бидиҳанд (кам кунанд) ва маркабе (аспе), ки подшоҳи Арабистон ба расми армуғон (тӯҳфа) фиристода, ба банда супоранд, ки ба ҷиҳати саркори (корпардози) шаҳриёр нигоҳбонӣ намоям».

Шаҳриёр гуфт: «Чунин бошад». Чун рафтанд, шаҳриёр ба малика гуфт: «Аз роҳи инсоф (ҳақиқат) таҷовуз макун (берун марав) ва рост бигӯй, ки мувофиқи эътиқоди ту ақлу шуури (идроки) кадом як бештар аст?».

Малика сар ба пеш андохта гуфт: «Ҳақ бо шаҳриёр аст».

Муҷмалан (хулоса) он ки рӯз ба рӯз кавкаби (си-

[1] *Ҳуқуқи девони* – андозе,ки аз тарафи девони (идораи) давлат ба раийят пешниҳод карда мешуд

тораи) истеъдоди қобилияти он писарро дараҷа меафзуд ва онан фа онан (ҳар лаҳза) шоҳиди хотири отири (равшани) шоҳаншоҳӣ ба он рухи илтифот менамуд ва он шаҳриёрзодаи беному нангро ғулувви (аз ҳад гузаштани) муҳаббати фисқу фуҷур ва сӯҳбати аҷомир (авбошон) аз хидмати шаҳриёр рӯгардон сохта ва хотири шаҳриёр низ чунон аз ӯ мукаддар (тира) гардид, ки якбора номашро аз ҷаридаи (дафтари) отифат (меҳрубонӣ) маҳв сохт (кӯр кард) ва аз назари шафқаташ андохт (дур сохт).

Чун кусуфи[1] идбор (бадбахтӣ) чеҳраи кавкаби эътиборашро пӯшид, ба иттифоқи (ҳамроҳи) ҷамъе аз аҷомир (авбошон) аз он шаҳр ба мулки дигар рафта, тарро̄рӣ (дуздию роҳзанӣ) пеша сохт (ихтиёр кард), то охир ба ишораи шамшери сиёсати (қаҳри) қазо роҳи фано (несту гум шудан) пеш гирифт. Ва дастгоҳи (давлати) иқболи он писар аз асбоби (сабаби) ақлу шуур чунон интизом пазируфт (ба тартиб даромад), ки мадори (асоси) илайҳи (кори) шаҳриёр шуда, баъд аз фавти (вафоти) шаҳриёр раёсат (подшоҳӣ) бад-ӯ интиқол ёфт (гузашт).

Дар қисми назарии ин мақолаи боби муқаддимавии «Маҳбуб-ул-қулуб» фикру андешаҳои бисёр муҳими тарбиявии муаллифи асар доир ба зарурати ёд гирифтани касбу ҳунар ва аҳамияти он дар некӯаҳволӣ ва осоиши зиндагии инсон баён шудаанд.

Нависанда ин маъниро ба тарзи шоирона, дар либоси бадеӣ,бо зевари санъатҳои сухан баён намудааст. Бояд гуфт, ки дар адабиёти мумтози тоҷик асари насрӣ низ монанди шеър бо санъатҳои сухан ороста мешуд. Аз ин ҷиҳат миёни наср ва назм фарқе набуд. Бадеияти асари насрӣ низ ба воситаи кор фармудани санъатҳои ташбеҳу истиора ва монанди инҳо таъмин карда мешуд. Ин ҳол асари насриро ороста, зебову латиф мегардонд. «Маҳбуб-ул-қулуб» низ ҳамин тавр

[1] *Кусуф* – гирифтани офтоб, маҷозан ба маънии тирагӣ ва шикаст дар коре ё чизе

навишта шудааст. Асоси бадеияти онро санъати истиора ташкил мекунад.

Мазмуни порчаи муқаддимавии дар боло нақл шудаи асарро аз либоси бадеии он- ташбеҳу истиораҳо берун оварда ва ба шакли оддӣ дароварда, чунин шарҳу эъзоҳ додан мумкин аст.

Нависанда пеш аз ҳама арз менамояд, ки падарон аз рӯи меҳре, ки ба фарзандон доранд, бояд вақту эътибори худро ба тарбия ва камолоти онҳо сарф ва равона созанд. Онҳо кӯшиш кунанд, ки фарзандонашон ҳар яке мувофиқи хислатҳои табиии худ, касбу ҳунарҳоро омӯзанд. Чаро ки бинобар таъкиди одамони доно, ҳунар ва камол барои одам чизҳои аз ҳама гаронбаҳо буда, ба вай дар зиндагӣ имтиёз ва барака медиҳад. Ҳамин ҳунармандӣ ва қобилият аст, ки ба кас арҷмандиву сарафрозӣ ва саодату хушбахтӣ меорад. Мирзо Бархурдор қобилият гуфта, на лаёқату истеъдоди фитрие, ки дар табиати одам ниҳода шудааст, балки кӯшиши ба даст овардани касбу ҳунарҳо ва касби камол карданро дар назар дорад. Қобилияту истеъдоде, ки ӯ барои омӯхтани касбу ҳунарҳо лозим мешуморад, хосияти фитрии инсон набуда, чизҳое мебошанд, ки онҳоро ба воситаи саъю кӯшиш, диққату эътибор ва меҳнат касб кардан, яъне ба даст даровардан мумкин аст. Воқеан бештари касбу ҳунарҳоро бо ҳамин роҳ омӯхтан мумкин аст. Аммо барои ин қобил (қабулкунанда) будан, ба омӯхтани он касбу ҳунарҳо майлу рағбат доштан талаб карда мешавад. Бе чунин майлу рағбат кас ба касбу ҳунаре даст зада наметавонад.

Нависанда каси беҳунарро ба дарахти хушке монанд кардааст, ки на соя дораду на самар ва аз он ба одамон манфиате нест. Ба назари ӯ чунин кас ҳама вақт ба дарду ғами муфлисиву бенавоӣ ва бадбахтӣ гирифтор буда, дар зиндагӣ сахтию душвориҳои зиёд мекашад, ба чашми мардум хор ва беэътибор мегардад. Нисбат ба одами беҳунар ва ноқису бекамол дар

дили касе меҳр пайдо намешавад. Баръакси ин, каси ҳунарманд ба воситаи касбу ҳунараш ҳам аз неъматҳои ҳаёт баҳраманд мегардад ва ҳам миёни мардум сарафрозӣ меёбад. Бинобар ин айёми ҷавониро, ки баҳори умри одамизод аст, бо кӯчагардӣ ва беҳудагӣ гузаронда, аз омӯзиши касбу ҳунар зоеъ мондан ва ба ин сабаб хушвақт нашудан шаъни одами асилро доғдор мекунад.

Аҳли ҳунар ҳама ҷо, дар ҳар шаҳру диёр монанди зари сурх азизу мӯътабаранд, аз ҳурмату иззат ва риояти хосу ом бархурдоранд. Касе, ки соҳиби қобилияту ҳунар аст, ҳаргиз бенаво ва кисааш аз зар (пул) холӣ намешавад, рӯзгораш ба бесарусомонӣ рӯ намеорад. Нависанда барои вазну эътибор пайдо кардани сухан ва тасдиқи фикри худ дар ин масъала гуфтаи ҳакимонро оварда менависад, ки онҳо беҳунарро беболу пар номидаанд, ба ин маънӣ ки чунон ки мурғро барои парвоз болу пар даркор аст, ҳунар низ дар ҳама ҳол барои мард зарур аст. Ҳатто подшоҳони пуриқтидор ҳам бо вуҷуди он ки хазинаашон пур аз молу зар аст ва гӯё ба чизе эҳтиёҷ надоранд, фарзандони худро ба таълими камолот ва қобилиёт (тавоноӣ) тарғиб менамоянд, чӣ расад ба одамони оддӣ. Пас, тамоми одамонро зарур ва фарз аст, ки фаро гирифтани ҳунарро сабаби некӯҳолӣ ва воситаи маишати рӯзгори худ қарор диҳанд.

Мирзо Бархурдор барои равшан намудани аҳамияти ҳунар дар зиндагии инсон образҳои шоиронаро ба кор андохта, онро рафиқи меҳрубон ва ёри мушфиқи файзрасон ҳисоб мекунад, бо ин монандкунӣ қаноат накарда, боз ҳунарро ба аспе қиёс менамояд, ки савори худро зуд ба сарманзили роҳату эътибор бурда мерасонад. Нависанда ин нуктаро низ хотирнишон намудааст, ки агар касеро дар ҳоли ҳозир ба ҳунаре ё камоле эҳтиёҷ набошад ҳам, рӯзе мерасад, ки ба он зарурат меафтад, он гоҳ ҳунари ёд гирифтааш ӯро даст гирифта сабаби беҳбуди ҳолаш мегардад.

Аз гуфтаҳои боло муаллиф чунин хулоса мегирад, ки падарон бояд барои равнақ додани қобилият ва ҳунари фарзандон саъй кунанд. Инчунин фарзандонро низ лозим аст, ки дар ин бобат раъйи падару модарро риоят карда, мувофиқи ризои онҳо корбарӣ кунанд. Нависанда умуман фарзандеро саодатманду фарзона ҳисоб мекунад, ки бо хидмату парастории худ ризои падару модарро меҷӯяд, онҳоро шоду хурсанд менамояд. Ба ақидаи ӯ, барои фарзанд талаби ризои падару модар калиди дари наҷот ва саодату некбахтӣ аст. Бинобар таъкиди ӯ, муддао аз вуҷуди фарзанд он аст, ки ба қадри имкону тавони худ хидмату ғамхориро ба падару модар ба ҷо оварда, одобу қарори онҳоро халалдор накунад, ба онҳо хиҷолату шармсорӣ наорад. Фарзанди ноқобилу бесаодат аз меҳри падару модар маҳрум мегардад, мисли он шаҳриёрзодаи бесаодате, ки қаҳрамони манфии ҳикояти нависанда аст.

Мазмуни ин ҳикоят на ба масъалаи таълими касбу ҳунар, балки қобилият дар касби камол оид аст. Азбаски шаҳриёрзода ҷавони ноқобил ва бесаодат аст, ба касби камол напардохта, ба корҳои беҳуда машғул мешавад ва аз ин рӯ аз меҳру шафқати падарии шаҳриёр маҳрум гардида, оқибат ба авбошону дуздон ҳамроҳ мешавад ва ҳамин тариқа умри худро барбод медиҳад.

## Ҳикматҳо оиди касбу ҳунар

Касби бозу – қуввати ҷону тан аст.

* * *

Касби падар мерос ба писар.

* * *

Гар таваккул мекунӣ, дар кор кун,
Касб кун, пас такя бар ҷаббор кун.

*Ҷалолиддини Румӣ*

Рӯз дар касби ҳунар кӯш, ки май
Дили чун оина дар занги залом андозад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

* * *

Ҳунар пояи мард афзун кунад,
Сар аз ҷайби иқбол берун кунад.

* * *

Ҳунар беҳтар аз мулку моли падар.

* * *

Куҷо беҳунар шуд асири ниёз,
Ҳунарманд ҳар ҷо бувад сарфароз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

* * *

Ба чандин ҳунар пир оростаст,
Вале не чу хубони навхостаст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Савол ва супоришот:**

1. Ҳамчун дабир (котиб) дар дастгоҳи ҳокимон хизмат кардани Мирзо Бархурдор аз чист?
2. Асари «Маҳбуб-ул-қулуб»-и Мирзо Бархурдор бо касби дабирии ӯ чӣ алоқае дорад?
3. Ба кадом мақсад нависанда асарашро бо обу ранги бадеӣ ва истифодаи санъатҳои сухан навиштааст?
4. Аҳамияти касбу ҳунарро дар зиндагии инсон аз назари нависанда баён кунед.
5. Касбу ҳунар ба соҳибаш чӣ имтиёз ва бартариҳое мебахшад?
6. Чаро нависанда беҳунарро бадбахт ҳисоб мекунад?
7. Қобилияту истеъдодро Мирзо Бархурдор чӣ хел мефаҳмад?
8. Ҳикояти нақлшудаи «Маҳбуб-ул-қулуб» ба кадом масъалаи ахлоқ оид аст?
9. Ҳакимони гузашта ҳунар ва ҳунармандро чӣ хел тавсиф кардаанд?
10. Чаро ба фарзандон омӯзондани касбу ҳунар вазифа ва қарзи падарӣ ҳисоб мешавад?

# ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ



## УСТОДУ ШОГИРДӢ МЕРОСИ АҶДОДОН

Нависандаи Халқии Тоҷикистон Фазлиддин Муҳаммадиев 15 июни соли 1928 дар Самарқанд дар оилаи саҳҳоф (муқовабанди китоб) таваллуд шудааст. Падараш, ки хату савод дошта, аз фозилони шаҳр ба ҳисоб мерафт, орзу дошт, ки писардор шаваду онро соҳибилм тарбия намояд. Чун фарзанди навбатӣ таваллуд ёфт, ба умеде, ки нури чашмаш соҳиби фазлу маърифат шавад, ўро Фазлиддин ном дод. Падари Фазлиддин, ки бо тақозои касб бо китобу китобдорӣ сару кор дошту аз мероси бои ниёгонаш низ огоҳ буд, ҳанўз аз айёми кўдакиаш ба ў қиссаҳо гуфта, ба дили писараш меҳри адабиётро ҷо менамуд. Илова бар ин падараш фурсат пайдо карда ўро саводнок менамуд, ба ў илм меомўхт. Ин андўхтаҳо дар мактаб кори Фазлиддинро сабук намуданд. Ў бо дили гарм ба хондан дода шуд.

Дере нагузашта ба ҷуз китобҳои дарсӣ баъзе порчаю асарҳои майдаро мутолиа мекардагӣ шуд. Китобу газета мўниси ў буду вайро аз одаму олам бештар огоҳ мекард. Акнун Фазлиддин на танҳо бо адабиёт шинос буд, балки аз шохаҳои дигари илму техника хабардор мешуд. Ҳатто солҳои охири таҳсил рағбати ў ба техника меафзояд. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки пас аз хатми мактаб ў ба Институти авиатсионии Москва дохил мешавад. Баъдтар он рўзҳоро ба хотир оварда нависанда дар қиссаи «Писари газета» чунин

навишта буд: «Азбаски мактаби миёнаро нағз хатм карда будам ва пояи дониш аз физика ва математика ба қадри кифоя тобовар буд, ба душвориҳои таҳсил дандон ба дандон монда тоқат мекардам. Лекин ба маишати сахти студентии соли 1946 тоқат овардан аз доираи иқтидори ман берун буд.

Як моҳ қабл аз он падарам вафот карда, маро гӯё дар биёбони бекас танҳо монда рафта буд».

Дар натиҷаи танқисӣ Ф.Муҳаммадиев маҷбур мешавад, ки тарки донишкада намояд. Аз Москва омада, чанде табелчии колхоз ва сипас, ходими адабии рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» шуда кор мекунад.

Фазлиддин Муҳаммадиев баъди хатми Мактаби маркази комсомолии шаҳри Москва (1951) дар редаксияҳои рӯзнома ва журналҳои республикавӣ кор мекунад. Пас аз анҷоми курси олии адабиёти назди Институти Адабии ба номи М.Горкии шаҳри Москва (1962) вазифаҳои масъулиятнокро дар ӯҳда дошт.

Нахустин ҳикояву очеркҳои Ф.Муҳаммадиев «Раиси нав» (1955), «Муҳоҷирон» (1956), «Дар роҳи нав» (1958) дар журнали «Шарқи сурх» чоп шудаанд. Соли 1978 маҷмӯаи очерку ҳикояҳои «Муҳоҷирон», оид ба ҳаёти чекистҳо — повести «Тири хокхӯрда» (1960), доир ба зиёиёни шаҳр — повести «Одамони кӯҳна» (1963) чоп мешаванд. Соли 1974 ӯ бо як асари пурқиматаш — романи «Палатаи кунҷакӣ» адабиёти моро ғанӣ намудааст. Нависанда барои повестҳои «Одамони кӯҳна» ва «Дар он дунё» сазовори лауреати Мукофоти Давлатии республикавии ба номи Рӯдакӣ мегардад.

Фазлиддин Муҳаммадиев аз ҷумлаи адибони боистеъдоду боҳунаре ба шумор рафта, адабиёти имрӯзаи тоҷикро бо асарҳои пурмазмуну баландғояаш ва образҳои ҳаётиаш бой намудааст. Қаҳрамонони очерку ҳикояҳо ва қиссаҳои ӯ одамони муосир буда, дар ҳаёт ҳамроҳи мо қадам мезананд ва дар азнавсозии ҳаёт

фаъолона иштирок мекунанд. Асарҳои нависанда дар тарбияи мардум, хусусан ҷавонони имрӯза роли калон мебозанд.

Мавзӯи асосии ҳикояи «Рӯзи дафни усто Оқил» масъалаи муҳими ахлоқӣ-иҷтимоии замони ҳозира мебошад. Усто Оқил дуредгари гулдаст аст, дар дуредгарӣ таҷрибаи зиёде дорад. Нависанда ҳам ҳунари асилу воло ва ҳам пайванди ӯро ба анъанаҳои гузашта таъкид карда, аз санъати ниёгон, аз санъати Сомониён ёдовар мешавад. Вале ҳамин устои даҳ панҷааш гул ва дар маҳал ягона имрӯз вафот кардааст ва ҳамаи асрори санъату ҳунари дуредгариашро бо худ ба гӯр мебарад. Чунки ӯ аз рӯи нотавонбинӣ, бахилӣ касбашро ба касе мерос нагузошт. Маълум шуд, ки ӯ танҳо барои худаш зиндагӣ кардаасту бас. Ҳарчанд ба одамон бадӣ накарда бошад ҳам, аммо рӯзи дафни усто бо дафни раиси тасмапеч монанд карда мешавад. Дурустараш нависанда ҳамаи ин саргузашту сарнавишти Усто Оқилро ба воситаи андешаҳои Абдурауфамак, як инсони оддӣ, ки саводи баланд ҳам надорад, нақл намудааст. Хотири ҳамсояи усто — Абдурауфамакро як чиз парешон кардааст: оё мардум усторо дар роҳи охирин мебахшад ё не?

Ҳамин тавр, фикри асосии нависанда ба воситаи мулоҳизаҳои мардумони оддии атроф, ба воситаи ақидаву тасаввуроти халқӣ ифода карда мешавад. Ҳукми аслӣ гӯё ба нависанда тааллуқ надорад, балки онро худи мардум мувофиқи тасаввуроти муайяни худ, аз рӯи меъёри ахлоқу одоби ҷамъият мебарорад. Яъне дар поёни ҳикоя ҳангоми саволи «Чӣ гуна одам буд, усто Оқил?» касе ҷавоби равшан намедиҳад. Ӯро танҳо чун устои хуб тавсиф мекунанд. Баҳои шахси барои худаш зиста ҳамин буд, ки мардум ӯро аз меъёри одамият сахт маҳкум менамояд.

# РЎЗИ ДАФНИ УСТО ОҚИЛ

*(ихтисоран)*

«Ё тавба! Ин қадар сангдиланд мардум. Аз ягон бандаи шўрбахт гуноҳе сар занаду аз байн муддате гузарад, ҳатто қонун, қонуни давлат гузашт мекунад. Ҳукумат ҳам ҳар сари чанд гоҳ ба гунаҳкорон авфи умум эълон мекунад. Аммо одамизод — не, намебахшидааст. Беақлӣ карда, ба оши касе намак пошида бошед, сад сол гузарад, устухонатон хоку туроб шуда равад, ки абераатонро аз дур бо ангушт нишон дода мегўяд: «Нигаред, нигаред, оши бобои фалониро бобокалони ана ҳамин бача шўр карда буд...»

Абдурауфамак бари ҷомаашро қаҳромез афшонида аз ҷо хесту чанд бор бо овози баланд «Тавба! Астағфирулло!» гуфта монд. Баъд ба ин сў — он сўи кўча назар афканд, ки оё касе намеояд?

Не, касе наменамоид. Шибир-шибир борон мебориd. Акнун дигар одам намеомадагист. Вақт хеле шуд, ҷаноза хонанд ҳам мешавад.

Аз афти кор, Усто Оқилро аз сидқи дил дуои бад карда будаанд, ки дар рўзи мурдааш борон борад. Се рўз боз дам нагирифта мебораду меборад. Берун аз роҳу пайраҳаи шиббашуда пой монед то соқи маҳсӣ меғўтед.

Дина бегоҳӣ камтар барф омаду боз номаълум ба борон гашт. Барф дурустар мебориду кўрпа мешуд, беҳтар буд. Дар ин замини хамир барин нарм барои бардошта ба сари пушта баровардани тобути гарон ва ҷасади дарози раҳматӣ ақаллан бисту панҷ бўзбалаи ҳузарб даркор. Аммо ҷамъулҷамъ бист кас омадааст, ки аз нисф зиёдаш мисли Абдурауфамак одамонеанд, ки синну солашон ба як ҷо расидааст. Онҳо то сари қабр худашонро кашола карда расонанд ҳам, хуб гап.

Ба наомадани мардум борон баҳона не-куя. Ростдия... Замона, ки тинҷ, арзонӣ-амонист, одамон ба

тӯй намераванду ба ҷаноза ҳозир мешаванд. Аз осмон санг борад ҳам, ба ҷаноза метозанд. Ҳа, гап дар феълу хӯи марҳум. Худо раҳмат кунад, устои гулдаст буд, лекин ҳунарашро ҳамроҳ ба гӯраш мебарад. Ба ҷояш ақаллан яктаяк шогирд накарде-е,... ноасл!...

Аввалҳо ҳамқишлоқиҳо дар баъзе мавриди маъракаҳо аз Усто Оқил сухан сар карда, дар ҳаққаш гилаомез гап мезаданд. Аммо сонитар, рафта— рафта гап мезадагӣ ва дар охири умраш ҳатто ба рӯяш давида, маломат мекардагӣ шуданд. Гилаи мардум ҷон дошт. Диданд, ки синни усто аз шаст гузашт, аммо аз ҷонишинаш ҳоло ҳам дарак не, дилашон хунук шуд, ҳатто ҳамон эҳтироме, ки ба ҳунараш доштанд, кам-кам аз байн рафтан гирифт.

Болои сӯхта намакоб, аввали зимистон воқеае рӯй дод, ки баъди он муносибати мурдум ва Усто Оқил тамом вайрон шуд. Як рӯз радиои колхоз эълон кард, ки аз марказ олими зӯр омадааст, дар бораи ахлоқу одоб, одату анъанаҳои наву кӯҳнаи халқамон сӯҳбат мекардааст. Яъне хоҳишмандон ба клуб шитобанд. Абдурауфамак нарафт. Вай чанд маротиба лексияҳои дилбазани хуббоварро шунида, аз ин хел сӯҳбатҳо қимоб шуда буд. Рост-дия, хонаи гармро монда, ба умед кашол-кашол меравӣ, аммо ба ту аз пайдоиши доғҳои рӯи моҳ ё касалиҳои касношунида, ё аз ягон чизи дигаре, ки ба зиндагонии имрӯза ҳеҷ дахле надорад, пӯлабой-шӯлабой гуфта чорта мелаққанду бо ҳамин тамом, омин оллоҳ акбар, ба диққататон раҳмат боз биёед.

Абрурауфамак нарафт. Лекин писараш Нодирҷон бевақти шаб аз идора баргашта, сӯҳбати он шабаро расо таъриф кард. Одами омадагӣ аввал ин ки бисёр суханони тозаи ғалатӣ гуфтааст. Сонӣ ин ки дар фуроварди сӯҳбат аз саҳна ба поён, ба миёни мардум омада, гуфтааст, ки акнун сӯҳбати ҳақиқӣ мекунем, яъне ки ҳар кас савол дошта бошад, ба мобайн партояд. Яке аз никоҳу талоқ савол додааст, дигаре ба ҳимояи

кадом як оини қадимӣ баромада, бо меҳмон баҳс карда рафтааст. Лекин кори аз ҳама аҷибро Кӯчқорбой кардааст.

Дар қишлоқи Ҳисорак ба ҳамин ном як одами маҳмадононамо ҳаст. Худаш мардаки бад нею андак шартакигӯй. Ҳамин Кӯчқорбой хестаасту гуфтааст, ки бо одобу анъанаҳои қадимии халқамон ҳунармандеро, ки ба ҷояш шогирд тайёр накардааст, маҳкум мекард. Ҳатто мешавад гуфт, ки радди маърака мекард. Хӯш, — савол додааст Кӯчқорбой, — қоидаҳои нав ба ин шахс чӣ хел нигоҳ мекунанд?

Меҳмон ҷавоб додааст, ки ахлоқу анъанаҳои нав ин хел ҳунармандонро аз пештара дида, сахттар мазаммат мекунанд. Баъд меҳмон мисолҳо, далелҳо оварда, аз хусуси қарзи ҳар як инсон дар пеши ҷамоат гап задааст ва дар ҳаққи мардум қариб як гуноҳи азим будани ин хел кирдорро таъкид кардааст.

Усто Оқил аз сар то охири сӯҳбат дар ҳамон ҷо будааст. Нодирҷон ҳикоят мекард, ки ҳамин ки сухан ба ин ҷо расидааст, Усто курсии нишастаашро тақаррос занонда хеста, бо шаст аз дар баромада рафтааст...

Дили раҳмгин — пайваста ғамгин, гуфтаанд. Кӯтоҳӣ аз худораҳмати Усто Оқил гузаштаасту динашаб инҷониб Абдурауфамак ғам мехӯрад. Вай гоҳ мардумро ба сангдилӣ айбдор мекунад ва симои ҳамсояаш Усто Оқил дарҳол пеши назараш ҳамчун як шахси ноҳақ таҳқирдида ҷилвагар мешавад. Гоҳ ба андешае меояд, ки миш-миши мардум ҳам, охир, бесабаб нест. Дар як колхози капа-калон, ки чанд деҳаи дуру наздикро муттаҳид мекунад, устои дуредгар набошад, мушкилдия. Шароити шаҳр мешуд, масъала дигар буд. Дар як маҳаллаи шаҳр усто набошад, ё фарз кардем, бошаду пӯлабой-шӯлабой гуфта, нозу нузро аз ҳад гузаронад, тозон ба маҳаллаи дигар меравед ва устои дигарро меоред. Яъне ки сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре. Колхоз ҳам илоҷашро як навъ карда меёбад.

Иморатҳои колхоз ҳамагӣ калон-калонанд. Бо ягон ташкилоти бинокори ноҳиявӣ ё шаҳрӣ шартнома мебандад, аз он ҷо ҳа нагуфта, мошин-мошин устою халифаю шогирд бо асбобу анҷомашон меоянду тақар-туқур корро сар мекунанд. Нимсол нагузашта мебинед, ки, масалан гирем, як молхонаи оламₚаноҳ сохтаанд. Ҳа, молхонае, ки аз ин ҷо канор то он канораш пиёда равед шалпар мешавед...

— Дада биёед, шуморо фарёд мекунанд.

Овози Нодирҷон риштаи хаёлоти падарашро қатъ намуд. Пеш аз даромадан ба ҳавлии Абдурауфамак бори дигар ба ин сӯву он сӯи кӯчаи пурлой ва кӯлмакзор назар афканд. Не, дигар ҳеҷ кас намеояд. Аз ин зиёд мунтазир шудан фоида надорад.

Ҷаноза хонда шуд.

Тобутро бардошта аз дарвоза баромаданд. Занҳои дар хона буда навҳаю фиғонкунон ба рӯи ҳавлӣ ва аз он ҷо то таги дарвоза омаданд.

— Оҳ мана танҳо монда, куҷо меравед, хонадонам? Воҳ мани ғариба ба кӣ партофта меравед, соҳибаки сарам? — гуфта навҳа мекард зани Усто Оқил.

— Абдурауфамак ду-се қатра ашки ба оҷингҳои рӯяш таровида фаромадаро бо пушти досташ пок карда, гашти худро тезтар намуд, то ки ба пеши тобут расида гирад. Ӯ дар ин гуна мавридҳо борҳо бо маъракa сардорӣ кардааст. Ҳоло ҳам мехост, ки пештар гузашта мисли ҳарвақта: «Ҳа, шаҳбозҳо, канӣ як ғайрат кунед!»— гуфта ҷавонони тобуткашро шитоб кунонад. Аз рӯи кадом як фатвое ё қоидае ба роҳи вопасин ҳар чӣ зудтар, сабуктар бурдани бандаи мӯъмин савоб ҳисоб меёфтааст. Лекин Абдурауфамак бо азоб қадам мондани одамонро дида, чизе нагуфт. Ва он фатво низ дар ин дақиқа ба назари ӯ бепоя ва бемаънӣ намуд ва пирамард дар дилаш истеҳзоомез хандида монд.

Бечора Усто Оқил... Аз фарзанд худо нафармуда будааст. Якта писар дошт, ҳамон ҳам ба сари хокаш

расида натавонист. Хайр, дар зиндагии Усто ҳам падару писар ба якдигар чандон меҳру оқибат надоштанд. Як вақтҳо писар мактаби олиро тамом карда, аз ҳамон ҷо духтари кушодарӯи шаҳриро зан карда омада буд. Чанд сол қаҳрӣ шуда гаштаанд. Фақат ду соли охир оштӣ буданд. Писар дар кадом кон инженер шуда кор мекунад. Соле чанд бор дар таги дари Усто Оқил мошини боркаши болояш брезентпӯш пайдо мегардид. Ҳамсояҳо аз ҳамон мошин пай мебурданд, ки писари Усто ба назди падару модараш ба меҳмонӣ омадааст.

Хайрият, дина Нодирҷон ба фермаи дурдасташ нарафта будааст. Пагоҳӣ зани Усто бо доду фиғон якта ҷомаю миёнбанди навро баровардa, ба Нодирҷон дод ва илтимос кард, ки онро пӯшида ба ҷои ҷӯрааш пешо-пеши тобут равад.

Хайр, холаҷон, ман аздусар пешо-пеши тобути амакам меравам, — гуфт Нодирҷон. — Лекин ҷомаро даровардa монед. Худам ҷомаву миёнбанд дорам.

Зани усто бошад, бо тамоми овоз фарёдкунон мегирист.

— Дар ҳамин рӯзи сиёҳам маро боз хафа накун, писарҷонам, — гиряомез мегуфт зани шӯрбахт. Ҳоло Нодирҷон пешо-пеши издиҳом пайраҳаи васеъ ва камлойтарро интихоб карда, ба сӯи қабристон роҳ мекушод.

Чӣ шуд? Чӣ воқеа?

Зор монад ин борон! Таги осмон расо сӯрох шуда будааст-дия. Яке аз тобуткашон лағжида ба лой афтод ва дигарон дар роҳи нишеби ноҳамвор ба вазъияти ноустувор монда, тобутро ба замин гузоштанд. Астағфурулло! Рӯзи дафни Раиси тасмапеч ҳам тобут дар ними роҳ ба замин монда буд...

Ё навзанбиллоҳ, тавба кардам, худоё! Бо нимовоз худ ба худ гуфт Абдурауфамак ва аз роҳ монда гиребонашро гирифт. Ӯ хиҷолатомез фикр мекард, ки чаро дар соати дафни ҳамсояи наздиктаринаш воқеаи Раи-

си тасмапечро ба ёд овардааст? Охир он зоти ба ғазаби мардум гирифторшуда ба раҳмати Усто Оқил чӣ шабоҳате дорад?... Фақат соате пеш аз ин Абдурауфамак сангдилии мардумро сарзаниш мекард, акнун Усто Оқилро гӯё бо он шахси роҳгумзада муқоиса мекунад. «Дӯстам, ҳамсоям Усто Оқил, маро бубахш, пичиррос мезад ӯ зери лаб, — аз гуноҳам гузар. Хотири туро ҳаргиз ранҷониданӣ набудам. Аз гуноҳам гузар».

... Қисми душвортарини роҳи қабристон сар шуд. Пайраҳа борик ва серпечу тоб шуд. Ҷавонони тобутбардорро касе шитоб намекунонид. Ҳоло ҳашт нафари онҳо чаҳоркасӣ аз ду паҳлӯи тобут гирифта, яктаякта, гӯё шумурда қадам мегузоштанд, онҳое, ки дар тарафи чап буданд, барои мувозанат тобутро дар болои сар ба рӯи дастҳои дарозкардаи худ бардошта мебурданд.

— Эҳтиёт шуда, ҷойҳотона иваз кунед, — дам ба дам маслиҳат медод яке аз мӯйсафедон, ки аз пас меомаданд.

Абдурауфамак калӯши дар лои сақичак чандин бор аз пой баромадаашро акнун ба даст бардошта, маҳсии навашро то бучулаки пой ба лой ғӯтонида меомад. Баъзе пирамардон хеле қафо монда буданд ва ба зӯр нафаскашон, даст ба зонуҳо монда ва ба ин тариқа ба пойҳои бемадоршудаашон кӯмаккунон меомаданд.

Ҳа, воқеан чаро ба ёди Абдурауфамак дар чунин як соат каси дигар ё ҳодисаи дигар нею маҳз Раиси тасмапеч расид?

Аз афташ, нақши озореро, ки ба одам расидааст, аз хотираш пок шавад ҳам, аз дилаш намеравад. Пас осори он воқеае, ки ёздаҳ сол қабл аз ин шуда гузашта буд, ҳанӯз дар ким-кадом гӯшаи қалби пирамард зиндааст.

Усто Оқил мехост, ки ҳунари худро ба писараш мерос гузорад. Бисёр кор нафармояд ҳам, кӯшиш ме-

кард, ки писараш ба қадри имкон бештар дар корго-ҳаш бошад, ба амали падар зеҳн монад ва ба касби вай меҳр пайдо кунад. Аммо «дили модар ба фарзанд, дили фарзанд ба фарсанг» гуфтани мақол барин, писари усто дами холиро, ки ёфт, ба пеши мошину трактор-ҳои колхоз давида мерафт. Бисёр мешуд, ки ҳамсояҳо ин писараки кунҷкови нооромро дар бинои партови истгоҳи барқ медиданд. Вай ба он бино аз чорчӯбаҳои оинааш шикастаи тиреза даромада, дар байни тас-маҳои даридаи чанголуд, мошинҳои занг пахшкарда муддатҳои дароз хаёломез мегашт, ба чарххҳои калони дастгоҳи ҳаракатдиҳанда часпида, дасту рӯи худро ба равғани сиёҳ олуда мебаромад.

Нодирҷон бошад, баръакс шефтаи ҳунари Усто Оқил буд. Агар модараш барои чизе ба хонаи ҳамсоя фиристад, камаш як соат ғоиб шуда мерафт. То модар аз сари девор гаштаву баргашта фарёд накунад, аз пеши Усто амакаш дур намешуд. Дар хона ҳам аз куҷое бошад, рандаву теша, арраву исканаҳои гуно-гуни кӯҳна, вале нағз тез кардашуда пайдо мегарди-данд. Нодирҷон барои укаҳояш ва бачаҳои гирдупеш курсичаҳо, аспчаҳо, сепояҳои чархдоре сохта медод, ки кӯдакони нав ба роҳ баромада онро дошта қадам-мониро машқ мекунанд.

Боре Абдурауфамак аз боғи худ як лаълӣ гелоси сиёҳи саврӣ чинонида, ба ҳавлии Усто Оқил гузашт ва дар зимни сӯҳбат хоҳиши деринаи худро арз кард, ки Нодирҷонро ҳамсояаш ба шогирдӣ бигирад.

— Бача ба касби шумо дил бастааст. Ба хаёлам шабҳо дар хобаш ҳам тақар-туқур чӯбкорӣ мекунад, — гуфт Абдурауф-амак бо оҳанги илтиҷоомез.

Усто Оқил дарҳол ҷавоб надод. Муддате риши ғул-лии сиёҳашро қабза карда ба хаёл рафт. Пас теғаи бинии паҳни кӯтоҳ ва чинҳои пешониашро молиш дода, гуфт:

— Майлатон. Лекин саросема нашавед. Ба таътил барояд, сонӣ.

Тобистон Нодирҷон тақрибан як моҳ ба Усто шогирд истод. Як бегоҳӣ Абдурауфамак Нодирҷонро дар хона надида аз модараш пурсид.

— Дар хонаи тағояш. Меомадагист, — ҷавоб дод занаш бо абрӯвони гирифта.

— Чаро «меомадагист» мегӯӣ? Барои чӣ аз қавоқат барфу борон меборад? Ё алҳазар! — шӯрида рафт Абдурауф-амак.

Он гоҳ занаш ҳодисаи он рӯз рӯйдодаро нақл кард. Усто пешинӣ бист дона тухми мурғро ба рӯймоле баста, ба дасти Нодирҷон додааст, ки ба Ҳисорак, ба хонаи фалонӣ рафта, ба тухми мурғҳои вай иваз карда биёрад. Усто мехостааст, ки ба мурғи дер куркшудааш аз тухмҳои асил чӯҷа хобонад.

Нодирҷон бист дона тухми муқаррариро ба понздаҳта калон-калонаш иваз карда омадааст. Хосияти тухмҳои нав ин будааст, ки хурӯси селаи мурғоне, ки он тухмҳоро ба дунё овардаанд, аз зоти хурӯсҳои кулангӣ будааст. Бинобар ин аз чӯҷаҳои он тухм мурғҳои калон-калон ба воя мерасидаанд ва минбаъд ҳамингуна тухмҳои кулангӣ мезоидаанд.

Шогирд тухмҳоро то ба ҳавлии устод саломат расонида, дар рӯи ҳавлӣ ба чизе пешпо хӯрда афтодааст. Тухмҳои таърифӣ якта намонда шикастаанд. Зани усто ин ҳолро дида: «Эҳ, нӯноқ, эҳ бачаяки нобарор!» гуфта коҳиш кардааст, аммо ваҷоҳати Нодирҷонро дида, дилаш сӯхта дилдорӣ додааст. Дар ин вақт Усто Оқил аз хона баромада аз воқеа огоҳ шудааст ва бачаро дашном дода пеш кардааст.

— Дафъ шав, касофат! Дую дубора башараат ба назарам натобад, — гуфтааст Усто Оқил дар сари хашм.

Абдурауфамак дар дунёи равшан то он рӯз як кам панҷоҳ сол умр дида бошад ҳам, фарқи байни тухми оддию кулангиро намедонист. Вай умуман ба мурғу мурғпарварӣ ҳавас надошт. Дар ҳавлие, ки мурғ ҳаст, як ваҷаб замини ҳалол нест, аз «дасти» мурғ ҳеҷ чиз

кошта, рӯёнда намешавад, — мегуфт ӯ бо нафрат рӯ турш карда.

Бо вуҷуди ин аз куҷоҳо як сабатча тухм ёфта, ба кадом як деҳаи дурдасте рафта, ба тухми мурғҳои хурӯсаш кулангӣ иваз карда омад.

Ҳамон тобистон ҳавлии Усто Оқил аз чӯҷаҳои кулангӣ пур шуд, аммо Нодирҷон дигар ба назди Усто амакаш нарафт.

Ҷавонони тобуткаш хаста шуда, пои худро базӯр кашола мекарданд.

— Ҳа, писарҳоям, канӣ боз як зӯр занед, ҳа, шаҳбозҳо-я! — хитоб кард ба онҳо Абдурауфамак. Ва ҷавонон гӯё дар ҳақиқат мадори тоза пайдо карда, гашти пурмашаққати худро андаке тезониданд.

То сари пушта акнун фақат чоряки роҳ монда буд. Абдурауфамак ба поён, ба сӯи деҳа нигарист. Аз паси тӯри маҳин, ки борони дилбазан метофт, деҳа ба назари ӯ ким-чӣ гуна ҳақиру ҳузнангез метофт.

Не, аз дил гузаронид Абдурауфамак дар ин музофот қишлоқи мо барин қишлоқи зебо нест. Ҳозир ба чашмам ҳамин тавр бенур менамояд, чунки азо, ҳаво ин хел вайрон...

Лекин аксари иморатҳои зебои қишлоқ маҳсули ҳунари ҳамин худораҳматӣ, боз ба ҳамон хулосаи аввалааш омад Абдурауфамак. Ин хел устои ҳунарманд дар сад сол ё як бор ба дунё меояд ё не. Бинои Шӯрои қишлоқ, китобхонаи колхоз, ҳавлии Абдураҳмонакаи ҳосилотшӯро (як вақтҳо ҳамин хел як унвон буд дар колхоз), айвони худи марҳум, ё дигар биноҳои сохтаи ӯро тамошо кунед, ҳангатон меканад. Худаш чаласавод бошад ҳам, илми мувозанат, илми нафосатро об карда хӯрда буд марҳум.

Ба колхоз меҳмон ояд, албатта бурда китобхонаро нишон медиҳанд. Чор тарафаш тирезакорӣ. Аз субҳ то шом, ҳатто дар ҳавои абрнок ҳам пур аз нуру сафо. Кандакориҳо ва нақшу нигори берангубори сақфу раф ва тирезаю пештахтаҳояшро бинед, ҳуш аз саратон

мепарад. Ҳар кас ба он ҷо дарояд, қатор-қатор китобҳои хушрӯи олиҷаноб як сӯ мемонаду ба тамошои он хонаи аҷиб, он мӯъҷиза банд мешавад. Гӯё раис дар куҷое гуфта бошад, ки китобхонаро аз он ҷо кӯчонидан даркор.

Рӯи қабрро ҳамвор карда, аз болои хоктеппа сангеро монда ҳама рӯ ба ҷониби диккак нишастанд. Имом ба тиловати Қуръон оғоз кард. Бо овози бешираи маҳин, талаффузро саросар вайрон карда мехонд. Э худо кашад ту барин хидматгори хонаи худоя, дар дилаш дашном дод Абдурауфамак. Кӯчқорбой гоҳо дар маъракаҳо хурсандӣ, ширинкорӣ карда, шеъри тоҷикиро бо оҳанги русӣ ё, баръакс, оҳанги тоҷикиро бо шеъри русӣ месарояд. Оятхониҳои мулло имом айнан мисли ҳамон. Ришата бод хӯрад ту барин донишманда...

Пас аз он ки ҳама даст ба рӯй кашиданд, пойкор аз ҷояш нимхез шуда савол дод:

— Усто Оқил чӣ хел одам буданд?

Ин саволи анъанавие буд, ки одатан баъди дафн кардани кас ҳанӯз аз сари қабраш нахеста, ба ҷамоат медоданд. Мувофиқи одат яке аз ҳозирон «Фалонӣ одами хуб буд» гӯён ҷавоб медод ва ҳама баробар такрор мекарданд: «Ҳа, одами хуб буд, худо раҳмат кунад», «Ҷояш ҷаннат шавад» ва ҳоказо.

Ҳоло ҳама аз ҷойҳои худ бархоста буданд, вале ҳанӯз касе ҷавоби анъанавиро надода буд. Дили Абдурауфамак фишор хӯрда рафт. Наход чизе нагӯянд? Дар маросими дафни Раиси тасмапеч пойкор ҳанӯз саволи одатиро ба мобайн напартофта, касе гуфта буд:

— Ҳоҷати саволу ҷавоб нест. Рафтем.

Ва ҳама хеста рафта буданд.

Гап, албатта, дар сари дуо нест. Агар ба дуои нек кор буд мешуд, олам кайҳо гулистон буд. Ва агар дуои бад ҳам таъсир медошт, ба ҳабсхонаю прокуророру милиса ва монанди ҳамин идораю муассисаҳо эҳтиёҷе намемонд.

Саволу ҷавоби анъанавӣ гӯё баҳое буд ба умри одами дафншуда, ба қадру қимати вай. Баҳои охирини одам.

— Ҳой, бародарҳо, — қадре оташин шуда гуфт Абдурауфамак, — аз мо пурсиданд, ки Усто Оқил чӣ гуна одам буд? О, як чиз гӯед, охир.

Ӯ метавонист худаш ҷавоб диҳад, вале бисёр мехост, ки маҳз дигарон ҷавоб диҳанд.

Дақиқае бо хомӯшӣ гузашт. Онҳое ки ба пайраҳа наздиктар меистоданд, чизе нагуфта ба роҳ баромаданд.

— Устои нағз буданд Оқиламак, — гуфт ҷавоне, ки дар паси Абдурауфамак меистод.

— Борон рафта ба устухонам расид, — гуфт яки дигар зери лаб ғур-ғуркунон.

— Ҳа, усто буд, — тасдиқ намуд саввумӣ.

Дигар касе чизе нагуфт. Ҳама пасу думбол ба пайраҳа фаромадан гирифтанд.

**Савол ва супоришот:**

1. Дар бораи зиндагиномаи нависанда маълумот диҳед.
2. Барои чӣ дар рӯзи дафни усто хотири Абдурауфамак мушавваш буд?
3. Барои чӣ Усто Оқил писари Абдурауфамак — Нодирҷонро аз шогирдӣ меронад?
4. Дар бораи хислатҳои Усто Оқил нақл кунед.
5. Мардум нотавонбинӣ ва бахилии Усто Оқилро чӣ тавр маҳкум мекунанд?
6. Дар бораи мазаммати бахилӣ, нотавонбинӣ мақол ва зарбулмасалҳои халқиро ёфта, онҳоро шарҳ диҳед.

## ШУМО АДАБИЁТ ОМӮХТЕД

Донишомӯзи азиз! Шумо ба воситаи ин китоби дарсӣ аз хусусиятҳои ҳамидаи адабиёти бадеӣ огоҳ гардидед. Пас, худи адабиёт чист? Истилоҳи адабиёт аз калимаи арабии адаб, ки маънояш одоб, ахлоқ аст, гирифта шудааст. Адабиёт ҷамъи адаб асту аз

дониш, ҳунар далолат медиҳад. Аз ин рӯ, онро аз ҳамин ҷиҳат бештар шарҳу тафсир медиҳанд. Аз шарҳу тафсирҳо фаҳмида мешавад, ки истилоҳи адабиёт дар ду маънӣ: ***васеъ*** ва ***маҳдуд*** истифода мешавад. Дар маънои васеъ ба доираи фаҳмиши адабиёт маҷмӯи осори хаттии халқ ё тамоми инсоният дохил мешавад. Ба ин маънӣ, осори хаттии ба тиб алоқамандро адабиёти тиббӣ, осори хаттии ба техника вобастаро адабиёти техникӣ ва осори хаттии ба сиёсат дахлдорро адабиёти сиёсӣ мегӯянд. Фаҳмиши адабиёт дар маънои маҳдуд ҳамчун истилоҳи хосса кор фармуда мешавад, ки осори хаттии бадеиро ифода менамояд. Дар ҷараёни таълими ин фан истилоҳи адабиёт асосан дар ҳамин маънои касбию махсус истифода мешавад.

Адабиёт як навъи санъат, санъати нафис аст. Санъат бошад, дар луғат ба маънии ҳунар, пеша далолат мекунад. Адабиёт аз навъҳои дигари санъат — рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, театр ва ҳоказо фарқ дорад. Ҷиҳатҳои фарққунандаи он аз навъҳои дигари санъат ба воситаи образ инъикос кардани воқеаю ҳодисаҳо ва тарзи ҳиссии маърифати олами ҳастӣ мебошад. Воситаи асосии инъикосу маърифат дар адабиёт сухан аст. Забон мувофиқи тарзи тасвир ва хусусияти адабиёт истифода шуда, нишонаҳояш образнокӣ, сифатҳои намоишӣ, конкретӣ, эмотсионалӣ ва монанди инҳо мебошанд. Аз ин рӯ, унсури асосии шакли асари бадеӣ ва асоси мазмуни он забон мебошад. Фақат ба воситаи забон шакли предметию намоишии адабиёти бадеӣ ба вуҷуд меояд.

***Адабиёти бадеӣ аз се ҷинси асосӣ*** — эпос, лирика ва драма иборат аст. Мазмун ва шакли ҳар яки ҷинсҳо аз талаботи воқеият сар мезанад. Образу характерҳои асари бадеӣ дар тасаввури хонанда ягон амалиёту ҳаракат ва ҷунбиши ботиниеро намоиш дода, воқеиятро бо тобишҳои гуногун ҷилвагар месозанд. Образҳои асари бадеӣ дар муҳити муайян ва вобаста ба талаботи ҳамон муҳит амал мекунанд. Маҷмӯи амалиёти инсон

ва такону ҷунбиши воқеаҳо сужети асарро ба вуҷуд меоранд. Пайванди дохилии ҷузъиёти асар бошад, композитсияи онро ташкил мекунад... Хуллас, масъалаҳои назарии адабиёти бадеӣ ҳам бисёранд. Донишомӯзи гиромӣ, мо дар китобҳои минбаъдаи дарсии адабиёт дар ин хусус сӯҳбат хоҳем кард.

Ҳамин тавр, адабиёти бадеӣ санъати сухан аст, ки ба мо таъсири маънавӣ мерасонад, ҳис ва андешаи моро ба ҷунбиш меовараду завқ мебахшад. Аз ин рӯ, роли адабиёти бадеӣ дар тарбияи завқи хонандагон ва маърифатнок намудани онҳо калон аст. Зеро мақсад аз хондани китоби бадеӣ фақат дониш омӯхтан ва панди рӯзгорро гирифтан намебошад. Инчунин хонанда аз лавҳаҳои дар асари бадеӣ тасвирёфта мутаассир шуда, лаззати эстетикӣ мегираду ба ҳамин восита маънавиёту таҷрибаи зиндагии худро бойтар мегардонад. Роли адабиёти бадеӣ на танҳо дар ҷиҳати омӯзгории он, балки боз дар тарбияи ақидаҳои иҷтимоии одамон дар рӯҳи идеалҳои неки ҷамъият калон мебошад. Адабиёт ба воситаи образҳои бадеӣ ба ниҳонхонаи олами ботинии инсон роҳ ёфта, ин вазифаашро бо ҷозибаи хосса адо менамояд. Суханвар бо таъсир гузоштан ба ҳиссиёти зебоипарастии хонанда ба интихоби роҳи дурусти зиндагии ӯ раҳнамоӣ мекунад.

# МУНДАРИЧА

## ХУШТАР ЗИ КИТОБ ДАР ҶАҲОН ЁРЕ НЕСТ

Китоб – хазинаи маънавият .................................................. 3

## БАНИ ОДАМ АЪЗОИ ЯКДИГАРАНД... ДОИР БА ДӮСТӢ ВА РАФОҚАТ

Дӯстон тоҷи сар .................................................. 7
Оини дӯстӣ дар «Қобуснома» .................................................. 13
Ифода ёфтани некӣ ва бадӣ дар асари
«Хайр ва Шар»-и Низомии Ганҷавӣ .................................................. 18
Ҳикматҳои Саъдии Шерозӣ дар бораи дӯстӣ .................. 25
Тавсифи дӯстӣ дар достони «Матлаъ-ул-анвор»-и
Амир Хусрави Деҳлавӣ .................................................. 30
Таърифи дӯстӣ аз назари Ҳофизи Шерозӣ .................. 36
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи киноя .................. 41
Мирзо Турсунзода – вассофи дӯстӣ .................................. 42
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи шеър ва
хусусиятҳои он .................................................. 45
Ҷонибек Қувноқ: «Агар ёрони ту бешанд...» .................. 47
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи тазмин
ва мухаммас .................................................. 9

## ХОКИ ВАТАН АЗ МУЛКИ СУЛАЙМОН ХУШТАР

Ватан – модар .................................................. 53
Ривояти Томириса .................................................. 58
Васфи Бухоро дар шеърҳои Абӯабдуллои Рӯдакӣ ........... 61
Ёди Ватан дар шеърҳои Камоли Хуҷандӣ ................ 71
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи ғазал .......... 73
Инъикоси қаҳрамонии халқи тоҷик
дар осори Садриддин Айнӣ .................................. 75
Ҳисси ватандӯстӣ аз назари Сотим Улуғзода ........... 87
Инъикоси Ватан ва ватандӯстӣ дар шеърҳои
Лоиқ Шералӣ .................................................. 97
Ўзбекистон дар эҷодиёти Абдулло Орифов ............... 102

Меҳри Ватан аз нигоҳи Расул Ғамзатов .................... 109
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи қаҳрамони асари бадеӣ .................................... 117

## ДОНИШ АНДАР ДИЛ ЧАРОҒИ РАВШАН АСТ

Дониш талабу бузургӣ омӯз ....................................... 119
Манфиати донишу хирад аз назари Абӯшакури Балхӣ .................................................. 126
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи маснавӣ ..... 131
Ситоиши хирад дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ........................................ 132
Донишомӯзӣ дар «Кулоҳи сеҳрнок»-и Худойбердӣ Тӯхтабоев ...................................... 137
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи адабиёти ахлоқӣ ........................................... 151

## ҲАР КӢ НОН АЗ АМАЛИ ХЕШ ХӮРАД

Меҳнат - асоси зиндагӣ ............................................ 153
Сайидои Насафӣ дар бораи кӯшишу кор ...................... 157
Ҳикояти «Пири хоркаш»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ..... 162
Марк Твен: Шоҳу гадо бошад баробар ................... 166
Назарияи адабиёт. Маълумот дар бораи образи бадеӣ ................................................................ 183

## ҲУНАР – ДАВЛАТИ ПОЯНДА

Ҳунар – аз дониш ....................................................... 185
Андарзҳо доир ба ҳунар ........................................... 190
Мирзо Бархурдори Фароҳӣ: Дар баёни фойдаҳо ва қоидаҳои касбу ҳунар ва қобилият .................... 205
Фазлиддин Муҳаммадиев: Устоду шогирдӣ – мероси аҷдодон ............................................................ 221

ШУМО АДАБИЁТ ОМӮХТЕД ................................ 234

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика барои иҷора чоп шудааст**

**SADRI SA'DIYEV, ABDUSALOM SAMADOV**

# ADABIYOT

Umumta'lim maktablarining 6-sinf o'quvchilari uchun darslik

*Tojik tilida*

Uchinchi nashr

«Sharq» nashriyot-matbaa aksiyadorlik
kompaniyasi Bosh tahririyati
Toshkent — 2013

Муҳаррир *Ҷ. Эшонқулов*
Муҳаррири бадеӣ *Т. Қаноатов*
Муҳаррири техникӣ *Р. Бобохонова*
Саҳифабанди компютерӣ *М. Атхамова*
Мусаҳҳеҳ *Илҳоми Эшонзода*

**Nashr litsenziyasi AI № 208, 28.08.2011-yil.**

Ба чопаш иҷозат дода шуд . Андозаи 60x90 $^1/_{16}$. Чопи офсетӣ. Коғази офсет. Гарнитаи «Таймс». Кегли 12; 10. Ҷузъи чопии шартӣ 15,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 16,2. Адади нашр нусха. Супориши № .

**Дар матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq». 100000, шаҳри Тошканд, кӯчаи Буюк Тӯрон, 41 чоп шудааст.**

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

**Дар ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудани китоб ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани он аз тарафи роҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| **Хуб** | Муқоваам бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест |
| **Қаноатбахш** | Муқова кафҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд |
| **Ғайриқаноатбахш** | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Китобро барқарор кардан мумкин нест. |